## ДАР КИШВАРИ КАҲРАБО

### 1. ИЗТИРОБИ ДИЛ

Боз дар парвоз бинам хеш дар авҷи само,
Офтоби чоштгоҳӣ паст тобад, ман баланд.
Абрҳо чун пахтае, ки тозааш кардӣ завод,
Дур аз ман зери по аз хеш хирман кардаанд.

Осмони соф танҳо бошадам болои сар,
Чодари заррини хуршед аст пойандози ман.
Бодосо меравад симурғи пӯлодин ба пеш,
Ними дунё дар даме монад паси парвози ман.

Лек дил хоҳад, ки аз ин ҳам равам ман тезтар,
Суръате чун нури хуршеди саҳар бошад маро.
То бубинам размгоҳи қаҳрамонро зудтар,
Хоки қабрашро ба чашмонам намоям тӯтиё.

### 2 ИСТИҚБОЛ

Зимистон буду Сармо давр меронд,
Ба мулки хеш гарморо намемонд.
Шамоли сард байни бешазорон
Суруде дар забонаш дошт ҷавлон,
Ба мисли дидбонон гоҳ гӯё
Ба болои дарахтон дошт маъво,
Ки мегардид шохе бар замин хам,
Ва мешуд савлати Сармо аз ин зам:
Бурути сап-сафедаш тоб медод,
Заминро кӯрпа мепӯшонд аз барф,
Ях андар ҳавз меҷӯшонд аз барф...
Вале Сармо намешуд садди раҳмон,
Зи кайфи сайри худ будем хандон.
Ба ҳар ҷое, ки по мондем хуррам,

Ба ёрони накӯ будем ҳамдам.
Ба истиқболи мо мисли бародар,
Баромад одам аз ҳар хонаву дар.
Қатори пеш пур аз духтарак буд,
Ба дасти ҳар якаш нону намак буд.
Фатири гармро мемонд рӯшон,
Шакаромез будӣ гуфтугӯшон.
Магар ин буд расми мизбонӣ,
Ки вақте дошт Сармо давррронӣ,
Бидидам духтарон доданд оро
Сару тан бо либоси фасли гармо—
Бипӯшиданд танҳо куртаи сон,
Накарда ҳеҷ парвои зимистон.
Зи меҳри дӯстӣ ё гарм буданд,
Ки дастон гарм дастам мефушурданд?!

## 3. БАЗМИ ПАРРАНДАҲО

*(Дар Чумҳурии Литва бештар аз се ҳазор хел парранда аст*).

Шаб то саҳаранд нағмапардоз
Мурғон сари шохаҳо ба сад ноз.
Аз боғу чаман ба гӯш ояд
Хушхонии булбули хушовоз.

Гӯё ки занад якеш танбӯр,
Яктош дуторро кунад ҷӯр.
Яктош зи най барорад овоз,
Дигар бизанад рубоби пуршӯр...

Бисёр аҷиб базми онҳост,
Симфонияе ту гӯӣ барпост.

Симфонияи ҳаёти озод,
К-ин кишвари мо ба ӯй маъвост.

Дар байни паррандагони бисёр
Аз душманӣ нест гӯӣ осор.
Бо шӯхӣ фақат зананд онҳо
Гоҳе пари ҳамдигар ба минқор.

## 4 НАЗЗОРА

Нишастам рӯи пули оби Нерис,
Назар кардам ба печутоби Нерис.
Диламро софии оинасонаш
Бибурду акси худ дидам миёнаш.
Гумон кардам, ки манро ҳамраҳи хеш
Савори мавҷ карда мебарад пеш.
Ба ман ғаввосиро вай медиҳад ёд,
Саёҳат дода, хотир мекунад шод.
Шиносам менамояд роҳи дураш,
Биёмӯзонадам асрори шӯраш.
Ва бар дарёи Неман мебарад ӯ,
Ба оби паҳндоман мебарад ӯ.
Ба мавҷи пурталотум месупорад,
Ба дӯшаш чун шиновар мегузорад.
Барад з-он ҷо маро то баҳри Балтик,
Хабардорам кунад аз қаъри Балтик.
Миёни шӯри тӯфонаш бимонад,
Ба гӯшам гӯӣ пас ин панд хонад:
Агар хоҳӣ гули мақсуд чидан,
Ба паҳлӯи бузургон ҷо гузидан,
Матарс аз ранҷҳо, чун мавҷҳо ҷӯш,
Агар рӯдӣ, ба сӯи баҳр бихрӯш!

## 5. ҲАДЯ

Ҳадя бинмуданд бар ман дӯстон,
Ҳадяе аз сангҳои зери баҳр.
--Қимати ин санг,--гуфтанд он замон,--
Як бувад аз баҳри мо бо симу зар.

Дӯстии безаволи мо ба даҳр
Мон, ки монад мисли ин санг устувор.
Ҳардуяш тавлид аз тӯфони баҳр
Гаштаанд охир бигӯӣ дар диёр...

--Оре,--гуфтам,--он чӣ меояд ба ранҷ,
Қиматаш бояд ба кас бошад зиёд.
Санг не, бар ман бувад ин ҳадя ганҷ,
Донамаш аз ганҷ ҳам беҳ умрбод.

Ҳадя чун аз дӯст гирӣ, дӯстро
Ҳадяе, гӯянд, мебояд намуд.
Бар шумо, эй дӯстони бовафо,
Ман намоям ҳадя меҳри беҳудуд.

## 6. МУШТИ ХОК

*Ба хотираи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ*
*Сафар Амиршоев*

Ассалом, эй родмарди зодаи Хатлонзамин,
Ҳомии бахти фурӯзону диёри меҳрубон:
Оташи бунёди зишти душманонро сӯхта,
Рустами баъд аз зафарҳо рафта бар хоби гарон,
Он, ки ин ҷо машъали умри баҳо афрӯхта.

Роҳи дуродурро паймуда чун шаҳбоз ман,
Омадам аз зодгоҳи кӯҳии марғуби ту,
Ман салом овардаам аз ҷӯи пеши хонаат,
Аз дарахтони лаби он ҷӯй овардам салом,
Ман салом овардаам аз ҳамсари маҳбуби ту.

Чашми худ як бор бикшо, бин чӣ овардам дигар,
Он чӣ овардам, ки бошад ҳадяи қиматбаҳо:
Ҳадяе, ки дар хаёли рӯш гардидӣ ҳалок,
Ҳадяе, ки ҳеҷ гаҳ аз вай намегаштӣ ҷудо,--
Ҳадяе  аз зодгоҳат, к-он бувад як мушти хок.

Бар сари қабри ту мерезам ман ин хоки азиз,
Бар димоғат то расад бӯи диёрат нарм-нарм.
То ки бо вай меҳри модар, меҳри хоҳар, меҳри ёр
Андар оғӯши навозишҳо туро гиранд нарм,
То ки бо вай пеши ту таъзим созад кӯҳсор.

Мебарам дар бозгашт аз қабри ту як мушти хок,
Ҳадяи қиматбаҳо бошад ба ёронат ҳамин.
Мекунам аз хоки ту дар деҳа барпо як мазор,
Гирди он як бӯстони гулситони нозанин,
То диҳам бо бӯи гул бӯи ту дар деҳ интишор.

Омадам, ин ҷо бидидам размгоҳат, ҳамватан,
Аз ҳамон роҳе, ки мондӣ пой, ман мондам қадам.
Аз ҳамон роҳе, ки бошад Станево назди он—
Деҳае, ки ғарқ буд он рӯзҳо дар банди ғам,
Аз ҳамон раҳ, ки Лиона бошад аз пешаш равон.

Деҳа гуфтам, ки: «Сафар вақте аз ин раҳ мегузашт,
Офтоби фасли гармо буд хандон дар саҳар.
Ларзише монандаи як зилзила оварда буд,
Бар дили ин дашт марши нусратоини Сафар,
Ки садои табли фатҳаш даштро пур карда буд.

Ногаҳон аз пушти деҳа тохт сели «шаҳпаланг»,
Марг бар ҷони диловарзода дар таҳдид шуд.
Сангаре ӯ аз вафою аз шуҷоъ бунёд кард,
Пеши чашмаш ҷилвагар сайёраи уммед шуд,
«Ҳифз месозам туро!»--гӯён Ватанро ёд кард».

Рӯд гуфтам, ки: «Даме тири аҷал зад бар Сафар,
Ташна буд аз ҳавли ҷону ҳар замон мегуфт об.
То тавонистам шикастам ташнагии он ҷавон,
То тавонистам ба вай дору шудам дар ҳавли ҷон,
То тавонистам ба нолишҳои ӯ додам ҷавоб».

Бешазорон гуфтам ин, ки: «Шоху баргам карда паҳн,
Ман шудам дар рӯзи маргаш бар сари вай соябон»,
Дашт гуфтам: «Дар бағал бигрифта ин шери бананг,
Бар сари танҳои ӯ гаштам чу доя меҳрубон,
Хуни покаш рехта домони ман мекард ранг».

Бод гуфтам, ки: «Ман аз саҳрои Балтик омада,
Додамаш чун остини модараш ҳар дам шамол.
Дар кафи ман мӯи шабрангаш парешон гашта буд,
Алвидояшро шунидам бо нидои хастаҳол,
Таҳти рӯяш чун гули Наврӯз хандон гашта буд»...

Оҳ, чун одам агар тӯпи туро будӣ забон,
Аз далерии ту як-як дар ҳикоят мешудӣ.
Аз ҳикоятҳои ӯ дунёи ту мешуд аён,
Дафтари таърихи мо пур аз ривоят мешудӣ,
Мешуд асрори ҷасоратҳои ту равшан баён.

Мешуд он дам достони нотамомам пухтатар,
Ки чӣ сон мардонагӣ кардӣ ту дар майдони разм.
Ки чӣ сон рафтӣ ба сӯи марг аз баҳри зафар,
Ки чӣ сон кардӣ сипар ту синаат бар тири хасм,
Ки чӣ сон хондӣ суруди вопасинат, эй Сафар!

## СУРУДИ РАЗМ

*Дар Ҷумҳурии Литва форте, яъне қалъаест, ки дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ немисҳои истилогар қариб ҳаштод ҳазор одамро дар он ҳабс карда, ваҳшиёна нобуд месозанд.*

Мана ин ҷо ситодам рост,
Сарам лучу забон хомӯш.
Харошад рӯи манро боди барфолуд,
Даруни сина дил беист
Занад монандаи соат.
Шудаст ин лаҳза хурсандии вай нобуд.

Ба гӯши ман ҳикоятҳо
Намояд сангу чӯбу бод,
Ки ин ҷо як замоне марг буд ҳоким,
Ба дасташ теғи хунин дошт,
Ки аз хун сер ногашта,
Ба қасди ҷони одам тохтӣ доим.

Ба ҳар ҷое, ки зан ё мард
Ва ё ки тифлаки навзод

Ба чангаш мезадӣ, бо ҳирс ӯро зуд
Кашидӣ, он чунон ки барраро гурге
Ниҳон аз чашми чӯпоне
Рабуда, мешудӣ аз сайди худ хушнуд.

Даруни қалъа дар як рӯз
Чунон пур кардӣ аз одам,
Ки гӯӣ лаблабу пур кардаанд анбор.
Яке болои дигар буд,
Яке буд зинда пӯсида,
Дигар пои шикаста, рӯйҳо хуншор...

Шаҳаншоҳи аҷал з-одам
Ғанак мезад миёни чӯб,
Алав сар дода дӯзах сохтӣ барпо,
Ки гӯӣ он замон дунё
Ба охир мерасид ин ҷо.

Фашисти муртаду бар ҷанг хизматгор
Пас аз қатли ду шаҳр одам,
Пас аз он ки ба чашми хеш
Бидида марги худ меояд оташбор
Ба сӯяш дар кафи сарбоз—
Диловар посбони кишвари эъҷоз,
Ҳама дар хоку хун омехт,
Гирифта ҷони худ бигрехт.

Ҳамин ки навбахор ояд, ҳамегӯянд,
Бирӯяд хирмани гулҳои сурх ин ҷо,
Ки пеш аз ин чунин гулҳо
Намерӯид дар ин дашт,

Ҳамин гулҳо ту гӯӣ ҷумла аз хунанд,
Ки дар ин дашт мерӯянд.
Ва мардум ин гулистонро
Ба оби дида мебӯянд.

Ба душман монд аз ин нафрати бисёр,
Дигар чизе набурд аз ин.
Вале ин куштагони роҳи озодӣ,
Ки дар оғӯши ин даштанд,
Ба мисли шӯълаи хуршед
Суруди разми мо гаштанд.

Мана, ин ҷо ситодам рост,
Сарам лучу забон хомӯш.
Харошад рӯи манро боди барфолуд,
Даруни сина дил беист
Занад монандаи соат,
Шудаст ин лаҳза хурсандии вай нобуд.

Литва, с. 1968

## ДАР ДИЁРИ МАНАС

### ИСФАНА

Як деҳаи сабзи пурдарахте
Монанди арӯси тозабахте
Хандон ба миёни чор кӯҳ аст,
Сар то сари он ҳама шукӯҳ аст.
Дар нашъунамой чун ҷавонист,
Ӯро Алатов ба посбонист.
То ки нарасад ба ӯ газанде,
Ёбад ҳама умр сарбаландӣ.
Дар рӯз чу навбаҳор бошад,
Шаб кавкаби беғубор бошад.

Гуфтем арӯси тозабахтест,

Як деҳаи сабзи пурдарахтест.

Кокул ба вай аст беди маҷнун,

Покизагӣ ҳаст дар вай афзун.

Оина ба рӯш чашмаоб аст,

Дар чашма ту гӯӣ моҳтоб аст.

Моҳе, ки дар он ҳаёт бошад,

Осудагию наҷот бошад.

Бо чеҳраи нек деҳи пурнур

Аз пеши назар намеравад дур.

Лаклак[1] ҳама дар итоати ӯст,

Файзу самар аз шарофати ӯст.

Ҳар сокини ӯ ба шавқу ҷӯш аст,

Ки деҳа чунин баҳорпӯш аст.

Сарсабзу чу боғи пурдарахт ӯст,

Бар водии бахт пойтахт ӯст.

Гӯи маяки шарорабор аст,

Равшангари раҳ ба ҳар канор аст.

## АНГИШТКАН

Дорӣ чароғе бар ҷабин,

Равшанкунон зери замин,

Бар чор сӯи рахнагар

Бо пармаҳои оҳанин.

Бармеканӣ санги сиёҳ

Аз тори сар, аз пеши роҳ.

Ҷӯшон даруни сина дил,

Гашта сияҳ сар то ба по.

[1] Лаклак –номи ноҳия

Зӯри туву паймон якест,
Путки туву сандон якест.
Дар пармаи ту ларзаҳост,
Гӯӣ ваю вулқон якест.

Берун кунӣ кӯҳи калон,
Кӯҳи сиёҳе дар миён.
Кӯҳе, ки бар ҳар шаҳру деҳ
Дорад сафар рӯи вагон.

Дасти ту бар он раҳ кушод,
Бошад ҳама оташниҳод.
Он гунае ки шоми тор
Дар хеш дорад бомдод.

Оре, зи шом ояд саҳар,
Аз санг мехезад шарар.
Дар боби оташофарӣ
Санги сияҳ бошад дигар.

Фарҳод агар овард об
Бар чӯли ташна бо азоб,
Оташ ту меорӣ бурун
Бинмуда хороро хароб.

Гаштаст ба ҳар санг ҷо
Нори дили ту гӯиё.
Ё сӯхта тосидаанд
Дар нори дил ин сангҳо.

Бо ин фиристӣ ҳар замон
Гармӣ бар ҳар як хонадон.
Бар пайкари шахгаштае
Гӯё ту мебахшӣ равон.

Бо меҳр ҳамчун ошно
Оғӯш мегирам туро.
Пироҳани испеди ман
Бигзор, ки гардад сиёҳ.

**СЕБИ АНДАРАК**

Дод ба ман духтарак
Себи хуши Андарак.
Буд рухаш мисли себ,
Себ будӣ рӯи ӯ.

Бӯй кашидам варо,
Гашт дилам бедаво.
Бӯш маро маст кард,
Ё ки буд ин бӯи ӯ.

Себаки сурхосафед—
Ҳадяи рӯзи умед.
Дӯхт ду чашми маро
Аз ҳавасе сӯи ӯ.

Духтари хушхолухат
Себ бидод аз сабад.
Бод буду ман, дигар
Накҳати гесӯи ӯ.

Майл маро шуд зиёд
Бар рухи он ҳурзод.
Гуфт маро дил: марав
Дур зи паҳлӯи ӯ.

Себаки пурсеҳр дошт,
Ё дили пурмеҳр дошт,
Ки маро наздик бурд
То ба сари кӯи ӯ.

Гарчи шудам эҳтиёт,
Лек ду сатрам фитод
Аз дили пурсӯзу пок
Дар хами абрӯи ӯ.

Ёд кунам духтарак,
Себи тари Андарак,--
Себаки сурхосафед,
Чашмаки ҷодуи ӯ.

## ШОИР

*Барои Кармишак Тошбаев*

Ба истиқболи ӯ густурда қолин
Бурун аз остон то пушти минбар.
Ба дасти ҳар яке гулҳои рангин,
Димоғаш то кунанд аз гул муаттар.

Даводав мешавад аз чор ҷониб,
Ки бо шеъри нав омад шоири мо.
Сухан пайдо кунад шакли муносиб,
Ба маҷлис гар биёяд маҷлисоро.

Куҷо монад қадам, бошад муборак,
Замин гирад намуди навбаҳорӣ.
Сулукта гар биёяд ё ба Лаклак,[2]
Фитад ҳар дил ба ҷӯшу беқарорӣ.

Вале минбар ба ӯ хуш нест асло,
Зибаски он бувад андар баландӣ.
Зи мардум рафта биншастан ба боло,
Ба шаъни ӯст гӯё худписандӣ.

Раҳорах шеър мехонад зи шодӣ,
Таваққуф мекунад бо вазни шеъраш.
Ба ҷояш дер мемонад зи шодӣ,
Насозад сӯҳбату гуфтор сераш.

Шавад худ минбари лутфу рафоқат,
Кушояд дар ба одоб олами нав.
Ба сеҳри шеъри шевояш ба ҳурмат
Намояд одамонро одами нав.

Ба ӯ дилдода бошад пиру барно,
Дили ӯ низ тақсими дигарҳост.
Аз ин беҳтар набошад давлат ӯро,
Ки андар мулки дилҳо дар равуост.

Исфана—Сулюкта-Кӯлоб, 1987

## СОЗИ МАВҶҲО

## НАДОРАМ МАН ҒАМУ

## ПАРВОИ СОҲИЛ

Лаби бахри Сияҳ дорам тамошо,

[2] Лаклак –номи маҳалла

Тамошое, ки баҳри дил кунад во.
Маро ӯ гоҳ мегирад дар оғӯш,
Варо ман гоҳ дар дил мекунам ҷо.

Надонам охири он то куҷояст,
Ту гӯӣ осмон дар зери пояст.
Набинад чашми ман як гӯшаашро,
Назар кардан агарчи дилбарояст.

Ҳазорон мавҷ дар пешонии ӯст,
Хурӯши ҷӯш ӯро ҷовидон хӯст.
Ба китфи мавҷи вай кардан саворӣ
Басо як машқи душворею некӯст.

Савори мавҷҳо бошад дили ман,
Ки гӯӣ дар ҳаво бошад дили ман.
Наметарсам ман аз амвоҷ, зеро
Ба тӯфон ошно бошад дили ман.

Надорам ман ғаму парвои соҳил,
Даруни мавҷҳо ҷӯшад маро дил.
Касе бо мавҷ омезиш надорад,
Марому зиндагии ӯст ботил.

## КАВКАЗ

Фурсат расиду кардам сайри диёри Кавказ,
Дидам хазон надорад фасли баҳори Кавказ.
Хуршедро намудам аз чашми хештан гум,
Вақте ки по ниҳодам бар сарвзори Кавказ.

Бар тарфи кӯҳсораш ман тохтам чу нахчир,
Кӯҳе ба китфи кӯҳе дидам, ки ҳаст ҷогир.
Дил дар кафи ҳаво шуд ҳангоми кӯҳгардӣ,
Гӯё ки по ниҳодам дар қуллаҳои Помир.

Аз оби чашмаҳояш кардам даме ки ман нӯш,
Аз сардияш сари ман уфтод гӯӣ дар ҷӯш.
Худро ҷавону бардам пиндоштам зи нав ман,
Бас хастагии роҳам якбора шуд фаромӯш.

Бошад ҳаловати ҷон обу ҳавои Кавказ,
Мафтун кунад дили кас ҳар як куҷои Кавказ
Ман дил надода будам ҷуз ёри хеш бар кас,
Аммо дили ман акнун шуд мубталои Кавказ.

## С А Р В

Ин ҷост лаби баҳр яке сарви баланде,
Умраш чӣ зиёд асту надидаст газанде.
Озодаву сарсабзу басо боби тамошост,
Гӯё ки арӯсест пур аз зевару банде.

Бисёр бидидам бари он руста дарахте,
Пуртоб ба гармоб ба сармо—ҳама сахтӣ.
Аммо набувад ҳеҷ кадомаш ба чунин ҳол,
Ҳар нахл кунад кӯтаҳӣ аз сарв дучанде.

Наззораи шавқ аз қади он сарв накандам,
Пире бари ман омада истод ҳамин дам.
Гуфто: «Чӣ аҷаб мекунӣ?!—Аз ростравист ин,
Фарзанди ман, омӯз аз ин сарв ту панде».

## **ШАБЕ ДАР ЛАБИ БАҲР**

Шаб дар лаби баҳр мо ду кас истодем,
Оҳиста ба шавқ рози дил бикшодем.
Гуфтам рухи ту чу боғ бӯе дорад,
Бӯидани он дил орзӯе дорад.
Гуфто бинигар, баҳр аҷаб меҷӯшад,
Ба ҳар сари мавҷ гуфтугӯе дорад.
Гуфтам, ки ман аз ҷӯши дилам медонам,
Бигзор, даме дар бағалат сар монам.
Гуфто, ки нигар ба баҳр паст асту баланд,
Аз пастию аз баландияш ҳайронам.
Гуфтам, ки лаби баҳр, шаби хуби висол,
«Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл!»
Гуфто, ки нигар субҳ дамидан дорад,
Беқубҳ ба мисли ӯст шабҳои висол.
Шаб дар лаби баҳр мо ду кас истодем,
Ин гуна ба шавқ рози дил бикшодем.

## БА ДИЛ ШАВҚАМ ФИЗОЯД ИН СУРӮШИ БАҲРИ ТӮФОНҶӮ

Саҳаргоҳон ба гӯшам мерасад бонги хурӯши баҳр,
Ки мисли шери дар занҷир орад ҳамла бар соҳил.
Чунон ҳам мехурӯшад, ончунон ҳам ояд он бо қаҳр,
Ки бар комаш фурӯ хоҳад барад гӯӣ ҳама манзил.

Дару тирезаам меларзад аз анфоси вай ҳар дам,
Даруни хонаи ман мешавад аз қатраҳояш тар.
Гурезад аз бари ман хоби субҳонии ширинам,
Зи ҷо бархезаму дӯзам нигаҳ бар баҳри шӯровар.

Талотум карданаш орад ба ёдам инқилоберо,
Ба каф дорад бигӯӣ парчами озодихоҳона.

Ҳамехоҳад, ки аз ин тангно ояд бадар ҳоло,
Агарчи оламеро дорад андар ҳукми шоҳона.

Ва ё хоҳад, ки болотар дамад—то шонаҳои кӯҳ,
Бузург асту бузургӣ хоҳад он бо ин бузургӣ боз.
Ба дил шавқам физояд ин сурӯши баҳри тӯфончӯ,
Ки манро низ бар болоравӣ гӯӣ диҳад овоз.

**ЯКТА—ЯКТА ПОЙ МОНАМ ЛАБ—ЛАБИ БАҲРИ СИЁҲ**

Гуфта будам, ки ба ҳар ҷое равам, ёдат кунам,
Инак, эй ёри муборак, боз дар ёдам туӣ,
Бо суруди тоза гуфтам аз дигар шодат кунам,
Хома гирам ҳар даме, сарҳарфи эҷодам туӣ.

Якта-якта пой монам лаб-лаби Баҳри Сиёҳ,
Дар гумонам, наздам оӣ аз қафо, эй ёри ҷон!
Ҳар гаҳе ки сӯи ту баргашта бинмоям нигоҳ,
Чун парӣ аммо шавӣ якбора аз чашмам ниҳон.

Бархӯрад он гаҳ ба рӯям қатраҳои баҳр беш,
Ин туӣ оё, ки бо ман оббозӣ мекунӣ?!
Баҳрро ҳам оварӣ дар ханда бо шӯхии хеш,
Ҳам маро, ҳам баҳрро хурсанду розӣ мекунӣ.

Якта-якта пой монам лаб-лаби Баҳри Сиёҳ,
Бо хаёлат шод бошад хотирам имрӯз боз.
Ин қадар зебост бар чашмони ман ин сайргоҳ,
Чун туӣ аз дур ҳам бар ман шафиқу дилнавоз!

**АВЛОДИ РУСТАВЕЛИ**

Ҷое надидаӣ ту, Кавказ агар набинӣ,
Бо мардумони ин ҷо боре агар нашинӣ,

Чун баҳр дилкушоду чун дӯст дилнавозанд,
Аз лутфу меҳри онҳо гулҳои шавқ чинӣ.

Ҳамрози дил шудам ман бо нек мардум ин ҷо,
Оҳанги дӯстиро кардам тараннум ин ҷо.
Дар вақти шеър хондан мекард бо карашма
Як хубрӯи гурҷӣ сӯям табассум ин ҷо.

Хушзеҳну соҳибэҷод авлоди Руставели,
Дар кору санъат устод авлоди Руставели.
Дар китфи кӯҳсорон бинмудааст, дидам,
Як шаҳри тоза бунёд авлоди Руставели.

Беихтиёр дил тохт аз ман ба чойзорон,
Пур буд чойзорон зеро зи гулъузорон,
Ҳар як кадоми он буд гӯё ки офтобе,
Бар чойзор гашта ҳар лаҳза нурборон.

Гуфтам: чӣ духтарони зебою дилрабоянд,
Бо дасти пур зи эҳсон парвардгори чойанд.
Бар дидаи дили мо кайҳост, ки шиносанд,
Бо чойи хеш зеро дар хонаҳои моянд.

Дар кор мӯъҷизовар авлоди Руставели,
Бар дӯст меҳрпарвар авлоди Руставели.
Ҳамраҳ ба шодию ғам бошад ҳамеша бар кас,
Монандаи бародар авлоди Руставели.

## ХАЁЛИ ЁР

Чандест, ки надонам ман кору ҳоли ёрам,
Ҳар ҷо чу тӯшаи раҳ бурдам хаёли ёрам.

Вақте ки дар фазо ҳам парвоз менамудам,
Чашмони ман назора карданд холи ёрам.

Аз дур мешунидам чун байти хайрбодӣ
Ҳарфи умедбахши лафзи ҳалоли ёрам.

Чун пой ҳар кучое бар сайр мениҳодам,
Гӯӣ ки дар барам буд қадди ниҳоли ёрам.

Дар шакли барги гулҳо бар рӯи ман ҳамезад
Ҳангоми роҳ рафтан зулфи кашоли ёрам.

Ман хубрӯи бисёр дидам ба мулки Кавказ,
Аммо надидам ин ҷо ҳаргиз мисоли ёрам.

Хуршедро чу дидам дар баҳр ғӯтта мезад,
Гуфтам: ана, аён гашт акси ҷамоли ёрам!

**Л У Т Ф**

Ба номам хат навиштӣ, аз ту гаштам беш миннатдор,
Ки онро гаштаю баргашта хондам гӯӣ ман сад бор.

Фидои дасти хаттоту адои лафзи ширинат,
Ки хоною шакаромез кардӣ рози дил изҳор.

Дилам равшан шуд аз ҳар нуктаи пурмеҳру сӯзонат,
Шудам гӯё ки аз сарчашмаи васли ту бархӯрдор.

Муроде доштам гӯӣ: «Туро ман дӯст медорам!»
Чӣ хушбахтам, ки дар нома намудӣ ин сухан такрор!

Миёни дӯстон кардам сарафрозӣ чунон имрӯз,
Ки гӯё дарҷ шуд аз ман китоби тозаи ашъор.

Канори баҳр истода, назар кардам ба туғёнаш,
Ки он ҳам гӯӣ мегуфтам: «Муборак бод лутфи ёр!»

## ҶУДОӢ

Сафар дорам, азизам, аз бари ту,
Биё бӯсам зи рухсори тари ту.
Ки бар ман қудрати парвоз бахшад
Ҳамин як бӯсаи ҷонпарвари ту.

Ба ҳар ҷое равам, ёдат намоям,
Суруди тоза бар номат сароям.
Агарчи оламеро сайр созам,
Вале хуш он, ки пешат гашта оям.

Ту ҳам шояд ки ёдам менамоӣ,
Дарамро ҳар саҳаргаҳ мекушоӣ.
Даме манро ту дар ҷоям набинӣ,
Кашӣ оҳи бадарде аз ҷудоӣ.

Ҷудоӣ байни мо як имтиҳон аст,
Ки то донем дарди он чӣ сон аст.
Дили ту мешавад з-ин дард пора,
Дили ман гӯӣ андар нордон аст.

Ҷудоӣ то ба ёрон пеш н-ояд,
Куҷо қадри ба ҳам будан физояд?!
Асоси ишқ сӯзу қадрдонист,
Вафои ошиқон з-ин дер пояд.

Гагра, с. 1972

## САЙРИ ҚАЛАМ

## ОТАШЕ ДАР ХЕШТАН ДАРДОД ДИЛ

Гул барин болидаву шуд шод дил,
Дар лаби дарёи Сир афтод дил.
Ҳамчу мурғони саҳархези чаман
Бо лаби хандон забон бикшод дил.

Роз гуфту нуктае пинҳон намонд,
Дар бисоташ заррае армон намонд.
Дида ёрони бамеҳру бовафо,
Ҳар якашро дар худаш ҷо дод дил.

Ёфт ин ҷо манбаи шеъру китоб,
Соя дар гармо, ба сармо офтоб.
Ёфт боғи бар сараш барчошрез,
Ҳар гаҳе дар ҷои худ истод дил.

Аз насими Баҳри Тоҷик ёфт рӯҳ,
Чун уқобон бол зад то фарқи кӯҳ.
Сар фурӯд овардаю аз ҷӯши шавқ
Боз шуд дар сайру дар эҷод дил.---

Ҷаннати афсона ин ҷо ёфт ӯ,
Шеваи Фарзона ин ҷо ёфт ӯ.
Аз муҳаббат, аз садоқат бегумон
Оташе дар хештан дардод дил.

## ДАСТОНИ НОНАФАРИН

*Барои Энаҷон Бойматова*

Бибӯсидам ду дастатрою бар ду дида молидам,
Ба мисли бурдаи ноне, ки ёбанд аз сари роҳе.

Хато кардам? Хато нею раҳи он доштам ин дам,
Биёрад ҳурмати дасти ту бар сад айб ислоҳе.

Чӣ  даст ин? Дасти пуркору пурэҳсони зани меҳнат,
Ки ризқи тифлҳош аз санги хоро мекунад берун.
Аз ӯ обод бошад боғу роғу гулшани меҳнат,
Аз ӯ ҳар мушкил осон мешавад, гӯёст ин қонун.

Замони ҷанг дасти қобилат андар ҳунар печид,
Заминро чаппа карда гуфт: «Медон, ки ту ҳам момӣ.
Набояд хоб, бояд ҳамчу аскар дар зафар печид,
Хапию хоб бошад нанговартар зи бадномӣ».

Ба бахти гушнахо дастат аҷаб нонафарин гардид,
Даме ки нон зи ҷон бе ҳеҷ шубҳа буд қиматтар.
Аз ин рӯ дасти ту яъне ки худ ҷонофарин гардид,
Зи мурдан вораҳонд аз мехр насли аҳли ҷанговар...

Магӯ ту саргузаштатро, ки дил аз сӯз гардад об,
Ғами дерина пеши рӯй аз нав мешавад пайдо
Само пурчангу зери чанг монад ноаён маҳтоб,
Ба гӯш ояд фиғону гиряҳои талху ҷонфарсо.

Бимон, дасти туро дар киса бинам соате имрӯз,
Мисоли нони навпухта даруни хони гулдоре.
Зафарбунёд дастони ту дорад қудрате имрӯз,
Ки деви гушнагиро гӯр бинмуданд дар ғоре.

**АШТИ КАЛОН**

Ашти Калон дашти калон будааст,
Дашти калон Ашти Калон будааст.

Ашти Калон—дашти калоне, ки он
Ташналаби оби равон будааст.

Дашт паси дашт бувад масти хоб,
Кас наравад ҳадди варо сарҳисоб.
Аз нафаси хок биёяд ба гӯш:
«Ташна манам, ташна фақат гӯяд об».

Бо лаби хушкидаю хоби гарон
Дашт биҷӯяд мадад аз одамон.
Боз кунад то лаби хушкидааш,
Ханда кунад, ханда чу як бӯстон.

Об ба хок омада ҳамдам шавад,
Дашт ба якборагӣ хуррам шавад.
Бо мадади дасти самарофарин
Бесамариҳои замин кам шавад.

**АТЛАСБОФ**

Ба «Хӯҷандатлас»-ат гаштам чу ворид,
Ду чашмам бар ту дар наззора афтод.
Ду дастат чун ба тори канда печид,
Дили ман дар кафат якбора афтод.

Ба ҳар як ришта дил дар рафтуо шуд,
Миёни тору пуд омад ба ҷавлон.
Надонистам дар охир дил куҷо шуд,
Зи дилбозии ту гардида ҳайрон.

Зи ҳайронии ман ту гашта пайхас
Бигуфтӣ: «Ҳаст охир ин саноат».

Саноат не,--бидодам посухат пас,–
Дар ин ҷо ҳаст гӯё як қиёмат.

Замини атласат гулрез дидам,--
Гули сурху сафеду субҳу шомӣ.
Ба дасти шавқ гӯё гул бичидам,
Ниҳон аз дида аз гулҳои номӣ.

Аҷаб не, нури чашм афшонда ҳар дам,
Бар он кӯчондаӣ гулҳои рухсор.
Аҷаб не, з-ин сабаб ҳар ҷо ки гардам,
Манам аз атласи зебо харидор.

**ШЕЪРИ САБЗ**

*Барои Мавлуда Умароваи аштӣ*

Як дашти калон дафтари бикшодаи туст,
Килки ту каланди тезу пӯлодин аст.
Ҳар хат, ки намудаӣ ба ин килк дуруст,
Сатрест, ки бар маънии нав тазмин аст.

Сатрест, ки сабз асту самар меорад,
Ҳаргиз нашавад кӯҳнаву берун зи хаёл.
Гул рӯи варақ зи барги тар меорад,
Андар гули ӯ гавҳари пок аст кашол.

Шуд Ашти Калон хонаи эҷодии ту,
Абёти туро каси дигар натвон гуфт.
Шеъри ту бувад ҷилваи ободии ту,
Аз гуфтаи ту накӯйтар натвон гуфт.

Ҷуз коғазаке ба ҳукми ман чизе нест,
Дар ҳукми ту майдони калон афтодаст.

Дар ҳар сари байт ман кунам сад бор ист,
Илҳоми ту ҳамболи замон афтодаст.

Ман шоири ишқаму туӣ шоири кор,
Дар заҳмати мову ту бувад фарқи зиёд.
Дар шеъри сафеди ман бихандад лаби ёр,
Аз мисраи сабзи ту шавад даҳр обод.

**ДАР БОҒИ МАҲМУДҶОН ВОҲИДОВ**

Баргҳо аз нафаси бод аҷаб ларзонанд,
Ашкҳо гӯӣ авезон ба сари мижгонанд.
Дида ҷонбозии ҳар барг сари мӯй зи бод,
Шохаҳо карда хам ин ҷо сари худ, ҳайронанд.

Зоғ бошад ба сари кунда хамӯшею карахт,
Несташ тоби паридан зи дарахте ба дарахт.
Тоире бол занад, менигарад чашми ҳасуд,
Чанги пирӣ магараш доштааст акнун сахт?!

Селаи мурғ вале лона ба боло доранд,
Мисли мактабачагон бозию ғавғо доранд.
Нараванд аз бағали боғ ба маъвои дигар,
Рӯзу шаб хониши ҳаррангаву шево доранд.

Ҳар якаш нағма кунад, нағмаи бисёр ширин,
Гоҳ-гоҳ нарму гаҳе сахту гаҳе ғафсу маҳин.
Гӯӣ тақлиди суханронии Маҳмуд кунанд,
К-аз навошон шакару шаҳд бирезад ба замин.

Дар таги боғ ду-се тозаҷавон истода,
Гӯш бар хониши мурғони хушово дода.

Ҳамчунон саҳни ҳунар боғ бигиранд обод,
Дам ба дам дар ҳақи Маҳмуд забон бикшода.

## НАВОИ ҒИЧҶАК

*Барои Мирзоқурбон Солиев*

Таги боғу лаби дарё нишастем,
Ба вақти шом чун ёру бародар.
Дар аввал сӯи дарё дида бастем,
Хаёлан хешро хонда шиновар.

Хурӯшон буд дарё дар раҳи хеш,
Ба мисли сел бо фарёду доде.
Ба комаш ҳар чӣ меафтод, бар пеш
Ҳамебурдаш чу хасро тундбоде.

Навои ғиҷҷакат гардид боло,
Нигаҳ аз дидани дарё қафо гашт.
Зи ҳар сози ту, эъҷози ту гӯё
Ба мо як олами нав ибтидо гашт.

Ба ҷони торҳо андохт бозӣ
Сари ҳар панҷаи дасти ҳунарвар.
Табассум ҷӯш зад, пардохт бозӣ
Нахуст андар лаби ту хубу дилбар.

Зи шохи сабзи зардолуй ҳар ҷо
Ҳамеафтод Қандак бо Ниёзӣ,
Ки хони мо аз ин мегашт зебо
Ба як расми нави меҳмоннавозӣ.

Сукути Нуриддинов[3] дошт маъно,
Ки халқ аст аз ҳама бофазлу оқил.
Чароғе бошад ар сардори доно,
Ҳамеша халқ бошад, халқ қандил.

Хурӯши оби дарё паст мегашт,
Навои ғиҷҷак онро бозмедошт.
Шитобе дошт гарчи об бар дашт,
Вале гӯӣ ба худ он дамба бигзошт.

Дар ин ҷо соф мешуд, соф дарё,
Ба монанди дилу виҷдони шоир,
Ба ҷуз покизагӣ дар рӯи дунё
Намеҷӯяд дигар армони шоир.

Дили мо об гардида саропо,
Ба мисли чашма бар дарё биомехт.
Хаёли рафтан аз ин ҷо дигар ҷо
Ба сони рӯзҳои рафта бигрехт.

Зи байни шохаҳо медид маҳтоб
Чу духтар базми мо аз роғи равзан.
Яқин мехост он моҳи ҷаҳонтоб
Чу мо дилро кунад з-ин базм равшан!

## МУЗЕИ ҲАМЗААЛИЕВ

Музеи қаҳрамон дар зодгоҳи қаҳрамон дидам,
Ба паҳлӯяш замини пахтаю оби равон дидам.
Дарахти себу зардолую гелосони пайвандӣ,
Талоши деҳқону файзи дасти боғбон дидам.

[3] Нуриддинов—раиси хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Исфара

Музеи қаҳрамон бинанд пеш аз корзори хеш,
Аз ин гӯё шавад нирӯи дасти кормандон беш.
Дар ин ҷо гӯӣ меояд зи дур овози Исмоил:
«Фидои номатон гардам, равад бояд, ки одам пеш.

Агар кори шумо сустӣ кунад, хобам намеояд,
Ба бори хоб дигар тоқату тобам намеояд.
Мушавваш мешавад хотир чу гарди бар ҳаво рафта,
Бигардам ташнаи обу ба лаб обам намеояд.

Чу кардам боиси ин хокдони модарӣ пайкар,
Сипаҳ гаштам бигӯиву сипаҳсолор будам ор.
Ба душман рӯ ба рӯ гаштан шараф буд аз барои ман,
Шараф будам, ки мекуштам варо чун зоти нодаркор.

Агар хоҳед бошам бо шумо, ободгар бошед,
Ба кори хештан кӯшеду худро роҳбар бошед.
Маро дар байни худ бо некномӣ зиндатар доред,
Дигарҳоро дигар, аммо ҷигарҳоро ҷигар бошед...»

Ба гуфти қаҳрамон, мардони майдон дар ҳунар дидам,
Ҳама ҷои маҳал бо номи некаш пурсамар дидам.
Зи садҳо зинда андар зодгоҳи хештан ӯро
Ҷавону чеҳрахандону қавию зиндатар дидам.

**МАҲФИЛИ ЗУЛАЙХО**

Бар маҳфили Зулайхо
Дилдода бешумор аст.
Гул медамад ба ҳар ҷо
Вақте ки навбаҳор аст.

Аслан баҳор бошад
Сарчашмаи муҳаббат.
Дил беқарор бошад
Дар маснади садоқат.

Лекин ба вақти сармо
Бар навҷавони қобил
Додаст дил Зулайхо
Бе ҳеҷ як муҳосил.

Монандаи Зулайхо
Дилсӯз нест дигар.
Чун ӯ ба ишқ танҳо
Имрӯз нест дигар.

Ғун мешавад ба гирдаш
Навхонадори бисёр.
Бо хотири мушавваш
Дилбеқарори бисёр.

Ӯ пиру мактаби ишқ
Бар чашми мардумон аст.
Аз кору матлаби ишқ
Озода достон аст.

Минбар надорад, аммо
Худ минбари калон аст.
Дар ҳалқаи ҷавонҳо
Маҳ байни ахтарон аст.

Авзои ӯ ҳикоят
Гӯяд зи дӯстдорӣ,
Аз рӯзи сахти қисмат,
Аз боби тоқаторӣ.

Чашмони нурбораш
Гӯянд бо назора
Аз рафти рӯзгораш,
Аз қалби пора-пора:

--Ман дидаму дил ошиқ
Бар Дӯстмат шуд, оре,
Як ошиқи мувофиқ
Бо сидқи пойдоре.

Яктош гашт хуршед,
Дигар баҳори хандон.
Дар боғи сабзи уммед
Гаштанд ишқи печон.

Аз ҳам чудо набуданд
Дар кору зиндагонӣ.
Ноошно набуданд
Дар сӯзу шодмонӣ.

Ошиқ бирафт бар чанг,
Маъшуқа монд танҳо.
Гардид бахри ӯ танг
Ин беканора дунё.

Бишмурда рӯзу соат,
Пурғусса гашт раҳпо.
Бар номае қаноат
Мекард гаҳ Зулайхо.

Рӯзе, ки омад аскар
Аз ҷанг сӯи хона,
Дидаш ҳама баробар
Бедаст ҳар ду шона.

То ҳол хунчакон буд
Ду шонаи баҳодур.
Селоби марг аён буд
Дар ашки чашми пурнур.

Зад раҳму ишқ туғён
Андар дили Зулайхо.
Хуршед шуд фурӯзон
Гӯё ба қасди сармо.

Ду даст бидҳад овоз
Монанди ду дугоник:
--Мо ҳам шудем дамсоз
Бар родмарди тоҷик.

Бар ҷои дастҳояш
Гаштем дасти ӯ мо.
Кардем аз барояш
Ҳар кору хоҳиш иҷро.

Мӯҳтоҷи кас накардем
Он марди номбардор.
Бас гуфту бас накардем
Мо хизматаш ба зинҳор.

Ҷое нагашт пурсон
Як бор балки ёрӣ.
Мегашт ҳар кӣ ҳайрон
З-ин  гуна хоксорӣ.

Мегуфт ӯ ба такрор:
Сад шукр, ки ба дунё
Ман зиндаю дигар бор
Дидам рухи Зулайхо.

Бошад ҳамин кифоя
Бар ман ба умри кӯтоҳ.
Ду даст дар ҳимоя
Додам мани дилогоҳ...

Дар маҳфили Зулайхо
Гуфтугузори  ишқ аст.
Ҳар кас, ки ояд ин ҷо,
Дар ихтиёри ишқ аст.

Сидқу вафо чу машъал
Нур оварад ба маҳфил,
Ҳар кор мешавад ҳал,
Чун боғ дода ҳосил.

Олиҳаи муҳаббат
Бо лутф дар миён аст.
Чашмаш зи рӯи шафқат
Бар сӯи духтарон аст.

Таъкид мекунад ӯ:
Домони ишқ гиред.
Дилдодаҳои некӯ
Беҳтар зи ҷон пазиред.

Ишқ аст рамзи покӣ,
Покист аз ҳама беҳ.
Чун кардӣ азми покӣ,
Ҷонро ба сӯхтан деҳ.

Хуршеду маҳ зи покӣ
Гардунписанд бошанд.
Бар инсу ҷинси хокӣ
Гармию нур пошанд.

Умре намо ҳимоят
Ин покӣ аз сиёҳӣ.
Бошад бад аз хиёнат,
Инро агар нахоҳӣ.

Историагон зи хуршед
Гиранд равшанӣ гар,
Ҳар як ҷавон ба уммед
Чун насли меҳрпарвар.

Дарси садоқат ин ҷо
Омӯзад аз дилу ҷон.
То бахти хештанро
Бошад ҳаме нигаҳбон.

Худ холаи Зулайхо
Як қаҳрамони ишқ аст.
Дар Ашти хеш кайҳо
Бонии ҷони ишқ аст.

## МЕҲМОНӢ

Бахти ман хандид, ки меҳмон шудам,
Меҳмони мардуми Рӯмон шудам.
Ҳамчунон дар хонадони хештан
Даст шуста назди дастархон шудам.

Нозу неъмат ҷо намешуд рӯи хон,
«Марҳамат!»--мегуфт ҳар дам мизбон.
Аз чӣ сар кардан надонистам, зи бас
Аз чунин як хони пур ҳайрон шудам.

Нақли рӯмонӣ ҳушамро бурд беш,
Ханда мезад бар дили нотоб неш.
Нақли дигар боз бар болои нақл
Аз забони мизбон хоҳон шудам.

Гуфт: «Куштам ман ба номат гӯсфанд,
Гӯсфанди чории бар дил писанд.
Лек аз дасти чунин Ҳотамгарӣ
Ҳамчунон мокӯй саргардон шудам.

Калларо бурдаст шустан хоҳарам,
Гуфтааст: «Ин хизмати ман» хоҳарам.
Калла аз дасташ ба дарё рафтааст,
«Бебарорӣ» гуфта, дар афғон шудам.

Хоҳарам дар дав шуда бар ҳар тараф,
Кандааст аз рӯи раҳ як қап алаф.
«Ма-ма» гуфта, калларо хондаст пеш,
Шах аз ин чун кундаи майдон шудам.

Як рӯмонии дигар з-он сӯи об
Хоҳарамро кардааст ин сон хитоб:
«Чор пояшро бупарто, ояд он»,
Хоҳарам гуфтаст: «Ҳай нодон шудам!»

Чор пояш ҳам ба об андохтаст,
Хешро дар изтироб андохтаст.
Изтироби ӯ бимонда як тараф,
Гӯиё худ дар қапи қапқон шудам.

Ҳеҷ ҷо рафтан натонистам дигар,
Чора ҷустан ҳам надонистам дигар.
Лек аз он чор пою калла ман
З-ошнову н-ошно пурсон шудам.

Сонитар омад ба гӯши ман хабар,
Калларо бо чор пои дар сафар
Дар шино дар Баҳри Тоҷик дидаанд,
Сӯхтам аз ҳасрату бирён шудам».

Ханда карда гуфтамаш беихтиёр,
Будааст ин ҷой ҳам чун Порвор[4].
Аз рӯмонӣ порворӣ нест кам,
Дар ҳикоят чун ҳикоятдон шудам:

«Порворӣ бар зани худ як саҳар
Дода сӯму гуфтааст аз пушти дар:
«Дар ягон кас майда кун садсӯмаҳо,
Ки равон ман ҷониби район шудам».

«Дар ягон кас чӣ» ба худ гуфтаст зан,
Майда кардан чист, ин осон ба ман.
Дар нигоҳи мардакам аз баҳри чӣ
Гӯл чун гӯсолаи каҳдон шудам?

Қайчиро бигрифта пас монанди мӯй
Сӯмҳоро майда бинмудаст ӯй.
Бухча карда хуб дар рӯмолаке,
Гуфтааст «акнун зи гулдастон шудам».

Рӯзи дигар дида мардак асли кор,
Чист ин гуфтаст, эй парвардигор.
«Худ бигуфтӣ майда кун» гуфтаст зан,
Ман ҳамон кардам, пайи фармон шудам»…

Аз гапи нохуш ҳама парҳез дошт,
Сӯҳбати мо ҳазли лутфомез дошт.
Шеър буду ҳикмати аҷдодҳо,
К-аз фурӯғаш хурраму хандон шудам.

[4] Порвор—қишлоқест дар собиқ ноҳияи Дашти Ҷум.

Ҳафтае нагзашта бошад аз миён

Меҳмонии маро бар дӯстон.

Лек ҳазлу сӯҳбати рӯмониён

Бо дили пурорзу пазмон шудам.

Ленинобод—Кӯлоб,
июн-июли 1987.

**ДАР СОҲИЛИ ЗАРАФШОН**
**ГАНҶ ДАР КӮҲСОР**

Шоире бошад ба ҳар деҳи диёр,
Хонае ҳам балки бешоир наяст.
Ҳофизе ҳасту садои чангу тор,
Ҳазлгӯю ҳаҷвпеша низ ҳаст.

Меҳмон гардӣ ба ҳар дар, андар он
Базму сӯҳбат мешавад широ шакар.
Бингарӣ, ки аз забоне бар забон
Шеър бошад аз ҳама бологузар.

Ханда як муддат ҳамеёбад мақом,
Ҳазли хубе дар миён ояд агар.
Кист он одам, ки бе Қутбӣ Кишром
Масти шеъру ханда гардад дар сафар?

Гарчи осон нест фаҳмидан варо,
Лек гоҳо мешавӣ ҳайрони зор,
К-аз ҳама кас дида бо ақли расо
Бар каломи ӯст мардум интизор.

Рӯ ба рӯ шуд бо Зарафшони равон,
Рӯд аз амвоҷ хилъатпӯш гашт.

Санги соҳил гӯӣ омад бар забон,
Гуфт бар ӯ тозаву тар саргузашт.

Кишвари кӯҳии мо бар худ чу ҷон
Шоири бисёр дорад дар шумор.
Нест охир ҳоҷати шарҳу баён,
Ганҷ бошад, ганҷ андар кӯҳсор.

**Р О Ҳ**

Сафедорони сарболо зиёданд
Қатори дар қаторе аз ду ҷониб.
Ба бозӣ баргҳо дар чанги боданд,
Суруде хонда дилчаспу аҷоиб.

Раҳе аз байни онҳо меравад дур,
Ки вайро интиҳо то кӯҳсор аст.
Агарчи интиҳояш нест манзур,
Вале дар ними он деҳи Мазор[5] аст.

Зи тарфи рост кӯҳе ҷилва дорад,
Ки гӯӣ нусхаи Чилдухтарон аст.
Тамошояш ба дил шодӣ биёрад,
Ки Мӯъминобод ин ҷо ҳам аён аст.

Тафовуташ ҳамин, ки обшоре
Нарезад аз бари он кӯҳи зебо.
Ба ҷои об шеъри пандборе
Бирезад аз забони пиру барно.

Бимонӣ гар ба раҳ пои муборак,
Ба табъат мевазад боди мувофиқ.

---

[5] Мазор—зодгоҳи Лоиқ

Бигӯяд мардумат бо фахр як-як:
--Ҳамин раҳ меравад қишлоқи Лоиқ.

**КИТОБИ НОЁБ**

Бо дили дар сина пур аз тарсу ларз
Зодгоҳи Рӯдакӣ рафтем мо,
Шеърхонӣ буд бар мо гӯӣ қарз,
Буд мушкил қарз овардан ба ҷо.

Чун чароғи рӯзгор охир ба даҳр
Шеър ин ҷо кардааст арзи вуҷуд.
Рафтааст аз деҳа то дунёи шаҳр
Мисли нури меҳр гармии суруд.

Шеър гӯяд сангу чӯбаш дар назар,
Рӯдакиро додаанд онҳо забон.
Бар каломаш рехта шаҳду шакар,
То Бухоро кардаанд ӯро равон.

Шеърхонӣ нест ин ҷо кори саҳл,
Даъвии шоирӣ айб асту гунаҳ.
Хуб, ки мардум бувад бо фаҳму аҳл,
Варна дар як дам шавад рӯят сияҳ.

Аввалан бастем мо лаб аз баён,
Тик-тики дил лек дар такрор буд.
Мисли донишҷӯи аввалимтиҳон
Имтиҳони мо аҷаб душвор буд.

Бачча тарсад гар зи танбеҳи падар,
Такя бар ӯ мекунад бисёртар.

Ғайри ӯ бас нест андар баҳру бар
Бар писар меҳрофару имдодгар.

Такя мекардем бар устод мо,
Бар мазори ӯ назар андохта.
Шеърҳо хондем, шеър аз ёд мо,
Ҳадди худ дар ҳар сухан бишнохта.

Дар бари шах соф мешорид об,
Сабзаву гул медамид аз хоки тар.
Хонда мешуд аз рухи мардум китоб,
Он китобе, ки наёбияш дигар.

**ҲУРМАТИ ШЕЪР**

Дар марқади одие сари роҳ
Сабт аст ба рӯи санг: «Туғрал».
Ҳар кӣ гузарад савор з-ин ҷо,
Якбора шавад ба роҳ маътал.

Хомӯш пиёда меравад пеш,
Бар санги мазор дида баста.
Андар дили ӯ тавон шавад беш,
Санг аст агар ки ношикаста.

Гулдастаи меҳр вогузорад
Бо дасти адаб ба рӯи турбат.
Бар хоки хамӯш саҷда орад
Аз ҳурмати шеър, карда ҳасрат.

Атроф куни накӯ тамошо,
Бинӣ, ки ду кӯҳи сар ба афлок

Сар хам бикунанд гӯӣ ин ҷо
Чун раҳгузарон низ ба ин хок.

Сол аз пайи сол бигзарад зуд,
Қарн аз паси қарн даррасад боз.
Ин гӯяду он зи даҳр падруд,
Шеър аст валек зиндагисоз.

**САДБАРГИ ШОИР**

Дар ҳавлии бекарру фар,
Наздик бар долону дар.
Бо дасти шоир реша ронд
Садбаргаке дар хоки тар.

Аввал қалам буду қалам,
Чун килки беҳарфу рақам.
Хосияти шеърофарин
Сабзондаю кардаш бабар.

Гул мекушояд ҳар баҳор,
Гулҳои сурхи лолавор.
Аз бӯ муаттар мекунад
Қишлоқи Зосун сарбасар.

Шоир ба дафтар менавишт
Бо нӯкаки пар менвишт.
Дар сояи садбарги сурх
Байту ғазалҳо ҳар саҳар.

Дар ҳарфи ӯ рӯи гул аст,
Дар маънияш бӯи гул аст.

Рӯи гулу бӯи гулаш
Эҳёст аз хуни ҷигар.

Ҳафтоду як сол аст боз
Садбарг бошад сарфароз.
Сармо нагашташ кордор,
Дорад баҳори гулбасар.

Бо шеър пайвандист он,
Чун шеър бошад ҷовидон.
Аз Туғрали ширинадо
Мондаст мероси дигар.

Панҷакент—Кӯлоб, апрели 1987.

**НАВРӮЗИ МАСТЧОҲ**

Ин саҳар дилбар аҷаб зебо шуда,
Гул ба доман, ханда дар лабҳо шуда,
Ҳуснафзои ҳама дунё шуда,
Ҳамраҳи Наврӯз андар Мастчоҳ.

Абр бар рухсори гул бичконд ашк,
Гуд ба гул аз хуррамӣ пардохт рашк.
Духтарак болои хон бигзошт кашк,
Гашта бар рӯзи муборак хайрхоҳ.

Аз сахои хеш хоноростӣ,
Кокулафшон ҳар тараф пайдостӣ.
Аз қудумаш хок ҳам доростӣ,
Резад аз нозаш асал бар ҷоми мо.

Рамма дорад дар бари кӯҳе чаро,
Гӯсфандонаш сафеданду сиёҳ.

Ҳар кадомаш карда бар дилбар нигоҳ,
Гӯӣ меҳоҳад шавад қурбон варо.

Ғулғуландозӣ кунад базму суруд
Аз замини сабз то арши кабуд,
Ҷамъ гашта гӯӣ ҳар буду набуд,
Омадаст аз гӯр ҳам Юсуф Вафо.

Мастчоҳ, 1989

## ДАР КОРГОҲИ РАССОМ

*Барои Ҳакимҷон Саидов*

Зи тири душмани хунхор захмин,
Ба рӯи бистари ғам хоб аскар.
Сараш дар гардишу ду чашм камбин,
Ба зинда мондан ӯро нест бовар.

Ба болои сараш ҳамшираи тиб
Мисоли модаре бемордор аст.
Надорад миҷҷа таҳ кардан муносиб,
Ба ҳар як нолиши ӯ беқарор аст.

Кушояд дида гар бемори маҷрӯҳ,
Дили ҳамшира гардад шамъи равшан.
Бимонад дер зери бори андӯҳ,
Агар маҷрӯҳ натвонад ғунудан.

Мана, бикшод чашмаш ин саҳаргоҳ
Пас аз беҳушии се-чоррӯза.
Шафақ зад рӯи духтар гӯӣ хиргоҳ,
Гузашташ ғуссаи бисёррӯза.

Ба атрофаш назар андохт маҷрӯҳ,
Ба оҳи талху оташрез бар ҷон,
Ба пеши рӯй дид оинае ӯ,
Ки акси ҳолаташ метофт дар он.

Қалам пурсиду дафтар марди қобил,
Кашад то расм ин ҳоли табоҳаш.
Кашад ҳамшираро дармондеҳи дил,
Ки меёбад шифо андар паноҳаш.

Агар мирад, бимонад ёдгорӣ
Чу бурҳони набард аз ӯй ин расм.
Намирад гар, ба вақти ёдгорӣ
Бигӯяд қиссае аз разм бо хасм.

Чу рассомии ҷанговар шуд ифшо,
Ба ӯ карданд захминҳо чунин арз:
Ба мо ҳам ҳадя бинмо сурати мо,
Ҳамехонем бар худ хизматат қарз.

Ҷавоби нармакак гардонд рассом
Ба ёрони киромию дилогоҳ:
Намоям бар шумо як расм инъом,
Ки мақсуди ҳама дар он шавад ҷо.

Ба рӯи саҳфа чун он гашт эҷод,
Ду чашму зеҳн сӯяш дӯхт мардум.
Ба ханда шуд баланд афғону фарёд,
Ки шуд дар байнашон рассом раҳгум.

Аҷаб расме, ки боло аз миён ӯ
Сипаҳсолор Павлус буд, медон,
Дигар будӣ ҳама як муши бадрӯ,
Ки афтодаст андар чанги қапқон.

Ба по гардид тӯйе дар шифогоҳ
Ту гӯӣ аз тамошои чунин расм.
Дар он азбаски буд ин разму маъно:
Сарозер аст сӯи нестӣ хасм:..

Зи нӯги сеҳрбори килки рассом
Ба ҳар тасвир бошад орзуе.
Ба яктояш бувад раҳпоии мом,
Ба дигар бо саодат гуфтугӯе.

Ба ганҷи коргоҳаш зеҳн монӣ,
Ҳама таърихи дирӯз асту ҳозир.
Ба пеши рӯст разму хунфишонӣ,
Бари он аст арзи поси хотир.

Худи рассом ҳам банди тамошост,
Бубинад хешро маҷрӯҳу бемор.
Зи беҳушӣ ту гӯӣ хоб дар ҷост,
Вале ҳамшираи тиб аст бедор.

Ленинобод—Кӯлоб, 1989

**ОСОРИ САМАРҚАНД**

Равшан набувад нур чу дидори Самарқанд,
Чун ганҷ бувад хоб сад асрори Самарқанд.
Як умр кунӣ қиссаи бигзаштаи моро,
Аз дидану аз гаштани як бори Самарқанд.

Ҳар хишти тани мадрасааш гӯӣ китобест,
Бар дарди дили зор дар он ҳарфи ҷавобест.
Бо дидаи ҳайрат нигарию лаби хомӯш,
Фарҳанг бувад ҳар дару девори Самарқанд.

Бар дасти замин гӯй Самарқанд нигин аст,
Ин ҷо сухани тоҷикӣ гулбонги замин аст.
Дунболаи худ дил бубарад дар даме аз ту
Бо лаззати гуфтори хушаш ёри Самарқанд.

Покии сухан аз лаби ӯ гашта муайян,
Дар нони Самарқанд шуда гӯй музайян.
Таҳ бар таҳи ин ҷост бигӯӣ зари Шугнов,
Таърих гувоҳ аст бар осори Самарқанд.

с. 1989

## РАВОНА БО ЗАМОНА

### БИШНИДАМУ НАДИДАМ

Гуфтанд рӯзгорон
Хушрӯст чун баҳорон.
Ё субҳи офтобист,
Ё шоми пур зи борон.
Ин сон сифот ҳар дам
Бишнидаму надидам.
Гуфтанд беҳ шавад кор
Аз пештар дусад бор.
Серӣ шавад ба ҳар дар,
Арзоние ба бозор.
Ин ҳоюҳу пайи ҳам
Бишнидаму надидам.

Гуфтанд мешавад гум
Фанду фиреби мардум.
Ҷавкор ҷав бигирад,
Гандумрасонда гандум.
Ин лоф пур ба олам
Бишнидаму надидам.
Гуфтанд кори деҳқон
Гардад сабук ба майдон.
Пушту паноҳ дорад
Ӯ баски аз калонон.
Инро зи ҳар
як одам
Бишнидаму надидам.
Гуфтанд ҳақпарастӣ
Гардад мадори ҳастӣ.
Ноҳақ шавад
ба ҳар ҷо
Пайваста дар шикасте.
Ин фол,
ки кушад ғам,
Бишнидаму надидам.
Гуфтанд ар умр боқист,
Оянда бачатоқист.
Дасти фазилату адл
Дар тӯйи бахт соқист.
Ин орзӯи аъзам
Бишнидаму надидам.
Солам гузашт аз шаст,
Гаштам фишори хун паст.
Ин гуфтаҳо бичустам,
Асо гирифта бар даст.

Ҳар қадр,

ки тапидам,

Бишнидаму надидам.

июни 1989

**ДЕПУТАТИ МО**

Дар анҷумани умедбахше,
Дар партави меҳри пурдурахше.

Дар кашмакаше миёни афкор,
Аз бахти падиду нопадидор,

Ки қисмати мамлакат шавад ҳал,
Бо саъйи бавусъату мукаммал.

Дидем вакили хештанро—
Депутати лофии суханро.

Ки ваъдаи беш дода буд ӯ,
Раҳ бар дили мо кушода буд ӯ.

Бо ваъда ба мақсадаш расида,
Овоз ба ин зи мо харида.

Дар такя ба ҷош ҳаст хомӯш,
Кардаст зи хотираш фаромӯш,

Кайҳо ҳама ваъдаҳои рангин,
Ки дода буд ӯ ба лафзи ширин.

Дидем ҷасорате надорад,
Гӯё ки кафолате надорад.

Дам зери лабаш фушурда бошад,
Монандаи муши мурда бошад.

Наздик намешавад ба минбар,
Лаб во накунад,
чӣ ҳайратовар!

Ин гӯӣ «адаб» бувад барояш,
«Одоб» шудаст раҳнамояш.

Лекин дар ӯ «ҷуръате» падидор,
Як халта «заковате» падидор.

Бо тарзи суол чун бипурсанд,
Як бору ду бор,
чанди дар чанд:

Кӣ ҳаст ба ин сухан тарафдор,
Хоҳиш,
ки кунад ризоят изҳор,

Дарҳол намуда даст боло,
Ҳатто шуда нимхез аз ҷо.

Пурсанд кӣ ҳаст зид бар ин,
Шарме накунад,
бувад ин оин.

Дарҳол намуда даст боло,
Ҳатто шуда нимхез аз ҷо.

Гӯянд, ки бетараф чӣ? Бошад?
Ин кори вай аст,
хар кӣ бошад.

Дарҳол намуда даст боло,
Ҳатто шуда нимхез аз ҷо.

Гӯӣ ту ба ин ваколати хеш
Овард ба ҷо зи мӯҳлаташ пеш.

июни 1989

## БОШАД КАДОМ АРЗОН

Курсинишастагонем, аз бозсозӣ ларзон,
Чун барги тирамоҳон афкори мо парешон.
Тарсест дар дили мо чун кирм дар дил себ,
Гарчи ба ханда созем онро зи чашм пинҳон.

Услуби амр дар мо дигар намонд боқӣ,
Бар ҷоми мо нарезад акнун шароб соқӣ.
Оем чун ба кӯча, «унаст, унаст» гӯянд,
Шинем дар идора, тарсем аз телефон.

Аз ошкоргӯӣ ҳар лаҳза дар ҳаросем,
Зеро ки бештар мо чун камравон шиносем.
Аз лофу ваъда вақте будем пурҷасорат,
Ҳоло ба ҳарфи оддӣ моро наяст дармон.

Одам, ки пир гардад, афтад ба каллаларзок,
Чун ақли пир гардад аз бех сусту ковок.
Ҳарчанд ки ҷавонем, аз пир гашта бадтар,
Не зӯр бар тан асту не тоқат аст бар ҷон.

Ҷое наяст, аз ғам дилро кунем холӣ,
Мушкил бувад расидан то кӯи некҳолӣ.
Кас нест дасти моро гирад ба дасти шафқат,
Бар номи мо паси ҳам ҳайфу ҷазост эълон.

Гӯё ки байни дарё дар чанги гирдобем,
Бе дасти об моем, афтода дар азобем.
Соҳил натобад асло аз зӯри мавҷ бар чашм,
Бар қасди ҷон наҳангон доранд боз ҷавлон.

Аз нав кунанд моро чун коҳи кӯҳнае бод,
Бар ҷар фитад каҳе, ки бар чанги бод уфтод.
Айбу гуноҳи пинҳон як-як шавад намудор,
Дидори бегуноҳон дидан набошад осон.

Гуфтем ҳар накишта бо лофу қоф кишта,
Мирзои вақт кардаст инро ба худ навишта.
Мункиршавист душвор, бояд ки гашт иқрор,
Сар хам шавад агарчи аз бори шарм поён.

Чун ҷои ростон аст акнун саволу посух,
Ҳар карда мекунад во бар пеши дидаат рух.
Ҷои гурез набвад, аз ҳад само баланд аст,
Бар зери по замин ҳам сахт аст мисли сандон.

Ҳар узви тан гувоҳест аз кори бад ба такрор,
Чӣ кардааст одам, онро кунад лаб изҳор...
Ҷон аст ҷои сахтӣ,  худо нагирад онро,
На зорӣ суд бахшад, на гиряву на афғон.

Гардад агар кушода ҳавзи пуроб ногоҳ,
Кӣ метавонад онро маҳкам кунад зи нав роҳ.
Бо амри зиндагонӣ шуд пеша ҳақпарастӣ,
Бастан даҳони мардум дигар надорад имкон.

Онҳо, ки базми моро нуқлу шароб буданд,
Чун дӯстони ҷонӣ андар ҳисоб буданд,
Аз мо канора гашта чун оҳуи гуреза,
Гӯё наем одам андар ҳисоби онон.

Бар ҳоли хеш гоҳо чун тифл гиря дорем,
Гоҳе мадад ба тавба ҷӯё зи ҳар мазорем.
Сарҳо гаранг гашта дар маҳбаси хаёлот,
Аз кардаҳои ношуд сад борҳо пушаймон.

Оҳи чуқур аз мо печида то ба арш аст,
Чун симхор бар по қолии рӯи фарш аст.
Гӯё рақиб гашта ҳавводигаркунак ҳам,
Ҷӯшад ба деги нафрат бо туфу пуф алъон.

Одам ба фахр ояд бояд ки аз гузашта,
Чун бар гузаштаи худ созад нигоҳ гашта.
Лек аз гузаштаи худ моем дар хиҷолат,
Баски дурӯғ гуфтем аз мӯи сар фаровон.

Аз ин ба ҷуз карахтӣ аз мо намонд осор,
Кардем кори худро нокарда шарм такрор.
То бехи гӯш моро аз гап даҳан дарида,
Додем ваъдаву қавл аз номи марди деҳқон.

Гуфтем балки бар мо обу ҳавост тобеъ,
Обу ҳаво ба мисли арзу самост тобеъ.
Бо амри мост ҷорӣ дарё ба тори тепа,
Бар будаву набуда мо доварему султон.

Ҳар як дурӯғи гуфта шуд санг бар сари мо,
Дар зиндагист барпо бар дида маҳшари мо.
Пули Сирот гӯё дар пеши роҳ бошад,
Ҳай мекунанд моро он ҷой бо фалахмон.

Ҳар лаҳза ҷилва дорад дар пеши рӯ қиёмат,
Бошем ҳар дақиқа дар тавбаву надомат.
Айбу гуноҳи моро бахшанд ё набахшанд,
Шармандаем доим дар пеши халқу виҷдон.

Ҳар рӯз як гапи нав дар шаъни мо шавад сар,
Таърихро зи баски бар мо намонд бовар.
Бошад ки ҳар мукофот  додем ё гирифтем,
Гардад балою бурҳон дар чашми айбдонон.

Бо «зинда бод»-ҳо мо дар каҷравӣ фитодем,
Андар изофа гуфтан сад роҳи нав  кушодем.
Рафтори мо дигар шуд аз баҳри ному шӯҳрат,
Кардем тартиби кор аз беху кунда вайрон.

Мансаб, ки обрӯяст, аз мо бигашт бадном,
Шояд ки дар сари мо ин ҳол ёбад итмом.
Мактаб шавад ба мардум имрӯз баҳри фардо,
Такрор то нагардад фанду фиреби инсон.

Бидҳем худ тасалло: «Худ зиндагист пурфанд,
Варна чаро ба олам дор асту кундаву банд.
Як кас ба заҳмати пур банд асту нон наёбад,
Дигар ба айш ғарқ аст аз пушти амру фармон».

Лекин аз ин тасалло бар дил ҳаловате нест,
Дар хонаву идора як лаҳза роҳате нест.
То доғи курта шӯянд, ишқор лозим ояд,
Шӯем доғи худро бо саъйу кори майдон.

Мағлуби гуфтугӯяст одам, ки шуд гунаҳкор,
Хушҳол худ набинад гӯӣ дигар ба зинҳор.
Монандаи бузи кал боло намегирад сар,
Гӯё ки ҳаст умре дар зери барфу борон.

Дар пеши дидаи ӯ чун шом рӯз тор аст,
Пайваста миҷҷаҳояш сад найзаи қатор аст.
Ҳарфаш мудом бошад лабрез аз хушомад,
Танҳост хоҳу ноҳоҳ бар хеш гашта товон.

Бигзашта рӯзҳоро мо ёд менамоем,
Айши пур аз сафоро мо ёд менамоем.
Хобу хаёл бошанд онҳо ба умри боқӣ,
Моем пасту рафтанд аз пешамон ба кайҳон.

Дигар ба сулфаи мо н-ояд ба гӯш лаббай,
Дигар наметавонем гӯем вай шавад вай.
Дар байни тӯри ҳасрат моем кирми пилла,
Бар ҷони хастаи мо каҷдум шудаст армон.

Дигар ба мо наоранд аз кабки рав хабарҳо,
Тухме намонад анқо дар боми хонаи мо.
Кам будааст шодӣ, ғам будааст бисёр,
Осудагӣ гузашта, ҳастем боди сарсон.

Курсинишастагонем, аз бозсозӣ дар бим,
Бар сад хаёлу гӯша афкори мост тақсим.
Ки қимат аст одам, ё мансаб аст қимат,
Арзон агар бигӯӣ, бошад кадом арзон?!

## САРДОР МЕГӮЯД ЧИҲО

*(Дар боби устохонаҳои таъмири мошинаҳои шахсӣ)*

Кардем бо лафзи накӯ
Бо садри ин ҷо гуфтугӯ.

Як бор не, ҳаштод бор,
Ҳаштод бори бебарор.

Дорад мудом ӯ ин касал:
Аз ваъда пур созад бағал.

Мошин кунад бор аз дурӯғ,
Сарборияш ҷанг асту дуғ.

Андохта сӯят қавоқ,
Гӯяд занам сад раҳ талоқ.

Ки нест моро рӯзгор,--
Анбори мо н-ояд ба кор.

Дар он нишон аз чарх нест,
Гар чарх бошад, нарх нест.

Номи балон афсона аст,
Рангаш ба мо бегона аст.

Не равғану равғанпалост,
Не як чароғак аз қафост.

Не резине аз кардан аст,
Не ваъдаи овардан аст.

Ҳар қадр мекобем мо,
Мехе намеёбем мо,

Не як шурупи ночиз аст,
Не оби сабз—антифриз аст...

Аммо дар устоҳои мо
Пайдо намоӣ гоҳ-гоҳ

Он чӣ заруру нодир аст,
Камчин чуноне ҳозир аст.

Мо ҳам аз ин ҳайрон шавем,
Ку ҷуръате, пурсон шавем?

Гардем доим сарсарӣ,
Дар гӯр ин сон раҳбарӣ.

Айби калон аз марказ аст.
Моро намегиранд даст.

Он чӣ талаб дорем мо,
Гап дар миён орем мо,

Надҳанд бар мо эътибор,
Чи дар амал, чи дар қарор.

Ҳастем з-ин рӯ мо гаранг,
Дунё ба чашми мост танг.

Н-оянд пеши мо дигар,
Эълони мо дар пушти дар.

Таъмирҷост ин ҷо ба ном,
Ман рост гӯям, вассалом.

Сардор мегӯяд чиҳо?—
Гӯяд тамомаш аз ҳаво.

То ҳол бошад бехабар
Аз бозсозӣ мисли кар.

Эй ҳақпарасти пуркитоб,
Инро бигир андар ҳисоб.

## МОТАМИ БЕИМЗОНАВИС

Буд як андоза берун то кунун дунёи ман,
Ҳеҷ кас воқиф набуд аз кору аз савдои ман.
Гӯшаи хомӯш буду хомаву дафтар маро,

Рӯи сафҳа сабт мешуд қасди ман, балвои ман.

Ҳар касе, ки дертар дар кӯча медодам салом,
Дар дилам нисбат ба ӯ мегашт ҷӯшон интиқом.
Ё касе, ки дошт аз ман дида ризқи бештар,
Буд гӯё дар ҳаёт ӯ хасми беҳамтои ман.

Менавиштам «душманону» нописандон пургуноҳ,
З-ибтидо то интиҳо мекардам онҳоро сиёҳ.
Он ҳама буданд пеши рӯи ман дар назми ҷон,
Лаҳзае меёфт дил таскин аз ин иншои ман.

Дар хаёлам менамудам «зишткорон» торумор,
Тоза мекардам сари роҳи худ аз чангу ғубор.
То ба марказ номаҳои хешро карда равон,
Теппае ҳар рӯз мешуд пас тамошоҷои ман.

Кайф мекардам басо аз изтироби «душманон»,
Орзу будам, ки гардад ҳар якаш бехонумон.
Лек сӯзад хонаи тафтишгарон, ки ҳар сафар
Бор мекарданд хилват айб бар болои ман.

Бебарорӣ буд гарчи дар шикорам доимо,
Бас намекрдам валекин ман навиштан ҳеҷ гоҳ.
Гӯиё бар ман касал буд аз азал ин кирдукор,--
Дарди бедармони ман печида сар то пои ман.

Шаддаи уммедҳо барбод рафтанд, эй дареғ,
Гуфтаву ногуфтаҳо аз ёд рафтанд, эй дареғ!
Аз гарангӣ сар дигар боло намегардад маро,
Гӯри торикам шуда якборагӣ маъвои ман.

«Нобакорон» шодмон гаштанду ман дар мотамам,
Мисли дони рафта бар дарё ба дарёи ғамам.
Бар куҷо з-ин пас нависам шикваю арзам, бигӯ?
Кас намехонад дигар мактуби беимзои ман.

## РАИСИ МО

Раиси мо ба фаҳмаш бебаҳо буд,
Ба кори хеш гӯё як бало буд.

Зи хони хештан ноне нахӯрда,
Сари хони дигарҳо худ супурда.

Ба рӯи чор болишти пари қӯ
Ҳамеша ғел мезад ӯ ба паҳлӯ.

Ғариқи ноз буду буд ночор
Ба як нозаш саду як нозбардор.

Намебардошт гар нози варо кас,
Ба нори қаҳри ӯ месӯхт чун хас.

Аҷаб, ки дошт ишрат бе сару бар,
«Касал» мегашт лекин ӯ мукаррар.

Сари маҳ ё ки дар моҳи пасомад,
Ҷаҳон гӯё ки мегашташ «қиёмат».

Хабар нокарда мерафт ӯ шифогоҳ,
Ба номаш буд он ҷо доимо ҷо.

Иқоматгоҳи ӯ як хона гашта,
Табибон гирди ӯ парвона гашта.

Яке ҳамшираи дар погаҳи тӯй,
Ки аз сад шаҳпарӣ ҳам буд хушрӯй,

Ба амри садр мешуд пуштмолаш,
Аз ин мегашт гӯё хуб ҳолаш...

Занаш аз хонааш мезад телефон
Ба қишлоқу ба колхозу ба район,

Ки: «Эй мардум, раис имшаб «касал» шуд,
Қариби субҳдам шуд, бемаҳал шуд.

Намондаш балки неруе ба рафтор,
Табобатхона дар шаб рафт ночор.

Ҳазорон шукр, ки кардем иқбол,
Муайян «дарди» ӯ карданд дарҳол.

Зи бас, гуфтанд, «дардаш» ҳаст «вазнин»,
Табобатҳои халқӣ низ мумкин.

Мавизи сип-сияҳ доруст аксар,
Ғулунги қандак аз он боз беҳтар.

Зи туту писта ҳам суди зиёд аст,
Агар бодом бошад,--нӯшбод аст.

Дигар доруи беҳин чормағз аст,
Сари Хосор онро мулки нағз аст.

Анори Боғ равшан мекунад хун,
Намояд кори дилро ҳам дигаргун.

Зи бӯяш роҳатафзо себи Ғарм аст,
Зибаски себ бе бод асту гарм аст,

Шоколад низ ҳатмию зарур аст,
Ки яктояш зи сад доруй зӯр аст.

Ба қоқи харбуза он аст монанд,
Ба аҷдоди асал будаст пайванд...

Табобат карданаш бошад чу даркор,
Табобат бе ҳаминҳо ҳаст душвор».

Хабаргир аз каноре то каноре,
Зи ночорию кам-кам ихтиёрӣ

Паси ҳам то шабонгаҳ аз пагоҳӣ
Ба мисли мӯрча мегашт роҳӣ.

Ҳама бар халтаҳо бигрифта боре
Ба номи ӯ аз ин сон «доруворӣ».

Раис аз «дорувориҳои» махсус
Дареғо «иштиҳоям нест, афсӯс»--

Ҳамегуфту паи ҳам қоп мекард,
Канори қопҳояш хоб мекард.

Занаш ҳар рӯз меомад ду-се бор,
Ба хона мекашонд он бори тайёр.

Ба ин тарзи табобат—раҳм бар ҷон
Пас аз моҳе раис меёфт дармон.

Аҷаб шуд дар муҳити бозсозӣ
Раис якбора монд аз сарфарозӣ.

Зи мансаб дид бар худ бевафоӣ,
Бигуфто: Кош мекардам гадоӣ.

Намекардам валекин ман раисӣ,
Ки бадтар будааст он аз хабисӣ.

Бигуфтам хубу ганда боиси кор,
Дили чандин касонро додам озор.

Касе акнун набошад дар сипосам,
Зи хешу ақрабо балки халосам.

Ба гӯшам мерасад ҳар ҷой такрор,
Ки ман дар кор будастам риёкор.

Ба зери бори айб афтодаам ман,
Ду чашми хеш нав бикшодаам ман»...

Раис ин дам агарчи хорузор аст,
Ба ҷонаш дардҳои бешумор аст,

Намегардад «касал» зинҳор аммо,
Намедонад қадам сӯи шифогоҳ.

Занаш дур аст аз пеши телефон.
Ғами талхаш бувад дар сина пинҳон.

**«ҶОДУГАР»**

Аз бозсозӣ
Ӯ нест розӣ.

Бояд худ акнун
Созад дигаргун.

Валек зинҳор
Нахоҳад ин кор.

Чун корчаллон
Бошад ба ҷавлон.

Ӯро ҳамеша
Фанд аст пеша.

Бе ранҷу заҳмат
Дорад даромад.

Бошад ба кирдор
Чун муши анбор.

Аз тахта дуздад,
Аз пахта дуздад.

Дуздад зи оҳан,
Аз рангу равған.

Аз чарх дуздад,
Аз нарх дуздад.

Кайҳо чу чапдаст
Устод гаштаст.

Дар айшу нӯш аст,
Дегаш ба ҷӯш аст.

Сараш баланд аст,
Аспаш даванд аст.

Ҳар моҳ дорад
Нав-нав камомад.

Афтад ба тафтиш
Пеши муфаттиш.

Гардад авоза
Мисли ҷаноза.

Дар шаҳру бозор,
Бо ваҳми бисёр.

Ки ӯ ҷиноят
(Дод аз фалокат)

Кардаст содир,
Чун пеш ҳозир.

Ин дафъа беҳад
Ҳолаш бувад бад.

Бурдаст бисёр,
Хӯрдаст бисёр.

Ки дар ҳисобе
Андар китобе.

Дусад ҳазор аст,
Бал бешумор аст.

Андар бало зад,
Ӯро худо зад.

Набвад ба осӣ
Дигар халосӣ.

Даводави ӯ
Ин сӯву он сӯ.

Наоварад суд
Аз рӯи мақсуд.

Лекин чӣ гӯем,
Пеши кӣ гӯем.

Гапро накобем,
Ҳар сӯ натобем.

Баъди ду соат
Пайи ҷиноят.

Тафтиш адо шуд,
Хап моҷаро шуд.

Ӯ гашт пайдо
Дар кӯча ногоҳ.

Бар рӯи мардум,
Дар лаб табассум.

Ду чашм хуммор
Аз нози бисёр.

Гаштанд ҳайрон
Аз ин шиносон.

Гуфтанд онҳо
Бо худ ҳамоно:

«Ҷодугар аст ӯ,
Кардаст ҷоду.

Афтад ба Уммон,
Хушк ояд аз он.

Ё дар дами нор
Афтад ба такрор,

Насӯзад асло,
Бархезад аз ҷо».

Бишнида инро
Як пири доно,

Бо заҳрханде
Монанди панде.

Гуфт ошкоро
Бе ҳеҷ парво:

--Ӯ ҳеҷ кас нест,
Соҳибнафас нест.

Ҷоду куҷояст,
Худ ӯ куҷояст.

Гарчи «азиз» аст,
Як «ботамиз» аст,

Бурдаш дигар ҷост,
Бар ҳар кӣ фаҳмост.

Ҳоҷат ба гап нест,
Ҷуз ин сабаб нест.

Хушк ояд аз об,
Чун нури маҳтоб.

Насӯзадаш нор,
Ӯст арчи бадкор...

Охир аён аст,
Пулаш калон аст.

## НЕСТ БАЙНИ МО ҶУДОӢ

Бозсозӣ ҳаст қодир
Раҳнамои хуб ҳозир,
Азми ӯ покиза бошад
Ҳамчуноне азми шоир.

Н-омада буд ошноям
Дар хаёлу муддаоям.
Карда будӣ солҳо ӯ
Бар висолаш раҳпоям.

Омаду бӯсидам ӯро
Чун гули уммеди фардо.
Кардам оғӯшаш
ба ҷонам,
Бо ӯ гаштам зуд якҷо.

Ҳамсафар бо ӯстам ман,
Бо ӯ пурнирӯстам ман.

Ӯст манро ёри ҷонӣ,
Сахт бо ӯ дӯстам ман.

Нест байни мо ҷудоӣ,
Реша дорад ошноӣ,
Дар замин ё дар самоем,
Ҳаст моро ҳамвафоӣ.

Фикри вайрон нест моро,
Ҳарфи пинҳон нест моро.
Мақсади мо то шавад ҳал,
Кори осон нест моро.

Дур доим аз ҳаросем,
Неку бадро мешиносем.
Ҳар куҷо ки пой монем,
Дар талошу пурсупосем.

Дар ду маҷлис дӯш будем,
Ҳардумон хомӯш будем.
Ӯю манро кас намедид,
Гӯиё рӯпӯш будем.

Мақсади мо буд маълум,
Ки чи мегӯянд мардум.
Роҳи нав карданд пайдо,
Ё ки гардиданд раҳгум.

Маҷлисе пургирумон шуд,
Балки ҷанҷоли калон шуд.

Пирамарде аз ҳама пеш
Дар сухан чун дар фиғон шуд.

Гуфт аз болои минбар:
«Ин раиси мост бесар.
Деҳқон моему ӯяст
Аз дигар кас маслиҳатгар.

Ҷониби саҳро кам ояд,
Гар биёяд, беғам ояд.
Пахта дорад заҳр гуфта,
То раҳи Пушти Хам ояд.

Дур бошад ин раҳ аз мо,
Пахта поён, ӯст боло.
Аз баландиҳо раисмон
Мекунад бар мо тамошо.

Бо чунин рафтору минвол
Аз куҷо медонад аҳвол.
Аз куҷо донад, ки пахта
Дар амал ё ҳаст помол.

Кӯракаш нопухта монда,
Дона бар худ нав давонда,
К-аз ҳаво пошанд дору,
Деҳқонро дур ронда.

Айби кист? Инро бифаҳмон,
Ҳаст оё айби район?

Ё гуноҳи агроном аст,
Ки надонад қадри деҳқон.

Гардад ӯ доим ба мошин,
Хушк карда рӯди бензин.
Дар кучо гардад, надонем,
Байни пахта ҳаст камчин».

З-ин раис шуд банди ҳайрат,
Аз бараш бигрехт ғайрат.
Гашт мисли лаблабу сурх
Аз изову аз хиҷолат.

Зиндагӣ аз ҳар кӣ доност,
Аз ҳама асрор ҷӯёст.
Дар нигоҳаш мисли хуршед,
Ҳарчи нопайдост, пайдост.

Чанд соле пеши ин мард
Дар дилаш ҷуръат намекард,
То даме бинад раисро,
Ки рухаш сурх аст ё зард.

То қабулгаҳ рафта бисёр
Бо умеде аз пайи кор.
Лек бармегашт навмед
Ҳар сафар з-он ҷой ночор.

Гардишаш монанди бод аст,
Лек гӯед ӯ чӣ додаст?

Ҳаст равшан, ки ба ҳар маҳ
Муздаш аз сесад зиёд аст.

Ман, ки умре обронам,
Пахтаро гӯё ки ҷонам.
Нест муздаш аз ғамаш беш,
Тар кунам бар об нонам.

Банд будаст ӯй гӯё,
Ки намекардаст дар во.
Боз мегуфтаст мардум:
«Ин раиси мост тилло».

Ҳоли ҳозир бин чӣ гапҳост,
Безабон ҳам балки гӯёст.
Гӯши кар ҳам бишнавад хуб,
Нобино ҳам гӯй биност.

Гапзанӣ аст ошкоро,
Аз дили софу таманно.
Бар раис аст арчи нофор,
Ҳеҷ касро нест парво.

Халқ акнун дар набард аст,
Дар набард аст он, ки мард аст.
Пур пушаймон асту дар ғам,
Ҳар кӣ кори фанд кардаст.

Ростгӯӣ авҷ дорад,
Мисли дарё мавҷ дорад.
Мавҷи тӯфонпеша аст ин,

Ки хамӯшияш нафорад.

Сӯҳбати дилҷӯй бигзашт,
Гуфтугӯ некӯй бигзашт.
Табъи мо болида гардид,
З-он, ки пеши рӯй бигзашт.

Ҳар ду ҳоло сайр дорем,
Гаҳ пиёда, гаҳ саворем.
Ҳар куҷо, ки мекашад дил,
Пой бар некӣ гузорем.

Лек гардад дил хиҷил гоҳ
З-он, ки фитна ҳаст ҳоло.
З-он, ки дорад гушначашме
Фитнаҳое дар сари роҳ.

Инак андар ресторан мо
Фитнае кардем иншо.
Бо мудираш Тоқахоҷа
Гап зада аз боби савдо.

Гашт равшан пеши дида
Одати гапнорасида.
Кори берун з-ақли одам,
«Ҳиммати» Ҳотамнадида.

Гӯшт дар ин ҷост «арзон»,
Гар шавад аз садр фармон,
Дода даҳ сӯму бигирӣ
Устухони гӯшт, медон.

Сихи шашлик аст як сӯм,
(Вой бар аҳволи мардум).
Каҳ харида Тоқахоҷа,
Мефурӯшад нархи гандум.

Қиссае, ки аз шароб аст,
Қисса нею як китоб аст.
Балки шоҳи майпарастон
Аз шароб ин ҷо қимоб аст.

Шишааш аз бист беш аст,
Гоҳ балки нархи меш аст.
Майкашакро ғам набошад,
Баски судаш пеш-пеш аст.

Дар ҷавоби «Ин чӣ савдост,
Ин чӣ нарху ин чӣ пайдост?»
Ресторан шахсист гӯянд,
Мекушояд он ки дорост.

Тоқахоҷа ҳаст доро
Гӯӣ аз анвои дунё.
Аз ҳамин рӯ бо дили пур
Ресторан кардаст барпо.

Ӯ, ки ин минвол бояст,
Подааш пас дар куҷояст?
Ку заводи майкашияш?
Ё ки ризқаш аз самояст?

Содалавҳӣ беш аз ин нест,
Гумраҳӣ балки чунин нест.
Кӯр бинад чоҳи пешаш,
Дидаи мо чоҳбин нест.

Хайрухуш кардем ҷовид,
Хонда ин як байти уммед:
«Сел рӯбад хору хасро,
Шаб кунад нобуд хуршед».

Дар дуконе дам гирифтем,
Дам зи дарду ғам гирифтем.
Ваҳ, ғаме ин ҷо бидидем,
Ғам аз ин ҷо кам гирифтем.

Мардаке мекард савдо,
Хок бо картошка якҷо.
Аз тарозу боз мезад,
Гӯрсӯзон як ду кило.

Дар кашокаш бо ӯ мондем,
Панҷа бар чашмаш халондем.
Аз гиребонаш кашида,
Зуд бар ҷояш шинондем.

Ин чӣ мурдорист гуфтем,
Мардумозорист гуфтем.
Ҳаққи касро хӯрдани кас
Гандакирдорист гуфтем.

Гуфт ин савдо мудом аст,

Дар дуконҳо бардавом аст.
Хок бо картошка ҳамроҳ
«Ҳиммати» агропром аст.

Дар шигифт афтода мондем,
Лаб дигар накшода мондем.
Хайрухуш ногуфта рафтем,
Пеши роҳи пода мондем.

Чанги кӯча хест ин дам
Аз қафои пода кам-кам.
Рехт бороне баногаҳ,
Чанги раҳро дод барҳам.

Гардиши мо нотамом аст,
Дар миёни хосу ом аст.
Нестем аз зиндагӣ дур,
Зиндагӣ баски киром аст.

Дастибардастем ҳар ду,
З-ин гирифта беш нерӯ.
Пас намегардем асло
Аз раҳи мақсуди некӯ.

Аз вафо умре нишот аст,
Гул ба рухсори ҳаёт аст.
Нардбони аҳди мардӣ
Аз замин то коинот аст.

Ресторан дидему дӯкон,
Нархҳо бе сабти фармон.

Шодмон гаштем гоҳе,
Гоҳ пурғам,
гоҳ ҳайрон.

Маслиҳат додем бисёр,
Аз хусуси кору кирдор,
Фарқ дорад,
во дареғо,
Кор то ҳоло зи гуфтор.

## Ӯ КӢ МЕБОШАД

«Бозсозӣ» гуфта ӯ овоз боло кард аҷаб,
Лофҳо андар забон дар дил таманно кард аҷаб.

Ҳар кӣ бояд хештанро созад аввал хубтар,
Бо мисол исбот пеш оварда даъво, кард аҷаб.

Дар ҳақиқат дод аз худ «бозсозие» нишон,
Роҳу рафтори навин якбора пайдо кард аҷаб.

Бо «Жигули» гаштанашро айб донисту хато,
Беш аз нархаш варо дарҳол савдо кард аҷаб.

«Волга»-и нав табъи дил овард аз шаҳри дигар,
Магнитофони японие дар он ҷо кард аҷаб.

Тоза кард аз лентаҳо овози Барнову Зафар,
Ҷояшон созу гапи худбоф иншо кард аҷаб.

То даҳонаш низ тобад дар назар навсохта,
Нуқрадандон буд, дандонҳош тилло кард аҷаб.

Хонаашро бар иҷора дод бар даҳ бемакон,
Хонаи нав дар баландиҷой бино кард аҷаб.

Дода оро хуб бо анҷоми нав ин ҷои нав,
Кӯҳнаҳояш бар зани пинҳонӣ савғо кард аҷаб...

Ӯ ки мебошад, саропо нағз медонад қалам,
Ин қалам ҳам хешро аз фаҳм доро кард аҷаб.

## ҲОФИЗИ ШИНОС

Дер бошад ҳофизе бар ман шинос,
Ҳофизи бо хулқу хӯяш беқиёс.

Тар намесозад лабашро бар шароб,
Нос мечокад ба бедорию хоб.

Ҳофизе, ки медавад бар тӯйҳо,
Шод мегардад зи ҳоюҳуйҳо.

Хешро бисёр бинмояд сифот,
Шӯҳра дорад гӯиё то коинот.

Бо сурудаш дил ба дил ошиқ кунад,
Дар муҳаббат ҳар дуро содиқ кунад.

Гар суруди ӯ набошад, тӯй нест,
Духтаре дар орзуи шӯй нест.

Сар ба як бистар намемонад ду кас,
Меравад умри ҷавонӣ бар абас.

Бе суруди ӯ наояд кас ба тӯй,
Тӯйдоронро бирезад обрӯй.

Гӯсфанду гав наорад ҳеҷ кас,
Гар биёрад, бозгардонад ба пас.

Сартарошон инчунин вайрон шавад,
Мардум аз вайронияш ҳайрон шавад.

Миш-мишу овоза хезад дар миён,
Ки надорад сар магар шоҳи ҷавон.

Бо сурудаш бар сари ҳар мӯи сар
Пул бирезад, балки з-ин ҳам бештар.

Марду зан аз кайфи тӯй ояд ба рақс,
Сангу чӯбу оби ҷӯй ояд ба рақс.

Фахри хешу ақрабо гардад зиёд,
Рағбати бегонаҳо гардад зиёд.

Меҳр бар домод з-ин афзун шавад,
Рӯи ёраш дар бараш гулгун шавад.

Файз борад пушти ҳам аз бому дар,
Хоки ин даргоҳ гардад симу зар.

Тӯй бисёр асту бар вай навбат аст,
Ҳар ки дарёбад варо, бодавлат аст.

Гарчи аъло базм бинмояд мудом,
Ҳаққи базмашро бигирад нотамом.

Тангае боло нагирад аз ҳазор,
Пешакӣ бар ин кунад қавлу қарор.

Ҷанг бошад балки дар болои вай,
Пеш аз як маҳ пазад савдои вай...

Худ муайян менамояд вақти тӯй,
Баски мебошад ҳисобӣ вақти ӯй.

Бо ҳамин минвол умре кайф кард,
Пули мардумро ба шаф-шаф ҳайф кард.

Лек ҳоло чӣ? Дигар шуд кори ӯ,
Санги ӯ, савдои ӯ, бозори ӯ.

Ҳеҷ кас ӯро намесозад суроғ,
Тӯйҳоро гӯиё ӯяст доғ.

Базми ӯ, гӯянд, як вақ-вақ бувад,
Ваъз гуфтанҳои ӯ лақ-лақ бувад.

Гургосо лек бинад дур ӯ,
Гурбаосо бӯй гирад, ӯй бӯ.

Дар куҷо тӯй аст, меёбад хабар,
Бехабар он ҷой гардад раҳсипар.

Сими микрофони худро ҷо кунад,
«Як-ду» гӯён гоҳ-гоҳ ово кунад.

Бошад ин эълони ӯ бар кеҳу меҳ,
Ки худаш ҳофиз бувад, з-ӯ нест беҳ.

Пеша карда беҳаёӣ пушти ҳам,
Сар намояд базми худ бе ҳеҷ ғам.

Гӯши мардумро фиғонаш кар кунад,
Ҷо ба ҷо беҷой мағзи сар кунад.

Тӯйдор афтад ба пешаш дар суҷуд,
Бас кунад то нағмаву базму суруд.

Чунки расво гаштааст овози ӯ,
Тӯй расво мешавад аз сози ӯ.

--Бозсозӣ,--гӯяд ӯ,--дорад давом,
Бозсозиро парастад хосу ом.

Ман ғариқи бозсозӣ гаштаам,
Як рафиқи дилнавозе гаштаам.

Кори ман бояд набошад беривоҷ,
Доимо бар дарди худ ёбам илоҷ.

Хоҳишат бошад, ки базмам хап шавад,
То саҳар осуда гӯши шаб шавад,

Ёд овар он ҳама қавлу қарор,
Ки набудӣ тангае беш аз ҳазор.

То набахшоӣ, намегардам хамӯш,
Деги шавқамро намемонам зи ҷӯш.

«Саг агар ак-ак намояд пеши роҳ,
Деҳ ба сӯяш устухонеро ҳаво»,--

Гуфта инро тӯйдор аз ҷони талх,
Дод бар гӯши занаш фармони талх.

То ҳазор оранду хап доранд ӯй,
То саҳар вайрон нагардад то ки тӯй.

Ҳофизе, ки дерҳо бошад шинос,
Бар мани бар хори раҳ гардида дос.

Дар нуфуз акнун дигаргун гаштааст,
Гӯӣ рангаш ранги маймун гаштааст.

Пештар дар базм гӯё буд зӯр,
Буд созаш гӯиё бар ҷон ҳузур.

Кам намедонанд ӯро аз ҳазор,
Ҳозир аз пешаш кунад мардум фирор.

Пул ба ӯ бидҳанд, то ки хап шавад,
Хурраму дилҷӯй то ки шаб шавад.

Такя ӯ бар бозсозӣ мекунад,
Бо хамӯшӣ дилнавозӣ мекунад.

**СОҲИБИХТИЁР**

Чунон сардор, бингар, беқарор аст,
Ки гӯӣ модагови буққафор аст.
Хаёлаш чун гули каҳ пош хӯрда,
Ба қавле, дар ғаму сӯзи Ҳисор аст.

Гаҳе дар салқинӣ хоҳад нишастан,
Нахоҳад гоҳ аз гармӣ гусастан.
Гаҳе бинӣ зи ҳар ду мегурезад,
Намедонад зимистон ё баҳор аст.

Таги лаб карда бо худ беш ғур-ғур,
Бигардад даври мизи хеш фур-фур.
Ҳама рафтаст сӯи хона аз кор,
Вале ӯ то ба шаб дар ҷои кор аст.

Аҷаб не, нақшаи нав мекашад ӯ,
Аз ин ҷо то ба Маскав мекашад ӯ.
Бимонад то ба мансаб боз умре,
Равонаш рӯи каф баҳри нисор аст.

Нигаҳ дорад гар устун боми хона,
Кунад дар хона досак ошёна,
Ба мансабдор мансаб поя бошад,
Барояш мизи он қасру манор аст.

Замон аммо дигар гаштаст, дигар,
Надорад кас ба ҳар сардор бовар.

Дили одам гаҳе сӯзад ба онҳо,
Ки сардор ин чу сайде бар шикор аст.

Агар бикшода гардад ҳавзи пуроб,
Ба роҳаш нест садде, к-оварад тоб.
Даҳони мардум охир мисли ҳавзест,
Ки ҳӯй хӯрда ба маҷро раҳсипор аст.

Сари роҳаш бубастан кори мушкил,
Намемонад, ки монад кас ба соҳил.
Чу гардад халқ, гӯй аз ту худо гашт,
Ки пеши вай ҳама беиқтидор аст.

Ба покӣ чашмаи ганҷе бувад халқ,
Тарозуи гунаҳсанҷӣ бувад халқ.
Биёбад мӯй аз байни хамир ӯ.
Ягона заррабини тозакор аст.

Нахоҳад шӯхии беҷоя кардан,
Намонад токи худ бепоя кардан.
Ба заҳмат олами бахт офарида,
Худаш бар зиндагӣ офардгор аст.

Ғариб афтода сардор аст пешаш,
Дурӯғ азбаски такрор аст пешаш.
Ду гӯшаш сиху сарро хам намуда,
Аз афташ, садр шафқат интизор аст.

Валекин халқ донад кори худро,
Бадию хубии сардори худро.

Чалад ҳукмаш ба даври бозсозӣ,
Чӣ хоҳад ӯй, соҳибихтиёр аст.

## ДӮСТДОРИ МАНСАБ

Дӯст медорӣ ту гар касби падар,
Мепарастӣ ё ки дасти пурҳунар,
То сари ҳар панҷа бахшӣ симу зар,
Ё бихоҳӣ шуғли аз ин хубтар,
Ман валекин дӯстдори мансабам.

Чормехи мизи он бошам мудом,
Шармро нобуд бинмудам тамом,
Фарқ дорам бо ҳамин аз хосу ом,
Муддаоям ҷо наёбад дар калом,
Бо чӣ оин дӯстдори мансабам.

Бар дилам боло нишастан ҷолиб аст,
Ҳар кӣ дар боло нишинад, ғолиб аст,
Амри ман бар сояҳо ҳам воҷиб аст,
То ки ҷон дорам, маро ин толиб аст,
Бас зи дерин дӯстдори мансабам.

Раф ба раф дар пеши рӯ дорам китоб,
Бар саводу фазлам ин бошад ниқоб,
Нест дар хотир маро илми савоб,
Лек бар ҷанҷолиён ёбам ҷавоб,
Шоду ғамгин дӯстдори мансабам.

Дар карахтиҳо набудам ман карахт,
Чӯчу пӯчамро чашондам шаҳди бахт,
Ҳамчунон шаҳзода додам мулку тахт,

Беамал будан бувад бас рӯзи сахт,
Дида ман ин, дӯстдори мансабам.

То амал гирам, амал кардам ба ҷон,
Тор риштам чун миёнрав дар миён,
Аз барояш хор кардам  ман забон,
Безабон мондам миёни тоҷикон,
Дил пур аз кин, дӯстдори мансабам.

Бозсозӣ ҳоли ман кардаст танг,
Ҳаст бо ман суратам ҳам доғи ҷанг,
Хайрият, ки нест дар ман ору нанг,
В-арна мемурдам ба як фарёди занг,
Сар ба болин, дӯстдори мансабам.

**ОХИРИН МАҶЛИСИ БЕИМЗОНАВИСОН**

Дар пушти дар баногоҳ
Як-як шуданд пайдо
Чун мушакони раҳгум,
Аз гӯш то сари дум
Тар гашта зери борон.

Сардорамон Шарирӣ,
Бо сулфаҳои умрӣ
Аз хона дод овоз:
«Эй тӯдаи даҳанвоз,
Оед рӯи долон.

Чӣ гап шудаст имшаб,
Ки омадед хап-хап,
Ларзону беқароред,

Беҳолу бемадоред,
Канӣ, Табена фаҳмон?»

--Гап ин, ки монда ғофил,
Кардем фикри ботил:
Мактуби нонавишта
Кӣ мекунад саришта,
Указ чу гашт эълон?

Дар ними роҳ мондем,
Ҳам рӯсиёҳ мондем,
Бар мо раҳи дигар нест,
Рӯзе аз ин батар нест,
Гардидаем ҳайрон.

Лаб во намуд Шаккок:
--На пояем,
не ток.
З-ин пас ба мост фонӣ
Ҳар рӯзи зиндагонӣ,
Ҳар як шавем сарсон.

Сарсони кӯчаву дар,
Бар ҳоли зору абтар.
Чун ҳоли мо шавад бад,
Аз мо касе натарсад,
Худ мешавем тарсон...

Ҳамроҳ шуд ба гап Риш,
Ҳар тори мӯ ба ташвиш:
--Ришам сафед гардид,

Дил ноумед гардид
Аз тартиботи даврон.

Кардем «ҳақпарастӣ»
Дар гирудори ҳастӣ,
Кӯи ба кӯй гаштем,
Беобрӯй гаштем,
Коҳонда рӯзу  шаб ҷон.

Чӣ мешавад аз ин пас,
Аҳволи ину он кас,
Чун мо наменависем,
«Ҳақро» наменависем,
Аз кору бори «вайрон?»

Зад сулфае Шарирӣ,
Кард аз «хирад» вазирӣ:
--Чӣ мешавед навмед?
Бебоку шод бошед,
Бар ҳар яки ту фармон!

Дам ногирифта, бисёр
Кардед солу маҳ кор.
Дар «ларза» шаҳру деҳ шуд,
Кори зиёд «беҳ» шуд
Аз «заҳмати» шумоён.

Ин «хизмати шарарбор»
Намеравад ба зинҳор
Аз ёди мардуми мо,
То он ки ҳаст дунё,

Чун кори қаҳрамонон.

Бар ҳар кадомат акнун
Аз меҳри гарму афзун
Гӯям ба бонги раҳмат
Як сол истироҳат,
Дорем бар ин имкон.

Осуда дам бигиред,
Факту рақам бигиред.
Аз хубу ганда ҳар рӯз,
Бе ҳеҷ оҳу афсӯс,
То ҳадди кор пинҳон.

Кӣ метавон бигӯяд,
Чун роздон бигӯяд
Фардо чӣ пеш ояд,
Чӣ роз дар кушояд,
Дунёст чархи гардон.

Соли дигар ҳамин ҳин
Гардем ҷамъ мумкин,
Ҳар кас намояд изҳор
Ғун гашта бар сар афкор,
Ин давлатест шоён.

Бар як қарор оем,
Аз рӯи ор оем.
Гарчи ба мо қирон аст,
Уммеди мо калон аст,
Навмед ҳаст шайтон.

1987 с.

## К А С И Ф

Воаҷаб, ки ту чу ҳақ бар сари минбар шудаӣ,
Соҳиби панду адаб аз рухи дафтар шудаӣ,
Гӯиё воизи ҳаррӯза муқаррар шудаӣ,
Ки бувад дар ҳама ҷо гӯши гурезон зи барат.

Ҳаваси рӯи туро ҷо ба дилаш кас накунад,
Ҳар кӣ донад ниятат, нафрати ту бас накунад,
Баҳс бо кунда дар оташ ғарами хас накунад,
Дур шав аз сари минбар, ки набинам дигарат.

Нестӣ он ту,
ки будӣ ба фиреб устоде,
Мансабе доштию кардӣ ба он бедодӣ.
Оқибат дар қапи қапқони ғазаб уфтодӣ,
Паҳн шуд бар ҳама ҷо зилзилаосо хабарат.

Дили ифлоси туро дар бикушуданд, бидон,
Аз сафи ҳизб туро пеш намуданд, бидон.
Зи пасат «марсия» бисёр суруданд, бидон,
Пайи ту канда шуд аз даргаҳи аҳли гузарат.

Ҳоли ҳозир зи кучо боз сар афрохтаӣ?
Хештанро ҳаками тозасухан сохтаӣ?
Рӯбаҳи макрию худ покиза пардохтаӣ,
Бин, ки доғ аст бари курта ҳанӯз аз асарат.

Покҳоро гунаҳе бор беандоза кунӣ,
Ҳар кучо пеш биёяд ба ту, овоза кунӣ,
Шиква аз ҷома наю балки зи шероза кунӣ,
Ин замон ақли ту гӯё ки нағунҷад ба сарат.

Бозсозӣ ба ту гӯё ҳама рухсат додаст,
Рухсати бар дигарон таънаву ғайбат додаст,
Ҳар чӣ ояд зи даҳони ту, кафолат додаст,
Кас натонад, ки бубандад даҳани пардадарат.

Балки аз ғайбати давлат накунӣ андеша,
Ба раҳу рӯву ба хилват накунӣ андеша.
Ҳамчу як зоти касофат накунӣ андеша,
Тоқа будиву чӣ хуш нест касе ҳамсафарат.

Туф ба он тоифае, ки ба ту минбар бидиҳад,
Ба ту бовар кунаду хомаву дафтар бидиҳад.
Гӯӣ бар душмани ҷон одамӣ духтар бидиҳад,
Хоб дар гӯр наяст аз амали ту падарат.

Хулқи бад бо сухани сохта ислоҳ нашавад,
Мӯе аз шона сари калшуда пайдо нашавад.
Он чӣ мурдаст,
дигар ҳеҷ гаҳ эҳё нашавад,
Ту ҳамонию натобад ҷасадат дар назарат.

апрели 1989

## КУТКУТОК[6]

Хоб дидам ман шабе: паррандаам,
Хешро аз халқ дур афкандаам.
Дар миёни бешае дорам макон,
Дар қарибиҳои ҷои Куткуток.

Мактабе дар беша барпо кардаанд,
Селаи хонанда пайдо кардаанд.

[6] Куткуток—номи парранда

Дар дабистон ман шудам омӯзгор,
Бо яке амру имои Куткуток.

Чӯҷаҳо доранд фарёду фиғон,
Дарс мегӯям ба онҳо аз забон.
Ҷув-ҷуву чав-чав намегардад хамӯш
Гӯиё ки бе нидои Куткуток.

Дар дабистон балки ӯ бошад мудир,
Бар мудирони калон гоҳо вазир.
Аз мудирию вазирӣ авҷдор
Мешавад кайфу сафои Куткуток.

Ҷӯраи бисёр дорад ғайри ин
Дар фазои шохаҳою дар замин.
Буми кӯру аккаю зоғи сиёҳ
Сахт бошанд ошнои Куткуток.

Бори аввал дидам ин ноҷинс ман,
Боз дар мизи калонии сухан.
Зери санги «ҳайф»-ам омад бар фиғон
Он ки будӣ муттакои Куткуток.

Кут-кут ӯ мезад ба нӯли хеш сахт
Беибо бар кундаи ғафси дарахт.
Кунда бошад садди сангин гӯиё
Пеши роҳи рафтуои Куткуток.

Нӯли борикаш намешуд корагар,
Чангаки пояш намешуд чорагар.
Хандаҳо кардам гаҳе ман қоҳ-қоҳ

Бар талошу муддаои Куткуток.

Шоха асту лонае дар бешазор,
Сабза асту донае дар бешазор,
Ин ҳама гӯё табиат додааст
Аз атои худ барои Куткуток.

Рафта-рафта сумка дар бар омад ӯ,
Бо салобатҳои раҳбар омад ӯ.
Беша гӯё чун қаламрав гашта буд
Сарбасар дар зери пои Куткуток.

Мӯҳрро дар кисааш ҷо карда буд,
Шӯҳраташ бо ин дуболо карда буд.
Монда буд аз мӯҳри дур аз мизи кор
Аҳли мактаб дар балои Куткуток.

Гуфти ӯ, иншои ӯ пур аз ғалат,
Мӯҳрбозиҳои ӯ пур аз ғалат.
Аз тааҷҷубҳо шудам ман дарди сар,
Ки нагӯяд кас хатои Куткуток.

Аз маоши муфти давронаш, ки буд,
Пушти минқораш бимонд охир бурут.
Фитнаҳои пайса меовард пеш
Дар назар кам-кам ҷазои Куткуток.

Буми кӯри рӯз будаш дар мадад,
Аккаю зоғи сиёҳаш дар қабат.
Ваъдаҳо доданд, балки ҷони хеш
Мекунанд онҳо фидои Куткуток.

Тоқате дигар намондам аз ғазаб,
Бар чунин яхбастагӣ ҷустам сабаб.
Хостам якбора бардорам қиём
Рағми ин расвоиҳои Куткуток.

Гуфтам ӯро пар канам дар як нафас,
Бар кафи бодаш супорам мисли хас,
Беша бо он мактабу бо чӯҷаҳош
То шавад як дам раҳои Куткуток.

Тохтам бар ӯ.
                Шудам бедор ман,
Чашм бикшода чу як ҳушёр ман.
Нест дидам бешазору мактабаш,
Несттар дидам сарои Куткуток.
                xxx
Сари сардор дар афлок дидам,
Валекин чеҳрааш ғамнок дидам.

Аз афташ завҷааш ҷанҷол кардаст,
Ки ҷайби куртаашро чок дидам.

Хушомадгӯи деринро ба гирдаш
Ба сар дар гардишу чолок дидам.

Ки гӯӣ мисли море даври поя
Ба боло печ-печон ток дидам.

Магар котибааш аз гап хабар дошт,
Ки ӯро дар сухан бебок дидам.

Замин ҷунбида буд оё дар он ҷо,
Фитода рӯи фаршаш хок дидам.

Ба берун кундаи ғафсу калоне
Дарунпӯсидаву ковок дидам.

xxx

Ба ҳар кас бахт механдад муқаррар
Зи файзи меҳнату аз файзи раҳбар.

Вале иқболи мо чандон нахандид,
Ба мо монданд як сардори бесар.

Шиносонданд ӯро чун накӯкор,
Ки худ будаст умре подапарвар.

Нишони хоксорӣ будааст ин,
Шудаст аз хоксорӣ хуб аксар.

«Худо додаст, як-як шукр гӯед»,--
Ба мо гуфтанд аз болои минбар.

Чӣ мегӯед, садри чидакарда
Ба моҳе нағмаҳояш кард дигар.

Маишат хост, ишрат пеша бигрифт,
Ба худ ҳамроҳ мегардонд духтар.

Зи хотир бурда поси нони мардум,
Зиногар гашту бадроҳу ҷафогар.

Бипурсидам зи пирони барӯманд,
Дилу хосияти ӯро зи як сар.

Ҳама гуфтанд бурда даст бар риш:
«Худо гумаш кунад, аллоҳу акбар!»

Ду-се рӯз аст аз сардор пай нест,
Гапаш мондасту номаш нафратовар.

Кунун гӯянд хас кам шуд, ҷаҳон пок,
Бимонад пок дигар то ба маҳшар.

ххх

То ҳанӯз аз доғи пешин ҳаст рӯи корҳо,
Тоза кардан нест осон гулситон аз хорҳо.

Пеша бинмудаст мардум покии идроку хӯ,
Тоқа-тоқа лек бошад даллаву маккорҳо.

Минбарӣ гардидаанд эшон зи нав бар фитнае,
Хулқи бад некӯ насозад нағмаи гуфторҳо.

Дар шигифт афтодаам ман аз забондонии хеш,
Баҳс гирди он кунанд ағёр бас бисёрҳо.

Моли худро оварад ҳар бор деҳқон бар фурӯш,
Дигарон монанд нархи он сари бозорҳо.

Нестам озурдадил ҳарчанд ман аз ҳеҷ зот,
Мекашам  озурдасозонро дами пайкорҳо.

Субҳи бедорист, гардад лашкари ғафлат фано,
Нест созад рамма ҳангоми чарояш морҳо.

xxx

Рӯз, ки аз дарди мо гап-гап нашуд,
Хоб дар чашмони мо имшаб нашуд.

Ҳасрати мо дар дили мо мемурад,
Он чӣ мо хондем дар мактаб, нашуд.

Кохи фаҳму фазли моро костанд,
Хишти мо дигар ба як қолаб нашуд.

Борҳо дар сар задан шуд ҳавзи сабр,
Лек кам шуд обу ин матлаб нашуд.

Хостем аз ғам шаробе даркашем,
Бешаробӣ омаду тар лаб нашуд.

Корвони орзу дар роҳ монд,
Аз таги по дар фирор ақраб нашуд.

Ҷон ба лаб дармондае гаштем мо,
Сард як дам дар тани мо таб нашуд.

Маркаб андар хоб давлат гуфтаанд,
Раҳгузар дар хоби мо маркаб нашуд.

Бо вуҷуди ин зи по н-афтодаем,
Беҷило дар чашми мо кавкаб нашуд.

Меҳр ҳам вақти саҳар бикшод рӯ,
Тор ҳаргиз баҳри мо мазҳаб нашуд.

## НЕШИ ХОР

### ЯК-ДУ ГАП

Бо ту дорам, шеъри ҳаҷвӣ, як-ду гап,
Гӯш бинмо як дам аз рӯи адаб.
Чун ба азмат даст мебурдам ба кор,
Шом мешуд субҳу субҳам шоми тор.
Пеши рӯям ноаён мешуд аён,
Гаҳ аён аз дидаҳо мешуд ниҳон.
Гоҳ ханда, гоҳ меомад ғазаб,
Захма мезад ин ба ҳар тори асаб.
Рафтуое хома чун испор дошт,
Дар замини дафтарам шудгор дошт.
Чаппа мекардам ту гӯӣ бухлу кин.
Гӯр мекардам фиреб андар замин.
Мешудам бо ришвахоре сарбасар,
Буд кирме гӯиё ӯ дар ҷигар.
Дар мазаммат, ки набудам устухон,
Байт мешуд пушти байт оби равон.
Ғоз додам хуб ҳарфи нешдор,
Бофтам гӯё ки тӯр аз симхор.
Пеши роҳи нокасон андохтам,
Ҳар кӣ зад бар тӯри ман, бишнохтам:
Далла буду зодаи фисқу фуҷур,
Зиштхоҳу фитнабозу бадшуур.
Порадеҳу порагири носипос,
Ҷӯрабозу раҳбари ҳақношинос...
Дар сари ҳар байт омад сад фишор
Бар ман аз ин зотҳои нобакор.

Рехт борони маломат бар сарам,
Гиряҳо карданд килку дафтарам.
Оҳ, азобе дидаам аз пушти ту,
Бар сари ман зад нахустин мушти ту.
Рост монданду бигуфтанд аз ғазаб:
«Шоири бекораи шӯҳратталаб!
Ту чӣ донӣ қадри обу хоки мо,
Қадри давру рӯзгори поки мо.
Хомаатро хондаӣ шамшери худ,
Шиква дорӣ дар паси ҳар шеъри худ.
Ҷамъият гӯё бад асту хуб ту.
Мо ҳама хору хасу ҷорӯб ту,
Гуфтаӣ сардори беғам! Кист ӯ?
Гуфтаӣ наҳси шикамдам! Кист ӯ?
Гир ту аз бехи гӯш ин пилтаро,
Беҳтараш, ки тез рав аз шаҳри мо...»
Оҳ, азобе дидаам аз пушти ту,
Бар сари ман зад нахустин мушти ту!
Чун ба дасти хеш мегирам қалам,
Аз тараб ё аз тақозои алам,
Шеъри ҳаҷвӣ гуфтанам ояд ба ёд,
Аз ғамаш нохуфтанам ояд ба ёд.

**АГАР ИН КОР МЕШУД ИНТИХОБӢ**

Гумон бурдӣ ҳасуд аст ӯ ба корат,
Ба мансабдории нопойдорат.
Ба он ташкилкарда эътиборат,
Шудӣ дар изтиробу чоракобӣ.

Зи пушташ беш бинвиштӣ шикоят,
Бихондӣ душман ӯро дар ривоят.

Мисол оварда бар ин сад ҳикоят,
Рақам мондӣ қатори ҳам ҳисобӣ.

Вале имзо намондӣ ҳеҷ гаҳ ту,
Ба фардо гӯиё дорӣ нигаҳ ту,
Намуда бештар рӯят сияҳ ту,
Бигуфтӣ, ки ба кор орад харобӣ...

Фано шуд даври беимзонависӣ,
Дурӯғангезию беҷонависӣ.
Зи поён то ба болоҳонависӣ,
Чу мори гушна з-ин дар печутобӣ.

Даҳонӣ захр акнун мечаконӣ
Ба пеши он, ки бошад дар калонӣ,
Чӣ расвоӣ бувад дар зиндагонӣ,
Ки бадкорӣ кунӣ ҷои савобе.

Хаёлам, буданат хат мекашиданд,
Туро бар сӯи реҳлат мекашиданд,
Ба гӯрат лавҳи нафрат мекашиданд,
Агар ин кор мешуд интихобӣ.

**ЧӢ ҶОИ АЙБУ БАҲСУ**
**ШУБҲАВУ ФИКР**

Чӣ ҷои айб, агар заргӯш тарсуст,
Садое бишнавад, гардад гурезон.
Чӣ ҷои баҳс, агар ки гург дайдуст,
Кунад бар моли мардум тез дандон.

Чӣ ҷои шубҳа, гар рӯбаҳ фиребост,
Зи макраш шер ҳам гумраҳ шавад гоҳ.
Агарчи шоҳи ҳайвонҳои дунёст,
Амалҳо гаҳ кунад бо гуфти рӯбоҳ.

Чӣ ҷои фикр, агар захр аст дар мор,
Ба заҳраш маргро орад ба фармон.
Ба қасди бад шавад гоҳе падидор
Сари раҳ дар бари кӯҳу биёбон...

Набошад ҳоҷати тафсиру таҳқиқ.
Ҳама аз ибтидои худ чунинанд.
Мувофиқанд, ё як-як мунофиқ,
Ҳама аз зодагони ин заминанд.

Ту ҳам худ зодае аз ин заминӣ,
Агарчи чорпо нею дупоӣ.
Чӣ соне гург бошад, ҳамчунинӣ
Ба хулқу кирдукори ризқпоӣ.

Ба ҳар ҷое туӣ, рӯбоҳ хор аст,
Думаш боре ликондан ҳам натонад.
Ба рӯи роҳҳо шабзиндадор аст,
Ки рӯзӣ ёбаду дар ғам намонад.

Ба як макрат шавад сардор раҳгум,
Ба роҳи кач саманди қаҳр ронад.
Кунад бечораеро сахт маҳкум,
Каси баддидаат аз шаҳр ронад.

Ба дандон мисли море захр дорӣ,
Газӣ аз кин касеро ними роҳе.
Бувад дар тинатат ки зишткорӣ,
Ба чашмат бад намояд хайрхоҳӣ.

Вале тарсу наӣ монанди заргӯш,
Натарсӣ балки аз тиру камон ҳам,
Куҷое ояд овози ту бар гӯш,
Гурезад, пир бошад  ё ҷавон ҳам.

Табиат гӯ, туро охир ба дунё
Магар ки бо чунин кирдорҳо зод?
Агар ин хел бошад, бар ту, бадхоҳ
Чаро аз рӯзи тавлидат ду по дод?

**САНҶИШ**

Аз шаҳри ободу калон
Гаштам рафиқе меҳмон.

Бархонд худро журналист,
Як хомадори асри бист.

Ҳар он чи ки дил хостам,
Хоне барош оростам.

Гапро зи худ нагзошт ӯ,
То рӯз сӯҳбат дошт ӯ.

Аз одаму одамгарӣ,
Аз сархамию сарварӣ.

Хоби маро аз сар рабуд,
Байти ман аз дафтар рабуд.

Ду даст будам пеши бар
Дар хизматаш то бар саҳар.

Меҳмон зи бас дар ҷои мо
Дорад ба худ ҳукми худо.

Ранҷад агар,
расво шавӣ,
Шармандаи дунё шавӣ.

Вақти гуселаш даррасид,
Манро ба оғӯшаш кашид.

Гуфто ба шаҳр ой агар,
Меҳмони мо шав як сафар.

Н-ой агар, гардам малол,
Дигар ту худ аз худ бинол.

Азми сафар баъди ду моҳ
Бар шаҳр пеш омад маро.

Рафтам ба ҷои кори ӯ,
Бар дидани дидори ӯ.

Чун дид, мисли гул шукуфт,
Бар ҳамқаламҳояш бигуфт:

Ин дӯсти ҷони ман аст,
Шодам, ки меҳмони ман аст.

Дар хонааш шаб то ба рӯз
Бо хандаву бо созу сӯз

Парвона шуд гирди сарам,
Ҳам шамъи нуринофарам.

Як гӯсфандам кушт ӯй,
Бо май намудам шустушӯй.

Сад навъи нуқл овард пеш,
Балки аз ин ҳам буд беш.

Ин гуна иззат дар Ватан
Дидам нахустин бор ман.

Имшаб кунам меҳмон варо,
Ҷонам кунам қурбон варо.

«Не-не, ба ин ҳоҷат наяст,
Моро чунин одат наяст:

Бидҳем бар кас ҷою баъд
Созем аз пушташ лагад...»

Ҳайрон шуд ӯ аз ин сухан,
Накшуд лаб дигар ба ман.

Берун шудам бо ин зи дар,
Рафтам пайи кори дигар.

Баъди маҳе аз нав ба кор
Бар шаҳр афтодам гузор.

Рафтам ба ҷои кори ӯ,
Бар дидани дидори ӯ.

Чун дид, мисли гул шукуфт,
Ҳарфе аз он гапҳо нагуфт.

Андар сифотам монд боз,
Ҳамчун ба як меҳмоннавоз.

Даъват ба меҳмонӣ намуд,
Бо рӯи хандоне намуд.

Бо ҳазл гуфтам мухтасар,
Даъват макун манро дигар.

Гар ман шавам меҳмони ту,
Меҳмони дастархони ту.

Кӯлоб агар аз нав равӣ,
Бешак ту меҳмон мешавӣ.

--Не, не,--бигуфт андар ҷавоб
Он содаи олиҷаноб:--

Меҳмон нахоҳам шуд дигар,
«Не, не» магӯ ту ин қадар.

Бар ин кафолат медиҳам,
Хоҳӣ, забонхат медиҳам.

Хандидаму  гаштам бадар,
Рафтам пайи кори дигар.

Боз аз миён маҳ рафт чанд
Монандаи аспи даванд.

Бар пойтахти нозанин
Кардам саманди роҳ зин.

Рафтам ба ҷои кори ӯ,
Бар дидани дидори ӯ.

Чун дид, истиқбол кард,
Бо дард арзу ҳол кард:

--Пеши ту дорам илтиҷо,
Як бор шав бар ин ризо.

Не гӯӣ ар, гардам хиҷил,
Пас аз китоби ёду дил

Хат мекашам Кӯлобро,
Кӯлобии дилёбро.

Тарки сафар пеш оварам,
Нахли ҷудоӣ парварам.

Майлаш, бигуфтам, ман ризо,
Аз мо макун худро ҷудо.

Бошад ҷудоӣ пурхатар,
Орад ба кас доим зарар.

Рав хонатон, омода бош,
Бегусса бошу камталош.

Чун раҳбалад ман як нафар
Бигрифта з-ин ҷо, дертар

Бешубҳа оям, ҷӯраҷон,
Гардам ба ҷоят меҳмон.

Ӯ рафту шашто журналист,
Шаш хомадори асри бист.

Бо хеш кардам ҳамсафар,
Хуш нест гуфтам як нафар.

Бар ҷои ӯ ҳозир шудем,
Пушти дараш нозир шудем.

Фарёд кардам:--Эй Расул,
Меҳмони худ бинмо қабул.

Аммо нашуд аз ӯ дарак,
Бо зуқ-зуқ омад як занак.

Гуфто Расул вақти саҳар
Монанди ҳар рӯзи дигар.

Бар кор рафта н-омадаст,
Шояд, ки банди кор ҳаст.

Баргашт бо ин чаппасар
Бар рӯи мо пӯшид дар.

Ҳайрон шуда шаш журналист,
Шаш хомадори асри бист.

Гаштанд фавран бар қафо,
Мегуфт ин ӯяш биё.

Гуфтам: куҷо, эй ҷӯраҳо,
Ин коратон бошад хато.

Дар хонааш гар нест ӯ,
Ҳавлию ҷояш ҳаст-ку?!

Ҳар ҷо ки бошад, мебиёд,
Моро бурун н-орад зи ёд.

Ӯро нишинем интизор,
Карда тамошо тилвизор.

Донад, ки  мо наншастаем,
Аз пушти дар баргаштаем,

Дигар набинад рӯи ман,
Н-ояд дигар бар кӯи ман.

Бикшода мо дарвозаро,
Бар хонааш мондем по.

Дар рӯ ба рӯи тилвизор
Истода ӯро интизор.

Бар зери каш болишти ноз,
Кардем поҳоро дароз.

Осуда мо аз ину он,
Зеро ки шуд густурда хон.

Гуфтам:--Ана, роҳат кунед,
То бар пагаҳ сӯҳбат кунед.

Вақти саҳар бар ҷои кор
Гардед з-ин  ҷо раҳсипор...

Ногоҳ пайдо шуд Расул
Бо дидаву рӯи малул.

Бо табъи гирёну забун,
Аз хонаи танги дарун.

«Хуш омадед»-е ӯ нагуфт,
Ҳарфи умеде ӯ нагуфт.

Гуфто ба ман бар ҷои ин,
Бе кина ё ки пур зи кин:

«Лаънат ба ман, нафрат ба ту,
Нафрат ба ман, лаънат ба ту.

Ки хонаамро сӯхтӣ,
Бар дил ғаме андӯхтӣ.

Як кас куҷо, шаш кас куҷо,
Одоби ту гирад худо...»

«Парво накун, ин бигзарад,
Дилсофию кин бигзарад.

Дорад ба худ, бингар, ки шаб
Аз мо тараб,  аз ту ғазаб.

Наздик бошад субҳидам,
Не шодие монад, на ғам»--

Гуфтам ину соқӣ шудам,
Соқии қишлоқӣ шудам.

Пур карда додам ҷомҳо,
Гаштанд пухта хомҳо.

Ҳарфи қадаҳ оғоз ёфт,
Мурғи фараҳ парвоз ёфт.

Аз кайфи май бишкуфт гул
Дар ҳар ду рухсори Расул.

Аз банди ғам озод шуд,
Чун кабк дар фарёд шуд.

Медод фармон ҳар замон:
«Оред ин, оред он...»

Аз ину они ранг-ранг
Шуд рӯи хон торафт танг,

Наздик омад хестан,
Гуфтам ба соҳибхона ман:

«Дархостамро кун қабул,
Табъат нагардад гар малул,

Дар як табақ бардор ош,
Бисёртар аз гӯштҳош.

Ҷуз ин ба болои табақ,
Печонда ҷо кун як арақ.

Камтар зи себи сурх низ,
Як мушт аз мағзу мавиз.

Зеро ки андар хобгоҳ
То ҳол манро аз пагоҳ

Бошад шарикам интизор,
Ҷое нарафта бар наҳор».

--Ҷонам қатӣ,--гуфто Расул,--
Дархостат кардам қабул.

Дар як табақ овард ош,
Бисёртар аз гӯштҳош.

Лекин бигуфто ӯ хиҷил,
Ҳасраткунон аз таҳти дил:

--Набвад арақ, аз себ низ,
Гаштаст адо мағзу мавиз.

--Парво накун, пулаш биёр,
Фардо барорам ин хумор.

--Пул ҳам надорам, ростӣ,
Афтодаам дар костӣ.

--Аз ҳамқаламҳо гир қарз,
Ҳоҷатбарорӣ ҳаст фарз.

--Онҳо зи ман ҳам бадтаранд,
Аз қарздорӣ лоғаранд.

--Ғамгин машав, майлаш, Расул,
Бори дигар ёби ту пул...

Баъди адои ҳафту ҳашт,
Ки буд чун як саргузашт,

Ҳар кас ба кӯи хеш рафт,
Аз ханда дил пурреш рафт.

Бигзашт як Наврӯз боз,
Як соли пур аз сӯзу соз.

Аз шавқу завқи боздид
Бар худ Душанбе дил кашид.

Бори сафар бастам ба дӯш,
Ёди Расул дар ҷон ба ҷӯш.

Рафтам ба ҷои кори ӯ,
Бар дидани дидори ӯ.

Дид ӯ маро, аз ҷо нахест,
Парво накард асло, нахест.

Хомӯш буду саркашол,
Чун ҳайкали фарсудаҳол.

Пешаш шудам, гуфтам «Салом!»
Додам ҷавоб ӯ ин калом:

--Аз чӣ наорӣ он табақ,
Ё ки ту пеш орӣ насақ?

--Онро чӣ сон орам, Расул?
Кӣ мекунад онро қабул?

Дар мост як расми дигар,
Аз рӯи он бо даҳ нафар

Бояд ки ман орам варо,
Хушнуд биспорам варо.

Ду даст бошад пеши бар,
Одоб гардад ҷилвагар.

--Гум шав, набинам ранги ту,
Чашмони пурнайранги ту.

Безорам аз расми шумо,
Ин расм не, бошад бало.

Як умр гаштам ин сабақ,
Дар гӯр ҳам ту, ҳам табақ.

--Пас аз сари ин гирудор
Будам гапатро интизор.

Ҳар он чиям гуфтӣ, Расул,
Кардам ба ҷону дил қабул.

Инак, зи пешат меравам,
Дур аз нигоҳат мешавам.

Сӣ сол шуд, ки аз Расул,
Аз ҳақнависи навусул

Ҷое намеёбам хабар,
Баски наёмад ӯ дигар.

Дидед агар ӯро шумо,
Гӯед пайғоми маро.

Ояд, ки пазмонаш манам,
Пазмон ба сад ҷонаш манам.

Дар дида ҷояш мениҳам,
Сар пеши пояш мениҳам.

Ин дафъа ман тӯяш диҳам,
Як тӯйи дилҷӯяш диҳам.

Тарс аз дилаш дур афканам,
Якбора бар гӯр афканам.

Бар ӯ нагардам меҳмон,
То зинда бошам дар ҷаҳон.

Бар ин кафолат медиҳам,
Хоҳад, забонхат медиҳам.

июни 1989

**БУЛБУЛОН ХОНАНД**
**БОЯД ДАР ЧАМАН**

Рост гуфтан авҷ дорад дар Ватан,
Мисли мавҷи баҳрҳои ҷӯшзан,
Расм гардад ошкоро гап задан,
Тарсу биме нест байни марду зан.

Рӯ ба рӯ гӯяд писар қубҳи падар,
Кас набинад заррае дар вай ҳазар.
Гуфта шуд он чӣ, намонад беасар,
Меҳр равшан мекунад кӯҳу даман.

Дар ту аммо ҷо наёбад ростӣ,
Дида пӯшӣ аз камию костӣ.
Он чӣ, ки ту пештар мехостӣ,
Рӯйпӯшаш менамоӣ бо сухан.

Кардаӣ вайрон ту чандин хонаро,
Панд гӯӣ боз аз меҳру вафо.
Беҳаёӣ сахт дорад дар ту ҷо,
Ботинат бошад сияҳ мисли заған.

Фитна—торикии имон гуфтаанд,
Мебарояд ӯй бо ҷон гуфтаанд.
Ин суханҳоро бузургон гуфтаанд,
Айб бошад, ки ту бикшоӣ даҳан.

Аблаҳ аст он, ки ба ту бовар кунад,
Гӯш гуфтори ту аз минбар кунад.
Зоғ баски гӯиё қар-қар кунад,
Булбулон хонанд бояд дар чаман.

## ОТАШ МАГИР

*Ба баъзе сардорони шуъбаҳои алоқа*

Ассалом, эй раҳбари болонуфуз аз як-ду кас,
Деҳ иҷозат бо ту ороем чақ-чақ як нафас.
Рандагӯ бошем мо, дигар намегардем пас,
Доди мо бисёр бошад, нест моро додрас.
Хурдтар тобем бас дар чашми ту мо аз магас.

Дафъаи ҳафтод бошад рӯ ба рӯ истодаем,
Ту хаёлан дар самою мо ба хок уфтодаем,
«Пухтакориҳо» насиби туст, мо як содаем,
То ҳанӯз аз дарди талхи хеш лаб накшодаем:
Занги фарёдии ту фарёд созад чун ҷарас.

Медавад иҷрочии амри ту чун заргӯши ром,
Инҷу нози ранг-ранге карда бар ҷои салом,
Бо ишорат гап занӣ бо ӯ ба як дунё мақом,
Калла ҷунбонад ба маънои «итоат» бе калом,
Ғарқ мегардӣ аз ин ҳолат ту дар баҳри ҳавас.

Мешавем ин лаҳза мо дар пеши чашмат ноаён,
Аз тамошои ту моро лол мегардад забон,
Гӯиё ҳоҷат намемонад ба арзею баён,
Лек дил бетоқатӣ дар сина дорадончунон,
К-аз дигар овоз бибрbelieve чун кабки қафас.

Гап занем аз ҳоли ноҷӯри телефон як даҳан,
Ки кунад пайваста моро он ба ҳар ҷои Ватан,
Мо ҳама аҳли Ватан бошем агар монанди тан,

Худ телефон аст гӯё як раги набзи бадан,
З-ин раги набзи бадан морост арзе беғараз.

Он қадар кардем дар ин боб шиква пештар,
Ки гирифт овози мою гӯши мардум гашт кар.
Аз даводавҳои мо шуд муми кӯча хоки тар,
Лек бишнидем чандон ваъдаю фанде дигар,
Ки наметонад кашонад ними онҳоро КАМАЗ!

Бо дурӯғ аз хеш кардӣ доимо моро халос,
Ҷома пӯшондем гарчи мо ба ту аз илтимос,
Қадри одам пеши ту дидем паст аз қадри нос,
То ба имрӯзем мо аз фаҳму фазли ту хавос,
Дар дамат сӯзад зи бас вақти ғазаб кас мисли хас.

Доду фарёди ту гоҳо банд гардад дар гулӯ,
Гӯӣ, ҷоғар дорию монеъ шавад бар гуфтугӯ,
Рӯи саҳроҳои қаҳрат хор меёбад нумӯ,
Каждуми қассосхоҳат медавад кӯи ба кӯ,
Сабру тамкин дода аз дасту шавӣ охир алас.

Бо тамасхур борҳо аз пушти мо хандидаӣ,
Бар давоҷӯёни дарди бедаво хандидаӣ.
Бар ниёзи ошнову н-ошно хандидаӣ,
Сахт бар аҳволи корафтодаҳо хандидаӣ,
Буд тарзи хандаат чун шиҳаи сахти фарас.

Аз газету журнали ноомада хун мехӯрем,
Хун ба саҳрои ҷудоӣ мисли Маҷнун мехӯрем,
Дар ҷавоб аз чор сӯ санги фалохун мехӯрем,
«Як газета чист?»--гуфта таъна афзун мехӯрем,

Ту намак бар реш пошӣ—
хонда моро булҳавас.

Аз радио қар-қар ояд як замон танҳо ба гӯш,
Як замон чун мурдаи садсола мегардад хамӯш.
Деги завқи мо аз ин дилсардӣ мемонад зи ҷӯш,
Гуфтаӣ моро ба хилват:
«Гапкашанду гапфурӯш,
Корашон иғвою даъвою кашокаш ҳасту бас!»

Оре, оре,
аз азал бар ростӣ даъвогарем,
Ҷону танро бар гарав бинҳода,
онро мехарем,
Ростӣ хуршеди моясту аз он нурофарем,
Бо мадори ростиҳо муттакои кишварем,
Покии моро чӣ донад мелақад он ки абас.

Он чӣ гуфтем, аз алам гуфтем,
ту оташ магир,
Дардҳоро берақам гуфтем, ту оташ магир,
Бо сиёҳии қалам гуфтем, ту оташ магир,
Хотират дидему кам гуфтем,
ту оташ магир,
Оташ ар гирӣ,
ба боғ ою бинӯш он ҷо квас!

## НОМАРД КӢ, КӢ ҲАСТ МАРД?

Мардию номардӣ мудом
Монандаи субҳанду шом.

Бар дида мегарданд аён
Дар ҳар кӯҷо, дар ҳар замон.

Мардӣ чароғи равшан аст,
Бар роҳ партавафкан аст.

Бар рӯзгорон ошност,
Исёни нангу дардҳост.

Дар мушкилӣ ёбад зуҳур,
Сар медиҳад, гардад зарур.

Умре заиф номардӣ аст,
Пасту касиф номардӣ аст.

Бар хасми малъун чокар ӯст,
Бесуду душманпарвар ӯст.

Аз солҳои сахти ҷанг,
Аз рӯзҳои талху танг

Дар ёди ман сад мардӣ аст,
Сад гармию сад сардӣ аст.

Мардӣ, ки соҳибшӯҳрат аст,
Болои тахти ҳурмат аст.

Бар чашми дунёяст аён,
Ҳоҷат надорад бар баён.

Номардие дорам ба ёд,
Монад ба ёдам умрбод!

Овоза шуд андар гузар
Як рӯз ҳангоми саҳар.

К-имшаб Бало дидаст Асо,
Кардаст ҷанге бо Бало.

Дар ҷанги сахти тан ба тан,
Аз зӯру зарби бесухан

Пои Асо шал гаштааст,
Пеши сараш кал гаштааст.

Бо зонуҳояш раҳ равад,
Бинад касе, гирён шавад...

Дидам Асоро баъд ман
Дар ҳозирии марду зан.

Бо зонуҳо мерафт роҳ,
Мемонд кас дар иштибоҳ.

Аз ин касал дигар шуд ӯ,
Машҳур як заргар шуд ӯ.

Овозаманди кор гашт,
Дар муддате пулдор гашт.

Афтод дар савдои зан,
Зангир шуд болои зан.

Гардид ҳайрон хурду гурд,
Гуфтанд: «Ваҳ, бачат намурд!

Поят каҷу кори ту каҷ,
Ин роҳу рафтори ту каҷ!»

Ӯ лек аз ин парво надошт,
Парво аз ин ғавғо надошт.

Дар номус омад ҳамсараш,
Ларзида ҷону пайкараш.

Гуфто, ки: «Мардони бананг
Рафтанд бар майдони ҷанг.

Ин мардаки бенангу ор
Дорад руҷӯи фитнабор.

Аз пои худ нолад ба оҳ,
Шояд кунад рӯяш сиёҳ,

Дар шаб шавад пояш дароз,
Паҳлуи ман хобад ба ноз.

Бояд, ки санҷам ин ҳиял,
Асрори ҳарду пои шал».

То пора созад ин ҳиҷоб,
Андохт зан шаб худ ба хоб.

Бовар ба хобаш кард Асо,
Бархост ними шаб зи ҷо.

Аз хона хилват шуд бадар,
Пои сиҳат, кайфаш дигар.

Берун зи дар гардиш намуд,
Табъи дилаш варзиш намуд.

Баргашта чун бар хоб шуд,
Зан аз ғазаб бетоб шуд.

Ҳарфе нагуфт аммо зи сабр,
Сабр арчи бар ӯ буд ҷабр.

Гардид паҳлуи дигар
Бо «уфф»-и пурдард аз ҷигар.

Дар дам-дами субҳи сафо
Бикшуд забон, лаб кард во:

«Дунё аҷаб дунё аҷаб,
Дунёи пурғавғо аҷаб!

Марде худаш зан мекунад,
Зан худ таҳамтан мекунад.

Марде зи бими корзор
Шал мешавад беихтиёр.

Аз нанг зан ҷавшан кунад,
Сад ҳамла бар душман кунад.

Марде, ки бенангӣ кунад,
Дунё ба ӯ тангӣ кунад.

Бар пеш ёбад ҷо агар,
Бар сар наёбад ҷо дигар.

Худ бар худаш дарди сар аст,
З-ин ҳол мурдан беҳтар аст.

Дидам ман ин сон мардро,
Тарсӯву шайтон мардро.

Доми фиреб андохтаст,
Ду пои худ шал сохтаст.

Хорест дар гулзор ӯ,
Доғест дар девор ӯ.

Эй субҳи равшанои ман,
Партав фикан болои ман.

Роҳи маро равшан намо,
Дидори уммедам кушо.

То фош ин расво кунам,
Расвош дар дунё кунам».

Зан ҳар чӣ хост, иҷро намуд,
Фанди Асо ифшо намуд.

Номард кӣ, кӣ ҳаст мард,
Равшан шавад рӯзи набард.

**РӮЗИ «ТАВЛИД»**

Зи нав дар хонаи Носер ғул-ғул шуд,
Ҳаёҳу дар сари хони тановул шуд.

Ҳама тирезаҳо бо парда пӯшонданд,
Ба ранги сабз шамъе банди мул-мул шуд.

Ба рӯи хони пур аз нозу неъматҳо
Даҳони шиша во гардида қул-қул шуд.

Паси дар сагчаи бӯри ишоратфаҳм,
Наояд то каси дигар, қаровул шуд.

Дар аввал бегапу duздона нӯшиданд,
Сипас ин корашон андар такомул шуд.

Хамӯшию низом аз байн шуд нобуд,
Чу маҷлис аз паси маҷлис ғалоғул шуд.

Қадаҳгӯӣ яке аз кайф омад ёд,
Нахустин ҳарф боис бар тахайюл шуд:

«Азизи мо аз он рӯзе, ки шуд сардор,
Тамоми кор дар авҷи ташаккул шуд.

Ба давронаш чӣ даврони хуше дидем,
Зи файзаш ҷебаки мо ҳам пур аз пул шуд.

Бурути мо ҳамеша равғанолуд аст,
Касе бад гуфт моро, дар таназзул шуд.

Хари мо, ки буд аз камқувватӣ попеч,
Тавоно гашту дар дав мисли Дулдул шуд.

Равуою саёҳатҳоямон афзун
Ба Бағдоду ба Теҳрону ба Кобул шуд.

Ҳамон боғе, ки буд аз бех хушкида,
Бишуд фирдавсу ҷои базми булбул шуд.

Ба ҷои хорҳо дар лаб-лаби пайраҳ
Ба истиқболи раҳравҳо ҳама гул шуд.

Ба мо маъвои танге чун катак будӣ,
Фарох имрӯз он чун Дашти Кокул шуд.

Работи кӯҳнаю фарсуда гардида
Ба чашми кас ҷавону пуртаҷаммул шуд.

Ҳар он чӣ хостем, омад чу ризқи мо,
Бидид ӯ, ё надид, андар тағофул шуд.

Ба мисли об умраш бод тӯлонӣ,
Ки бар мо инчунин Саъдию Ҷамбул шуд»...

Ба сардорак биёмад хуш сухангӯӣ,
Ба кибру нози хосе дар тағаззул шуд.

Ба ногаҳ дар кушода гаштаю ворид
Ба сад ғурбат зани ҳамсоя—Сунбул шуд.

Чӣ гап?—гуфто,--сагон хобу шумо бедор,
Шаби мо з-ин ба н-оромӣ табаддул шуд.

Чу бангиҳо ба ҳар шаб то нигоҳи субҳ
Шуморо худсарӣ кардан таомул шуд.

Маро з-ин чораи осудагӣ набвад,
Шикасту пораи ҷоми таҳаммул шуд.

Қиёмат гӯӣ рӯ бикшод дар ин дам,
Ба бозӣ наскдона рӯи ҷулҷул[7] шуд.

Ду кас рафт аз миён дуқ-дуқ шуда ҳушёр,
Якаш пинҳон чу маркаб дар таҳи ҷул шуд.

Дигар дар обу лой афтону ғелон гашт,
Ки бар хуки биёбонӣ тамосул шуд.

Сараш аз неши санге гашта хунполо,
Ки гӯӣ дар биёбон кушта нарғул шуд.

---

[7] Ҷулҷул—лоира, даф

Ба Носер омад акнун ҳолати вазнин,
Ки сар то пой ларзон гашту маъмул шуд.

«Чӣ созам, қайд кардам рӯзи «тавлидам»,--
Бигуфт ӯю равона сӯи оғул шуд.

Сагашро хост бар мехи ҷазо бандад,
Ки айб аз ҷониби он бевафоқул шуд.

Вале саг ҳам наёмад пеши ӯ дигар,
Ба тундӣ аз ғазаб чун мушти фулфул шуд.

Ба деги оташ андар лаҳзаи мастӣ
Бало пушти балои нав бақовул шуд.

Китоби шуғли ӯро сафҳа гардонданд,
Муфаттиш аз ҳама пур дар тамоюл шуд.

## ГУНГ

Қиссаи бисёр дорад зиндагӣ,
Об дорад, нор дорад зиндагӣ.

Як дами ширин агар бошад дар он,
Як дами дигар бувад талху гарон.

Хайр як ҷо дилнавозӣ мекунад,
Шар дигар ҷо фитнабозӣ мекунад.

Маст мастӣ мекунад бо карру фар,
Паст пастӣ мекунад пеши назар.

Бо тақозое яке ҳаст эҳтиёҷ,
Бо муросое яке дорад ривоҷ.

Гунгаке дидам замоне рӯи роҳ,
Дар гадоӣ буд бар ҳоли табоҳ.

Аз қазо як пову дасташ буд шал,
Дар нигаҳ метофт монанди касал.

Тангае аз раҳми дил ҳар раҳгузар
Бар кафаш мемонд кам ё бештар.

Гунг шодӣ менамуд андар ҷавоб,
Хӯрда дар комаш забонаш печутоб.

Гашт пайдо мардаке бегаҳ яке,
Не ҷавон, не пир гашта мардаке.

Гунгаки бечораро зад дӯғи беш,
Рехт гӯё ки намак болои реш.

Аз даҳонаш боди дӯзах мевазид,
Гунгро гӯӣ чу море мегазид:

«Лаънатӣ, бигрехтӣ аз хона боз,
Дӯхтӣ дар кӯчаҳо чашми ниёз.

Обрӯи зоти моро рехтӣ,
Ҳар дами моро ба ғам омехтӣ.

Нест холӣ ҳеҷ дастархони мо,
Мехӯрад ҳар рӯз сад кас нони мо.

Ту  намоиш дода худро муттаҳам,
Паст созӣ хоки моро дам ба дам...»

Гуфта-гуфта ин суханҳои дағал,
Бурд бо худ гунгро марди ҳиял.

Дидааш бар халтаи тин дӯхта,
Дил зи шавқи тангаҳо андӯхта.

Баъд фаҳмидам, ки он «авлоди пок»
Пасттар будаст ҳатто ҳам зи хок.

Гунгро, ки нест аз авлоди ӯ,
Нестӣ мӯҳтоҷ бар имдоди ӯ,

Бо фиребу зӯр карда ақрабо,
Ҳар саҳар монад ба ҷое чун гадо.

То барояш пайсае пайдо кунад,
Дасти ҳирсаш ҳар нафас боло кунад.

Фош гардид арчи пасти пастҳо,
Аз ғиреви гунг як субҳи сафо.

Лек он сон дод худ чанде нишон,
Ки дигар мислаш наояд дар ҷаҳон.

**СОҲИБИСТЕЪДОД**

Ханда андар латифа мебошад,
Обрӯ дар вазифа мебошад.

Балки бахшад вазифа истеъдод,
Суруду шеъру дафтари эҷод.

Як амакро ба пеши рӯ дорам,
Сӯҳбаташро ба ёд меорам.

Дур аз фазлу аз камол аст ӯ,
Кас надидам ба мисли ӯ берӯ.

Ӯ канора зи маърифат кайҳост,
Дур балки то ба он  дунёст.

Вазну қофияро намедонад,
Мисраеро ба сад ғалат хонад.

Лек шеъраш ҳамеша гардад чоп,
Шоире гашта баҳри ӯ асбоб.

Ба номаш шеърҳо кунад эҷод,
Хонаи шеъри тозае «бунёд».

Сарсухан ҳам навишта бар номаш,
Навсухан хонаду хушилҳомаш.

Ӯ валекин ба шоири «ғамхор»
Гӯяд охир ба сӯҳбату гуфтор:

«Садқаи мансабам шавам, устод,
Ки маро кард «соҳибистеъдод».

## НОМ ҲАМ МЕДОДААСТ ОДАМ ФИРЕБ

Омадам аз аскарӣ фасли баҳор,
Буд махмалпӯш дашту кӯҳсор.

Байни гандумзор хандон лола буд,
Ҳамчу рӯи духтари
қинғола буд.

Аз ҳавои тоза мешуд маст кас,
Шавқ мефармуд:
гир аз он нафас.

Дар ду соли дур гаштан аз диёр
Мурда-мурда будам ин рӯз интизор.

Бӯса кардам хоки он бо чашму рӯ,
Бо хасу хораш намудам гуфтугӯ.

Ноумедӣ ҳам бубахшояд умед,
Шом ҳам эҳё кунад субҳи сафед.

Варна ман бо он лаби дунё кучо,
Ин баҳору кишвари зебо куҷо!

Камбағал будам ман аз хешу табор,
Як ако будам, ки буд омӯзгор.

Бо ҳисобею ба ҳоле зинда буд,
Бо хаёли некҳолӣ зинда буд.

Ман аз ӯ бечоратар метофтам,
Чора аз бечорае мекофтам.

Ҷуз либоси аскарӣ молам набуд,
Ҳеҷ кас огаҳ зи аҳволам набуд.

Беҳунар будам, набудам ихтисос,
Синфи ҳаштум хонда будам ман халос.

Гуфт акоям, ки  бирав худ кор ёб,
Дод бар ҳар як саволам ин ҷавоб.

Дар сарам фикру ба дил ғам бешумор,
Хоб дур аз дидаву дил беқарор.

Бо либоси аскарӣ гаштам равон
Хонаи ҳамхизматам—Абдулзамон.

То шавам як лаҳза бо ӯ розгӯ,
Бинам аз корам чиҳо мегӯяд ӯ.

Хонашон дар деҳа буд, аз шаҳр дур,
Роҳ паймудан ба он ҷо буд зӯр.

Рафтуои мошин азбас буд кам,
Пеш меомад ба одам ранҷу ғам.

Мошине дар роҳ бинмудам савор,
Будааст он мошини як садри кор.

Дар бараш сардор манро дод ҷой,
Зеҳн монда аз сарам то нӯги пой.

Чурт карда аз даҳони хеш нос,
Гуфт ҳастӣ, бачча, монанди шинос.

Гаштаву баргашта рӯям дид ӯ,
Исми худ, исми падар пурсид ӯ.

Соқиев Боқист гуфтам исми ман,
Аскарӣ додаст тоб ин ҷисми ман.

Рост омад,--гуфт,--тахминам тамом,
Даст додам аз сари нав бар салом.

Касбу ҷои кори ман пурсон шуда,
Бар тани беҷон ту гӯӣ ҷон шуда.

Шофирам, гуфтам, надорам ҷои кор,
Ин ҳунарро ман ба ҷонам дӯстдор.

Гуфт: корат дар худам, парво накун,
Заррае ғам дар дили худ ҷо накун.

Баҳри ман пӯшида монд асрори кор,
Мақсади ғамхории сардори кор.

Бо ҳамин минвол як солам гузашт,
Хорию зории аҳволам гузашт.

Хонаву дар сохтам оличаноб,
Ки барад аз партаваш рашк офтоб.

Ҳар гулаш нур афканад рӯи замин,
Ҳеҷ бошад пеши он сад нақши чин.

Боғу бӯстонам набошад дар биҳишт,
Ҷони одам рӯядам гӯӣ зи кишт.

Моли камчин рӯи дунё ёфтам,
Шири мурғу тухми анқо ёфтам.

Хизри зинда гӯӣ раҳбар шуд маро,
Мурғи Бахте сояофар шуд маро.

Хонд рӯзе садр манро пеши хеш,
Дар нигоҳам буд ӯ хотирпареш.

Каллаш болои мизаш буд хам,
Дошт рӯю дидааш осори ғам.

Ҳар гапаш аз сина бо оҳи чуқур,
Мебаромад мисли дуде аз танӯр.

Гуфт: «Бо ту сӯҳбати танҳо кунам,
Сархамии хешро ифшо кунам.

Ҳоли мо бисёр мебошад хароб,
Кор лоёб аст баски дар ҳисоб.

Кори иҷрокарда бошад гарчи кам,
(Ман чӣ гӯям аз ҷафои ин алам).

Бо изофа гӯиё гуфтем беш,
Се баробар  балки боз аз вақти пеш.

Пули давлатро чу хирвори шағал
Тӯп-тӯп аз худ намуда бо ҳиял.

Беҷазо гаштем бо карру ғурур,
Ростӣ аз хештан кардем дур.

Тафтиш аз болои ин гап сар шуда,
Пур зи исботаш ду-се дафтар шуда.

Як мадад аз ту талаб дорам кунун,
Қисматашро бар ту биспорам кунун.

Бар акоят як ишорат воҷиб аст,
Дар паноҳи ту маро ӯ соҳиб аст.

Дар вилоят қонун андар ҳукми ӯст,
Ман шунидам, ки ҳамеша хайрҷӯст.

Соқиев гӯяд ҳама пиру ҷавон,
Номи ӯро бишнавам аз ҳар забон.

Хоҳад ар, бо як имо дар ин диёр
Мекунад одам раҳо аз зери дор.

Рост гӯям, шаҳр дорад зеби ӯ,
Як табақ тиллои Шугнов эби ӯ.

Ҳар қадар гӯям сифоташро, кам аст,
Бозсозии ҳаёташро, кам аст.

Кӯш, ки расво нагардад кори мо,
Дер бинмоӣ, шавам аз ғам фано...»

Ман надонистам чи гӯям дар баён,
Лол шуд андар даҳони ман забон.

Гурдаву дил карда якҷо оқибат,
Лӯнда кардам мағзи гапро оқибат:

«Н-ояд аз дасти акоям ҳеҷ кор,
Дасти ӯ кӯтаҳ бувад дар рӯзгор.

Соқиеви беамал бошад ҳаме,
Сулфа дар нояш, касал бошад ҳаме.

Ӯ куҷову маснади қонун куҷо!
Баста бошад худ ба дарди бедаво!

Бо азобе гаштааст омӯзгор,
Ҳар замон гӯянд ӯро: рав зи кор!»

Ин шуниду чаппа шуд ногаҳ ба пушт,
Гир,--гуфтам,--хешро сардор кушт.

Ранги рӯяш мисли хокистар пукид,
Чашм пӯшиду дигар рӯям надид.

Бар даҳонаш рост кардам ҷоми об,
Рехт об аз кунҷи лабҳо чун таноб.

Бар худ омад гӯиё ки як нафас,
Дод зад якбора монанди ҷарас:

«Ман гумон кардам туро додар ба ӯ,--
Бар ҳамон Соқиеви бообрӯ.

Ном ҳам медодааст одам фиреб,
Пур будаст ин қадр дар олам фиреб.

Мон калиди мошину гум шав зи дар,
Касрати ноодаму оқипадар!»

Чанд соле шуд, ки ман дурам аз ӯ,
Бо ӯ н-оям ҳеҷ гоҳе рӯ ба рӯ.

То ба ҳоло аз ҳамон фасли баҳор
Ман зи номи «Соқиев» дар ифтихор.

Ӯст лек аз ман барин Соқӣ қимоб,
Ки нағунҷад ин қимобӣ дар китоб.

апрели 1989

## БА РӮЗИ РОСТӢ

Савори мошинат се-чор гулрӯ,
Бидидам бар Душанбеӣ ту раҳпӯ.

Суруди ошиқӣ хезад зи мошин,
Кунад тарзи наву рафтор  рангин.

Гаҳе сар медиҳӣ ту рули онро,
Ба рақсу бозӣ ангезӣ ҳамоно.

Аҷоиб тӯҳфаҳо дорӣ ту бар хеш,
Ривоҷи корат аз онҳост дар пеш.

Гули бодом дида коруборат,
Нишон з-оғози хулқи нобакорат.

Зи шарм аз ханда лабҳояш фурӯ баст,
Сараш хам карду қомат аз нумӯ баст.

Ҳавои соф аз кӯрак бишуд тор,
Ниҳон бинмуд бӯяшро гули хор.

Замин метофт бар дида сияҳпӯш,
Зи ҳайрат шӯри дарё гашт хомӯш.

Аз  афти кор, инро хуб донӣ,
Замоне мисли ту як кӯҳситонӣ

Дуто духтар—бисоти хонаи хеш
Намуда модари онҳо ҷигарреш,

Бибурдаст аз сахои худ Бухоро,
Ба унвони амируламр савғо.

Ба ранҷу хории сахту зиёда,
Гаҳе рӯи ароба, гаҳ пиёда.

Кунад «одамгарӣ» исбот бо ин,
Ба ӯ хонанд то як бор таҳсин.

Ба номуси ду зебои париваш
Бигирад шояд аз лутфи амираш

Ягон мансабча дар ҷои иқомат,
Биёбад дар паноҳи он саодат...

Ту бар кӣ мебарӣ ин тӯҳфаҳоро?
Магар меояд аз ин хуш худоро?

Амире ҳам магар ин сон ту дорӣ,
Ки инъомаш барӣ бо беқарорӣ?

Ба ин пастӣ, ки рӯ овардаӣ ту,
Чӣ пастие, ки аз худ кардаӣ ту!

Намоиш медиҳӣ «одамгарӣ» ту?
Надонам мӯъминӣ ё кофарӣ ту.

Рисола мекунӣ оё ҳимоя,
Ҳамоне, ки тиҳӣ бошад зи ғоя?

Ва ё маҷмӯаи ашъори ланҷат,
Ки бошад ҳосили дерина «ранҷат».

Ба чоп омода месозӣ ба ин роҳ,
Ба саъю кӯмаки фисқу фуҷурҳо?

Лауреат шудан ҳам хоҳӣ оё,
Бигӯ, эй далла, бо ин хулқи расво?

Миёни мардум астӣ як ҳикоят,
Ки онро оварам ин ҷо бароят:

Ба рӯзи ростӣ, бошӣ агар ғар,
Бигардад як бари рӯят муқаррар

Сияҳ монанди лахча, бемуҳобот,
Кунад туф халқ рӯят з-ин ҳисобот.

Агар ту даллаӣ, яъне миёнрав,
Шавад ҳар ду бари рӯи ту даррав

Сияҳ чун пушти деги рӯи озар,
Набошад ҷои шак, бинмой бовар.

Ба номи Далла монӣ дар ду олам,
Гурезад аз барат авлоди одам.

апрели 1989

## АГАР САРДОРИ ХУДДОНАМ...

Агар сардори худдонам ба даст орад дили моро,
Ба як имош мебахшам тану ҷону сару поро.

Ба тӯяш, ки шавад барпо шаби шанбеи пешомад,
Ризо бинмуда баҳри базм меорам Сурайёро.

Ба ҳавлияш кунам ташкил вақти кор шанбегӣ,
Ба доси нохуни худ бидравам ман хору хасҳоро.

Алаф орам барои говҳош аз рушқаи колхоз,
Зарур афтад, бикӯчонам ба ин ҷо пок саҳроро.

Намоям бар арӯсаш хизмате ронандаам то ман,
Кушоям чор сӯ аз боисаш ҷои тамошоро.

Бичинам шоҳтути пухта аз боги Сари Хосор,
Бирезам бар кафи ӯ ёд карда ранги ҳиноро.

Нагирам даст ман аз кори сардорам даме дар умр,
Ба пеши дидаам қоил намоям ҷумла дунёро.

Нахоҳам музди кор аз ҳиммати ӯ косаи обе,
Ба вақти ташнагӣ дам мекашам гирдоби дарёро.

## ҲЕҶ ГАҲ ДАР ҲЕҶ ҶО

*(Гуфтугӯ ҳангоми рақс дар тӯй)*

--Дар куҷо, кай вохӯрем, эй моҳрӯ,
Сояи зулфи ту манро орзу.

--Пеш аз гуфтор андешанд хуб,
Чашм бикшою нигар атроф ту.

--Тӯй ҳасту ҷашни ишқу васли ёр,
Ҳар кӣ бо дилдор дорад гуфтугӯ.

--Сӯи мо бингар, назар дорад ҳама,
Бишнаванд овози ту аз чор сӯ.

--Оташ афрӯзанд агар дар буттае,
Шӯълаафкан мешавад кӯи ба кӯ.

--Эй, масӯзон шаҳри мо дар оташат,
Лоф ҳам андоза дорад, рост гӯ.

--Дар куҷо, кай вохӯрем, эй моҳрӯ,
Сояи зулфи ту манро орзу.

--Ҳеҷ гаҳ, дар ҳеҷ ҷо, манмо умед,
Дур шав, ки мешавам беобрӯ.

**НЕКИЯТ БЕРУН НАМЕГАРДАД ЗИ ЁД**

Кай кунам аз ту шикоят, эй арақ,
Аз ту дорам сад ҳикоят, эй арақ.
Борҳо ту аз балоҳои замон
Кардаӣ манро ҳимоят, эй арақ.

Ҳеҷ будам бе ту пеши одамон,
Бошарафтар буд аз ман подабон.
Чун саги ҳамсоя будам нописанд,
Дар ҳама ҷои вилоят,
эй арақ.

Дур будам обрӯ то офтоб,
Ман варо балки намедидам ба хоб.
Рӯзам аз рӯзи гадо фарқе надошт,
Гашта бад соат ба соат, эй арақ.

Буд корам босамар ё бесамар,
Кас намебигрифт онро дар назар,
Зиндагӣ парвою ғам кай доштӣ
Бар мани зору фалокат, эй арақ.

Ҳеч гоҳе беҳ намешуд кори ман,
Гӯиё будам ба чанги Аҳриман.
Дар диёри хештан будам ғариб.
Ташнаи бахту саодат, эй арақ.

Қаҳрамони Меҳнате додам нишон:
«Бо арақ кун ину онро меҳмон».
Панди ӯ гардид бар ман роҳбар,
Дар талоши урфу одат, эй арақ.

Модагове доштам андар бисот,
Буд бар тифлони ман шираш ҳаёт.
Аз бароят додам онро бар фурӯш,
Як саҳар аз рӯи ҳиммат, эй арақ.

Шишаҳо кардам ба пули он қатор,
Ҳусни нав бахшидаме бар рӯзгор.
Якта-якта аз калонон меҳмон
Карда мондам бо ишорат, эй арақ.

Гирди хонам пур шуд аз ёру рафиқ,
Ҳар кадомаш гашт ғамхору шафиқ.
Дам ба дам карданд таърифу сифот,
Хонда манро босаховат, эй арақ.

Инчунин гуфтанд бошам бемисол
Дар талошу ҷодаи кори ҳалол.
Бар дигарҳо бо ҳамин саъю амал.
Метавонам гашт ибрат, эй арақ.

Он чи омад дар сари хон бар забон,
Рафт охир аз даҳоне бар даҳон.
Балки андар маҷлису минбар садо
Дод мисли табли нусрат, эй арақ.

Таърифоти дӯстон шуд бешумор,
Рафта-рафта сабт шуд дар ҳар қарор.
Чун суруди дилрабое ҳар тараф
Ёфтам ман шаъну шӯҳрат, эй арақ!

Садри маҷлисҳо бигаштам гоҳ-гоҳ,
Бепанаҳ будам, шудам бар худ панаҳ.
Гӯй донотар набуд аз ман касе,
Вақти маҷлисҳою сӯҳбат, эй арақ.

Мисли гул ҳар лаҳза хуррам гаштаме,
Н-одамиям рафту одам гаштаме.
Ҳар чӣ мегуфтам, ба он пиру ҷавон
Гӯш мекарду итоат, эй арақ.

Ҷои дарду ғам биёмад ифтихор,
Файзи дунё мешудам дар ихтиёр.
Гашт рӯи синаам як-як қатор
Медалу ордени давлат, эй арақ.

Аз мукофотҳои муфти пеши бар
Шуд насибам имтиёзе бештар.
Он ки корам хуб медонад, маро
Мезанад бо санги нафрат, эй арақ.

Бозсозӣ гар намеомад падид,
Шодиям берун зи ҳаддаш мерасид.
Қаҳрамон ҳам мешудам се рӯз пас,
Ростӣ, бо ин адолат, эй арақ.

Чун маро дуру канор андохтӣ,
Дар ғами оташнисор  андохтӣ.
Бекасу танҳо бимондам дар ҳаёт,
Рӯзу шаб побанди кулфат, эй арақ.

Боданӯшон аз барам рафтанд реб,
Ҳамнишиниям надонистанд эб,
Хӯрдаанд онҳо аҷаб не, ки фиреб,
Ку дигар он бахту савлат, эй арақ!

Ҳар чӣ бошад, аз ту хурсандам ҳанӯз,
Дар хаёли рӯи ту бандам ҳанӯз.
Некият берун намегардад зи ёд,
То ба фардои қиёмат, эй арақ.

с. 1988

**ТЕЛПАК ДАР ОСТИН**

Як маҷлиси нав барпо
Дар қасри калон гардид.
Ҳар кӣ зи танаш палто
Биспурдаю шуд ворид
Дарёфта бар худ ҷо.

Як садр дар ин мобайн
Зад шона каҷак мӯяш.
Монд айнаки нав бар айн,
Дид аз сари нав рӯяш
Дар оинаи зебо.

Дар саҳна намоён гашт
Паҳлӯи дигарҳо ӯ.
Болидаву хандон гашт,
Ки ёфт ахир ҷо ӯ
Андар бари раҳбарҳо.

Нотиқ зи пайи нотиқ
Дар гап сари минбар шуд.
Аз лақ-лақи нолоиқ
Гӯши ҳавасам кар шуд,
Дил танг аз ин ғавғо.

Маҷлис ба тамом омад,
Дил бар тараб афтода.
Субҳ аз пайи шом омад,
Маҳбас шуда бикшода,
Дунёст аҷаб дунё.

Он сарвари айнакдӯст
Палто бигирифт аз мех.
Ҳар қадр валекин чуст,
Аз қахр кашида теғ,
Телпак нашудаш пайдо.

Ҷанҷоли калон бардошт,
З-он маҳшаре барпо кард.
Якбора фиғон бардошт,
Чун качназару номард:
«Дуздизд дар ин маъво!»

Ҳар сӯй даводав шуд,
Дарҳо ҳама барбастанд.
Аз қахр, ки меафзуд,
Тирезае бишкастанд,
Шуд олами вовайло!

Н-оромие кард оғӯш
Девору дари айвон.
Мардум ҳама шуд хомӯш,
Гардида аз ин ҳайрон,
Бар ҳарф сабаб ҷӯё.

Телпак бишудӣ пайдо
Аз остини палто.
Сардор худаш онро
Додаст дар он ҷо ҷо,
То ки нашавад яғмо.

Гардида ҳама з-ин  кор
Як дидаи дар ҳайрат.
Шуд дӯхта бар сардор
Бо ҷунбиши пурнафрат,
Дар коми шаби ялдо.

Мегуфт ҳама гӯё
Бар мардаки телпакдор:
«Бо ин сару ин савдо,
Бо шеваи тӯҳматбор
Ту боз калон, ҳайфо!

Нуқсон шудааст афзун
Аз наҳси чунин сарҳо.
Шоиста бишуд акнун,
К-аз телпаку аз палто
Гардид якаш ифшо».

**ТАҲРИР**

--Биё, биё марҳамат,
Ҷони ако, марҳамат!

Бигӯ, канӣ, чӣ хизмат?
Ё ки ягон шикоят?

--Арзу шикоятам нест,
Ин гуна одатам нест.

Бар шеър додаам дил,
Бар он кушодаам дил.

Як дафтар аст з-он пур,
Балки зи достон пур.

Овардаам, ки бинед,
Бо ман даме нишинед.

Фикри шумост лозим,
Он чун ҳавост лозим.

--Майлаш, зарар надорад,
Шояд маро бифорад.

Девончаат калон-ку!
Ин байтҳо равон-ку!

Вазнат хато надорад,
Фикрат баҳо надорад.

Лекин дар ин миёна
Аз лафзи шоирона

Чизе чаро аён нест?
Ё ҳоҷати баён нест?

Баргӯ зи рӯзгорат,
Аз ҷову касбу корат.

Хонаву дар чӣ гуна?
Вайрона ё намуна?

--Хонаву дар надорам,
Н-осуда рӯзгорам.

Умре иҷорашинам,
Дасти дар остинам.

--Вақте ки ту чунинӣ,
Аз шоирӣ чӣ бинӣ?

Аввал бишав бадавлат,
Бадавлату баҳиммат.

Хони кушода оро,
Ҳотами Тойосо.

Гардидааст исбот,
Бе харҷу бе хароҷот,

Бе нону бе зиёфат,
Бе шаъну шони давлат

Шоир нагашт шоир,
Чи пештар, чи ҳозир...

Ҷои сухан муҳаррир
Таҳрир кард шоир.

**ПАЙҒОМИ ЖУРИ**

*(Дар озмуни комёбиҳои хоҷагии халқ)*

Ба ҳар ҷо меравад пайғоми жури,
Ки дорад хор-хориш коми жури.

Ба номаш ҳадяҳо барбаста монанд,
Бало хонда, балое номи жури.

Ҷуволи писта меояд ба ҳукмаш,
Нахуд оҳиста меояд ба хукмаш.
Биёяд наски тухмӣ, моши камчин,
Асал донista меояд ба ҳукмаш.

Ба ҳар ҳол аст гӯё нарх ҷорӣ,
Баланд аз нархи чории ҳисорӣ.
Шуда ҳудҳуду каргасзода жури,
Ба сози булбулону боғкорӣ.

Баҳост аз рӯи таъми гӯшбирён,
Ки гардад рӯзи шанбе роҳати ҷон.
Ва ё аз рӯи қопи зираву тут,
Ки мерезад ба ғори ҳар ҷиғилдон.

Зи доругири таҳмолу асалҳо
Фаровонист гӯё дар маҳалҳо.
Ҳама серанду розию бароҳат,
Шикоят нест балки дар касалҳо.

Фақат аз ҷомае бар худнамоист,
Изофагӯию фандошноист.
Ҷудоӣ нест ҳоло ҳам зи фитна,
Кунун ҳам аз ҳақиқат як ҷудоист.

Ниҳон дар даҳр асроре намонад,
Ахири кор бадкоре намонад.

Ба олам он чӣ монад, хуб монад,
Вале аз жури осоре намонад.

**З И Л**

Сӣ сол шуд яхдони «Зил»
Бар кори ман бошад кафил.

Тахте аз он гаштам насиб,
Бахте аз он гаштам насиб.

Бинмуд рӯзу моҳу сол
Хизмат накӯ беқилу қол.

Ҷои ман аз сидқу вафо
Дар хонаи сардорҳо.

Сардори аввал Ҷабралӣ,
Кӣ дошт ӯ кам-кам калӣ.

Дар кӯча чун мешуд падид,
Мардум зи рӯяш мерамид.

Меомад ӯ бас чун гуроз,
Гаҳ хилвату гоҳе ба тоз.

Аз ҳарфи хуш парҳез буд,
Ҳарфаш чу оташ тез буд.

Чун боди дӯзах буд он,
Месӯхт мағзу устухон.

Андар идора гӯй ӯ,
Мебурд одамро фурӯ.

Мақбули ӯ ҳар кас набуд,
Ҳар кас ба ӯ гапрас набуд.

Нисбат ба ӯ буд эътироз
Гапҳои нохуби дароз.

Лек ӯй парвое надошт,
Бар пасравӣ пое надошт.

Бо якравияш гӯиё
Бар пеш мепоид роҳ.

Бар ҳеҷ кас моил набуд,
Ӯро ту гӯӣ дил набуд.

Гуфтам: «Чунин одам куҷо,
Ки бошад ӯ беошно.

Ин ҳам набошад бе рафиқ,
Бояд ки бинмояд аниқ.

Бо наздиконаш то ки ман
Як бор гардам ҳамсухан.

Худ пеши онҳо ҷо кунам,
Асрорро дар во кунам...»

Як рӯзи шанбе беибо
Рафтам ба боғи Дилкушо.

Боғе, ки буд аз шаҳр дур,
Ҷои ба ҷон кайфу ҳузур.

Дидам ба зери тути ғафс,
Сардорро печонда ҷафс

Кӯри арақрези Ҳабаш,
Қассобу Гурги гӯшткаш.

Саркардаи аҳли тиҷор,
Он, ки кунад якро ҳазор...

Доранд бо ҳам кайфи зӯр,
Аз кайфи май буданд кӯр.

Ҳар як ҳамегуфтӣ қадаҳ,
Бар машрабак карда нигаҳ.

Лесида лаб қассоб гуфт,
«Ҳолост вақти гулшукуфт.

Хоҳам ба рӯи садри кор
Чун гул бихандад рӯзгор.

Инсони бас олист ӯ,
Курмак наю шолист ӯ.

Мо кирмакем атрофи ӯ,
Ҷон садқаи инсофи ӯ.

Андар паноҳаш зиндаем,
Осудаю фархундаем.

Қассобам охир ман ҳаме,
Сар мебурам аз тан ҳаме.

Ҳоло шавад гар як имо,
Пар мебарорам ҷои по.

Сад чумчуқ андар як нафас
Сар мезанам ман аз ҳавас.

То иззати сардорро
Як бор худ орам ба ҷо».

Деги қадаҳ омад ба ҷӯш,
Бар гап даромад майфурӯш:

«Ман аз шаробу аз қадаҳ
Мастӣ надидам ҳеҷ гаҳ.

Лекин чу бинам рӯи садр,
Шинам агар паҳлӯи садр.

Сармасти дунё мешавам,
Сар то Сурайё мешавам.

Мастии ман бошад аз ӯ,
Ҳастии ман бошад аз ӯ.

Кӯшам, ки бошад ӯ мудом,
То зиндагӣ ёбад давом»...

Бикшуд лаб беихтиёр
Саркардаи аҳли тиҷор:

«Ҳастӣ дигар, дунё дигар,
Садри азизи мо дигар.

Бе ӯ ба мо дунё набуд,
Хуршеду маҳ пайдо набуд.

Яъне ки ӯ эҳёгар аст,
Бар ҷону дилҳо раҳбар аст.

То ӯ набуд, орам ба ёд
Бигзашта, ки дорам ба ёд,

Вайрона будӣ шаҳри мо,
Хушкида будӣ наҳри мо.

Не кор буду не барор,
Не ҳурмату не эътибор.

Мардум раҳаш гум карда буд,
Гумроҳу ғампарварда буд.

Аз маърифат будӣ канор,
Фарҳанг будӣ хорузор.

Аз зиндагӣ лаззат набуд,
Заҳмат буду роҳат набуд.

Сардори мо бахтофар аст,
Бахшандаи зебу фар аст.

Нур аст дар зулмоти шаб,
Пошандаи тухми талаб.

Ҳар чӣ ки гӯяд, он кунем,
Ҷон дар раҳаш эҳсон кунем...»

Будам агарчи дар канор,
Саркардаи аҳли тиҷор

Бо гуфтааш пандам бидод,
Банди муаммоям кушод.

Гуфтам ба худ шодон шуда,
Аз фаҳми худ ҳайрон шуда:

Ҳар чӣ гӯяд сардори мо,
Сардори савлатдори мо,

Иҷрои он бо ҷон кунам,
Ҷонам ба вай эҳсон кунам.

Омад ба гӯши ман зи ғайб:
«Дигар набошад ҷои айб.

«ЗИЛ»-ро ба кор андоз, «ЗИЛ»
Бар бахти ту гардад кафил.

Мансабчаат монад ба ту,
Рӯзат ҳамегардад накӯ».

Якҷо намуда ақлу дил,
Бурдам пагаҳ яхдони «ЗИЛ»

Бар хонадони Ҷабралӣ,
Чун ёри ҷони Ҷабралӣ.

Шуд чеҳрахандон завҷааш,
Чун гул ба бустон завҷааш.

Шуд баъд аз ин корам дигар,
Савдою бозорам дигар.

Бар ҷои эроди мудом,
Бар ҷои таъни бардавом,

«Раҳмат» пайи ҳам шуд ба ман,
Дар кӯчаю дар анҷуман.

Кори «бад»-и ман «хуб» шуд,
Баҳри сано мансуб шуд.

Мансабчаам овоза ёфт,
Бедар яке дарвоза ёфт.

Дигар нашуд кас кордор
Манро ба кору рӯзгор.

Даҳ сол пурра кайф шуд,
«ЗИЛ»-ам нагӯям ҳайф шуд.

Лекин ба рӯзе бехабар
Зад чӯби тар гӯӣ табар.

Шуд Ҷабраил бетахту тоҷ,
Биспурд мизаш ноилоҷ.

Он дӯстони ҷонфидо,
Ки зери боғи Дилкушо

Ҳамрозу паҳлӯяш шуда,
Мадҳу саногӯяш шуда.

Гаштанд банди ғайбаташ,
Хонда паси ҳам нафраташ.

Пурсони садри нав шуданд,
Ҷӯёи қадри нав шуданд.

Ҳарфе нагуфта, ман чақон
Дар як нафас, дар як замон

Якҷо намуда ақлу дил,
Рафтам, биёрам то ки «ЗИЛ».

Бар хона овардам варо,
Озода парвардам варо.

Гуфтам ба сардори наваш
Фардо намоям пешкаш.

Бо зар ва ё зорию зӯр
Омад яке аз ҷои дур

Сардори нав бо инҷу ноз,
Қадборики гардандароз.

Ҳар ду қавоқаш буд абр,
Ду дидааш моил ба ҷабр.

Дар рӯзи аввал беибо
Монанди дерин ошно.

Мондам қадам бар ҷои ӯ,
Бар ҳавлию маъвои ӯ.

«ЗИЛ»-ро уммеди барор
Дар хонааш додам қарор.

Сардор донистаст пас
«ЗИЛ» аст инъоми Қафас.

Даҳ соли дигар, ростӣ,

Ҳай бе камию костӣ

Рондам саманди мансабам,
Тобида ман мӯи лабам.

Бар садри сеюм низ «ЗИЛ»
Хизмат намуд аз таҳти дил.

Сӣ сол он ҷонвар маро
Шуд ҳомию пушту паноҳ.

Дар навбати сардори нав,
Сардори айнакдори нав

Дидам, ки «ЗИЛ» шалпар шудаст,
Аз шалпарӣ дигар шудаст.

Ях мешавад дар батнаш об,
Бедор кам гардад зи хоб.

Гармӣ дарунаш ҷо шудаст,
Ё ин ки бепарво шудаст.

Бар кор тоқат несташ,
Тоқат ба хизмат несташ.

Арзе зи нотобӣ кунад,
Аз кор сартобӣ кунад.

Сардор ҳам будаст нарм,
Дорад зи ҳарфи зишт шарм.

Маънии гуфтораш дигар,
Рафторашу кораш дигар.

Ҳарфаш пур аз лутфу карам,
Аз дил кунад нобуд ғам.

Айёми нав-нав офарид,
Аз санг партав офарид.

Дерина якро об кард,
Бедорамон аз хоб кард.

майи 1989

**ХИҶОЛАТ**

Гардад замона гар дигар, одам дигар мегаштааст,
Ӯ ростгӯи зиндагӣ ё фитнагар мегаштааст.

Сардори мо з-ин пештар дӯғу даранге доштӣ,
Мо шиша будему ба каф ӯ порасанге доштӣ.

Пурбим буду пурхатар балки ба ӯ додан салом,
Баски набошад гӯиё моро адаб дар ин макон.

Тарсаш ба ҷони мо чу захр афтода буд аз ҳар тараф,
Тири ходанге буд вай, дилҳои мо умре ҳадаф.

Мехонд агар пешаш касе, ҷонаш ҳамеомад ба лаб,
Ҷон бар лабу аз бими ҷон меомадӣ сӯзон зи  таб.

Аз чӣ натарсад кас аз ӯ, вақте ки ӯ бо як имо
Бехонумонат кардаю созад гадои кӯчаҳо...

Акнун замона шуд дигар, сардори мо дигар шуда,
Чашмаш ту гӯӣ нимбин, ду гӯши сихаш кар шуда.

Бо қахр сӯи мо назар афканданаш гаштаст адо,
Гӯшаш ту гӯӣ нашнавад рағмаш дағалгӯии мо.

Ҳарфи дурушту сахти ӯ гаштаст нармак чун хамир,
Ҳарчи ки ояд сӯи мо, гӯӣ насимест аз адир.

Резад зи гуфтораш ҳаме гӯё ки шаҳдею шакар,
Лутфаш чунон афзун шуда, морост гӯӣ ӯ падар.

Ҳар гаҳ сари минбар шавад,
гӯяд ба мардум: «дӯстон,
Фарзанд хонам хешро ман бар шумо, то ҳаст ҷон.

Нони шуморо хӯрдаю гаштам баланди роҳ ман,
Байни шумо дарёфтам мому падар бар хештан.

Ман бе шумоям беватан дар ҳар куҷои ин диёр,
Ман бо шумо дорам ватан, к-он бо шумо дорад баҳор.

Имрӯзу фардоям ҳама дар ҳукму дар дасти шумост,
Гӯед агар корам хато,
гӯям, ки оре, ин хатост.

Хонед агар корам накӯ,
хонам ташаккур бар шумо,
Яъне ки аз ман розиед аз ҳурмату сидқу вафо.

Нофор бошед ар зи ман, ман аз шумо нофор не,
Безор бошед ар зи ман,
ман аз шумо безор не.

Бар осмон хоҳед агар бардоредам дар як нафас,
Бар хок хоҳедам задан,
тобе надорам қадри хас.

Бо ном сардорам ману сардор аслан—ин шумо,
Зинҳор набвад бо касе даъвии сардорӣ маро.

Хизмат кунам бар халқ ман,
то ҳаст ҷон дар пайкарам,
Лозим шавад, дар ин хусус ман аз бари ҷон бигзарам.

Бар ҳар яки мову шумо ҳоло бувад сабре зарур,
Борон агар бахшад само,
аввал шавад абре зарур.

Аз сабр ғурра аз қадим гуфтанд ҳалво мешавад,
Ҳар як талаб аз ҷаҳди мо як рӯз пайдо мешавад...»

Бовар кунонад садрамон медон, ки мардумро ба гап,
Н-ояд валекин бар субут аз ваъдаҳояш як талаб.

Шояд ҳамин бошад, ки ӯ кам-кам хиҷолат мекашад,
Бошад гумон, ки дасти аҳд аз ин кафолат мекашад.
майи 1989

## ХЕШРО БИШНОХТАН ИН ДАВЛАТ АСТ

Шоир омад нашриёт аз Кафтарак,
То биёбад аз китоби худ дарак.

Чопи онро буд даҳ сол интизор,
Аз равуо гашта буд ӯ бемадор.

Ин сафар пеш омадаш беқилу қол
Ҳолате, ки буд чун хобу хаёл:

Ношир аз ҷо хест оғӯшаш гирифт,
Оғӯш аз меҳри пур аз ҷӯшаш гирифт.

Бар дили ӯ низ гӯӣ меҳр кошт,
Гуфт бо фарёди ғайричашмдошт:

Дӯстам, табрик бод, табрик бод!
Аз ту дида ман шудам бисёр шод.

Чоп шуд инак китобат оқибат,
Тофт бахтат—офтобат оқибат.

Дигарон бар гӯр бурданд ин мурод,
Ёрии моро бибояд кард ёд.

Ҷон бубахшидем бар номи шумо,
Ҷовидон мемонад «Инъом»-и шумо.

Лек шустан лозим онро, дӯстам,
Шишта дар як ҷои зебо, дӯстам.

Марҳамат,- бо ҷону дил шоир бигуфт,-
Марҳамат, рафтем мо ҳозир,–бигуфт.

Шоиру ношир ба ресторан шуданд,
Дар сифоти «мо» шуданду «ман» шуданд.

Шоир оро дод хонро дар ҳисоб
Тахминан бо нархи як ҷузъи китоб.

Нoшири майташна кам-кам маст шуд,
Дар сахо якбора болодаст шуд.

Каллаҷунбон ҳар касе додаш салом,
Баҳри ӯ фармуд худ май бо таом.

Пешхизмат дар давутоз омада,
Бо табассумҳои пурноз омада.

Тӯдае дар кайф аз ношир шуда,
Дар шигифт аз кори вай шоир шуда.

Пешхизматро ба пеши хеш хонд,
Аз бараш бар гӯшае рафтан намонд.

Он чӣ худ фармуда буд, овард ёд,
Пули онро бо ҳисоби рост дод.

Пас ҳаво худро ба мастӣ дод ӯ,
Рафт бар «хобею» лаб накшод ӯ.

Рӯи ҳар фармуда мефармуд боз
Ношири ғарқи сахою дилнавоз.

Поси шаб шуд,--вақти рафтан хонадон,
Ресторан дигар намемонд одамон.

Пешхизмат пеши ношир гашт рост,
Пули ҳар фармудаи ӯро бихост.

Тунгӣ зад ҳарчанд ношир бар миён,
Шоири «сармасту» дар «хоби гарон»,

Лек аз шоир садое ҳам нашуд,
Дастҳо харпанҷа гӯё мурда буд.

Ҳоли ношир гашт беҳад зору танг,
Гӯиё бетир мерафт ӯ ба ҷанг.

Дод пули хӯрдаҳоро ноилоҷ,
Ончунон ки камбағал медод боҷ.

Баъд ношир гуфт: «Эй шоир, чӣ гап?»
Ҳеҷ гап не,--гуфт шоир неши лаб,--

Ҳар чӣ гӯӣ, гӯй, гӯши ман ба ту,
Боз биншинем ё рафтем? Гӯ!

Ношир аз ин гашт дар аввал карахт,
Пас баровард аз дилаш фарёди сахт:

Лаънату нафрини дунё бар сарам,
Ки будидам аблаҳи аслу харам.

Гуфт шоир: «Худ чӣ ҷои нафрат аст?
Хешро бишнохтан ин давлат аст!»

июни 1989

**ДАР ПАНОҲИ ЗАН**

Боз дар дӯкони аттор аст ӯ,
Тӯҳфаҳои нав харидор аст ӯ.

Тӯҳфаҳо ба номи ҳамбистар харад,
Ин аз ону он аз ин беҳтар харад.

Нарм созад то дили ҷонони худ,
Орадаш як лаҳза дар фармони худ.

Баъд розаш пеши ӯ ифшо кунад,
Оҳи талхе аз ҷигар боло кунад.

Гӯядаш: «Аз кор пешам кардаанд,
Бо ҷазое синарешам кардаанд.

Айби ман будаст гӯё ки калон,
Тоб бар такрори он н-орад забон.

Бурда мизу мӯҳри мансабро ба кор,
Пули давлат хӯрдаам то чил ҳазор...

Рангро бингар, ки ҳастам ғамкасал,
Боз хоҳам аз ту, ҷонам, як амал».

«Чил ҳазораш чист?»--гуфто зан ба ноз,
Мӯи сарро карда пеши бар дароз.

«Коғаз аст ин, гавҳару зар нест-ку,
З-одамӣ болову беҳтар нест-ку?

Чоп кардан мумкин аст аз нав варо.
Нест ҳоҷат баҳри коғаз моҷаро.

Лек инро ҳам ба гӯшат гир ту,
То ба кай ҷӯӣ зи ман тадбир ту?

То ба кай охир зи пуштат медавам?
То ба кай пеши калонон меравам?

Обрӯям рехт аз пастии ту,
Эътиборам хест аз ҳастии ту.

Хайрият, ки донам инро, хайрият,--
Ҳалли инзайлӣ муаммо, хайрият.

Варна мешуд ҳоли ту ҳоли калӯш,
Шаттаҳо мехӯрдию будӣ хамӯш...»

Пас ба чашмон сурма зад бо унҷу ноз,
Ӯсма бар рӯи ду абрӯи дароз.

Кард ду рухсорро сурхосафед,
Гӯӣ меборид з-ӯ нури умед.

Куртаи навдӯхтро пӯшид боз,
Зеҳн бар чоки гиребон монд соз.

Пош дода хуб бар  сар оби  гул,
Кард гӯӣ шустушӯ дар оби гул.

Бо назокатҳои хуштар аз баҳор
Бар саманди нозҳо гашта савор.

Рафт аз пушти ниёзи шӯи хеш,
Маст карда кӯчаҳо бо бӯи хеш.

Зуд рафту дер баргашт аз сафар,
Дер, аммо шер баргашт аз сафар.

Мубталои мансаб аз нав ёфт кор,
Рафт аз ёди ҳама он чил ҳазор.

Дар паноҳи зан шуда болонишин,
Шарм нею фахр дорад ӯ аз ин.

## БАР ҲАРДУЯШ БОВАР КУНЕД

Аз марказ омад як адиб,
Дидорбинӣ шуд насиб.
Ҳар ду бигаштем ошно,
Дар байни мардум роҳпо.
Ҷо-ҷо баромад кард ӯ,
Чанде даромад кард ӯ.
Номи китобашро бигуфт,
Ранҷу азобашро бигуфт:
Аз доғу дардаш шиква кард,

Аз ранги зардаш шиква кард.
Хонед гуфто он китоб,
Гардед аз худ баҳраёб.
Ман дил дар он хун кардаам,
То зинда Маҷнун кардаам.
Лайло ба пешаш бурдаам,
Марҳам ба решаш бурдаам.
Дарди шумо ҳам дар китоб
Бигрифтаам андар ҳисоб.
Ман воқиф аз кори шумо,
Доим тарафдори шумо.
Илҳом меҷӯшад мудом,
Байни шумо дорам давом.
Пас пахтаро танқид кард,
Ҳамчун ҳакам таъкид кард:
--Бардоред инро аз миён!
Гумаш намоед аз ҷаҳон.
Заҳру зуқум аз дасти ӯст,
Сад дарди шум аз дасти ӯст.
Занҳои мо з-он дар азоб,
Тифлони мо аз он хароб.
Ифлос кард обу ҳаво
Аз рӯи саҳро то само.
Як мӯсафеди хушкалом,
Яъне ки бобои Салом,
Як рӯз пеши ин сабил
Кардаст арзу дарди дил:
--Ҷон пахтаҷон, гӯшам намо,
Розӣ шавӣ ё норизо.
Аз туст манро пираҳан,
Аз туст нонам бар даҳан.

Пурфайз аз ту хонадон,
Гӯё ки беҳ аз дигарон.
Яъне ки бо ин бандагӣ
Бе ту набошад зиндагӣ.
Бо ту ба вақти ҳавли ҷон
Обам чаконанд одамон.
Чун мемурам фардой ман,
Аз ту ба ман бошад кафан.
Лекин бигӯям ошкор
Бар гӯши ту, ҳоҷатбарор,
Хушкад, илоҳо, решаат,
Дар кулли дунё решаат...
Бояд ҳаминтаврӣ шавад,
Ин дар амал фаврӣ шавад.
Аммо дигар гардид ҳол
Ҳангоми борони савол:
--Гӯед, адиби меҳрубон,
Дар он китоби «хубатон»
Худ пахтаро нон гуфтаед,
Ҳатто ки имон гуфтаед.
Гуфтед «тиллои сафед»,
Гуфтед фардои умед.
Шӯҳрат ба олам гуфтаед,
Ҳастии одам гуфтаед.
Имрӯз ғайбат мекунед,
Бисёр нафрат мекунед.
Ҳайронем аз кори шумо,
Аз тарзи гуфтори шумо.
Бовар ба ин ё он кунем,
Обод ё вайрон кунем?
--Бар ҳардуяш бовар кунед,

Ҳоло ҳамин аз бар кунед.

## ИШКАМЧАРОН

Маст мегардад, агар ёбад дигар ҷо хӯрданӣ,
Иштиҳояш ғор гашта мехӯрад ӯ мурданӣ.
Мешавад болои хӯрдан хӯрдание бурданӣ,
Шарм дар фаҳму фаросаташ набошад, воаҷаб!

Тоқати шиштан надорад, ишкамаш гардад чу сер,
Гӯӣ бар ҷои дигар рафтан варо гаштаст дер.
Қадр дар пешаш надорад сӯҳбате аз базму шеър,
Мондааст аҳли гузар ишкамчарон ӯро лақаб.

Дар куҷо тӯй аст, ӯ дарҳол меёбад хабар,
Бар забон лафзи «Муборак!» мешавад бологузар,
Гар худоӣ бошад, «омин» гӯяд аз банди ҷигар,
Чун шабаҳ гардида пайдо рӯз бошад ё ки шаб.

Гоҳ чун як носипос эрод гирад бар таом,
Калла ҷунбонад ба ҳар эроди худ бо сад мақом,
Нест дар гуфтораш арчи маънию рабту низом,
То бихонандаш ҳакам, орад мисол, орад сабаб.

Дар сари дасташ гирифта косаи оби анор,
Гӯяд андар боби мева қиссаҳо чун боғкор,
Боғдоронро кунад бо себи майда айбдор,
Ҳамчунон сардорҳо ҷӯшида дар деги ғазаб.

Луқмае боре нададаст ӯ ба кас аз  нони худ,
Балки боре ҳам нахӯрдаст обу нон аз хони худ,
Бошад ин паймони ӯю нашканад паймони худ,

Боз Ҳотамзода худро мекунад аслу насаб.

Нест гарчи кирдукораш баҳри мо мавзӯи нав,
Пеши рӯ орем онро лек бо паҳлуи нав,
Соф гашта оби мо акнун равад бар ҷӯи нав,
Ёд бигрифтаст Афлотун адаб аз беадаб.

**ШАБИ ОИЛАВӢ**

Амри наве эълон шуда,
Овоза дар район шуда:
«Имшаб «Шаби оилавӣ»,
Янъе чунин фармон шуда.

Бояд ҳама сардорҳо
Аз кӯчаву бозорҳо
Оянд бар қасри «Шукӯҳ»,
Дар ҷош монда корҳо.

Ҳар кас биёяд бо занаш,
Пӯшида нав пироҳанаш.
Бояд напӯшад ҳеҷ зан
Поҷомаашро бар танаш.

То расми нав ҷорӣ кунем,
Бар якдигар ёрӣ кунем.
Якҷоя карда кор ҳал,
Бар халқ ғамхорӣ кунем.

Шарму ҳаё дур афканем,
Фикри хато дур афканем.
Оину расми кӯҳнаро

Якбора бар гӯр афканем.

З-ин пешаи фоидаор
Ҳар кас, ки монад дар канор,
Гардад зи кораш бенасиб,
Бе ҳеҷ як гуфтугузор.

Аз тарси мансаб буд, ё
Аз шавқи айшу нӯшҳо,
Пур шуд зи ҷуфти марду зан
Қасри «Шукӯҳ» он шомгоҳ.

Хони калон густурда шуд,
Ҳар кас ба май биспурда шуд.
Шодон ту гӯӣ аз шароб
Ҳар як дили озурда шуд.

Нӯшонда шуд ҳар зан ба зӯр,
Дилҳо ҳама омад ба шӯр.
Гуфтанд: «Ин—расми навин,
Расми куҳан кардем гӯр».

Базми аҷиб оғоз ёфт,
Мурғи тараб парвоз ёфт.
Дар рақс омад марду зан,
Ҳар кӣ ба худ ҳамроз ёфт.

Бегона зан, бегона мард,
Бегона арзу сӯзу дард.
Бегона лаб болои лаб,
Ҳар он чӣ май мехост, кард.

Хомӯш шуд ногаҳ чароғ,
Мардум баромад байни боғ.
Як дил шуда аз айш маст,
Дигар зи ғам садчоку доғ.

Хӯрданд бар ҳар сӯ пареш,
Бо ҷуфти худ рафтанд пеш.
Гумкардазан сардорро
Дар гӯшае дил гашт реш...

То ҳол он шабро зиёд
Сардор меорад ба ёд,
Лекин дигар занро наёфт,
Пеши кӣ гӯяд арзу дод?!

Аз наҳси он расми ҷадид,
Ки гашт дар як шаб падид,
Дар ёди мардум мондааст
Сад қиссаи касношунид.

**«ЗОТИ ГАНДА»**

Аҷоиботи дунё бешумор аст,
Яке берангу дигар рангбор аст.

Шунида мефитад одам ба ҳайрат,
Гаҳе бо шавқу гаҳ бо қаҳру нафрат.

Шунидам беш ин сон булъаҷабро
Ба рафтору зи хондан аз варақҳо.

Вале дидам кунун бо дидаи хеш,
Ки ман нашнида будам мисли он пеш.

Ҳикоят мекунам онро бароят,
Аҷоиботи давронро бароят.

Чунин пиндор, ки як рӯзи корӣ
Накарда аз саҳаргоҳӣ наҳорӣ,

Манам андар қабулгоҳи калоне,
Ба арзи коғазӣ ё ки даҳонӣ.

Ба зайли дигарон аз эҳтиёҷе
Ба обе, кулбае, нури сироҷе...

Паси ҳам навбат асту ҳоюҳуй аст,
Зи дарди худ ҳама дар гуфтугӯй аст.

Гузашта гарчи рӯз аз ним бисёр,
Вале сардори камдидору «пуркор»

Касеро то кунун пешаш намондаст,
Ба гӯше ваъдаи «фардо» нахондаст.

Баногаҳ омад аз долон шитобон,
Ки зери пош меларзид долон.

Яке марди сияҳмӯю сияҳрӯ,
Надонам буд хушгӯ ё ки бадгӯ.

Каломе аз даҳон берун накарда,
Саломе бо забон берун накарда.

Ту гӯӣ ҳеҷ кас одам нахонда,
Кафаш бар дастаи дар то расонда,

Садои садр боло шуд зи тахташ,
Ки гӯӣ рӯ ба рӯ медид бахташ:

«Дароед, аз куҷо пайдо шудетон»,
Дар ин рӯзе, ки борад барфу борон!»

Шунида ҳарфи ӯ тоқат намондам,
Ба сӯяш аспи қаҳрамро давондам.

Бигуфтам: «Гӯш кун, бенавбат аст ӯ,
Сазо бар сангу чӯби нафрат аст ӯ».

Ба сӯям лабчуқақ бинмуд сардор,
Нишинам то ки ман беҳарфу гуфтор.

Ду касро гӯш карда хап нишастам,
Забонро бо таноби сабр бастам.

Бари сардор кард ӯ хеш наздик,
Ки ишкам ғафс будаш, пой борик.

Гаҳе мекард гапро майдабофӣ,
Гаҳе ӯ буд дар гуфтор лофӣ.

Ба пешаш муши мурда буд сардор,
Ба ҳар дархосташ алҳақ тарафдор.

Ба коғазҳои ӯ бигзошт имзо,
Ба шавқе нақшае гӯӣ шуд иҷро.

Иҷозат дод бар вай бе баҳона,
Бигирад то зи нав дилхоҳ хона.

Чӣ мегӯяд дигар, баҳраш биҷӯянд,
Агар ки «Волга» гӯяд, хуб гӯянд...

Ба дил гуфтам: «Аҷаб не, қаҳрамон аст,
Ва ё афтодае аз осмон аст.

Ки сардор аст бар ӯ дар хушомад,
Ба сад узру сари хам аз хиҷолат.

Чаро ки дод гӯё дер сомон
Талабҳои варо чун қарзи виҷдон».

«Биё, ҳар гаҳ ки хоҳӣ»,--гуфта бар ӯ,
Гуселаш кард бо лутфу тавозӯъ.

Кашид оҳи чуқуре пас ба ҷояш,
Ба фикрам, дошт ларза дасту пояш.

Арақҳои рухашро пок бинмуд,
Ба сӯям дӯхт чашму ҳарф накшуд.

Ман арзи хештан кардам фаромӯш,
Зи ҳайронӣ сухан кардам фаромӯш.

Ба ҳоле карда ҷуръат лаб кушодам,
Лаби часпидаро бар гап кушодам.

«Кӣ буд он кас»?—бигуфтам дар суолам,
Наранҷид аз суолам ӯ, хаёлам.

Ҷавобам дод бо як тарзи махсус,
Ки пур буд он зи сӯзи талху афсӯс:

«Касе нест ӯ, бувад як «Зоти ганда»,
Шабуш, гӯянд, ҷо дорад ба ҷанда.

Ба ҷуз ҷанҷолу ғавғо нест кораш,
Навиштан ҳаст ҳар ҷо ифтихораш.

Шикоят мекунад аз буду набуд,
Намедонем ӯро чист мақсуд.

Агар дархосташ иҷро шавад дер,
Зи ҷони хештан моро кунад сер.

Ба дарди худ намеёбем чора,
Зи ҷаври ӯ гурезем аз идора.

Ба ҳар даргоҳ хоҳад, сар халонад,
Ба даст оварда мақсудаш тавонад.

Ягона чораи аз вай раҳоӣ
Ҳамин, ки хизматаш бояд намоӣ».

Қабули садр бо ин гашт охир,
Нагардад дур ин манзар зи хотир.

Дигарҳо пушти дар мондему ҳайрон,
Мағал карданд бо гапҳои вайрон...

Агар хоҳӣ ту ёбӣ чораи хеш,
Аз ин сон садрҳои «дурандеш»

Ба мисли «Зоти ганда» ганда мебош,
Ба ноҳамвор тахта ранда мебош!

## БАРОИ ШЕЪР

Гум кунад гар тоқии сар беривоҷ,
Чун наёбад, баъд гӯяд ноилоҷ:

Танг буду кӯҳна, сад нобуди он,
Боз ёбам, сар агар бошад амон.

Ё бузашро гум кунад деҳотие,
Оҳ, гӯяд буд ҷонвар зотие.

Чун нашуд пайдо, бигӯяд дар гузар:
«Бахшидам онро ба арвоҳи падар».

Тоқию буз нест гум аз ман шуда,
Буд якто буққаи равған шуда.

Кофтам онро ба ҳар дар бошитоб,
Дер ёбам, мешавад,--гуфтам,--хароб.

Ҳар қадар ки кофтам, сад доду вой,
Лек он пайдо нашуд аз ҳеҷ ҷой.

Ҳай кашидам аз ҷигар оҳи чуқур,
Гуфтам он рафтаст шояд ҷои дур.

Аз қафои модагове рафтааст,
Гашта буд азбаски он бисёр маст.

Ё касе бар зери теғаш мондааст,
Ё ба савдо бедареғаш мондааст.

Ҷамъ гашта гирди ман ҳамсояҳо,
Ҳар якаш медод нав-нав ғояҳо.

Гуфт пираш: нест аз ин хубтар,
Гар бубахшияш ба арвоҳи падар.

Ҳазлхоҳе гуфт: расмаш гиру мон
Дар бари девори хона ҷовидон.

Гуфт дигар, ки фаромӯшаш намо,
Пеши рӯи хеш н-ораш ҳеҷ гоҳ...

Ман ба арвоҳе набахшидам варо,
Буд бе сурат ба чашмам доимо.

Ёди вай аз хотирам берун набуд,
Ғам агарчи дар дилам афзун набуд.

Ноумедӣ дар дилам бегона буд,
Гарчи холӣ з-он ҷавона хона буд.

Дертар доданд бар гӯшам хабар,
Баъди се маҳ, балки з-ин ҳам дертар:

Ёфтем охир варо бе ҳеҷ музд,
Буққаро не, балки шахси буққадузд.

Дузди мо ронандаи мошин бувад,
Як қадар ин гуфта ҳам тахмин бувад.

Шояд ӯро хуб медонӣ ту ҳам,
Мӯйлабдор асту ин ҷо ҳаст кам.

Рӯзу шаб ҳар ҷой бошад дар сафар,
Боровар ҳасту з-ин ҷо барбар.

Аз тасодуф ман шудам рӯзе савор
Дар бари ӯю бигаштам раҳиспор.

То Душанбе пеш омад роҳи мо,
Дӯхтам ман бар бурути ӯ нигоҳ.

Аз намуди девмонандаш аҷаб
Ваҳм омад бар дилам бе ҳеҷ гап.

Гови ман хӯрдаст агар,--гуфтам,--ҳамин,
Зинда манро ҷо диҳад зери замин.

Ҷуръати дидан намондам сӯи ӯ,
Чашм пӯшидам дигар аз рӯи ӯ.

Нарм-нарм омад ба чашмонам ғанаб,
Хап нишастан буд бар хобам сабаб.

Ҳоли манро зуд ӯ пайхас шуда,
Сулфа зад як бору дар гап пас шуда.

Шеърҳо аз ёд хонда бехато,
Кард дар мулки адаб худ рафтуо.

Шеърҳоям аз «Гули маҳтоб» хонд,
Дар равонӣ бо равиши об хонд.

Бурда бошад,--гуфтам,--ин гар гови ман,
Нест дигар ҷои аз он гап задан.

Не ба арвоҳе, на бар ҳаққи худо,
Аз барои шеър бахшидам варо.

## БЕБАРОДАР БЕҒАМ АСТ
## АЗ ТОҚАГӢ

*(Дар пайравии шоҳмисраи Меҳмон Бахтӣ*
*«Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст»).*

Гап задан дигар, навиштан дигар аст,
Айб дар килк аст ё дар дафтар аст.

Чашми мо тез аст аз чашми уқоб,
Мӯр дар пеши назар чун кафтар аст.

Кашфи нав кардем дар илми нигоҳ,
Об ҳам хушсоя яъне чун ҷар аст.

Нобиное шаб ба мо шуд раҳбалад,
Рӯз қадре роҳи мо  нурофар аст.

Майфрӯше бар май об омехта,
Лаззаташ гӯӣ чу оби Кавсар аст.

Нарм мегардад қурут аз оби ҷӯш,
Холи рухсори фатир аз муғпар аст.

Тутро бо хода мебояд паид,
Зери шоху навдаҳо чун чодар аст.

Чист тафсири хушомадгӯ, бигӯ,
Доимо сардорро ӯ чокар аст.

То ба маснадшин мабар арзи умед,
Қулла пурбарф асту сармопарвар аст.

Гарчи дорад аспи раҳпоят қанот,
Лек пеши харфаросатҳо хар аст.

Сайр дорад маркаб андар ғаллазор,
Аспи бузкаш то саҳаргаҳ қантар аст.

Кори майдон бори заҳматпешаҳост,
Садри мошингард бинӣ, шалпар аст.

Пеш рафтан гӯӣ дар меҳнат наяст,
Он ба ҳукми тӯдаи ғайбатгар аст.

Савти булбулро чӣ ҳоҷат эътибор,
Акка дар шақ-шақ чу дар бому дар аст.

Ҳомии «Исёнгари бепардагӯ»
Мушти ғайрат гашта дар пеши бар аст.

Оби дарёро бигардонад қафо,
Баҳр андар хизматаш пушти дар аст.

Бар заминҷунбӣ гузорад нуқта ӯ,
Чун табиат бар мақомаш нӯкар аст.

Побаландак карда лаб бӯсад, нигар,
Калтае, ки фитнаҷӯ то маҳшар аст.

Боварӣ кардан ба калта аблаҳист,
Дар ниҳодаш баски заҳроби шар аст.

Маъшуқашро фосиқи пуртаҷриба
Бо қасам гӯяд, ки ӯро хоҳар аст.

Дилсиёҳи сарсафед аз пушти май
Аз Душанбе роҳпӯ то Лангар аст.

Сӯҳбаторой кунад аз мурғҷо,
Бар забонаш дам ба дам мурғи нар аст.

Барраи бепашмро хонад сано,
Равғанаш гӯяд, ки ҷони пайкар аст.

Роҳёбӣ бар дили халқ аст зӯр,
Бар сари хонаш нишинӣ, беҳтар аст.

Гушначашм аз хонаи худ кам хӯрад,
Дар дигар ҷо лек мисли аждар аст.

Дам кашад бар доми бетаг он чӣ ҳаст,
Бештар ӯ гӯӣ аз як лашкар аст.

Беҳаёӣ равнақе дорад, ки бин
Нокасе дар маърака болотар аст.

Шона карда мӯи сар бар пешу пас,
Инҷу нозаш мисли занҳои ғар аст.

Хеш хонда, гӯяд аз авлоди мост
Ҳар киро, ки шаҳри моро сарвар аст.

Халқи ман,--гӯяд,--аз ин раҳбар ризост,
Аз қадим арчи ғаюру қайсар аст.

Дида бикшоем, атроф аст тор,
Дида пӯшем, оламе хушманзар аст.

Дил тапад аз ғам, зи шодӣ ҷон канад,
Гӯши мо аз дарди хурсандӣ кар аст.

Худ гави фарбеҳ бувад гови мудир,
Гови колхоз аст он, ки лоғар аст.

Модар он, ки заҳмати саҳро кашад,
Варна бар фарзанди худ момандар аст.

Минбарист арчи забони модарӣ,
Кам ба ҳукми мо валекин минбар аст.

Он, ки аҷдодаш бидонад, одамист,
Гар надонад, як дарахти бебар аст.

Меҳр сӯзон аст аз нармакравӣ,
Оби борон аз шитобидан тар аст.

Духтари деҳқон чу кампирест, лек
Бибии сардор гӯӣ духтар аст.

Бенамозе мӯъмин асту покдил,
Бонамозе пурфиребу кофар аст.

Хайрро донем аз аъмоли хеш,
Бад расад,
гӯем айби раҳбар аст.

Меҳмонро хуш пазирои кунем,
Рухсати ӯ лек як дарди сар аст.

Фаҳм дорад ҳар кӣ, аксар хомӯш аст,
Сӯмдор аст он,
ки дар карру фар аст.

Бебародар беғам аст аз тоқагӣ,
Бетаґо лекин чу мурғи бепар аст.

Ҳеҷ кас дар ҷои худ ором нест,
Рӯд дар роҳаш пур аз шӯру шар аст.

Шоире бо даллагӣ унвон гирифт,
Дида ин,
гуфтем ӯ нававар аст.

Зиндагӣ бо ин касофатзодаҳо
Гӯй, ки бар дидаи кӣ дилбар аст?

Ҳар чӣ гуфтем, он чӣ бошад, гуфтаанд:
«Равшанӣ аз торикӣ равшантар аст»,
сентябри 1989

АЗ «КИТОБИ НОХОНДА»

1993

*Дар боби Дашти Ҷум ва рӯзгори дирӯзу*
*имрӯзи мардуми он*

## КОФАРКАШ

Қад дар қади ин тангдара дуру дароз аст,
То Панҷ дароз аз камари кӯҳи фароз аст.
Дар бар-бари он бузраҳи борик бувад пур,
Бо оби мусаффош, ки нахчирнавоз аст.

Маъвои писандидаи кабкони рав аст он,
Чун мазраи аз дона пуру нодарав аст он.
Бар гӯш расад хониши кабк аз ҳавасаш беш,
Сад бор бубинӣ, ба назар боз нав аст он.

Аз чашми уқобон бувад он хуб панаҳҷо,
Сайёд вале гоҳ гузорад ба бараш по.
Бар рӯй кашад «рӯбаҳак»-у тир кушояд,
То сайд ба даст орад аз ин пешаву савдо.

Як тир занад, кабк занад тори ҳаво пар,
Чун абр бубандад раҳи хуршеди мунаввар,
Ҳайрон шуда сайёд аз ин селаи анбӯҳ,
Ҳайкал шавад аз тири хатояш ба бари ҷар.

Дар реги дара зар бувbooду зар набувад кам,
Нақшаест ба шах аз амали тешаи одам,
Пайдост, ки зар кофтаанд аз дара бисёр
Бо заҳмати мардона ба давроне пайи ҳам.

Бар ҳар қабати сангу шахаш ганҷ ба хоб аст,
Бонӣ сари он мор наю шаршараоб аст.

Аз хотири худ ҳеҷ набояд, ки барорем,
Чун рӯзии мо ганҷи ниҳон ҳам ба ҳисоб аст.

## САРИ ҒОР

Сари Ғор, эй Сари Ғор, эй Сари Ғор,
Туро ман аз азал бошам харидор.
Зи ҳар як чашмаи ту хӯрдаам об,
Миёни боғҳоят рафтаам хоб,
Ба ёдат гаштаам аз хоб бедор.

Ба ёди ман бувад Чодиргаҳат хуб,
Ба сӯи яхмазорон каҷ раҳат хуб.
Аҷаб боғест худ боғи Ризодашт,
Ки дар он кардаам бисёрҳо гашт.
Ба чандин сол будам огаҳат хуб.

Ба соли гушнагӣ тути ту нон буд,
Барои гушнаҳо нон нею ҷон буд.
Намебуд он агар, мардум чӣ мехӯрд,
Ҳама аз гушнагӣ мемурду мемурд,
Ба пеши марг ҳар як нотавон буд.

Мамот аз қасди ҷонҳо дур кардӣ,
Варо то ин замонҳо дур кардӣ,
Ба тифлон болу пар додиву рафтанд,
Раҳи ҳарҷогузар додиву рафтанд,
Камон аз байни онҳо дур кардӣ.

Ба уммеде, ки ёбанд ошноӣ,
Кунанд аз хулқи некӯ дилрабоӣ,
Қадам монанд ҳар ҷо, ваҳдат оранд,

Саодатҳо ба ҷои сарват оранд,
Бибахшанд офиятро дерпоӣ.

Вале номарди дунё кам набудаст,
Ба номардон ғами одам набудаст,
Ба рӯят рехт тиру нор борид,
Шабе то рӯз чандин бор борид,
Ба сахтӣ мисли ту бардам набудаст.

Ба ҳифзи хеш барбастӣ камар сахт,
Зи досу бели ту омад шарар сахт,
Бибастӣ пайраҳи яғмогаронро,
Шикастӣ найзаву тиру камонро,
Ба рӯят ханда бинмуд аз зафар бахт.

Ҷаҳон аст аз чунин нангат хабардор,
Натарсад нангдор аз ҳайбати дор,
Сарат болост аз Турғи саморас,
Шудӣ дар сарбаландӣ дастнорас,
Ки гашта бар ту аз нав ман гирифтор.

ЛАТИФ БУХОРӢ

Дар айёме, ки  фанд асту фиреб аст,
Ҳунар дорад, надорад, кори ман не.

Ба гулзори адаб ё боғи фарҳанг
Гузар дорад, надорад, кори ман не.

Макон дар пуни ҷар дорад, раҳи нав
Зи ҷар дорад, надорад, кори ман не.

Ба вақти зилзила аз кӯҳи ковок
Хатар дорад, надорад, кори ман не.

Зи Панҷе, к-он канад ҳар сол раҳро,
Ҳазар дорад, надорад, кори ман не.

Ба комаш мисли ман заҳробу гоҳе
Шакар дорад, надорад, кори ман не.

Ба шом афтад агар, зикру хаёли
Саҳар дорад, надорад, кори ман не.

Камоне ҳамчунон сайёди дерин
Ба бар дорад, надорад, кори ман не.

Чӣ мехоҳад, намедонам, ба раъяш
Зафар дорад, надорад, кори ман не.

Ба пешаш мӯсафедон гирд оянд,
Падар дорад, надорад, кори ман не.

Ба назди хонааш ҳезум бувад хоб,
Табар дорад, надорад, кори ман не.

Ба хонаш маскаву қаймоқ бисёр,
Бақар дорад, надорад, кори ман не.

Анору ноку тут… орад ба пешат,
Шаҷар дорад, надорад, кори ман не.

Ба номаш, ҳам зи номаш гап зиёд аст,
Хабар дорад, надорад, кори ман не.

Сипоси мардуму мардум сипосаш
Дигар дорад, надорад, кори ман не.

Ба дил уммедаш аз беҳбуди фардо
Шарар дорад, надорад, кори ман не.

Кӣ мегардад куҷоҳо, ҳамраҳи ӯ
Сафар дорад, надорад, кори ман не.

Вале чун ӯст дар ин ҷо ватандор,
Ба пешаш ё ки дурам, кори ман ҳаст.

Чу сарҳадбон намояд марзбонӣ,
Ба шаънаш бебадал гуфтори ман ҳаст.

Қалам бо пайраҳаш раҳпӯй бошад,
Ҳавои тоза дар ашъори ман ҳаст.

Чӣ ғам дорам дигар, ки ҳамчунон ӯ
Нигаҳбони дару девори ман ҳаст.

## РИҶОВ

Дар ин маъвои сангину канора,
Ки кӯҳаш мерасад то бар ситора.
Набошад деҳае мисли ту зебо,
Ту бошӣ балки дар дунё ягона.

Саҳар пеш аз ҳама ҷо меҳри пурнур
Кунад аз чеҳраи ту гарди шаб дур.
Ба оби нур шӯяд ҳастиятро,
Зи рӯят лаъл резад дона-дона.

Ба кокулҳои маҷнунбеду зарбед
Кунад зарбофтҳои тоза хуршед,
Ситорашаддае аз қатрашабнам,
Зи ҳар сарнавда то гунҷишклона.

Арӯси сабзпӯшанд арчаҳоят,
Намебинанд пирӣ дар вафоят,
Насим орад ба ғамза фавҷи гулҳо,
Ки бархезанд аз хоби шабона.

Навои андалебон беҳисоб аст,
Ҷудоии гулу булбул хароб аст.
Ба он ҳамсоз гашта чашмаи шӯх,
Сари ҳар санг мехонад тарона.

Базебӣ ҳокимият дорад ин ҷо,
Гиёҳу хас тароват дорад ин ҷо.
Муҳаббат гӯиё рӯяд зи хокат,
Ки дар ту дил кунад ҷовид хона.

Валекин ин ҳама ҳусну тароват
Яку якбора шуд торочу ғорат.
Намонд овози булбул, хандаи гул,
Зи макромезҳои ин замона.

Садои тир аз ҳар сӯ баромад,
Зи оби чашмаҳо хуноба омад.
Дигар кард аз алам хуршед роҳаш,
Намонд аз зарфишонияш нишона.

Насибат шуд пур аз ғам саргузаште,
Ба хуни одамӣ олуда гаштӣ,
Ҳар он чӣ дорад ин дунёи пурдард,
Шавад нобуду монад чун фасона.

## НАЗРӢ

Ба ёдам мерасад як рӯзи гармо,
Ки тасфаш мешуд андар санг ҳам ҷо.
Сари девор ӯ девор мекард,
Қади деворро мекард боло.

Ба сӯи боғ чашмаш буд лекин,
Нигаҳ медӯхт аз боло ба поин.
Назорат дошт ҳар дам сояҷоро,
Ки н-ояд офтоб ин ҷои салқин.

Ба зери боғ момаш буд бас хоб,
Зи дарди пирияш гардида нотоб,
Дарахти тут ӯро соябон буд,
Ба гирдаш боз кам-кам мезаданд об.

Чу соя дур мерафт аз сари ӯ,
Ҳамегашт офтобӣ бистари ӯ.
Парида аз сари девор Назрӣ,
Чу хизматгор мешуд дар бари ӯ.

Ба пеши бар гирифта модари хеш,
Чунон ки мегирифташ модараш пеш.
Ба ҷои соя мехобонд ӯро,
Нагардад то азоби пиразан беш.

Саҳар то бегаҳӣ шуғлаш ҳамин буд,
Пайи подоши фарзандофарин буд.
Сафил бигрифта гирди боғи ӯро,
Барояш соякобу соябин буд.

Шарафмандӣ ба худ мехонд ин кор,
Намешуд дур аз ин ҷода зинҳор.
Ҷаҳонбинии бемонанд будаш
Зи пеши модараш то рӯи девор.

Намедонам, ки ҳоло дар куҷо аст,
Кадомин дардро ӯ ошно аст.
Ба ҳар ҷое ки бошад, ҳаст бо мо,
Дили мо бар накӯкирдор ҷо аст.

## ДАШТИ ПАҶ

Дар ту, эй Дашти Паҷи овозаманд,
То қади одам шавад гандум баланд.
Чашми серу ишками сериву бас,
Марди деҳқонро ту меоӣ писанд.

Мисли баҳре мавҷзан мунҷи ту аст,
Пода аз он мешавад фарбеҳу маст.
Хор гардид он, ки аз ту рӯй тофт.
Роҳате дид он, ки бар ту меҳр баст.

Дӯстонро менавозад боди ту,
Вақти гармо бошад ин имдоди ту.
Тоб н-орад ҳар кӣ бар гармои сахт,
Ҳар куҷо бошад, намояд ёди ту.

Лек дорӣ як шамоли тунду зӯр,
Бештар ояд ба дай андар ғурур.
Чаппа гардонад савор аз рӯи зин,
Балки чун тӯбаш барад бар ҷои дур.

Мерасад бар дашти Теҳрай он шамол,
Чун шамоли ту набошад тезбол.
То ба Гумсӯ чарх аз Теҳрай зада,
Хоки  Файзобод рӯбад бемалол.

Мисли тӯфон ӯст аз баҳри калон,
Мекунад шаб то саҳаргоҳон фиғон.
Дар хаёлам нӯлааш бошад зи қаҳр,
Ғурришe бар зиштпеша одамон.

Посбони туст гӯё ӯ мудом,
Хидматаш ёбад ба некӯӣ давом.
Номубоpакпое ар пайдо шавад,
Меситонад сахт аз ӯ интиқом.

## ТУТИ  НИШОРАК

*Барои Зариф Валӣ*

Гӯй, ту тути Нишорак дидаӣ,
Дона-дона чидаӣ аз тути тар?
Дар паиданҳои тут афтидаӣ,
Боғбонро, ки бувад ин ҳам ҳунар?

Дидаӣ себаргазори боғро,
Тути тарро рехта болои он?
Гӯиё дурдонаҳои пурҷило
Мехӯранд албонҷ дар баҳри дамон.

Аз таровятҳо ҳаловат бурдаӣ?
Бӯи гулҳо бар машомат кардаӣ?
Бар тамошо ҳастият биспурдаӣ?
Тути бедона ба комат кардаӣ?

Лаб ба лаб аз шира мегардад шириш,
Онҷунон ки лаб ба лаб монад ду ёр.
Не қадам монӣ қафо,
не сӯи пеш,
Боз хӯрдан менамоӣ ихтиёр.

Пас хаёлат меравад бар ҳар дарахт,
Умри онҳоро ту пурсон мешавӣ,
Аз ҷавоби боғбон гардӣ карахт,
Балки берун аз ҷаҳони худ равӣ.

Ҳар дарахти тут дар боғи куҳан
Умри аз даҳасра дорад бештар.
Карда бошад кӣ дар ин ҷоҳо ватан,
Даҳ карат аз давраи мо пештар?

Баҳри мо кӣ ин қадар бисёр сол
Мондааст аз хеш мероси бузург?
Ӯ надида мову бар мо бо хаёл
Доштаст оё ки ихлоси бузург?

Оҳ, онҳо дигару мо дигарем,
Бохабар ҳар як зи мо, мо бехабар.
Оташанд онҳову мо хокистарем,
Балки гаҳ бар тути сарсабзе табар.

Қисмати фардо ба хотир н-оварем,
Гӯиё оянда-ин афсона аст.
Аз хирад дурему ишкампарварем,
Худ хӯрему дигаре бегона аст.

Аз миёни баргҳо моҳи баланд
Шӯълаафшонӣ кунад шаб зери боғ,
Рӯи сабза тутҳо истодаанд,
Ояд он исторагонро бар суроғ.

Мо вале аз ҳам ҷудо гардидаем,
Аз ҷудоӣ мемурад одам ба ғам,
Борҳо зору фано гардидаем,
Бо камии хештан гаштем кам.

Саг агар захмин шавад дар рӯзгор,
Захми худ лишта табобат  мекунад.
Дарди мо,
ки ҳаст моро дер бор,
Фаҳмиши моро ҳақорат мекунад.

Байни боғ омад ба хотир ин мариз,
Мешавад як рӯз кас иқрори айб,
Рост гуфтан нуқс н-орад бар тамиз,
Тангаи мо гарчи афтад гаҳ зи ҷайб.

Рост бошад, к-одамӣ аслу накӯ
Дар ҷаҳон кори муборак мекунад.
Лафзи ту дар ҷодаи ин орзу
Маззаи тути Нишорак мекунад.

## Ӯ МАРСИЯХОНИ ҲУНАРИ ХЕШ ШУД ОХИР

*Дар сӯгвории Одина Ҳошим*

То марги хатокор дигарбора хато кард,
Хушсӯҳбати мо аз бари мо зуд ҷудо кард,
Пайкар ба замин мондаву рӯҳаш ба фазо кард,
Този сухану нағмаи дилбоз фано шуд,
Барканд ҳама тор, ки овоз фано шуд.

Аз ғафлати имрӯз худоро ғазаб омад,
Бар мамлакати рӯз сияҳрӯй шаб омад,
Чанги ғами ҷонсӯз ба ҷайби тараб омад,
Дар сӯхтани оташи ғам навбати мо шуд,
Торик зи дуди ғами мо рӯи ҳаво шуд.

Дар ҳурмати ӯ ҷаҳди сазовор накардем,
Ҷуз ғайбати бисёр ягон кор накардем,
Шукру нигаҳи булбулу гулзор накардем,
Ношукрии мо бар сари мо дарду бало шуд,
Аз бори ҷафо қомати мо чангу дуто шуд.

Ӯ марсияхони ҳунари хеш шуд охир,
Бо нола қалам[8] бар ҷигари хеш шуд охир,

[8] Қалам–хор

Раҳпои қазову қадари хеш шуд охир,
Бар реҳлати худ аз алами беш ризо шуд,
Армони ба базмаш шудани халқ адо шуд.

### ЧАШМАИ РУБОТ

Зи побӯси зулоле мезанӣ ҷӯш,
Намегардӣ даме аз ҷӯш хомӯш.
Ба гирдат рақс ороянд гулҳо,
Ба зерат сангҳо–лӯълӯи хандон.

Аз обат нӯш кардан кайф дорад,
Ба сардӣ мағзи сар бар ларза орад.
Сабук одам шавад аз кӯфт дарҳол,
Дилаш хоҳад занад ҳар сӯй ҷавлон.

Намояд оби ту нуқси дарун об,
Рабояд зулмати шаб нури маҳтоб.
Кушоӣ  хуб роҳи иштиҳоро,
Шавад кас аз чунин эъҷоз ҳайрон.

Дарунбемор бинмоӣ табобат,
Магар бошӣ ту доруи табиат,
Аҷаб бӯи хуш аз ту бар машом аст,
Туӣ гӯё гулобе аз гулистон.

Чӣ мешуд ғайр аз ин, эй нуқсполо,
Рабоӣ кинаҳоро ҳам зи дилҳо.
Шавад то мисли ту ҳар дил пас аз нӯш,
Ҳамеша поку покиро нигаҳбон.

## ШАЙХ МАДАМОНИ **ВАЛӢ**

(Ривоят)

Қиссае аз шайх орам бар варақ,
Ҳикмати он то шавад моро сабақ.
Шайх будӣ бештар хилватнишин,
Камнамою камгапу лутфофарин.
Дар иботат буду дар зикри худо,
Буд ӯ танҳо ба покӣ ошно.
Шаб, ҳама шаб дер мешуд дар ғанаб,
Хосташро дошт аз яздон талаб.
Ризқ дармеёфт ӯ бо як намуд,
Шарҳи ризқи ӯст нозук аз суруд:
Ҷав ҳамекорид ҳангоми баҳор,
Худ ба побел аз барои рӯзгор.
Аз касе ёрӣ намедид ӯ раво,
Буд худ бар корубораш раҳнамо.
Аз дами белу замин буд ризқи ӯ,
Пораи нони ҷавин буд ризқи ӯ.
Дар қаноат буду чашми сер дошт,
Бар даҳони нафси бад шамшер дошт.
Дардмандонро табобат менамуд,
Бо дуои худ шафоат менамуд.
Чун ба Хизри зинда бар ӯ одамон
Доштанд уммеду ихлоси калон.
Баски дар ин олами пуррафтуо
Ҳар чӣ ӯ мехост, мешуд гӯиё.
Чун ҷавонон ёфтанд аз ин дарак,
Гашт пайдо дар дили як зумра шак.
Чанди ӯ як маслиҳат оростанд,
Шайхро дарёфтан мехостанд.
Гуфт яктоаш, ки бояд ин кунем,

Шайхро мулзам ба пеши дин кунем.
Мурда бархонем фардо як нафар,
Гоҳ-гоҳе «гиря» карда дар назар.
Пеши Шайх орем тобути варо,
То ҷаноза хонадаш чун мурдаҳо.
Аз куҷо донад, ки зинда мурда нест,
Ҷон ба чанги ҷонситон биспурда нест.
Фош гардад Шайх бо ин яксара,
Мешавад дар байни мардум масхара.
«Мурда» андар саҳни масҷид ҷо гирифт,
Кас нашуд аз мурдаи нав дар шигифт.
Лек медонист Шайхи ҳақпараст,
«Мурда»-и тобутбаста зинда аст.
Гуфт: «Фарзандони ман, гӯед рост,
Ростиро умр, бешак, бобақост.
Зинда аст ин «мурда» ё ки зинда нест,
Мурда баски ҷои ҳазлу ханда нест»…
Се карат пурсид аз боби савоб,
«Мурда» бишнид аз ҷавонон дар ҷавоб.
Аз дурӯғи маҳзашон шуд ноумед,
Оби чашмаш рехт то риши сафед.
То даромад пеш ӯ андар намоз,
Аз пасаш шуд одами бисёр боз.
Чор бор «Аллоҳу акбар» хонд ӯ,
«Мурдадоронро» чунин фаҳмонд ӯ:
«Мурдаи худро бибардоред зуд,
Бурда андар хок биспоред зуд».
Мурдадорон сабр карданд ихтиёр,
Муддате гаштанд ӯро интизор.
То бадар ояд зи тобути раванд,
Ровии «шайхошноиҳо» шаванд.

Лек аз ҷояш наҷунбид ӯ дигар,
Рафта бигрифтанд аз ҳолаш хабар.
«Мурда» андар ҷош кайҳо мурда буд,
Ҷони худро дар кафан биспурда буд.
Шайх шуд хомӯш сӯи шах равон,
То даме ёбад аз ин савдо амон.
Кофт обе байни кӯҳи пурҳашам,
Санг диду об не як қатра ҳам.
«Уф» бигуфту зад асои худ ба шах,
Чашма берун гашта дар сардӣ чу ях.
Оби чашма гӯиё аз Порвор
Шуст ҳар нопокию чангу ғубор.
Шак ба покон роҳгумию хатост,
Ҳар касе пок аст, ӯ ёри худост.

## БА ХУД АБРИ СИЯҲ НАМ ДОРАДУ НАМ

Ба ёди Иззатуллои Шариф

Ба ёди ту қалам бар даст дорам,
Ба марзи дафтари худ ашк корам.
Насабзад дони ашки бешуморам,
Агар сабзад, ҷаҳон дар об монад.

Ба пеши дидаам Кӯҳи Фурӯш аст,
Зи барфи қудла сабза обнӯш аст.
Шавад он барф нарм обу хамӯш аст,
Ба мисли барф гардам об аз ғам.

Хаёлам дар канори ҷӯйборӣ,
Ба оби бастаат наззора дорӣ.

Бувад майли дилат бар боғкорӣ,
Ба боғат нахли бороварда кам нест.

Бари кӯҳсор аз ранҷат биҳишт аст,
Надорад гӯшаи холиву кишт аст,
Табиат ҳусни дунёяш сириштаст,
Фаровон монд аз ту ёдгорӣ.

Зи роҳи дур ҳам бар дида тобӣ,
Дурахшонрӯйтар аз моҳтобӣ.
Саҳар дар пешвози офтобӣ,
Муаззин бар намози бомдодӣ.

Зи дунё даргузашта беҳисоб аст,
Ҳазорон хонаи шодӣ хароб аст.
Яке дар ёду дигар дар китоб аст,
Ту гӯё ҳайкале болои кӯҳӣ.

Дили бечораам ғам дораду ғам,
Фараҳмандӣ басо кам дораду кам.
Ба худ абри сияҳ нам дорад нам,
Агарчи дар қафояш меҳр бошад.

## ҚАЛАМКАШ

*Ба ёди Одина Шамсӣ*

Қаламкаш ҳам замони хеш дорад,
Ба килкаш нӯш дорад, неш дорад.
Ҳаёти мардум орад бар нигориш,
Умеди тозае дар пеш дорад.

Намехоҳад, ки одам бад кунад, бад,
Ҳақиқатро ба фанде рад кунад, рад,
Ҳамехоҳад, ки даҳр осуда бошад,
Зи олам нест гардад бухлу тӯҳмат.

Навозиш бошаду лутфу каромат,
Рафоқат бошаду меҳру садоқат.
Сафои зиндагонӣ беш гардад,
Ниҳоли дӯстӣ боло кунад қад.

Қабои даҳр аз зебоӣ бошад,
Ба пирон лаззати барноӣ бошад.
Ҷудоӣ дар миёна ҷо наёбад,
Азобу роҳати якҷоӣ бошад.

Камар бастӣ ту рағми бадгуҳарҳо,
Нахуфтӣ аз сари шаб то сахарҳо.
Забони хомаат чун шамъи маҷлис,
Шарар мерехт дар кунҷе, шарарҳо.

Сияҳкорони дунро фош кардӣ,
Дигар хасми дарунро фош кардӣ.
Ба қасди моли кас афтодагонро,
Талабгорони хунро фош кардӣ.

Валекин дасти тӯҳмат гашт боло,
«Хатое» кард дар кори ту пайдо.
Шаҳодат дод ҳар чӣ буд даркор,
Шавӣ то дур чун санги сари роҳ.

Агарчи пок будиву ҷавон ту,
Тавоное ба размни беамон ту.
Зи дасти зумраи нопоку бадбин
Шудӣ аз даҳр беному нишон ту.

Намедонам, ки гӯрат дар куҷо аст,
Ба гӯристон ва ё дар бешаҷо аст.
Ту дорӣ гӯр, ё на, кас надонад,
Ки ин вобаста бар ҳукми қазо аст.

Агар донам, сари гӯрат биёям,
Ба дил сӯзу ба лаб бошад дуоям.
Чӣ рӯз омад зи баъди рафтани ту,
Ҳикоят як ба як он ҷо намоям.

Ба сад дарду алам холӣ кунам дил,
Рақам андар рақам холӣ кунам дил.
Зи ман то ки шавӣ ту низ огаҳ,
Аз аҳволи қалам холӣ кунам дил.

Ба санги гӯри ту бахшам чунин хат,
Зи оҳи хомаи пурдарду ҳасрат:
«Ҷаҳоно, ноҳақонат бешуморанд,
Бувад дар гӯр ҳам аз ту шикоят!»

## Н А Қ Ш

Барои Гадо Ҳошимов*

Рӯ ба рӯи пирамард истодаам,
Ӯ ба дарду ман ба дард истодаам.

---

* Падари Ҳошим Гадо

Сӯҳбати сӯзони моро нест ҳад,
К-ашк аз чашми дуи мо мечакад,
Ӯ чу кӯҳу ман чу гард истодаам.

Ҳасрату дардаш нагунҷад дар китоб,
Мекунад як ҳасраташ сад дил хароб,
Оҳи сӯзон мекашад бобои пир,
Дар ҷигар гӯё ки дорад захми тир,
Бар суоли ӯ намеёбам ҷавоб.

Ҷӯш дорад, ҷӯш дар мо бештар
Гуфтугӯ аз боби фарзанду падар,
Аз писарҳомон ҳикоят мекунем,
Аз ғами онҳо шикоят мекунем.
Бигзарад,–гӯем–кай даври қамар?

Гӯяд ӯ: рафтори мо ботил бувад,
Зинда бошиву ҷудо, мушкил бувад.
Сер фарзандат набинӣ дар ҳаёт,
Интизораш бошӣ аз умрат зиёд,
Сабру тоқат аз куҷо дар дил бувад?!

Хотирам ҳоло ба ҷои хеш нест,
Дар бадан мӯям ба ғайр аз неш нест,
Дод гӯям аз ҷафои зиндагӣ,
Баста бошад ғам маро дар бандагӣ,
Дар гумонам зайли ман дилреш нест.

Ғам махӯр,–гӯям бар ӯ ман,–ин қадар,
Баччаи ту ҳаст як марди ҳунар.
Нақшофар нест мислаш дар диёр,

Шӯҳраташ монад ба дунё пойдор,
Нақши ӯ дар хотири аҳли башар.

Гӯядам тарзе, ки бошад ҳузнбор:
Нақшҳои ӯ намеоянд кор.
Ҳар гаҳе ки офарад нақши маро,
Бо чунин дарду фироқу сӯзҳо,
Баъд гӯям кист ӯ дар рӯзгор.

## ТУ ПАДАР БОШӢ АГАР, МАН ПИСАРАМ

*Нолаи писар дар фавти падараш*

Бахти пурхандаю бар ҷон сипарам,
Шафақи нурнисори саҳарам,
Рахт барбаставу рафтӣ зи барам,
Рехт аз рафтани ту болу парам,
Неш зад каждуми ғам аз ҷигарам.

Сӯзи дилро набувад ҳадду ҳисоб,
Шарҳи он ҷой нагирад ба китоб,
Мезанад чанг ба ҷон деви азоб,
Ҳоли зорам шуда садбора хароб,
Тира тобад ҳама ҷо дар назарам.

Худ баҳори ҳавасам гашт хазон,
Дарду ғам пир кунад зуд ҷавон,
Умр поянда набошад ба ҷаҳон,
Ҳайф, одам равад охир зи миён,
Дидаму боз туро менигарам.

Ларза дар пайкарам аз дард шуда,
Чун гули қоқу рухам зард шуда,
Дилам аз олами дун сард шуда,
Зиндагӣ ҳамдами номард шуда,
К-ӯ бизад санги ҳаводис ба дарам.

Бе ту якбора шудам зору сағир,
Ба чаҳи ғуссаи нав гаштам асир,
Мисли Маҷнун биравам сӯи адир.
Чӣ кунад боз ба ман олами пир,
Кас аз ин боб наорад хабарам.

Пас аз ин бо кӣ кунам роз баён,
Бари ӯ хеш бубинам ба амон,
Тарс н-ояд ба дил аз тиру камон,
Шавадам ҳар суханаш шодии ҷон,
Метавонӣ ту бигӯӣ, падарам?

Ба куҷо, кай бишавам ҳадами ӯ,
Ӯ ғами ман хӯраду ман ғами ӯ,
Марҳамам гардаду ман марҳами ӯ:
Як бувад мотами ман, мотами ӯ,
Чӣ кунам, нест чунин кас дигарам.

Ҳама уммед зи дил кард фирор,
Барф пӯшонд ба як ҳамла баҳор,
Чуғз омад ба наво ҷои ҳазор,
Ман надонам чӣ шавад охири кор,
З-омади рӯзи навин дар ҳазарам.

Лаззати умр дигар гашт тамом,
Талхии буғмаи ғам монд ба ком,
Лаб агар во кунам аз боби калом,
Ҳар саҳар бар кӣ диҳам, гӯй, салом,
Ҳаками додрасу роҳбарам?

Гаҳи тобут шуд аз хона бурун,
Ба хаёлам, ки ҷаҳон гашт нагун.
Шудам аз бори алам сахт забун,
Рехт аз чашми мани ғамзада хун,
Дид ҳоли бадам аҳли гузарам.

Рост гӯям, ту тавонам будӣ,
Зиннати умри ҷавонам будӣ,
Беҳтарин ҷӯраи ҷонам будӣ,
Ҳарфи аввал ба забонам будӣ,
Бин, чиҳо кард қазову қадарам.

Писар аз доғи падар хаста шавад,
Ба ғами бепадарӣ баста шавад,
Ханҷари бедаму бедаста шавад,
Об дар кӯзаи бишкаста шавад,
Оҳи ин доғ ба пеши кӣ барам?

Дур аз чашми тараш хоб равад,
Тирабин аз шаби маҳтоб равад,
Ба хаёле дами гирдоб равад,
Бепанаҳ монаду нотоб равад,
Нафаси монда биёрад хатарам.

Кӣ зиёд, одами дилпора зиёд,
Ҳар тараф бекасу овора зиёд,
Оҳу вои дили бечора зиёд,
Накунад зора дигар кора зиёд,
Занад ин ҳол ба ҷон нештарам.

Сухани неки ту дар ёди ман аст,
Адабат то абад устоди ман аст.
Тозакорит дар имдоди ман аст,
Ҳамчу бунёди ту бунёди ман аст,
Ту падар бошӣ агар, ман писарам.

Аз васоёти ту берун нашавам,
Аз вафо дуру дигаргун нашавам,
Ғарраи сарвати афзун нашавам,
Аз пайи давлати Қорун нашавам,
Ман, ки аз боғи ту навбар шаҷарам.

Пой аз роҳи ту бераҳ накунам,
Ҳеҷ кас аз ғамам огаҳ накунам,
Хони густурдаи ту таҳ накунам,
Шамъро куштаву дар чаҳ накунам,
Кам шавад  ё ки фаровон самарам.

Писарӣ қадри падар доштан аст,
Парчами лутф барафроштан аст,
Ба раҳаш лолаву гул коштан аст,
Нозҳояш ҳама бардоштан аст,
Сахт бастам зи пайи ин камарам.

Ҳар замон дафтари ту боз кунам,
Мурғи ёди ту ба парвоз кунам,
Хондани шеъри ту оғоз кунам,
Хеш гӯё ба ту ҳамроз кунам,
Ҷуз хаёли ту набошад ба сарам.

Байти ту машъалаи роҳ шавад,
Порасози дили бадхоҳ шавад,
Дар ҳама ҷой панаҳгоҳ шавад,
Дил аз он дам ба дам огоҳ шавад,
Ба раҳи умр бувад ҳамсафарам.

Фитнабозии замон аст фузун,
Амали тиру камон аст фузун,
Сари ҳар тир нишон аст фузун,
Душмани ҳақталабон аст фузун,
Ба баду нек ҳаме барбабарам.

Он чӣ бархӯрд ба сар, мегузарад,
Хун шуданҳои ҷигар мегузарад.
Даври бераҳми қамар мегузарад,
Хории аҳли ҳунар мегузарад,
Ҷомаи рӯзи умедам надарам.

Писаронам, ки туро меҷӯянд,
Дар таку тоз ба ҳар як сӯянд,
Ҷомаи хоби туро мебӯянд,
«Бобии мост куҷо?»–мегӯянд,
Гарчи ин мешунавам, гӯшкарам.

Бе падар монӣ агар, душвор аст,
Роҳи ҳамвори ту ноҳамвор аст,
Пеши ӯ ҷангали пур аз хор аст,
Зиндагӣ гӯӣ ки нодаркор аст,
Сӯзад аз оташи он хушку тарам.

Хорию зории кас кам нашавад,
Касе аз баҳри ту дар ғам нашавад,
Шодии пеши ту ҳамдам нашавад,
Талаботи ту фароҳам нашавад,
Гияҳи хушк шавад найшакарам.

Душману дӯст шавад тез аён,
Боғи сарсабз шавад зуд хазон,
Меваащ соф намонад ба миён,
Луқмаи даст биафтад зи даҳон,
Нест осон, ки физояд асарам.

Бингарӣ, масту алас бисёр аст,
Дар шаби шаҳр асас бисёр аст,
Аз пайи шира магас бисёр аст,
Бегуноҳе ба қафас бисёр аст,
Ман надонам ба куҷо раҳсипарам.

Ҳунари доштаам хор шуда,
Ба ғами сарзада сарбор шуда,
Даст нокора ба ҳар кор шуда,
Оҳи ҷонкоҳ маро ёр шуда,
Аз ҳама беҳунарон беҳунарам.

Наравад мӯи сафеди ту зи ёд,
Рухи ту буд маро субҳи мурод,
Тарабам буд ба ҳар рӯз зиёд,
Танг ҳоло бувадам даҳри кушод,
Пои лагжида ба домони ҷарам.

Бод гӯё ки ҷафобез шуда,
Нафасам дар равуо тез шуда,
Ба сарам чарх балорез шуда,
Оҳи пурдард сарҳархез шуда,
Лахчаи сӯхтаи бешарарам.

Дод гӯяд шабам аз беғанабӣ,
Хушк гардад лабам аз ҳақталабӣ,
Бишавам пир барин ман асабӣ,
Лек ҳаргиз накунам беадабӣ,
Адабомӯхтаӣ ту агарам.

Ба писар нест бузурге зи падар,
Ба падар нест азизе зи писар,
Донад инро ҳама авлоди башар,
Гар чунин нест, дар ин даҳри дудар
Ҳастии хеш ба як тин нахарам.

Раҳи ту сӯи мазор аст кунун,
Ҷой-ҷо пурхасу хор аст кунун,
Зи пасат нолаи зор аст кунун,
Дили ман дар дами нор аст кунун,
Дигар, эй вой, куҷо шери нарам?!

Гӯри танг аст дар он ҷо ватанат,
Нашавад аз ватанат кас суханат,
Оби гул пош задам дар кафанат,
Кӣ сари гӯр равад ҳамчу манат,
Пайи ҳам, қиблагаҳи муътабарам?

Ҷуз сари гӯр ба Парвор равам,–
Зодгоҳи ту ба такрор равам,
Гоҳ-гоҳе ба Сари Ғор равам,
Турғ[9] биброяму бар тор равам,
Ба қадамгоҳи ту, ки саҷдагарам.

Баъди ту аз фалаки шӯъбадабоз
Нанамоям талаби умри дароз.
Хайрро пеша кунам бо дили боз,
Қарз бошад ба ман ин мисли намоз,
Ба раҳат харҷ шавад симу зарам.

Хотиратро нагузорам ба замин,
Балки ман хокаму он чархи барин,
Наравам бераҳа аз оину дин,
Хештанро ба сарои ҳамабин
Номбардори падар мешумарам.

## ХИРАДМАНД

*Барои Фазл Набӣ*

Хирадмандон батамкинанду хомӯш,
Садаф дар зери дарё ҳаст рӯпӯш.

---

[9] Турғ– номи кӯҳ.

Намегиранд худро ҳеҷ боло,
Бувад хас рӯи дарё дар равуо.

Сухан гӯянд агар, оҳиста гӯянд,
Чӣ мегӯянд, он донитса гӯянд.

Шакар меборад аз гуфтори эшон,
Кунад ғун лафзашон ёди парешон.

Дари дунёи тоза боз созанд,
Адабсанҷидаанду дилнавозанд.

Чароғи маҷлиси мову шумоянд,
Шаби торикро равшан намоянд.

Зи дарди ҳар яки мо сӯз доранд,
Шабонгаҳ сӯхтан то рӯз доранд.

Ҷаҳолат лек онҳоро набинад,
Гул аз боғи адаб ҳаргиз начинад.

Ба эшон балки таҳдид оварад пеш,
Шабаҳ дар чеҳраи ид оварад пеш.

Хирад ё маърифат гуфтам чароғанд,
Дигар чун бӯи гулҳо бар димоғанд.

Ба як пуф аз шарар монад вале шамъ,
Набошад нур, чун гардем мо ҷамъ?

Чӣ сон бинем рӯи якдигарро?
Чӣ сон дур афканем аз раҳ хатарро?

Чӣ гуна роҳ бар оянда пӯем,
Чӣ сон доғи фалокатҳо бишӯем?

Хирад моро ба ҳам пайванд созад,
Ба меҳри ҳамдигар поբанд созад.

Бубахшад ваҳдати моро бароре,
Надорад ҳоҷате ин бар қароре.

Ту, ки дар пояи ақли баландӣ,
Ба ақли хеш моро судмандӣ.

Ба ваҳдат майли беандоза дорӣ,
Набинад мӯи испедат ғуборе!

## РАИСИ ҶАМОА

*Барои Ҷалол Нафас*

Ҳама хурду калонаш мешиносанд,
Адолат дар баёнаш мешиносанд.
Дили ӯ бо дили халқ аст якто,
Нафас озод мегиранд якҷо,
Ки ҳамчун меҳрубонаш мешиносанд.

Ба тифли навзабон ҳам роз гӯяд,
Ба пеши подабон ҳам роз гӯяд.
Садояш гоҳ ояд аз бари кӯҳ,
Нидояш гоҳ ояд аз сари кӯҳ ,
Ба дарёи равон ҳам роз гӯяд.

Ғами ғамдорҳо доим ғами ӯст,
Ками камдорҳо умре ками ӯст.
Ҳамедонад, ки дар ақсои олам
Чӣ меорад замин аз баҳри одам,
Дулона бо дулона ҳамдами ӯст!

Гапашро кас намегардонад, алҳақ,
Чӣ хоҳон аст, мардум донад, алҳақ.
Чу ӯ аз гуфти эшон дур н-ояд,
Даме аз хатти виҷдон дур н-ояд,
Китоби ақлу имон хонад, алҳақ.

Ба дилҳо ҳамчу меҳре хона дорад,
Шараф дар хешу дар бегона дорад.
Саодатҷӯи меҳнатзодагон аст,
Тараҳҳумпешаи афтодагон аст,
Ба номаш як ҷаҳон афсона дорад.

## ДАРИ КУШОДА

*Ба ёди Латиф Азим*

Ин хона, ки бо дари кушод аст,
Дар хеш ҷаҳоне ҷой додаст,
Дар марҳамати мусофирон ӯст,
Омода ба хизмати калон ӯст.
Бар хайру саховате фитодаст.

Густурда бувад мудом хонаш,
Кам нест ба хони тит нонаш.
Маъвои умеди раҳгузарҳост,
Одамгарие дар ӯ ҳувайдост,
Як бор бишав ту меҳмонаш.

Одист,

бубинӣ, кадхудояш,
Чухт асту намешинад ба ҷояш.
То ҳурмати кас ба ҷой орад,
Лутфи суханаш чу қанд борад,
Боло наравад зи пеши пояш.

Ин хона, ки ҳаст хуб маъмур,
Тобад ба нигоҳ балки аз дур,
Нондодаи ому хос бошад,
Бар шоҳу гадо шинос бошад,
Як деҳа ба номи ӯст машҳур.

## ҶАВОНМАРДӢ

*Ба ёди Нозим Назар*

Ҷавонмардон ба мардӣ хос марданд,
Дуо гӯям ба олам кам нагарданд,
Зи бас дармондагон дар даҳр бешанд,
Зи хори зиндагӣ дар зери нешанд,
Ба ҳар маъво, бубинӣ, рангзарданд.

Ҷавонмардии ту гӯям ба ёрон,
Ба хуррам мардумону ғуссадорон.
Чу омад дасткӯтоҳе дари ту,
Ҳикоят кард ҳолашро бари ту,
Ки бошад безану ноками даврон.

Зи нодорӣ азобаш таҳ надорад,
Куҷо рафтан надонад, раҳ надорад,
Надорад пайсае,

ки зан бигирад,

Ба роҳи зиндагӣ рафтан бигирад,
Рафиқи аз ғамаш огаҳ надорад.

Ту кардӣ машварат бо ҳамсари хеш,
Ба ёри нозпарвар–ғамбари хеш,
Ки ҷонаш будиву ӯ буд ҷонат,
Азизу дилнавозу меҳрубонат.
Варо хонад дигар то шавҳари хеш.

Ризо кардӣ ту ёри гулбаданро,
Ба дасти ӯ ту додӣ дасти занро.
Дуо додиву гуфтӣ шод бошанд,
Саодат ёфта обод бошанд,
Ба оби дида тар карда суханро.

Ба ин корат Яхӣ[10] гаштиву мондӣ,
Сахитар аз сахӣ гаштиву мондӣ.
«Сахӣ дар ҳар ду олам сарбаланд аст»,
Хасис афтодаасту нописанд аст,
Ба бахшиш пеш бигзаштиву мондӣ.

## ШИНЕМ БА ПОЁНУ ТУРО ГӮШ КУНЕМ

*Барои Гулчеҳра Содиқ*

Хонӣ ту ба ҳасрату ба ғамҳои зиёд,
Аз сангдилию сахтии даҳри кушод.
Аз сӯзу фироқи дарди ёрони ҷудо,
Аз дурии роҳ бар сари кӯи мурод:

[10] Яхӣ–қаҳрамони як достони Алишери Навоӣ, ки занашро ба ҷавони ошиқ никоҳ баста медиҳад.

«Шинам ба баландиҳо туро ёд кунам,
Монандаи кабки тоқа фарёд кунам.
Фарёд кунам, касе ҷавобам надиҳад,
Умрам ба тамошои ту барбод кунам».

Чои ту баландӣ асту поён манишин,
Хурсанд намешавад аз ин рӯи замин.
Фарёди ту ёди дигарон меорад,
Дил пора шавад, кашӣ чу фарёд чунин.

Ҷуз ғам набувад ба сози ту рози дигар,
Аз рози ғамат гунг шавад сози дигар,
Овоз пур аст агарчи имрӯз, вале
Овози туро парастад овози дигар.

Шинем ба поёну туро гӯш кунем,
Аз бодаи нолаҳои ту нӯш кунем.
Гардем ҳама хаёлии доғи фалак,
Ғамҳои худ аз ғамат фаромӯш кунем.

## РОҲБАР

*Ба ёди Валӣ Абдулло*

Раҳбаршудагон зиёд бошанд,
Бо кардаи худ ба ёд бошанд.
Дар кишвари хотироти мардум
Дар гашт ба мисли бод бошанд.

Бадкардаро бад мудом хонанд,
Бо нафрати бардавом хонанд.

Чун фосиқи сангсоргашта,
Шармандаи хосу ом хонанд.

Санге тарафаш ҳавола доранд,
Хоҳанд ба дӯзахаш дароранд.
Дар оташи он абад бисӯзанд,
Ҳаргиз бадараш дигар наоранд.

Ту раҳбари бемисол будӣ,
Равшандилу бас ҳалол будӣ.
Дар гардиши чарх аз пайи кор
Гаҳ моҳу гаҳе ҳилол будӣ.

Кас доғ ба кори ту намедид,
Гул дидаву хори ту намедид.
Аз сӯҳбати ту мурод меёфт,
Зиштӣ зи шиори ту намедид.

Пайваста миёни халқ будӣ,
Гоҳе тану ҷони халқ будӣ.
Ӯ мактаби рӯзгор будат,
Ту лафзу забони халқ будӣ.

Дарду аламаш ба ту аён буд,
Андӯҳу ғами ту ҳам чунон буд.
Будӣ ту ба ӯ чу посбоне,
Ӯ бар ту яқин, ки посбон буд.

Мемондӣ агар ба деҳае шаб,
Аз боиси кори хайру матлаб.

Сӯми ҷави аспи хеш аввал
Медодӣ аз эҳтироми мансаб.

Дар давраи ту набуд одат
Бар моли касон зи кас хиёнат.
Кам нест, ба гуфтаи бузургон,
Покиву ҳалолӣ аз ибодат.

Не мол бигуфтию на манзил,
Зинҳор набастаӣ ба ин дил.
Ҷуз манфиати ҷамоат охир
Будӣ зи ҳама дигар ту ғофил.

Дирӯз буд ин, валек алъон
Раҳбаршудагон наянд он сон.
Ҷуз ваъдаи пуч гап надоранд,
Бар нафъи худанд марди майдон.

Қасри нави барҳавой созанд,
Ин ҷову ба ҳар кучой созанд.
Кас гап назанад,
зи баски гӯё
Бо розигии худой созанд.

Боз омири ГАЗ-31 астанд,
Дорандаи сӯми лак-лак астанд.
Чашмони чунон гурусна доранд,
К-инҳо ҳама гӯӣ андак астанд.

Аз кибру ғурур кох доранд,
Дилҳои адаб сурох доранд.

Лаб во кунӣ ар, ба қасди ҷонат
Чун буққа ба сар ду шох доранд.

Иснод ба шаъни давлат оранд,
Моро ба хиҷолате гузоранд.
Туф карда ба рӯи заҳмати мо,
Сармасти шароби ифтихоранд.

Аз сӯҳбати халқ мегурезанд,
Бо кардаи хештан ситезанд.
Як рӯз фитанд аз баландӣ,
Бошад, ки зи ҷой барнахезанд.

## ТУ ШУДАНҲО ҲАВАСАМ МЕОМАД

*Барои Аюб Файзӣ*

Куртаи чоки ту дар ёдам ҳаст,
Оҳи ғамноки ту дар ёдам ҳаст.
Аз ҳама беш, ки будӣ ту ҷавон,
Чеҳраи поки ту дар ёдам ҳаст.

Аз ту анвори ҷавонӣ мерехт,
Нурро элаки мӯят мебехт.
Шеваи ту ба суханҳои латиф
Ҳамчунон ширу шакар меомехт.

Банд ту аз пайи хондан будӣ,
Аспи дониш ба давондан будӣ.
Менашуд садди раҳат нодорӣ,
Гули мақсад ба шинондан будӣ.

Чӣ қадар шод туро медидам,
Хушу озод туро медидам.
Ба ҳамон куртаи чоки танаат,
Зи худ обод туро медидам.

Ту шуданҳо ҳавасам меомад,
Ҳаваси ҳар нафасам меомад.
Гӯиё мурғ будам дар қафасе,
Нафрати он қафасам меомад.

Ҳавасам омаду мактаб рафтам,
Тарафи равшанӣ аз шаб рафтам.
Кавкабон аз паси маҳ меоянд,
Зи паси моҳ чу кавкаб рафтам.

Ту маро чашмаи ибрат гаштӣ,
Раҳбалад ҷониби ҳиммат гаштӣ.
Соҳиби касбу сухан гардидам,
Ақл дар равнақи давлат гаштӣ.

Ташнаро лаззати об ояд ёд,
Гушнаро бӯи кабоб ояд ёд.
Аз ҳама чиз, ки хуш тансиҳатист,
Пирро даври шубоб ояд ёд.

Ман ҳамон давраву ту ёд орам,
Зор будан ба каду ёд орам.
Куртаи чок буду ҷаҳди баланд,
Ҷаҳди мардони накӯ ёд орам.

## МАРЁБОЙ

Куҷои ту, манам дар пурсупосат,
Ба Марёбой созам то шиносат.
Ба деҳа буд ҳамчун бой машҳур,
Зи дорои̅ набуд ӯ лек мағрур.
Ҳамеша хос будаш хоксори̅,
Намегардид дур аз хайркори̅.
Хаёлаш буду дасташ банд дар кор,
Зи меҳнат ганҷи ӯ мегашт хирвор.
Чаро мебурд бо шавқи зиёда
Ба саҳро гӯсфандонаш пиёда.
Ҳама буданд аз зоти ҳисори̅,
Зиёда аз ҳазораш буд чори̅.
Ки бини̅ дунбаҳо чун тойи пахта,
Миёнҳо паҳн мисли чӯбтахта.
Зи фарбеҳи̅ ба ҳоле пой монанд,
Қадам бо амри Марёбой монанд.
Заминро ҳусну зебои̅ бибахшанд,
Чу Марёбой дорои̅ бибахшанд.
Тамошогар шави̅, чашмат шавад сер,
Тамошо мекуни̅ бо завқи пур дер.
Аз ин дорои̅ карда сарфарози̅,
Гиребон дошта, шукрона сози̅.
Ба ҷуз ин бойи мо дар чор ҷониб
Ба разми сарфакори̅ буд ғолиб.
Ба вақти чошт–гоҳи пухтани нон
Ба сӯи хона меомад шитобон.
Намешуд то хунук ҳар нони навкан,
Набудаш сӯи рамма майли рафтан.
Чаро, ки нағз медонад зи ҳар боб
Агар занҳо кунанд ин дам шакароб,

Дучандон сарф гардад нон, дучандон,
Намонад балки дигар бурдаи нон.
Занакҳо з-ин дуояш менамуданд,
Ҳавола бар худояш менамуданд.
Вале дороияш сархӯр баромад,
Балое бар сараш як рӯз омад.
Ба ӯ гуфтанд: даври ҳақгузорист,
Ҷиноят пеши давлат молдорист.
Тамоми гӯсфандонаш гирифтанд,
Ки гӯӣ мол не, ҷонаш гирифтанд.
Бишуд ӯ дар ғами молаш ҳавоӣ,
Ба шаҳ баргӯ, ки пеш омад гадоӣ.
Чӣ даҳшат бошад ин, бисёр даҳшат.
Ки одам мешавад тороҷу ғорат.
Насиби ғайр мегардад насибаш,
Намеояд насибаш бар қарибаш,
Набинад роҳати ранҷу азобаш,
Надорад кас ғами ҳоли харобаш.
Ба Марёбой омад талх рӯзе,
Ба ҷои роҳати ҷон дарду сӯзе.
Куҷо рафтан надонист ӯ аз ин пас,
Бароят монд боқӣ дасти норас.
Ба ёди гӯсфандон рафт саҳро,
Баногаҳ сел пеш омад зи боло.
Шиновар дар миёни сел гардид,
Зи дунё рафту иқболаш нахандид.
Надида чеҳраи фарзанду зан, рафт,
Каин андар миёнаш, бекафан рафт.
Варо ҳар гоҳ бояд ёд бинмуд,
Ки моли ӯ ҳалолу меҳнатӣ буд.
Насиби соҳибаш, бингар, накарда,

Баҳораш босафо дигар накарда.
Ту ғорат кардаву ғун кардаӣ мол,
Чу Қорун кардаӣ ғун балки алҳол.
Насибат мекунад оё ба олам,
Бипурс аз хеш, эй фарзанди одам?!

## Н А Н Г

Барои С.

Чӣ дорад дао бисоташ, нанг дорад,
Муносиб ӯ ба нанг оҳанг дорад.
Зи нанги хеш берун по намонад,
Ба бенангон ғиреву ҷанг дорад.

Ҳақиқат пеш орад дар талабҳо,
Ба худ миръот созад аз адабҳо.
Ба рағмаш кас дуруштӣ н-оварад пеш,
Ҳимоятгар бас аз фарҳанг дорад.

Рухаш, вақте ки бар сӯҳбат шавад ҷӯр,
Чу рӯи ҳоҷиён гардад пур аз нур.
Ба маҳфил шарт дигар нест шамъе,
Дилат рӯшан шавад, гар занг дорад.

Ҷавонӣ аз ҷавонмардист зебо,
Дар ӯ ҳусни ҷавонмардист пайдо.
Шафақ ҳангоми бар ҷо рафтани меҳр
Ту гӯӣ аз рухи ӯ ранг дорад.

Куҷо монад қадам, обод гардад,
Диле ошуфта бошад, шод гардад.

Баҳору ӯ зи як зотанд гӯӣ,
Дар оғӯши баҳор авранг дорад.

## НЕКӢ ҲАМА ҶО БА КОР ОЯД

Бобои Шариф пандкоб аст,
Дилдода ба сӯҳбати китоб аст.
Ҳар сафҳа барош як биҳишт аст.
Ҳар сатр садои сарнавишт аст.
Бархондаю дар ҳаловат ояд,
Бар гулчамани саодат ояд.
Бинад, ки хирад чу нур зебост,
Хуршед ба нур оламорост.
Дар партави он ҳаёт хандад.
Дар боғ ниҳол муғҷа бандад.
В-ар нури хирад, ки табъчоқ аст,
Дар боби адаб ба деҳа тоқ аст.
Доноӣ валек шуд адӯяш,
Гаштанд бадон ба ҷустуҷӯяш.
Гуфтанд Шариф агарки муллост,
Хасме ба сари саодати мост.
Моро набарад ба роҳи пурнур,
Беҳтар, ки кунем аз раҳаш дур.
Бобои Шариф дид ин хост,
Дар хилвати кӯҳ маскан орост.
Аспаш бидавонд Кӯри Бояк,[11]
Худ зӯр бихонд  Кӯри Бояк.
Бар хонаи ӯ расид хашмин,
Бар зер ҷаҳид аз сари зин.
Ду тифлаки ӯ кашид аз по,

[11] Кӯри Бояк–яке аз ихтиёриёни манфиатҷӯ, ки Аскарони Сурхро бо рафторҳои ноҷояшон бадном мекарданд.

Он гуна, ки гург барраеро.
Бибрид сари дуяш чу  заргӯш,
Фарёд кашид деҳи хомӯш.
Бобои Шариф дид аз кӯҳ
Ин даҳшату монд зери андӯҳ.
Он лаҳза, ки ӯ ба хеш омад,
Ларзидаву сӯи пеш омад.
Гар давлати нав,–бигуфт,–ин аст,
Марге ба шикори одамин аст.
Дигар нашавед садди банда,
Эй мардуми  дар бало фиганда.
Бигрифт силоҳу даста орост,
Бо мақсади интиқом бархост.
Шуд дастаи ӯ шикорпеша,
Монандаи шер байни беша.
Гар афсари шӯравӣ ҳамеёфт,
Аз ҳеҷ ниқор рӯ наметофт.
Як рӯз як аскари қаторӣ
Карданд ба пеши ӯ ба хорӣ.
Аз дидани ӯ яке дигар шуд,
Чашми ғазабаш зи ашк тар шуд.
Оварда ду тифли хеш бар ёд,
Аскарбачаро накушту сар дод.
Ҳар ҷойӣ зиёд дар амон аст,
Кам пеши зиёд нотавон аст.
Бобои Шариф баски буд кам,
Дар пеши зиёд гашт мулзам.
Мардона ба банду маҳбас афтод,
Дар ҳалқаи нокасу кас афтод.
Дар зери суол дарнамемонд,
Аз ростӣ бехабар намемонд.

Аз пешаи хеш фош мегуфт,
Аз куштани баччаҳош мегуфт.
Бишнида варо, ба ғам фитоданд,
Онҳо, ки пайи ситам фитоданд.
Се бор зи маҳбас омаду боз
Доданд гунохи ӯй пардоз.
Ин дафъа ба бист дайн карданд,
Дур аз назару зи байн карданд.
Бар маҳбаси сахту дур бурданд,
Гӯё ба дами аҷал супурданд.
Номаш чу шунид садри маҳбас,
Бархонд варо ба сӯҳбаташ пас.
Гуфто, ки: «Бигӯй, аз куҷоӣ?
То чанд ту меҳмони моӣ?»
Бобои Шариф  з-аввали хат
Бинмуд ҳама ба ӯ ҳикоят.
Сардор шинохт «меҳмон»-аш.
З-ин қисса, ки кард ӯ баёнаш.
–Яъне ту Шариф–босмачӣ гӯӣ?
Арзандаӣ бе савол бар тӯй!
Бигзор, шавад ба ту муайян,
К-он аскари баста будаам ман.
Оне, ки накушта, кардӣ озод,
Имрӯз ана, худо ба ту дод.
Озод шумор хештанро,
Аз бобати некият дар ин ҷо.
Дар дафтари ман ту бегуноҳӣ,
Бинмой талаб ҳар он чӣ хоҳӣ.
Ҳар як талабат ба ҷой орам,
Хидмат ба ту қарзи худ шуморам.
Зинҳор намекунам   маломат,

Дар ҳукми ман аст бист солат.
Кай майли диёри худ кунӣ, гӯй,
Он рӯз ҳамекунам туро ҳуй.
«Аз навмедӣ басо умед аст.
Поёни шаби сияҳ сафед аст».
Бобои Шариф гашт хурсанд,
Шукрона намуд бар худованд.
Некӣ ҳама ҷо ба кор ояд,
Ногаҳ бари ту чу ёр ояд.
Бар ҷони кас ифтихор бошад,
Теғе ба таноби дор бошад.

## РИЗО–ПАРТИЗАН

Ба хотир биёрам саропой мард,
Ба ёдаш дарорам қаламро ба дард.
Хусусан ба вақте ки мардон каманд,
Каманду мудом аз камӣ беғаманд.
Шинонам ба паҳлуи мардон варо,
Чу мардон барорам ба майдон варо.
Ба пайкар наяст он қадар ҳам бузург.
Ба мислаш, ту бингар, бувад кам бузург.
Сухан каҷ бигӯӣ, дарояд ба шӯр,
Набинӣ ба пешаш дигар дасти зӯр.
Ба як диданаш кас муайян кунад,
Гул аст ӯ ва ё хас, муайян кунад.
Сухан дар даҳонаш чу оташ шавад,
Кӣ бо ӯ ба банди кашокаш шавад?
Касе тоб н-орад ба гуфтори ӯ,
Ба гуфтори аз ҳақ шарарбори ӯ.
«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад».

Барад аз қафояш дигарҳо ба роҳ,
Намонад касеро шавад дар гуноҳ.
Барад гар Сибиру ба Қутби Шимол,
Сари мӯ аз ӯ кас нагардад малол.
Дар ин роҳи дуру дар ин доварӣ
Муҳофиз надорад ба ҷуз боварӣ.
Ду кораш намоям ҳикоят ба ту,
Ки оянд ҳар ду маро пеши рӯ:
Ба ҳангоми Ҷанги Бузурги Ҷаҳон.
Ки буд ӯ зи рафтан ба майдон брон.
Комиссар валекин варо бад гирифт,
Ба худ ин амалро чу одат гирифт.
Ба таҳдид хондаш пайи ҳам ба пеш.
Ки гӯӣ ҳамезад чу каждум ба неш.
Ба ӯ бо далелаш зи бас гуфта буд:
«Туӣ ришвахор, эй наҳанги кабуд!»
Дигарбора хондаш, биёмад ба ҷӯш.
Ба долон баромад яке рӯ ба рӯш.
Комиссар варо, ки ҳақорат бидод,
Ба ҷояш ба ногаҳ ба зарбе фитод.
Силоҳаш гирифту ба ҷайбаш халид,
Ба як дам зи пешаш бишуд нопадид.
Бигардид ҳар ҷо пареш ин хабар,
Садо дод боло зи ҳар кӯву дар:
«Комиссар силоҳаш ба май додааст,
Зи мастӣ ба лойе биуфтодааст».
Мапурсам дигар, ки чӣ шуд ҳоли ӯ,
Худат гар тавонӣ, биҷӯ фоли ӯ.
Ризо-партизанро дигар кор ин,
Ки хонданд ӯро ҳама офарин:
Ба колхози муфлис чу шуд ӯ раис.

Ҳамегуфт мардум: чӣ некӯ раис!
Ба як сол боло баромад низом,
Ба ҳар ҷой инро гирифтанд ном.
Гузашт аз миён чун ба меҳнат ду сол,
Фаровонӣ омад, накӯ гашт ҳол.
Зи марказ ба санҷиш ду-се кас расид,
Ду кас пешу з-эшон яке пас расид.
Чӣ санҷиш, ки нӯкаш зи кайҳон гузашт,
Зимистон расиду баҳорон гузашт.
Шабу рӯз эшон бихӯрданд арақ,
Ба ҳаҷми китобе сияҳ шуд варақ.
Чу хонд акти онон раис як-ду раҳ,
Ҳама дид бошад якояк гунаҳ.
Агар ки бимонад ба ин акт даст,
Биборад балою биорад шикаст.
Биафтад чиҳил кас ба банди ҷазо,
Намонад дар ин ҷо ягон раҳнамо.
Аз ин рӯ «Ту,
ё пири мардон!» бигуфт,
«Маро шав дар ин дам нигаҳбон» бигуфт.
Ба оташ фиканд акти эшон ба қаҳр,
Бигуфто: «Аз ин ҷо раветон» ба қахр.
Шуморо надонам,
надидам, киед?
Валекин зи мардум шунидам киед.
Ба макру фиребу ба бими фузун
Намудед як-як дигарҳо фусун.
Ҳама сӯми колхоз бихӯрдед арақ,
Сабақ шуд ба мо ин,
сабақ шуд, сабақ.
Ба ҷурме шуморо кашондан зарур,

Шаробе зи талхӣ чашондан зарур.
Бирафтанд ҳар се баробар бадар,
Ба ҳоле ки гаштанд умуман пакар.
Намудам бароят, суханхоҳи ман,
Ҳикоят ду кори Ризо-партизан.
Ба табъат биояд агар ин писанд,
Бихонаш ҳамеша чу мард арҷманд.

## НАҚШИ ТУ КУНАД ҶИЛВА ДАР ОИНАИ ХОТИР

Ба ёди Гадоӣ Сафар

Рафтиву надид аз ту сари мӯи кас озор,
«Дар боғи ҷаҳон нест агарчи гули бехор».
Ту хоб ба хокиву надонӣ ғами моро,
Дар хобшуда бехабар аст аз дили бедор.

Мо ғамзадаи оқибати фитнаи асрем,
Афтода ба таҳ аз шафати гунбади қасрем.
Мо шеър будем, аз дили мо замзама мехест,
Акнун зи гапи кӯча яке пораи насрем.

Дидем парешонӣ ба ҳар ёлаву пушта,
Аз теғи бародар шуда дар ҳар дара кушта.
Момандари бераҳм шуда модари айём,
Беайб занад бар сари мо сахт думушта.

Гӯем сари гӯри ту мо дарди дили хеш,
Гург аст ситампешаву мо баррачаи меш.
Ҷое, ки ба мо раҳм зарур асту табобат,
Пошанд намак аз амали зишт сари реш.

Дар ҳазрати Имом сухан рафт зи номат,
Аз тоби буруту адабу тарзи каломат.
Аз заҳмати боровари ту дар дили саҳро,
Аз шаҳди ба лаб омадаву талхии комат.

Некии туро ёд кунад мардуми бисёр,
Такрори ба такрор сари манфиати кор.
Нақши ту кунад ҷилва дар оинаи хотир,
Хуршед шавад аз қабати абр падидор.

## ҒАМХОР

Барои Р.

Ғам махӯр шоир, ки ғамхори ту ҳаст,
Толиби ашъору гуфтори ту ҳаст.
Гарчи дил гаҳ сард дорӣ аз ҳаёт,
Гарм дар ҳар гӯша бозори ту ҳаст.
Наҳзании нокасон бошад зиёд,
Бештар аммо парастори ту ҳаст.
Васл карданҳои дилҳои ҷудо
Нағз медонанд, бас кори ту ҳаст.
Халқро даркор бошӣ чун нафас,
То нафас боқист, ӯ ёри ту ҳаст.
Қадри одам паст  гардид, эй дареғ,
Ин ғами талху гарон бори ту ҳаст.
Аз пайи озори мардум нестӣ,
Нокасе гарчи дар озори ту ҳаст.
Гар гирифтори дигарҳо гаштаӣ,
Дигаре, алҳақ, гирифтори ту ҳаст.
Гар диҳӣ бар дигаре дасти мадад,

Дигаре рӯзе мадагори ту ҳаст.
Бигзарад ин ғуссаву рӯзи сиёҳ,
Рӯ занад он чӣ ба хирвори ту ҳаст.

АЗ МАҶМӮАИ «Э, МОЙНӢ, МОЙНӢ»

(ашъори баччагона)

Душанбе,

«Адиб»,

1994

ҶАВОБАК

Шавқи тамошо
Фасли баҳорон
Бурдам чу шайдо
Бар кӯҳсорон.

Аз як баландӣ
Чун аз манора.
Бо завқмандӣ
Кардам назора.

Атроф зебо,
Аз нур равшан.
Карданд гулҳо
Ҳар ҷой хирман.

Бар китфи кӯҳе
Кӯҳе савора.
Аз ин шукӯҳе
Бар кӯҳу бора.

Ғорест он ҷо
Поён надорад.
Вақти тамошо
Ваҳмат биёрад.

Аз тарс будам,
Ё аз фараҳ буд.
Яке сурудам
Бо сози падруд.

Гардид такрор
Ногоҳ як-як
Он ҳама гуфтор
Аз ғори бетаг.

Ҳар гап, ки гуфтам,
Омад ба такрор.
Не беш, не кам
Аз шеваи ғор.

Гӯянд дар кӯҳ
Бошад ҷавобак.
Ҳар чӣ, ки гӯӣ,
Гӯядат як-як.

Ҷавобак астӣ
Худ рӯзгорон.
Кардаю гуфта
Орад ба  инсон.

БАРНОЯКИ ХАБАРКАШ

Ҳар гаҳ ки оям аз кор,
Лаб во кунад ба гуфтор
Барнояки гуландом,
Булбулаки хушилҳом:
«Очаҷонам нон пазид,
Дар бари чагдон пазид.
Шуд як нонаш мурғакӣ,
Байни хокистар яке,
Гӯсоламон хато кард,
Палҳора зери по кард.

Бидид ё надид он,
Шибитҳоро чуқид он.
Шохи ду гулро шикаст,
Ориф қапид онро, баст.
Саг гум шудаст аз саҳар,
Аз он набошад хабар.
Гирифт Осаф «2» имрӯз,
Гурехт аз мактаб Фирӯз.
Бузро Асад зад ба санг,
Як пои буз бишуд ланг.
Ду ҷӯгӣ омад хона,
Буд яктоаш девона,
Дарвозаро зад ба шаст,
Қариб ки онро шикаст.
Дасти очам қапиданд,
Фоли дарозе диданд.
Гуфтанд ӯро: ғам дорӣ,
Хурсандии кам дорӣ.
Бадбахтии ту ҳаст ин,
Ғам нест бод! Омин!
Очам шунида ин гап,
Рангаш париду шуд хап.
Афтидаву касал шуд,
Хона пур аз мағал шуд.
Духтур омад давида,
Ҳоли варо бидида,
Доруи талхаш нӯшонд,
Рӯяш ба чодар пӯшонд.
Камтар гузашт, очам хест,
Дид ӯ касе пешаш нест…»
Гарчи мехӯрад чапот,

Гаҳе каму гаҳ зиёд,
Магӯ, ки ҳарфаш хатост,
Ҳама гапро гӯяд рост
Барнояки хабаркаш,
Донояки хабаркаш.

### ТУТ

Ин тути дари хона
Тутест, ки бедона.

Ду шохаша кал кардам,
Онро пурамал кардам.

Гаштаст сафед имрӯз,
Чун субҳи умед имрӯз.

Эй сочаки бепарво,
Аз шохаки тут бифро.

Тутамро ту резондӣ,
Манро ба ғазаб мондӣ.

Бин ғӯлаку шастамро,
Санги кафи дастамро.

Маънии гапамро фаҳм,
Бар ҷони худат кун раҳм.

Ман бонии тути худ,
Ин тути шакаролуд.

Бояд самари онр -
Ин роҳатаки ҷонро.

Чодар бигирам фардо,
Аввал хӯрадаш бобо.

Азбаски бувад ин тут,
Ин тути шакаролуд

Пайвандии дасти ӯ,
Мероси ба ман некӯ.

СЕЛ

Ранги ҳаво дигар гашт,
То ба само дигар гашт.
Гӯиё дар  як нафас
Рӯи дарё дигар гашт.

Абре дар осмон шуд,
Тундар заду борон шуд.
Он сон, ки об аз сатил
Мерезад, ончунон шуд.

Ҷӯши тӯфон шуд ба по,
Сели калон шуд ба по,
Дар назар рӯи замин
Баҳри дамон шуд ба по.

Доду фиғон шуд баланд,
Эҳ, ончунон шуд баланд.
Ки гӯӣ шуд қиёмат,
Балки аз он шуд баланд.

Селоба бисёр омад,
Баҳтур омад, мор омад.
Дар байни мору баҳтур
Шохе аз чинор… омад.

Ҳар чӣ ояд пеши сел,
Партояд он ҳамчу бел.
Нагӯяд ин хона аст,
Намегӯяд инаш ҳел.

Ҳайфо, ки дар ин миён
Меравад гаҳ бегумон
Бегунаҳе, бекасе,
Пир бувад, ё ҷавон!

### ПОДАБОНӢ

Дар деҳаи Сумчакон
Нест ягон подабон.
Пода ҳама сарҳуй аст,
Дар деҳа ҳоёҳуй аст.
Касе зи маска хӯрдан
Натобад асло гардан.
Лекин зи пушти пода,
Гову моли сардода
Одаме набвад роҳӣ,
То бегаҳ аз пагоҳӣ.
Вале баҳри ман ин кор
Бошад раҳи ифтихор.
Оча, бидеҳ ходаро,
Ман мебарам подаро.

## АСКАРЧАҲО

Овозае шуд дар гузар:
Аз аскарӣ омад Назар.
Оварда хизматро ба ҷо
Бисёр хубу бебаҳо.
Дорад нишонҳо дар бараш,
Зебо кулоҳе бар сараш.
Бар кӯча мардум шуд бадар,
Пур шуд зи ҳоюҳу гузар.
Табрику таҳсин шуд фузун,
Дидорҳо шуд лолагун.
Густурда пойандоз шуд,
Гӯё ки тӯй оғоз шуд.
Аз кӯча то бар пеши дар,
Аз пеши дар ҳам дуртар
Шуд тангаборон аз ҳавас
Бар фарқи аскар пешу пас.
Тифлон шуда хам бар замин
Монанди мурғи доначин,
Барчида танга мушт-мушт,
Ғавғо ба лаб нарму дурушт.
Лекин ду укои Назар–
Исфандиёру Мӯътабар
Бар танга не, сӯи дигар
Гаштанд сар то по назар.
Гӯӣ ба аскар гап заданд,
Ногаҳ кулоҳаш қап заданд.
Монда кулоҳашро ба сар,
Бо қапзанӣ аз ҳамдигар.
Пӯшида камзӯлаш ба тан,
Такрор гуфтанд ин сухан:

Ман ҳам ана аскар шудам,
Аскар ба ин кишвар шудам.
Дорад бале аскар, нигар,
Ҳар хонадон то даҳ нафар,
Аскарчаҳои беқарор–
Ояндаро зӯру мадор.

## МАКТАБРАВ ШУДАМ

Оча, ман калон шудам,
Кунун мактабхон шудам.
Корам акнун шуд бисёр,
Дигар нагардам бекор.
Аз ин пас камтар хобам,
Аз хондан сар натобам.
Шеъру ҳикоя хонам,
Китобам надарронам.
Шинам дар қатори пеш,
Дарси муаллими хеш
Як-як намоям аз бар,
Гирам ба ёд дар сар.
Онро кунам пас баён
Дар пеши ту, очаҷон!

# АЗ «ХӮШАИ НУР»

Душанбе
«Адиб»
1997

## РАВ АЗ КОР

Ояд зи ҳар сӯ ово,
Овои пур зи ғавғо,
Дод аз ҳавои ноҷо,
Ва ғайраву ғайраҳо,
Анҷоми он: рав аз кор!

Яке гӯяд: рӯзу шаб
Борон намешавад хап,
Лойи замин як  ваҷаб,
Дорем аз  ин мо аҷаб,
Абри найсон, рав аз кор!

Сел аст рӯ ба поён,
Аз ҷаҳл масту тозон,
Сад чашма карда вайрон,
Сад хонавода қурбон,
Рӯди равон, рав аз кор!

Қурбоқа вақ-вақ кунад,
Вақ-вақу пақ-пақ кунад,
Пақ-пақи ноҳақ кунад,
Зиндагӣ аҳмақ кунад,
Кӯли калон,
рав аз кор!

Дигар гӯяд кушода,
Дар хашм уфтода,
Говам омад зи пода,
Шир нашуд зиёда,
Эй подабон,

рав аз кор!

Пайваста дар азобам,
Имшаб набурд хобам,
Дармони худ наёбам,
Табиби табнакобам,
Аз ин макон
рав аз кор!

В-он дигараш давида,
Чун ваҳшии рамида,
То микрофон расида,
Гӯяд ҷоғаш дарида,
Эй осмон,
рав аз кор!

Ман ҳам гирифта илҳом,
Бурда зи ёд эҳтиром,
Бар кас надода салом,
Гуфтам зи як лаби бом:
Ҷони ҷавон, рав аз кор!

апрели 1992

## МАСЛИҲАТ

–Ба табъи дил агар ту кор хоҳӣ,
Ба бахтат мизи махмалдор хоҳӣ,
Дигар бинмой рафторат аз ин пас,
Шикоят бас куну аз ман сабақ гир.

Чӣ мегӯям, ба ёдат дор доим,
Макун тундиву доим шав мулоим.

Агар хоҳӣ навиштан гуфтаҳоям,
Қалам гиру зи мизи ман варақ гир:

Калонро меҳмон кун шаб ба хона,
Ягон хурсандие бинмо баҳона.
Ба номаш барраи ҷавдода сар зан,
Ду-се «коньяк» бигир, шашто арақ гир.

Дигар ҳар он чӣ дорӣ, пеш бигзор,
Сари як мӯй хотирро маёзор.
Агар бедона дорӣ ё ки кабке,
Басо нозук пазу дар ду табақ гир.

Ба паҳлӯи Калон ман ҷо бигирам,
Сари гап номи ту боло бигирам,
Арақ гармаш кунад, ман созамаш нарм,
Ба худ чун дарс аз ман ин насақ гир.

Шавад ҳосил муродат субҳи он шаб,
Нишинӣ рӯи зини аспи матлаб.
Ба ҳукми хеш бинӣ мизи сурхе,
Пас аз ин ҳар қадар хоҳӣ, ту ҳақ гир.

–Дареғо, ки набошад роҳи дигар,
Агар бошад, аз ин ҳам ӯст бадтар.
Замоно, аз балоҳоят нигаҳ дор,
Балоандозҳоро дар қабақ[12] гир.

1990

[12] Қабақ–ҳадаф, нишон.

## ВОҲИМА

–Бозор қимат мешавад,
Бисёр қимат мешавад.
Аз нархи пешин ину он
Даҳ бор қимат мешавад.

Пул мешавад беобрӯ,
Монандаи барги каду,
Гар хона хоҳӣ сохтан,
Болор қимат мешавад.

Обе наёбӣ беамал,
Аз ташнагӣ гардӣ касал.
Аз об дида бештар
Ҷӯбор қимат мешавад.

Бо пули шӯроӣ яқин
Моле наёбӣ баъд аз ин.
Як курта то сесад расад.
Шалвор қимат мешавад.

Қаллобӣ гардад пурбарор,
Арзонӣ афтад дар фирор.
Рағми фиребу фитнагар
Пайкор қимат мешавад.

Қиматтар аз ҷон нон шавад,
Одам чу хок арзон шавад.
Дар қулзуми ин доругир
Сардор қимат мешавад.

Наҳсӣ шавад дар шаҳру деҳ,
Ҳаргиз нагардад ҳол беҳ.
Бекорӣ гардад беҳисоб,
Бас кор қимат мешавад.

Мардум, ки бар ҷон мерасад,
З-ӯ бӯи исён мерасад.
Дигар набошад ҷои гап,–
Гуфтор қимат мешавад.

–Боке набошад з-ин ба мо,
Бо сад балоем ошно.
Танҳо ба мо ин зиндагӣ,
Такрор қимат мешавад.

1990

## ҲАСРАТ

Ёд бинмудам хушомадгӯйро,
Даст пеши бар саломи ӯйро.
Хандахои толеи некӯйро,
Ки намебинам варо бо чашми сар.

Рафт мансаб,
рафт ӯ ҳам аз барам,
Баъди ӯ як мурғи беболу парам.
Ташнае,
к-аз пеши чашма бигзарам.
Ком хушк асту рухам аз ашк тар.

Нест монандаш касе ғамхори ман,
Мегурезад мардум аз дидори ман.
Сар ба сангам мезанад идбори ман,

Ҳоли ман ҳар рӯз мегардад батар.

Ёд бинмудам хушомадгӯи худ,
Рафт ӯ аз кӯи ман бар кӯи худ.
Баст балки роҳи ман бар сӯи худ,
Чорагар кобам,
наёбам чорагар.

Кош медидам зи нав як дам ҳузур,
Дар даме, ки пирӣ овардаст зӯр,
Ҳасратамро мебарам охир ба гӯр,
Ҳаст зомин бар ғами ман роҳбар.
1990

## ХИҶОЛАТ

«Сабзинаранг омада меҳмонуме»,
Холӣ бувад деги ману хонуме.

Медавам ин хонаву он хона ман,
Хӯрдание нест ба фармонуме.

Аз тиҳигӣ ҳамчу гави гушнае
Дод занад гӯшае яхдонуме.

Боди хунук мерасад аз сандалӣ,
Нест дигар оташи сӯзонуме.

Эй, канӣ он хони пур аз неъматам,
Рафт куҷо барраи бирёнуме?!

Пеш ба ин зиндагӣ товон будам,
Ҳаст кунун зиндагӣ товонуме.

Дар хиҷил афтодаму ҳолам бубин,
Ку худое, ки бигирад ҷонуме?!

1990

## ҚАЛАМ ВА КРАН

Ду-се байте ба Фандакзода гӯям,
Ба лафзи тоҷикии сода гӯям.

Ба вай бо қавлу имзо шарт бастам,
Гирифтам дасташу бигрифт дастам.

Бигуфто тез бинмуда нигоҳе:
Бароят хона месозам ба моҳе.

Маро шаш моҳ бошад медавонад,
Ба садҳо ваъдаҳо, ки метавонад.

Ба қанди ваъда бахшад мазза бар ком,
Набошад ваъдаашро ҳеҷ итмом.

Дил аз кирдори ӯ беҳад малол аст,
Сари мӯ ҷонам аз ғурбат кашол аст.

Варо акнун биёрам бар ғазаб ман,
Кунам иҷрои савгандаш талаб ман.

Кранро рағми ман, бигзор, ронад,
Маро бо симбанди он кашонад.

Аз он беҳтар, ки мегӯяд дурӯғ ӯ,
Ба мисли баччаи шабгарду дайду.

Дигар тоқат ба ин манзар надорам,
Ба Фандакзода ман бовар надорам.

Кран аз ӯ қалам аз ман ба ҷанганд,
Ба рӯи дафтару болои санганд.

Кадомаш зӯр орад, ку бубинем,
Тамошоҷой бошад, ки нишинем.

1991

## АГАРКИ РОСТ ГӮЯМ…

Рафиқи гушначашму наҳс Сурӣ,
Ба мисли дев метобӣ зи дурӣ.

Ба нори нафси бад сӯзонда инсоф,
Гулӯятро кушодӣ мисли мӯрӣ.

Ба рӯи нархҳо нархи дигар ту
Илова мекунӣ бо макру зӯрӣ.

Муборак бошадат ин кордонӣ,
Ту донӣ кор бар қадри зарурӣ.

Ба нодонҳо азоби дӯзах орӣ,
Аз ин аъмол худ андар ҳузурӣ.

Агар ҷанҷол гирдат авҷ гирад,
Ту гӯё гунгию кайҳост кӯрӣ.

Ҳақиқатро даме исбот созанд,
Чу хирси тирхӯрда сахт шӯрӣ.

Ба ҷои узру бахшиш пеши мардум,
Шикам пеш орию дорӣ ғаюрӣ.

Зи бешармии ту шармам биёяд,
Шавам з-ин сурх чун нони танӯрӣ.

Бигир аз пеши роҳам ишкаматро,
Кушо роҳам, агарчи пурғурурӣ.

Ба ин кирдори аз хунат дамида,
Агарки рост гӯям, зеби гӯрӣ.

1991

## ТАБРИКИ ҒАЙРИМУҚАРРАРӢ

Эй раҳбари кори калон,
Не пир бошӣ, не ҷавон,
Бандӣ ба фанди одамон–
Бар фанди корафтодагон,
Бар адл ин наздик не!

Соле занозан доштӣ,
Гӯё ки душман доштӣ,
Савдои хӯрдан доштӣ,
Борик гардан доштӣ,
Имрӯз он борик не.

Моро ту бурдӣ чапғалат,
Як бор не, чандин карат.
Фур гашт дар ин раҳ сарат,
Шаб гарчи гум кардӣ дарат,
Гуфтӣ, ки шаб торик не!

Зинҳор дар як гап наӣ,
Хап гарчи тобӣ, хап наӣ.
Аз макр бематлаб наӣ,
Ту зинда бе мансаб наӣ,
Ин хислати тоҷик не!

Касби ту бенангӣ шуда,
Ҳол аз ту дар тангӣ шуда,
Мардум ба ҳам ҷангӣ шуда,
Нони даҳан сангӣ шуда,
Соли нават табрик не!

январи 1992

## ИН ШУДАВУ ОН ШУДА

Нарх, ки боло шавад,
Фитна ба савдо шавад.
Ҷабр, ки барпо шавад,
Шӯришу ғавғо шавад,
Абр, ки пайдо шавад,
Чакра чакидан гирад.

Дар бари ҳар як ҳунар
Ҳалқа гузорад зарар.
Ҷӯра, ки шуд роҳбар,
Аз ту нагирад хабар,
Домани худро дигар
Балки такидан гирад.

Гул ки канӣ аз чаман,
Хор шавад нешзан,
Неш зи даҳри куҳан
Бар ту расад ё ба ман,

Пӯки басо баддаҳан
Ҳар чӣ пакидан гирад.

Тундари фасли баҳор
Жола намояд нисор,
Раҳбари мошинсавор,
Сайр намояд диёр,
Аз ақибаш шашқатор
Сагча ҷакидан гирад.

Оҳу намояд гузар
Аз камари кӯҳу ҷар,
Нола кунад аз ҷигар
Булбули шӯридасар,
Ору зи гулхори тар
Шира макидан гирад.

Ин шудаву он шуда,
Ҷамъе парешон шуда,
Гӯшае вайрон шуда,
Зумрае хандон шуда,
Носие ҳайрон шуда,
Нос шакидан гирад.

1992

## ГАПЧИНАК

Гапчинаке дорам, ки он
Дорад даруни дил забон.
Дар хонаам бошад ниҳон
Аз чашми ғайру ошно.

Лаққӣ бувад ҳоло зиёд,
Хонад яке худ устод.
Донад дигар гӯё зи ёд
«Қуръон» саропо бехато.

Дишаб аз он сон «оқилон»,
Аз зумраи «соҳибдилон»
Дар хонаам шуд меҳмон
Се-чортояш беибо.

Якбора ман дигар шудам,
Иззатбаҷоовар шудам,
Аз баҳрашон чокар шудам,
Кардам дамодам рафтуо.

Яктош буд бисёр гоҷ,
Нӯги бинияш як қулоч.
Ишкам ба монанди саноч,
Сар чун сари гови ало.

Яктои дигар калтақад,
Ишкам кулула чун сабад,
Ки доштӣ зеби лаҳад
Дар зиндагияш ин даға.

Сеюм валекин  сарсафед,
Рӯяш чу рӯи саг палид,
Рангаш дамодам мепарид
Аз дидани маъвои мо.

Гапчинак аммо беқарор,
Дар кунҷаке буд банди кор,
Мечид гапҳошон қатор
Як-як ба фитта дода ҷо.

Ҳар он чи буд дар хонадон,
Ороста шуд рӯи хон.
Танҳо камӣ мекард ҷон,
Буд арчи ин ҳам муддао.

Ҳангоми хӯрдан зуд ман
Додам ба гапчинак сухан,
Бикшод ногаҳ ӯ даҳан,
Хотир надида, бериё.

Гуфтанд ҳар чӣ ғайби ман,
Аз хулқи ман, аз айби ман.
Аз моли ман, аз ҷайби ман,
Кардаст сабташ ин бало.

Аз боби муздам гуфтаанд,
Қаллобу дуздам гуфтаанд.
Гӯё дурустам гуфтаанд
Донандаҳои ҳар гуноҳ.

Аз ҳамсарам гуфтанд боз,
Гуфтанд мӯяшро дароз.
«Бар гир кардан ҳаст соз»–
Оварда бар лаб борҳо.

Бишнида ин гуфтори худ,
Ҳарфи бади бисёри худ.
Шарманда аз кирдори худ
Гаштанд андар интиҳо.

Бнрун шуданд аз дар яке,
Як аз паси дигар яке,
Бехайрухуш чун ҳар яке,
Рафтанд бар сӯи фано.

Гапчинаки пинҳони ман,
Чун зеби дастархони ман,
Аз ҳурмати меҳмони ман
Гаҳ мекунад ки корҳо.

1990

НАСИҲАТНОМА

*(Мусаддас бар мазамматы ариза-газали Ҳақназар Ғоиб ба ҷои нақиза)*

Кас натавонад гирифт домани давлат ба зӯр,
Кӯшиши беҳуда аст ӯсма ба чашмони кӯр.

Заррае дорам агар дармон, раис,
Бу туам чун ошиқи печон, раис,
Бастаам дар ғайби ту паймон, раис,
Лек дар ин даври ночаспон, раис,
«Арз дорам пеши ту, ҷонон, раис,
Гӯш кун арзи маро аз ҷон, раис».

Гарчи ман дар маснади барноиям,
Кам на аз Суқрот дар доноиям,

Дарсгӯи мактаби яктоиям,
Бо чунин ганҷинаву дороиям
«Дар ҳамин деҳа яке таҳҷоиям,
Бо ду-се таҳҷоие, медон, раис».

Зиндагӣ рангбарангам кардааст,
Ҷома аз ҷилди палангам кардааст,
Гоҳ дар хушкӣ наҳангам кардааст,
Санги рӯи роҳ лангам кардааст,
«Фикри хона саргарангам кардааст,
Гаштам охир марди саргардон, раис».

Зумрае дар кайф аз банг омадаст,
Курта бо тан сахт дар ҷанг омадаст,
Рӯ ба рӯям чеҳраи нанг омадаст,
Санг бар пои бузи ланг омадаст,
«Ҳавлиям аз чор сӯ танг омадаст,
Бадтар аз дирӯза сокинон, раис».

Ғам пайи ғам банду занҷирам кунад,
Гург қасди моли тақдирам кунад.
Фикри шӯҳрат ёфтан пирам кунад,
Кист, ки чун хоб таъбирам кунад,
«Тангии ҳавлӣ гулӯгирам кунад,
Сурати як деви сагдандон, раис».

Бузчаҳо дар даштҳо гул мечаранд,
Шираи гул то ба мағзи по баранд,
К-устухонашонро ба тилло мехаранд,
Балки онро беҳ зи одам бишмаранд,
«Шоиреро гар ба ин ҳол оваранд,

Нест хуш бар ҳазрати «Раҳмон», раис»

Мурда бошад дар ҷаҳон гӯё карам,
Лона дорад дар дарахтам мурғи ғам,
Ҳаст гарчи бар диёри муҳташам
Хидмати ман беҳисобу бераҳам,
«Ду тараф раҳ мефишорад майнаам,
Бо машину шевану афғон, раис».

Фарди беҷадде набошад дар ҷаҳон,
Кундаро мадде набошад дар ҷаҳон,
Бар гапам радде набошад дар ҷаҳон,
Дар раҳам садде набошад дар ҷаҳон,
«Некиро ҳадде набошад дар ҷаҳон,
Аз барои ҷумла некӯвон, раис».

Мешавад як рӯз хизматҳо аён,
Шарт не бар ин дигар шарҳу баён.
Дар замони худкушии тоҷикон,
Байни теғу ханҷари тиру камон
«Сохтедам хонаи кори калон,
Шукратон гӯям шабу рӯзон, раис».

Рӯи гулҳоро саҳар шабнам гирифт,
Ҷону дилро бӯи гул бардам гирифт,
Майдаборон ҳар гаҳе кам-кам гирифт,
Хомаам илҳомро маҳкам гирифт,
«Лек аз роҳи каҷаш табъам гирифт,
Танг омад тангияш бар ҷон, раис».

Дӯст дорам ҳамчу булбулҳо чаман,
Дар чаманҳо ин манам ғулғулфикан,
Гӯш балки мекунад зоғу заған,
Ҳайф, ки бо нағмаи шаккаршикан
«Зери по мондам дар ин дуроҳа ман,
Гаштам охир байни раҳ ҳайрон, раис».

Аз сари кӯҳи тарафҳо з-ин алам,
Тармаи ғам сӯям ояд дам ба дам.
Зери он монам чу як барги карам,
Роҳ гирам гӯӣ аз ин бар адам,
«Ҳар гаҳе ки фикри ин раҳро кунам,
Чарх гардад бар сарам гардон, раис».

Хоки моро ғам бибезад нобагоҳ,
Ашк бар рӯям бирезад нобагоҳ,
Аз барам илҳом хезад нобагоҳ,
Хомаам бо ман ситезад нобагоҳ,
«Хоб аз чашмам гурезад нобагоҳ,
Шом то субҳидами хандон,  раис».

Дар ҳама даври куҳан ё ки ҷадид
Ҳеҷ як ҷавкишта гандум надравид,
Нест дигар ҳоҷати шарҳи мадид,
Рӯзи бад дид он, ки пандам нашнавид,
«Тангию каҷҷии ин ҷо ҳар кӣ дид,
Гуфт, ки «Ин нақшаи вайрон, раис».

Одами даврони мо ҳархела аст,
Дар миёни наск доим ғела аст,

Кафтари баднафс байни села аст,
Ҷӯйборам танг аз якбела аст,
«Ин пилон аз рӯ рад, аз по тела аст,
Нест дурандешие дар он, раис»,

Кӯҳна эҳё гаштаву нав рафтааст,
Соя бисёр асту партав рафтааст.
Коҳ кам-кам мондаву ҷав рафтааст,
Шӯҳрати ман то ба Маскав рафтааст,
Вақти раҳҳои шутуррав рафтааст.
Чун Ватан рафтаст то кайҳон, раис».

Умр бо дав дар раҳи рафтан бувад,
Ними бешаш балки дар мадфан бувад,
Ҷони монда дар хатар бар тан бувад,
Қисмати фардо маро равшан бувад,
«Ин раҳе,
ки чун шутургардан бувад,
Нест лоиқ баҳри колхозмон, раис».

Дасти ман печида бар зулфи ҳавас,
Мурғи дил озод дорам аз қафас,
Гӯш нанмоям дигар ҳатто асас,
Саркашиҳо мекунам мисли фарас,
«Як ҷавонмарди китобхонӣ зи бас,
Нест канда аз туам армон, раис».

Меҳри ман ҷӯшанда ҳасту беҳудуд,
Дар шабе хоҳам нависам сад суруд,
Гул ба сози ман тавонад лаб кушуд,
Панди некам доимо бояд шунуд;

«Зоғҳоро гӯш деҳу лек худ
Ақлро кун сурмаи чашмон, раис».

Дилнавози мардумиву гӯш кун,
Ёри сози мардумиву гӯш кун,
Ақлбози мардумиву гӯш кун,
Ғарқи рози мардумиву гӯш кун.
«Чорасози мардумиву гӯш кун
Арзаи як шоири даврон, раис».

Шаҳр ҳам қадрам надонад аз ту кам,
Меҳрубонӣ карда балки пушти ҳам,
Хонаам бахшад,
шавад як хона зам,
Гашт равшан чун бузургиям,
чӣ ғам?
«Деҳнишин гаштам аз он ки бошадам,
Ҳавлии озода дар фармон, раис».

Як тараф ҷорист оби пурҷило,
Як тараф булбул бувад банди наво,
Мевазад нармак насими ҷонфизо,
Булбулу об асту бодам ошно,
«Як тараф гулҳо кушояд табъро,
Як тараф як парча боғистон, раис».

Хубгӯям, мепарастам ҷои хуб,
Кош бинам офтоби беғуруб,
Меҳмонам ояд аз шарқу ҷануб,
Балки меояд Сулаймону Аюб,

«Як тараф гулшан шавад пеши клуб,
Бар қабули хотири меҳмон, раис.»

Бо ҳамин ҷоям сафопарвар шавад,
Навниҳоли орзу пурбар шавад,
Мурғи беболам баболупар шавад,
Товуси хушбол дар пар-пар шавад,
«То ки ҳусни колхозмон сар шавад
Аз ҳамин маъвои ободон, раис».

Чанг бар боло нахезад аз замин,
Сабза рӯяд,
сабзаи нарму маҳин,
Хок пӯшад курта бар тан махмалин,
Об шӯяд зулфи ҳар гул инчунин,
«Меҳмонон дида,
гӯянд офарин,
Офарин бар некандешон, раис».

Сеҳр дорад гуфтаҳои шоирон,
Файз борад гуфтаҳои шоирон,
Равшанӣ аст аз зиёи шоирон,
Ҳаст дору хоки пои шоирон,
«Худ ҳамедонӣ,
ки ҷои шоирон
Ҳаст ҷои санъату ирфон, раис».

Одам аз гиря кунад сар умри худ,
Чун рух аз гиря кунад тар умри худ,

Ҳамчу дарсе созад азбар умри худ,
То кунад бар хеш дилбар умри худ,
«Он чӣ шоир мекунад дар умри худ,
Баҳри аҷдод асту фарзандон, раис».

Мепарастам доимо дунёи нек,
Дӯст дорам беадад савдои нек.
Метапад дар сина дил аз рои нек,
Бад наояд ғолиб аз болои нек,
«З-ин сабаб бар хотири фардои нек,
Лутфро бар мо бикун арзон, раис».

Бар гапи ман гӯш медор, илтимос,
Некхоҳӣ нек пиндор, илтимос,
Бештар кун дӯсту ёр, илтимос,
Тарс аз худ дур бигзор, илтимос,
«Ваъда, ки додӣ, ба ҷо ор, илтимос,
Аз барои ҳурмати инсон, раис».

Нестам аз зотҳои беназар,
Аз ҳама кори ниҳон дорам хабар,
Ҳозир он додаст рӯ,
ё пештар,
Суд меорад ва ё орад зарар,
«Як сухан бар гӯш дорам аз падар,
Бахши ту ҳам гӯямаш аз ҷон, раис».

Умр мисли аспи дар дав меравад,
Аз паси ҳам куҳнаву нав меравад.
Некхоҳу шуму якрав меравад,
Наҳсӣ ояд, арзану ҷав меравад,

«Суд чӣ аз хубие, ки мешавад
Боз дар хоки сияҳ яксон, раис».

Ҳар гаҳе ки иди Қурбон мерасад,
Хавфи ҷон бар гӯсфандон мерасад,
Ёд аз марги ҷавонон мерасад,
Пеши дида қатли эшон мерасад,
«Хуб, ки некӣ ба сомон мерасад,
Бо камоли кӯшиши мардон, раис».

Меҳр бар дилҳо фузун бояд кунем,
Дӯстии гунагун бояд кунем,
Саркашакҳоро нагун бояд кунем,
Хоки роҳе хасми дун бояд кунем,
«Фикри фардоро  кунун бояд кунем,
Чун ҷаҳонбинҳои дунёдон, раис».

Ҳар кӣ созад ифтихор аз кардааш,
Баҳра бинад бешумор аз кардааш,
Ҳаст ҷоҳил дар барор аз кардааш,
Гул биёрад ё ки хор аз кардааш,
«Оқил он ки баъди кор аз кардааш
Лаб намемонад таҳи дандон, раис».

Ман дар ин дунё аз он обу гилам,
К-аз азоби ҷон физояд ҳосилам.
Бар хирад, бар дониши худ қоилам,
То фалак зебад манори манзилам,
«Марди бофаҳмиву ин арзи дилам
Гуфтамат аз хомаи нолон, раис».

Гарчи бошам дар назар як хомарон,
Ё ба чашми одамон тобам ҷавон,
Кам наям дар фаҳм аз юнониён,
Лек байни азму разми гирумон
«Мо ҳама ҳастем чун меҳмон, раис».

Оби лутф ар хушкад андар наҳри мо,
Мешавад вайрона аз ин шаҳри мо,
Ҳар кӣ хезонад ба коре қаҳри мо,
Эй худо, дорад нигаҳ аз заҳри мо!
«Хуб бошад, ки бимонад баҳри мо
Меҳру ному некии моён, раис».

майи 1993

# АНДЕШАИ ЗИНДАГӢ

(манзума)

Душанбе,
«Шарқи озод»
1997

## МАНУ ҚАЛАМ

Чандест, қалам, зи ҳам ҷудоем,
Бегона шудему н-ошноем.

Ту дар лаби миз хоб бошӣ,
Н-орӣ ба хаёл сартарошӣ.

Аз пешаи неки хеш дурӣ,
Дар зери либоси чанг бӯрӣ.

Ёрои ба по нишастанат нест,
Майле ба калом бастанат нест.

Донам, ки ту дар ғаму малолӣ,
Аз доғи замона хастаҳолӣ,

Аз гиряи беш нимҷонӣ,
Ночиз ба дидаи замонӣ.

Сӯзи Ватан аст сӯзи ҷонат,
Гуфтор гурехт аз забонат,

Бар дидаи туст тира олам,
Олам ҳама ҳаст дар таҳи ғам.

Дардест ба ҷони Тоҷикистон,
Гӯӣ ки зи дард меканад ҷон.

Чун модари баччаҳош мурда
Бар дарду ғам аст ӯ супурда.

Рухсораи пурхарош дорад,
Хуноба ба ҳар кучҷош дорад.

На тифлу на гоҳвора дорад,
Пироҳани пора-пора дорад.

Талхии варо табобате нест,
Пурдаҳшат аз ин фалокате  нест.

Ободии гӯшае намонда,
Доне сари хӯшае намонда.

Хушкида шуданд боғҳояш,
Бисёр шуданд доғҳояш.

Карданд писандарӣ писарҳояш,
Доданд ба бод симу зарҳош.

Бар модари худ бадӣ намуданд,
Ваҳшигарию дадӣ намуданд.

Ханҷар зада хоҳарони худро,
Куштанд бародарони худро.

Ҳар рӯз хиёнатест ин ҷо,
Дунёи ҷиноятест ин ҷо.

Нони даҳани замона хун аст,
Балки бадани замона хун аст.

Дар авҷ дурӯғ бошаду фанд,
Бар фанд ҳақиқат аст побанд.

Дорошудагон, ки кайф доранд,
Ду дида ҳамеша пурхуморанд.

Заҳматкаши ҷонфидо гадояст,
Афтода ба дард мубталояст.

Сӯзи ту аз ин зиёд бошад,
Бунёди ту вою дод бошад.

Дарди туву дарди ман як астанд,
Часпида ба ҳам чу часпак астанд.

Бин, қомати ман хамида рафтаст,
Шодии рухам рамида рафтаст.

Дастам ба асову нотавонам,
Рафтан ба сафар наметавонам.

Шояд ба ману ту интизоранд,
Онон, ки ба кор ҷонсупоранд.

Бо кор диёр мепарастанд,
Наврӯзу баҳор мепарастанд.

Ободии мулк меписанданд,
Ҳарчанд ба ғусса пойбанданд.

Як бори дигар биё, бароем,
Аз заҳмати одамон сароем.

Аз ишқу муҳаббату вафо ҳам,
Аз пешаи ғайру ошно ҳам.

Як дафтари тоза гирд орем,
Чун тӯҳфа ба дӯстон супорем.

Аз хеш ба ёдгор монем,
Бар мардуми дилфигор монем.

Дар байни ҳазорҳо аламҳо
Ҷуз ҳарфи қаламкашу қаламҳо

Ҷовид дар ин ҷаҳон на мол аст,
На шоҳу на ҷоҳу не ҷалол аст.

Мову ту, ки ҳаммаром ҳастем,
Дилдода ба як калом ҳастем.

Бо лутфи сухан шифо биҷӯем,
Бар дарди Ватан даво биҷӯем.

Ёрон бари худ ба сӯҳбат орем,
Бояд, ки даме фароғат орем.

Ин қарзи ману ту ҳаст, эй дӯст,
Дурӣ магузин зи даст, эй дӯст.

Боз о, ба сафар равона гардем,
Якрӯза бадар зи хона гардем.

Бар дур намеравем зинҳор,
Аз дурравист беш озор.

Бар дур равад хаёл, кофист,
Ёбад амали ҳалол, кофист…

Чашмаш, ки базеҳну тезбин аст,
Бинандаи оламу замин аст.

Ҳар чӣ, ки ба гӯши мо биёрад,
Бар ҳукми туву манаш супорад.

Гулчин бинамудаву пазирем,
Бар рӯи варақ навишта гирем.

Маълум, ки неку бад фузун аст,
Аз даври гузашта то кунун аст.

Он ҳар ду ба ҳам муқобил астанд,
Дар об ва ё ки дар гил астанд.

Тасвир кунем ҳар дуро рост,
Қад сарв зи ростӣ биорост.

БАХТБЕДОР

Шаҳбози хаёл аз сафар гашт,
Аз кунҷу канор бохабар гашт.

Баргуфт нахуст: «Бахтбедор
Мардест ҳузарб, сарвари кор.

Донoиву фазли олияш ҳаст,
Лафзи хушу бемалолияш ҳаст.

Хонаш ҳама дам кушода бошад,
Дил балки дар он ниҳода бошад.

Бар дида зи рӯш нур борад,
Шамъе ба миёна вогузорад.

Хулқаш ба тамом поку некӯст,
Гӯё назари худой бар ӯст.

Дар сӯҳбати ӯй ҳикмате ҳаст,
Дар ҳикмати ӯй сарвате ҳаст.

Аз боби замин сухан бигӯяд,
Бо шавқи барин сухан бигӯяд.

Аз дашти калон чӣ ҳоҷати гап,
Аз қимати он чӣ ҳоҷати гап.

Сангобу шабар азиз донад,
Ҳар теппаву ҷар азиз донад.

Донад, ки замин ҳаёт бахшад,
Аз гушнамурӣ наҷот бахшад…

Шайдои гул аст агарчи булбул,
Ин пай набарад ба умри худ гул.

Ишқи санамест навҷавонро,
Нерӯи умед нотавонро.

Аз субҳ муаззин аст огоҳ,
Шабнам лаби гул макад саҳаргоҳ.

Бод аст ба рақс дар биёбон,
То хору хасе барад ба кайҳон.

Рӯд аст ба сӯи баҳр ҷорӣ,
Бинад дамаке бузургворӣ.

Дилбаста бувад ҳама ба ёре,
Пайваста бувад ҳама ба коре.

Аммо, чӣ аҷаб, ки Бахтбедор
Дар ишқи замин бувад гирифтор.

Ҳар як ваҷабаш ба ҷон парастад,
Чандон ки гурусна нон парастад.

Дилдор биоварад ба дилбар
Дар сабқати ишқ сим ё зар.

Дилбохтаи замин валекин
Ошуфта нагаштаю ба тамкин

Омода ҳаме ба гирудор аст,
Дар аспи муроди худ савор аст.

Бар шӯразамин барад хати об,
Дар партави шамсу нури маҳтоб.

Сангоб кунад чу дашт хокӣ,
Аз харҷ накарда ҳеҷ боке.

Дар ҳар ваҷабаш дамад зироат,
Хандад гули роҳату саодат.

Бор оварад он мудом чун боғ,
Бошад чу рухи баҳор бедоғ.

Аз маърифаташ шавӣ ту пурсон,
Бе баҳс бидон, ки ҳамчу инсон

Часпида ба илму бар адаб ӯст,
Рангин чу матои беқасаб ӯст.

Афкори чу нур тоза дорад,
Аз хеш хулоса мебарорад:

«Ҷанге, ки ба ҷони Тоҷикистон
Овард ҷароҳати фаровон

Аз ҷабри нахондани китоб аст,
Нодонию ҷаҳл худ азоб аст.

З-ин рӯ дари фикри нав кушодаст,
Бар хоҷагӣ номи тоза додаст.

Номи яке аз бузургворон,
Донишзабари ҷаҳони ирфон.

То халқ хулосаҳо барорад,
Бар мулки китоб рӯ биорад.

Аз омаду рафти аҳли дониш
Гардад пури об ҷӯи хониш.

Фаввораи фаҳм сар барорад,
Мардум ба сарои ваҳдат орад.

Ҷое, ки савод ҷо надорад,
Хурсандии кас бақо надорад.

Бошад, ки шуниданаш тавонӣ,
Дар роҳи ҳаёт дарнамонӣ.

Чун пир ҳидоятест ӯро,
Дунёи ҳикоятест ӯро.

Ҳар як ба навои зиндагонист,
Покиза чу чеҳраи ҷавонист.

Аз фазли бародареш шод аст,
Гӯяд, ки ба ман чу  устод аст.

Монанди падар нигоҳ кардаст,
Ҳар шому саҳар нигоҳ кардаст.

Таълими дуруст з-ӯ гирифтам,
Бо аҳд раҳи накӯ гирифтам.

Фарзанди падар чу дӯст бошад,
Хуршед бувад, ки нур пошад.

Аз ёд набурдааст пирон,
Нақш аст ба хотираш далерон.

Аз ҳиссаашон мисол гӯяд,
Бо ҳурмати баркамол гӯяд:

«Аз бобии Шермад шуд ин ҷо
Садсентра он замини боло.

Ҷӯе, ки  ба пахтадашт пайваст,
Аз заҳмати Мираку Азиз аст.

Кӣ буд, бигӯ, Хадича-палвон?—
Дар разму талош марди майдон.

Рухсора кӣ? Тифли сешабина
Дар хона гузошт мисли дина.

Шаб аз пайи оби пахта мегашт,
Аз саргаҳи ҷӯй то дили дашт.

Саркори ғариб бурда аз ёд
Дарди худу пахта об медод.

Аз хосияти Ҳакими  Бобо
Дорад хабаре тамоми дунё.

Ӯ Хоҷаи Хизри зинда будӣ,
Ҳукмаш ҳама дам ба ханда будӣ.

Ҷои қадамаш ниҳол меруст,
Як гулшани хушҷамол меруст.

Монанди фаришта буд моро,
Як бахти навишта буд моро.

Ман беш аз ин рафиқи доно–
Устоди баҷуръату тавоно

Омӯхтаам дуруси заҳмат,
Дар кору муносибат маҳорат.

Аз дидаи ман намеравад дур,
Аз мактаби ӯ мерост дастур.

Бе пир намешавад ягон кор,
Пир аст ба бахти мо мададгор.

Беҳуда нагуфтааст мардум,
Дурдона, ки суфтааст мардум:

«Ҳарчанд Сикандари замонӣ,
Бепир марав, ки дарбимонӣ».

Шогирд шуда, зи пеши устод
Як ҳарф гирифтаӣ агар ёд,

Беҳурматияш кунӣ, шавӣ хор,
Монанди гадои байни бозор.

Як қисса намеравад зи хотир,
Ҳар лаҳза шавад ба дида ҳозир:

«Як баччаи дӯстдори санъат,
Бо фикру хаёл ёри санъат,

Шогирд шудаст пеши ҳофиз,
Гӯё ки шудаст хеши ҳофиз.

Устод чу як падар ба шогирд,
Додаст нишон ҳунар ба шогирд.

Ҳофиз шуда бачча баъди чанде,
Як ҳофизи хубу дилписанде.

Дидаст ба хеш қарсаки беш,
Аз фахр бадар шудаст аз хеш.

Устод бибурдааст аз ёд,
Ӯро нагирифтааст устод.

Дар ғайбати ӯ шудаст ҳатто,
Хондаст худаш бузургу боло.

Охир чӣ шудаст ҳоли шогирд,
Овози аҷиб–моли шогирд

Як сол нарафта, хаста гаштаст,
Монанди тилисми баста гаштаст.

Дигар нашудаст он кушода,
Бо тавбаю лобаи зиёда».

Шогирд киясту кист устод,
Кӣ кард ҳаёти тоза бунёд.

Инкор намекунад ба зинҳор,
Инкор барои ӯст идбор.

Ҳар он чӣ шунидаву будидем,
Аз боғи ҳавас гуле бучидем,

Як-як паси ҳам баён намоем,
Монанд ба достон намоем.

САБАҚ

Доништалаб аст Бахтбедор,
Ҳоло хабаре надорад аз кор.

Бар таҷрибагирӣ аст роҳӣ,
Шуд дар сари кор як пагоҳӣ.

Дар хоҷагии калон фитода,
Чун кадри ҳисобдон фитода.

Ӯ чӯт зада, ҳисоб дорад,
Сабт ин ҳама дар китоб дорад.

Аз дона ҳисоб сар кунад ӯ,
Сад банду гиреҳ зи бар кунад ӯ.

Яъне, масалан, чӣ медиҳад дон,
Вақто ки ба хок мефитад он.

Дар ҷуфти ваю нигоҳбонӣ,
Дар сарфи ғизою обмонӣ.

Маблағ чӣ қадар шавад хароҷот,
Аз фоида чанд гардад исбот.

Побанди чунин хаёл бошад,
Гаҳ шоду гаҳе малол бошад.

Ҳаррӯза барои ӯст маълум,
Беҳбуду хатои ӯст маълум.

Аз хонаи дигаре паёпай
Болост навои ғиҷҷаку най.

Рақс асту сурудеву тарона,
Аз ҷашни наве бувад нишона.

Як лаҳзаи пеш хубрӯён
Бо фитнаи чашму рӯи хандон.

Диданд ҷамоли Бахтбедор,
Гуфтанд кияш шавад харидор?

Аз хоки кадом кишвар аст ӯ,
Рӯзии кадом дилбар аст ӯ?

Фол аз пайи фол дида мешуд,
Бо тарзи суол дида мешуд.

Як рӯз ҳунарварони дилбоз
Гуфтанд равон ба хонаҳо роз.

Ҳангоми сару либосгирӣ,
Дониставу боқиёсгирӣ.

Диданд, ки нест ҷомадоне,
Бархост ба як нафас фиғоне.

Ҳар сӯй мағал пареш хӯрда,
Бар панҷаи бод шуд супурда.

Гуфтанд агар варо наёбем,
Шарманда шуда, чӣ гуна хобем.

Зеро ки даруни ҷомадонча
Курта буду латта буду поча.

Санҷидаву кофтан зарур аст,
Гумгашта биёфтан зарур аст.

Баргуфт яке ба вақти гуфтор:
«Шояд ки ба дасти Бахтбедор

Ин мурғ ба хеш пар гирифтаст,
Маъвою раҳи дигар гирифтаст.

Дирӯз ба базми мо назар дошт,
Аз ҳусну ҷамоли мо хабар дошт.

Шӯхист ба ишқи ёр оғоз,
Шӯхист ба ишқи ёр пардоз.

Чун дузд варо қапид бояд,
Мушге ба сараш шапид бояд.

Ошиқ бувад ӯй ё ки раҳзан,
Аз мушт шавад ба мо муайян.

Як банд ба гарданаш авезем,
Хоке ба сараш кунему безем.

Бар кӯча кашолааш намоем,
Бар халқ ҳаволааш намоем.

Санҷидани кори дузд сар шуд,
Қишлоқ ҳама аз ин хабар шуд.

Инро ба сарою дафтари кор
Идбор шумурд Бахтбедор.

Аз сӯи милиса санҷиш афтод,
Якбора ба дӯғу доду фарёд

Бинвис бигуфт як «баёнот»,
То баъд расад ба ту «мукофот».

Бинвишт хамӯш Бахтбедор,
Болои варақ чу ҳарфи икрор:

«Дуздӣ ба куҷою ман куҷоям,
Афтода ба тӯҳмати киҳоям?»

Ногоҳ дари милиса шуд во,
Садбарги хамӯш гашт пайдо.

Омад зи лабаш нахуст гуфтор:
«Бахшой маро ту, Бахтбедор!

Гумкардаи худ биёфтам ман,
Гӯшам, ба худо, ки тофтам ман.

Дигар ба забон наорам ин гап,
Аз шарм шавам  ба ҳар куҷо хап.

Онро Қарабой–дузди маккор
Мондаст ба фитна пушти девор.

Кардаст зи пеши дида ғоиб,
Гаштаст чу моли хеш соҳиб.

Лекин шуда фош зоғи бадкор,
Шарманда ба назди хешу ағёр.

Бобои раис[13] аз ин хабар ёфт,
Бар ҳезуми тар дами табар ёфт.

Дунёи адаб ба ӯ нишон дод,
Моро зи балои ӯ амон дод».

Шукрона намуд Бахтбедор,
Гардид аз ин фиреб ҳушёр.

Ин ҳодиса баҳри ӯ сабақ шуд,
Дар дафтари кор як варақ шуд.

## МОДАР

Гап ҳеҷ куҷо ниҳон намонад,
Якборагӣ аз забон намонад.

Чун гашт баён, ду пой дорад,
Як ҷо наю рафтуой дорад.

Торафт калон шавад ба ҳар дар,
Мардум пайи ҳам кунанд бовар.

[13] Миралӣ Маҳмадалиев дар назар аст.

Дар маънии нав баён кунандаш,
Бар кӯи дигар равон кунандаш.

Ин гап худи то Ҳарамгул омад,
Бо тарзи навею ғул-ғул омад.

Модар ба ғаму тааҷҷуб афтод,
Бар шавҳари хеш роз бикшод.

«Мардак, писарат баланди роҳ аст,
Зебанда ҷавон ба ҳар нигоҳ аст.

Як селаи духтарони шӯфор
Карданд ба тӯҳматаш гирифтор.

Аз макри занон ҳазар, бигӯянд,
Заҳрест дар ин шакар, бигӯянд.

Як рӯз ба дом мекашандаш,
Бо макри тамом мекашандаш.

Аз дасти ману ту меравад ӯ,
Аз хона канора мешавад ӯ.

Пас, хок ба сар занему гардем,
Нохун зада, рӯ канему гардем.

З-ин суд дигар ба даст н-ояд,
Беҳбуд аз ин шикаст н-ояд.

Беҳтар, ки варо ба духтаре мо
Ҷинғола кунем дар ҳамин ҷо.

Ҳушаш барии ӯ кашола гардад,
Бахташ ба худо ҳавола гардад.

Лекин нашавад, ки хеш гӯем,
Аз хеш бар ӯ арӯс ҷӯем.

Монандаи он, ки мо Маҳингул
Кардем қафас мисоли булбул.

Додем варо ба хеш маҷбур,
Кардем варо чу зинда дар гӯр.

Даҳ соли дароз бебақо зист,
Аз ҳастии хештан ҷудо зист.

Не дид писар, на рӯи духтар,
Мезист мисоли мурғи бепар.

Хушкида дарахт буд гӯё,
Бебарг ҳамеша рӯи саҳро.

Зорӣ ба дари худо ҳамекард,
Нолида дуо ба мо ҳамекард.

Ки бахти варо сиёҳ кардем,
Хуршед ба қаъри чоҳ кардем.

Будем ҳама ба ин гунаҳкор
Дар пеши худои ҳақнигаҳдор.

Дар зери фишори ғам фитодем,
Дар рӯзи нишот кам фитодем.

Охир раҳи худ дигар намудем,
Аз шӯй варо бадар намудем.

Бар мардаки баччадор додем,
Бо зории бешумор додем.

То насле аз ӯ биёбаду хеш
Гирад ба ҷаҳон раҳи тараб пеш.

Пас, айбу гуноҳи мо бибахшад,
Бар дидаи мо чу нур рахшад.

Духтарча аз ӯ бигашт тавлид,
Ӯ бори нахуст хуррамӣ дид.

Дар чеҳраи ӯ баҳор гул кард,
Рухсораи иқтидор гул кард.

Аз гиряи ӯ садои ҷон дид,
Иқболи баланду ҷовидон дид.

Бар тифл бибаст дил, дигар шуд,
Хушкида дарахт борвар шуд.

Дар ӯ, ки давоми умр медид,
Аз дашти мурод лола мечид.

Иқбол чу як ситора рӯ дод,
Баъд аз дили пора-пора рӯ дод.

Шаҳбози умед бар каф истод,
Як тоза арӯс дар саф истод.

Ҳар рӯз ба кокулони духтар
Бо ноз чу моми нозпарвар

Мебофт гулу ситора мечид,
Баргӯй, ки бахтпора мечид.

Лекин ба мурури зиндагонӣ
Дидем ба пирию ҷавонӣ,

К-ин даҳри куҳан чӣ фитнабоз аст,
Рӯзаш ваҷабе, шабаш дароз аст.

Хурсандии хоҳарам Маҳингул,
Дилбандии хоҳарам Маҳингул

Кӯтоҳ будасту зуд бигзашт,
Монандаи бод аз бари дашт.

Духтарчаи чорсолаи ӯ,
Якто гули умр-Лолаи ӯ

Бар рӯд фитоду мурд як рӯз,
Буд ҷони басӯз боз дар сӯз.

Дар қисмати кас чӣ бошад, ояд,
Дар фурсати хеш рӯ кушояд.

Одам чӣ кунад, ки нотавон аст,
Аз қисмати хеш беамон аст.

Вақташ чу расад, ба оҳу ҳасрат
Тан медиҳад одамӣ ба қисмат.

То ҳол валек хоҳари ман,
Бо ҷону ҷигар баробари ман

Бар қисмати хеш тан надодаст,
Дар ғуссаи доимӣ фитодаст.

Айб аз сари мо намебарад дур,
Таҳти дили ӯ зи мост ранҷур.

Нанмуда гуноҳ то ки такрор,
Бояд ки барои Бахтбедор

Ёбем арӯси дилписанде,
Маҳлул шавад ба шир қанде.

Бар бахти накӯ писар расонем,
Як боғи пур аз самар расонем.

Гап пухт миёни шавҳару зан,
Овоза бурун бишуд зи равзан.

Уммед ба духтарон асар кард,
Ҳар як гули рӯйро дигар кард.

Як деҳа пур аз арӯс гардид,
Бо кокули хокбӯс гардид.

Аз кӯча қатор мегузаштанд,
Бо нозу хумор мегузаштанд.

Дар шеваи дилбарӣ шуда ғарқ,
Ҳар як ба ҷамол дошт як фарқ.

То ҷилва диҳанд хеш такрор
Чун моҳ ба чашми Бахтбедор.

Дар ишва ба худ писанд буданд,
Печида миёни фанд буданд.

То ӯ ба сарои ҳуснбозор
Шояд ба яке шавад харидор.

Ку дил, ки дар он ҳавас набошад,
Бар ғамзада додрас набошад.

Зебоию ҳуснро надонад,
Аз худ рухи зиштро наронад.

Эҳсоси муҳаббаташ набошад,
Гармиву ҳарораташ набошад.

Аз ишқ ба шавқ гап нагӯяд,
Дилдодаи хубрӯ наҷӯяд,

Ин гуна дили пур аз ҳарорат,
Сӯзанда ба тобаи муҳаббат

Мезад ба вуҷуди Бахтбедор,
Чун соати дар садо ба девор.

Аммо, чӣ аҷаб, ки ин ҷавонмард
Афсонаи ишқро дигар кард.

Бар кас нанамуд меҳр изҳор,
Биспурда ба модару падар кор.

Фикраш пайи эҳтиром бошад,
Бар модари некном бошад.

Бар қиблагаҳи бузургвораш-
Сарчашмаи шаъну ифтихораш.

Донист, к-аз эҳтироми эшон
Фарзанд шавад азизи даврон.

Маҳбуби худо шавад ҳамеша,
Аз ҷабр раҳо шавад ҳамеша.

Бешубҳа, ҷавони неккирдор
Дар партави ақл кард рафтор.

Мому падари ба қавл якто
Шукрона ба лаб, ҳавас ба дилҳо,

Омода ба ин мурод гаштанд,
Бо хуррамии зиёд гаштанд.

Дар кофтани арӯс монданд,
Аз дар ба даре хаёл ронданд.

Як моҳи дароз кор бурданд,
Раҳ ба тарафи барор бурданд.

Андешаи беҳисоб карданд,
З-анҷоми амал китоб карданд.

Бархоста хостгор гаштанд,
Аз боиси моҳдор гаштанд.

Дар деҳаву кӯчаҳои деҳа,
Бар чашмаи дилбарони деҳа

Кам шуд равуои хубрӯён,
Ҷӯши дили беш ёфт поён.

Дар ҳавлии холаи Ҳарамгул,
Чун чеҳраи лолаи Ҳарамгул

По монд баҳори махмалинпӯш,
Дуқӯша баромадӣ сияҳгӯш.

## ФАЙЗИ АРӮС

Аз файзи арӯс хона пур шуд,
Аз симу зари замона пур шуд.

Аз чор тараф шарора мерехт,
Гӯё зи само ситора мерехт.

Зебанда шуда дареву девор,
Дар ханда шуда ҳама чу гулзор.

Чун бод зи шавқ рафтуо дошт,
Ҳар барги дарахт рақсҳо дошт.

Ҳар лаб ба худаш тарона мехонд,
Аз шодии бекарона мехонд.

Бар чашму ба диди Бахтбедор
Дар даҳр намонд гӯи озор.

Шуд зиндагиаш басо диловез,
Ҳуснаш ба нигоҳ рез дар рез.

Аз лаззати он намешудӣ сер,
Аз кор биомадӣ агар дер,

Мекард зиёд беқарорӣ,
Бар ёр шуда зи бас хуморӣ.

Аз ҳоли Ҳавашбӣ гар бигӯям,
Чашмест ба раҳ, дигар чӣ гӯям?

Шаб бошаду чашми ӯ ба берун,
Лайлоназаре ба роҳи Маҷнун.

Хоб аз сари ӯ гурез дорад,
Бар ҷон дами сӯзрез дорад.

Дар нимаи шаб ба пешвоз аст,
Бо чеҳраи гарму ғарқи ноз аст.

Бо шарфаи пой мебарояд,
Дарвозаи ёр мекушояд.

Бо ноз, ки созиш аст ӯро,
Сад гуна навозиш аст ӯро,

Чун субҳ дамад, расад дами кор,
Роҳист ба кор Бахтбедор.

То кӯча равад бараш нигораш,
Дил дода ҳаме дар ихтиёраш.

То расми гуселу пешвоз аст,
Хурсандии ҳар ду дил дароз аст.

Корат ҳама ҷо барор ёбад,
Сарманшаи ифтихор ёбад.

Зад аз пайи сол сол ҷавлон,
Монанди баҳори чеҳрахандон.

Наврушта ниҳол борвар шуд,
Шаҳбаччаи достон падар шуд.

Даҳ баччаву духтар аст ин ҷо,
Як села кабӯтар аст ин ҷо.

Ҳар як ба худаш вазифа дорад,
Сад қиссаву сад латифа дорад.

Ҳар кас пайи шуғли хеш гардад,
Якто пасу якта пеш гардад.

Донанд вазифаҳои худро,
Пайваста мақому ҷои худро.

Бошад, ки ҳама зи хурд то гурд
Хоҳанд, кунанд бо ҷадал бурд.

Бекор ба хонадон нашинанд,
Бошанд ба ҷаҳду ризқ бинанд.

Ин баҳсу талош идома доранд,
Чун оина рӯзнома доранд.

Ҳар як сари моҳ тахти девор
Бо ранги нав он шавад падидор.

Таърифи бувад дар ону эрод,
Озурда шавад яке, дигар шод.

Ҳар ҷой, ки ранҷ дар ривоҷ аст,
Он ҷой, бидон, ки тахту тоҷ аст.

Дунёи нав аст ин муқаррар,
Гаҳ шоҳ шавӣ ту, гоҳ чокар.

Гаҳ амр кунӣ, гаҳе навозиш,
Бо гиряву ханда сахт созиш.

Як мактаби зиндагист дар ҷӯш,
Гаҳ пурмағалу гаҳест хомӯш.

Ояндаи дур пеши рӯ аст,
Аз дур ба кас ба гуфтугӯ аст.

Мақсуд бувад ба раҳнамоӣ,
Аз дил набарояд ошноӣ.

## БОЛОРАВӢ

Аз об шавад дарахт сарсабз,
Аз тозагӣ аст бахт сарсабз.

Одам шараф аз ҳунар биёбад,
Аз пешаи безарар биёбад.

Аз лафзи ҳалол пар бигирад,
Дар оташи меҳр дар бигирад.

Дилдодаи рӯзгор гардад,
Фархунда зи ҷӯши кор гардад.

Бар дидаи дигарон бирахшад,
Чун наҷм дар осмон дурахшад.

Сар кард фароз Бахтбедор,
Чун сарв канори оби ҷӯбор,

Аз домани халқ дошт маҳкам,
Аз халқ ҷудо нагашт як дам.

Ҳамроҳ ба шодиву ғамаш гашт,
Ҳамдард ба рӯзи мотамаш гашт.

То рафт писанди мардум афтод,
Шаб сурати моҳу анҷум афтод.

Шуд халқ ҳам аз қафош роҳӣ,
Чи шому чи дар дами пагоҳӣ.

Ранги рухи даштҳо дигар шуд,
Боғ аз бари боғ дар самар шуд.

Фаввораи обҳо биафзуд,
Теъдоди савобҳо биафзуд.

Ҳар кас, ки равон ба гуфти ӯ гашт,
Бо бахти гуреза рӯ ба рӯ гашт.

Омад ба забон замин дар охир.
Бо лафзи бақанд мисли шоир:

Фарзанди ман аст Бахтбедор,
Пайванди ман аст Бахтбедор.

Бе ман накашад нафас чу ғамхор,
Бе ӯ накашам нафас ба зинҳор.

Тан бошам агар, равони ман ӯст,
Сарсабзии ҷовидони ман ӯст,

Филҷумла, ки ҳардумон як астем,
Часпида ба ҳам чу часпак астем».

Кӣ дид дарахти бесамарро,
Санге бизананд раҳгузарҳо?

Осуда мудом дар нумӯъ аст,
Бо меҳри фалак ба гуфтугӯ аст.

Санг асту кулӯху чӯб бисёр
Резон ба сари дарахти пурбор.

Кӣ дид касони беҳунарро?
Аз рашк зананд боҳунарҳо.

Бар беҳунарон зарар наоранд,
Бар лахча дами табар наоранд.

Борад ҳама рашк бар ҳунарманд,
Бошад ҳунараш зарур ҳарчанд.

Ҳатто ба миёни хеш эшон
Дар нори хусуматанд сӯзон.

Ҳар қадр шавад адӯи ту беш,
Бар ҷони ту ҳар қадар расад неш,

Медон, ки ҳамон қадар кабирӣ,
Дар чашми қиёс беназирӣ.

Ин буд сабаб, ки Бахтбедор
Гардид зи шаъни худ адӯдор.

Бар дидаи айбҷӯй бад тофт,
Бад бар дили танг аз ҳасад тофт.

Гуфтанд: Раис агар ҳамин аст,
Моро ғаму дил ба ғам қарин аст.

Бояд, ки раиси мо набошад,
Дар дида ба рафтуо набошад.

Дар бобати ӯ навишт бояд,
Маълум шавад чу зишт бояд.

Бошад падараш чунонки гӯянд,
Дар фанду фиреби халқ побанд.

Мулло шудаву намозхон аст,
Берун зи раҳи замон равон аст.

Орад зараре ба насли наврас,
Пай ин набарад дуруст ҳар кас.

Оянда сияҳ шавад аз ин роҳ,
Монанди шабе, ки ҳаст бемоҳ.

Дигар, ки раис баднигоҳ аст,
Дар тахти ғурур подшоҳ аст.

Се-чор рақиби нотавонбин
Карданд саманди фитнаро зин.

Ҳар сӯй ба шаб равона гаштанд,
Як хона чӣ, бист хона гаштанд.

Айбу гунаҳи зиёд ҷустанд,
Ин зумраи каҷниҳод ҷустанд.

Дар ҳуҷра сипас нишаста хилват,
То рӯз шуданд ғарқи сӯҳбат.

Як рӯи варақ сиёҳ карданд,
Сардор пур аз "гуноҳ" карданд:

Гуфтанду пур аз ғазаб навиштанд,
Тухми бадӣ аз бадӣ бикиштанд.

Бинвиштаи хеш пас бихонданд,
Ҷо-ҷой дар он қалам давонданд.

Таҳрир, бигӯ, хишова карданд,
Як боби дигар илова карданд.

Карданд ба сафҳае хат иншо,
Аз номи раис бар Зулайхо:

"Хоҳӣ ту агар, туро бигирам,
Бо амри худо агар бимирам,.."

Бигрифт яке Ҳавашбӣ нома,
Бар коғази суда заҳри хома.

То ӯ мағали калон барорад,
Бар шавҳари худ фиғон барорад.

Дар оила ҷангу шӯр хезад,
Шарманда  шавад, зи худ гурезад.

Мардум ҳама хуб гардад огоҳ,
З-аҳволи чунин раиси худхоҳ.

Ногаҳ зи Ҳавашбӣ рафт ҳинҷор,
Ларзид ду дасту по ба такрор.

То вақт гузашту бар худ омад,
Бар ҳукми хирад яке даромад.

Гуфт: "Ин амалест душманона,
Вайронкунии дар асту хона.

Дар мардаки ман чунин "ҳунар" нест,
Ҷуз ёди манаш дигар ба сар нест.

Хушрӯй бувад агар Зулайхо.
Мон, ҳар кӣ варо кунад тамошо.

Шеъраш бинависаду тарона,
Пешаш биравад ба ҳар баҳона.

Хушрӯ, ки худаш кам аст, гӯянд,
З-ин рӯй зани ҳамаст, гӯянд.

Айбест агар зи Бахтбедор,
Бахшам гунаҳаш ҳазору як бор.

Чун ҷуфти ман аст дар замона,
Падруд зи шеваи занона.

Бо чашми хирад агар ту гардӣ,
Бинӣ ба занон нишони мардӣ.

### САНҶИШГАРОН

Санҷишгари чанд-чанд омад,
Бо дағдағаи баланд омад.

Аз шиквагарон гирифта ҳамроҳ,
Гаштанд идораҳову саҳро.

Ҳар кунҷ назораҳо намуданд,
Бо панҷа ишораҳо намуданд.

Хайру шари рӯ ба рӯй омад,
Ногуфта ба гуфтугӯй омад.

Аз ҳар кӣ садо баланд мешуд,
Балки ба фиғон каланд мешуд.

Дашт аз паси дашт бедаво гашт,
Сар то бару бар ба сар нидо гашт.

Сарёзии сабз шуд ба гуфтор:
Ман дашт будам зи санги бисёр.

Бин, ҷома маро зи хок карданд.
Гӯё ки зи санг пок карданд.

Аз дасти бахайри Бахтбедор
Дар хоб наям дигар ба зинҳор.

Шолист ба рӯи ман қадафроз.
Болост пиёзу маккае боз.

Сангоб наям, кунун заминам,
Ман судрасони ону инам.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад.

Шармидаву худ панаҳ гирифтанд,
Бар Пистамазор раҳ гирифтанд.

Роҳест, ки мошини саворӣ
Гӯё ки кунад арӯсёрӣ.

Не чангу ғубор андар он аст,
Санге на диёр андар он аст.

Бинӣ, ки чӣ роҳи нозанин аст,
Фаршаш на зи мум, мармарин аст.

Не пасту на он баланд бошад,
Мошинраҳи дилписанд бошад.

Аз шарфаи чархи «Волга» ин роҳ
Овоз бароварад ба ногоҳ:

«Аз дасти бахайри Бахтбедор
Ман тӯл кашидаам ба кӯҳсор.

Мардум равуо кунад ба рӯям,
Бо оби саҳоб рӯй шӯям.

Баски зи савоби дилнавозӣ
Беш аст савоби роҳсозӣ.

Ҳар як бикунад дуои бисёр
Дар ҳаққи раис баъди ин кор.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Баъд аз суханони роҳ эшон
Бастанд нигаҳ зи тор поён.

Як манзараи базеб диданд,
Манзилгаҳи дилфиреб диданд.

Ҳар деҳа ба рӯи сабзи саҳро
Холест зи нуқраеву тилло.

Халқест ба кори хештан банд,
К-одам шавад аз назора хурсанд.

Аз деҳачаи Қамар гузаштанд,
Ворид ба Чаҳорқалъа гаштанд.

Дар боғи бинои нав нишастанд,
Диданд, ки дар кучой ҳастанд.

Бемори пур аст дар табобат,
Ёбанд ба вақти худ шафоат.

Худ кӯшк ба гап даромад ин ҷо,
Кас гарчи накард пурсиш онро:

«Аз дасти бахайри Бахтбедор
Дидам мани сарфароз девор.

Оғӯши ман аст бозу хандон
Бар рӯи ҳама ниёзмандон.

Ин ҷо ба саломатист маъво,
Беҳуда бувад тамоми даъво.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Бо рӯи хушу табиати чоқ
Гаштанд равон ба Хоҷа Исҳоқ.

Аз мақбараи бузургдониш
Бар гӯш расид бо навозиш:

«Аз дасти бахайри Бахтбедор,
К-аз ӯ ба касе наояд озор,

Ман зиндашуда дар ин мақомам,
Бахшам ба ҳақааш чунин каломам:

Ёраш ҳама дам бувад худованд,
Дар ҳар ду ҷаҳон шавад фараҳманд.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Рухсора зи пеши раҳ баромад,
Бораш ба асо, ба гап даромад:

«Аз дасти бахайри Бахтбедор
Шуд мақсади мо ҳама падидор.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Шаш мактаби нав тарона мегуфт,
Бо шодии ҷовидона мегуфт.

«Аз дасти бахайри Бахтбедор
Обод шудему дер подор.

Тарбияи дилписанд дорем,
Мо сурати ӯ баланд дорем.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Санҷиш сари интиҳо гирифтанд,
Дар зери чанор ҷо гирифтанд.

Аз доманае, ки сабзбоғ аст,
Бӯи хуши себ бар димоғ аст,

Масҷид ба таҳи чанор барпост,
Бо нақшу нигор бас дилорост.

Овози муаззин ояд аз он,
Бар гӯш чу рози субҳгоҳон.

Ҳар вассаву хишти ин иморат
Гӯяд пайи ҳам дами ибодат:

«Аз дасти бахайри Бахтбедор
Паҳлуи чанору пеши анҳор

Ман сар ба само кашида бошам,
Сар сӯи худо кашида бошам.

Сад дил шуда як миёнаи ман,
Ҳақ зикр кунад таронаи ман.

Бар шаъну ба номи Бахтбедор
Орам ба забон дуои бисёр.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Диданд, ки пушти дар ситода
Як пиразани ба ғам фитода

Молида ба чашм хоки девор,
Оҳиставу нарм созад изҳор:

«Ман зинда ба номи он худоям,
Кардаст дилу равон атоям.—

Як баччаи дилписанд додам,
Сарви ба чаман баланд додам.

Аммо чӣ кунам, бало биомад,
Бар ҷону дилам ҷафо биомад.

Мансабталабон ба макри шайтон
Дар ҷанг чу саг шуданду гургон.

Яктои маро қапида бурданд,
Аҳволи бадам надида, бурданд.

Нашнида чу кар фиғони талхам,
Фарёду фиғони ҷони талхам.

Бурданду ба чанги марг доданд,
Бар чанги шамол барг доданд.

Омад хабаре, ки дар сағонаст,
Нашнохт касаш, ки бенишонаст.

Маҷбур шудам, шавам  равона
Бар ҷониби шаҳри пурсағона.

Ваҳ, қиссаи ин сафар дароз аст,
Кӯтаҳ кунамаш, ки ҷонгудоз аст.

Шар-шар бигирифт пеши роҳам,
Бо нола фитод дар нигоҳам.

Гуфто ба руҷӯи ҳақталошӣ:
«Модар, ту малол агар набошӣ.

Ман низ гуноҳ дорам ин ҷо,
З-он рӯи сиёҳ дорам ин ҷо.

Бошам мани сарбаланд ҳар гоҳ
Аз обу ҳавои даҳр огоҳ.

Лекин ба барам чу ҷанг кардаанд,
Аз хун сару рӯй ранг карданд.

Охир чӣ кунем, фанд доданд,
Бо ваъдаву лоф қанд доданд.

Моро ба дами бало кашиданд,
Берун зи раҳи худо кашиданд.

Онҳо, ки ба ҷанг тела доданд,
Дарвозаи душманӣ кушоданд.

Барҳақ, ки адӯи миллат астанд,
Бологузари хиёнат астанд.

Ҳоло ба миёна зинда бошанд,
Морони хапу газанда бошанд.

Ҷо-ҷой зананд неш хилват,
Гарданд хамӯшу пурадоват.

Бархе ба замони ноилоҷӣ
Се-чор карат шуданд ҳоҷӣ.

Карданд сафед хилъати хеш
Дар зери ҳиҷоб хислати хеш.

Монанди қанор чайб доранд,
Гуфтор ба мо зи айб доранд.

Раҳгумиву ғам ба миллат оранд,
Бо хилъати нав хиёнат оранд.

Бошад, ки гаҳе ба дуру наздик
Бадном кунанд халқи тоҷик.

Қаллобии ношунида доранд,
Пинҳонию пеши дида доранд.

Афюнкашию фурӯши ин заҳр
Дар ҷӯш бувад чу рӯди дар қаҳр.

Долони калон кушоданиянд,
То дур макон кушоданиянд.

То нест зи байни мо нагарданд,
Бегонасифат чудо нагарданд.

Оромии мамлакат гумон аст,
Бадбахтии тоза дар миён аст.

Тахрихнавис дар куҷояст,
Ё банд ба мотаму азояст.

Гӯед нависад ин ҳаводис,
Бо хомаи ҳақнигору холис.

Ноҳақ нанигорад ин хаторо,
Гар сабт кунад ба сафҳа моро».

Аз бориши хуни хунфишонон
Шуд сурхии арғувон дучандон.

Ғофил шудаву хабар надодам,
Бар фоҷиа балки раҳ надодам.

Минбаъд писанд нест корам,
Аз кардаи хеш шармсорам».

Мондам чу қадам бар он сағона,
Бар тозасарои ин замона,

Як дӯзахи ношунида дидам,
Даҳшаткадаи надида дидам,

Аз байни гурӯҳи мурда мардон,
Дархуншудагону рангзардон,

Бе биниву гӯшу даст ё по,
Бе каллаву ё ду чашми бино.

Ҷӯёи писар шудам ба сад сӯз,
Аз мурда батар шудам ба сад сӯз.

Бӯ кардаму бӯй ҳар ҷасад ман,
Як-як ба ҳисоб то навад ман.

Бӯи писарам машом бишнохт,
Ҷон дар баданам ба нола андохт.

Оварда ба хоки тар супурдам,
Ҷону ҷигарам–писар супурдам.

Ин ғам чӣ, ғами дигар гирифтам,
Дар оташи ғусса даргирифтам.

Рафтам ба дари идорадорон,
Бар номи калону шаҳри вайрон.

Гуфтам писарам ба ҷанг куштед,
Оҳу ба дами паланг куштед.

Гӯед, шавад чӣ гуна ҳолам,
Дар ёди писар ҳамеша нолам.

Аз хайру худоияш чӣ гӯям,
Нобудии хеш бар кӣ гӯям?

Гуфтанд худаш ба ҷанг рафтаст,
Шояд, ки зи рӯи нанг рафтаст.

Мо кор ба рафтагон надорем,
Сармоя ба ину он надорем.

Дар байни ғаму ҷафои бисёр
Дастам бигирифт Бахтбедор.

Бар ҷои писар писар шудам ӯ,
Ризқовару чорагар шудам ӯ.

Дорам талаб аз худои аъзам,
То дур барад зи роҳи ӯ ғам.

Аз чашми бадаш нигоҳ дорад,
Бадхоҳи варо ба чоҳ орад.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Дар зери чанор он тарафтар,
Дар қолии сабзаҳои анбар

Диданд нишаста баччаҳоянд,
Чун булбули боғ дар навоянд.

Бо лутфи хушеву як ҷаҳон ҳис,
Банд аст ба нақлҳо мударрис:

«Саъдии бузург то ҷаҳон дид,
Некиву бадии одамон дид.

Як тӯҳфа ба дасти дӯстон дод,
Яъне ки китоби «Бӯстон» дод.

Худ олами панду ҳикмат аст он,
Афсона наю ҳақиқат аст он.

Гардид Камол то мусофир,
Бикшод дари ҳазору як сир.

Гарчи зи диёри худ ҷудо шуд,
Машҳуртарин ғазалсаро шуд.

Ҳар як суханаш, ки дар забон аст,
Мерос аз ӯ чу накди ҷон аст.

Сайёҳи бақадри дахр Мирзо[14]
Шуд кошифи хуррамиву ғамҳо.

Ҳусни суханаш баланд гардонд,
Дар мазза мисоли қанд гардонд.

Бо санъати ҳамчу тоби гирдоб
Бедор намуд Ҳинди дар хоб.

Аз дӯстӣ ӯ хабар биовард,
Пайғоми нав аз зафар биовард.

Чӣ дод ба халқ Бахтбедор,
Вақто ки бидид мулки бисёр?

Ӯ дид ҷаҳони пурталотум,
Ҳар гуна забону фаҳми мардум.

[14] Мирзо Турсунзода дар назар аст.

Моли ҳамагиру нархи арзон,
Пурдорию неъмати фаровон.

Шаҳре бари шаҳр хуб маъмур,
Халқе бари халқ шоду масрур.

Дар хушкию об шамъи барқӣ,
Шаб дар дили баҳри нур ғарқе.

Дид ин ҳама, дар хаёл афтод,
Аз ҳастии худ малол афтод.

Андеша бағал гирифт ӯро,
Дар пираҳани шигифт ӯро,

К-аз чӣ ба диёри мо чунин нест,
Роҳат ба равони ону ин нест.

Мо низ замину об дорем,
Ганҷинаи беҳисоб дорем.

Об асту ҳавои мо муносиб,
Хуршеду самои мо муносиб.

Шояд ки кам аст ранг дар мо,
Ё зарба задаст ҷанг дар мо?

Сад гуна савол давр кардаш,
Н-оромии ҳол давр кардаш.

Омӯхт усули кор он ҷо,
Ободии рӯзгор ин ҷо.

То дар амал оварад ба ҷояш
Дар кишвари бойу босафояш.

Бо тарзи навин гирифт раҳ пеш,
Бар фатҳи барин гирифт раҳ пеш.

Ободию ҳусн гашт афзун,
Симои тамоми ҷо дигаргун.

Хурсанд шудем з-ин маромаш,
Хонем таронаҳо ба номаш:

«Марди баҳунар раиси мо ҳаст,
Некӯ чу падар раиси мо ҳаст.

Нурест ба хонаҳои торик,
Бар қалби ҷавону пир наздик.

Одам чӣ, ки ҷони одам аст ӯ,
Нирӯву тавони одам аст ӯ.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Ин ҷой, ки хонаи худо ҳаст,
Бар бандаи тоза ошно ҳаст.

Аз қаҳри худо ҳазар кунад кас,
В-аз ҳарфи хато ҳазар кунад кас.

Аз ҳақ чу ҳама сухан кушоданд,
Сад уқдаву сад расан кушоданд.

Ногаҳ ба хаёл гашт пайдо,
Бо рӯи хуше Ҳакими Бобо,

Чун одами зинда гуфт бебок:
«Берун шудаам ман аз таҳи хок.

Аз хидмату хайри Бахтбедор
Як қиссаи бардавом даркор.

То дар ҳама ҷо намуна монад,
Бо сурати гуна-гуна монад.

Аз пахта намудааст хирвор,
Бар ғалла намонда ҷо дар анбор.

Сад хона намудааст бунёд,
То ҷумла шаванд хонаобод.

Қаср асту идораи намоён,
Маъвои шукуфти боғи армон.

Устод ба кори хеш гаштаст,
Аз пайгаҳи фатҳҳо гузаштаст.

Дидед, ки одамон чӣ гӯянд,
Чун гул лаби доманаш бибӯянд.

Лаънат ба касе, ки тӯҳмат орад,
Худро ба таҳи ҳақорат орад».

Ӯ нуқта гузошт бар таҳи гап,
Рафтанд ҳама ба кӯи худ хап.

## ТАШВИШИ НАВ

Ҳар қадр талошеву ҷиҳод аст,
Ташвиш ҳамон қадар зиёд аст.

Аз умри дароз роҳате нест,
Уммед пуру саодате нест.

Ғам бар сари ғам савор гардад,
Шодӣ зи пайи фирор гардад.

Андеша кунӣ, дилат шавад об,
Кам мешавад он, чунон ки маҳтоб,

Хурданд даме ки кӯдаконат,
Сарҷамъ шаванд гирди хонат.

Чун сер кунанд ишкам эшон,
Бар хоб раванд беғами ҷон.

Бошанд калон, пареш гарданд,
Нӯше талабанду неш гарданд.

Дар каш-каши ҳар якаш азоб аст,
Ҷон моҳии танҷудо зи об аст.

Ҳамчу падар аст Бахтбедор,
Фарзанд ба гирди ӯст бисёр.

Ҳар як талаботи хеш дорад,
Дарде зи ҳаёти хеш дорад.

Дилёбии ом нест осон,
Ибрози калом нест осон.

Бо зӯр тавон гирифт давлат
Бо зарби силоҳ дар ду соат.

Сарриштаи он валек душвор,
Ин ҷо хиради зиёд даркор.

Аз фаҳм канор хавф дорад,
Чун сели баҳор хавф дорад.

Дар дафтари ақли Бахтбедор
Сабт ин ҳама ҳаст тори бар тор.

Ӯ худ ҳаками замони хеш аст,
Безор гаҳе зи ҷони хеш аст.

Аз ҷабру ҷафои ноҳақиҳо,
Аз санги балои ноҳақиҳо

Сарро ба бағал паноҳ гирад,
Дар пушти саҳоби оҳ гирад.

Донӣ, ки варо чӣ сон азоб аст,
Ҳар рӯзи қабули вай китоб аст.

Пешаш занаке ба оби дида
Гӯяд суханони ношунида:

«Ман модари зору бенавоям,
Баъд аз сари шавҳарам  гадоям.

Як мурғаки чӯҷадор бошам,
Дончӯй ба ҳар канор бошам.

Шаш чӯҷа таги қанот будам,
Фархунда аз ин ҳаёт будам.

Дутош чу дур аз бағал шуд,
Дар панҷаи каргаси аҷал шуд.

Чори дигараш бувад таги пар,
Пайвaанди азоби ҷони модар.

Аз дасти балои ин замона
Рафтори ман аст лӯлиёна.

Талбанда шудам зи ноилоҷӣ,
Шарманда шудам зи ноилоҷӣ».

Дар навбати хеш пирамарде
Гӯяд ба ҳазор сӯзу дарде:

«Ноҷӯрии давр кушт моро,
Лаббаста кунад ба мушт моро.

Бангӣ шудаанд навҷавонон,
Дар хонаву кӯчаву дабистон,

Аз ҳурмати волидайн дуранд,
Аз хатти адаб бипурс, кӯранд.

Аз илму ҳунар хабар надоранд,
Мурғони наванду пар надоранд.

Нопоки замона духтаронанд,
Ҳарҷопаракон чу кафтаронанд.

Номӯсфурӯшу беҳаёянд,
Рӯтофта аз раҳи худоянд.

Гӯӣ, ки чӣ пеша аст, хананд,
Дарҳол даҳони ту бибанданд:

«Рӯзии дигар ба худ надорем,
Гарчанд ба дида шармсорем!»

Бо насли чунин касифу бадхӯй
Оянда чӣ гуна мешавад, гӯй?

Дар маҷлиси бонуфузу олӣ
Бо як дами гарму некфолӣ

Дар ҳайати мо вакил бошӣ,
Бар толеи мо кафил бошӣ.

Ин масъаларо зи нанг бардор,
Домони талаб канор магзор».

То кай амали хатост дар мо,
Анҷоми амал фаност дар мо?

Андеша зи мо фирор кардаст,
Покизагӣ  ихтисор кардаст.

Оҳи дили мо само гирифтаст,
Иқболи накӯ худо гирифтаст.

Мақсуди дараш намекушояд,
Хуршед рухаш наменамояд.

Бе решаи сахт пешаи мост,
Дамкунд мудом тешаи мост.

Таъсир ба Бесутун надорад,
Фарҳоди замон ҷунун надорад.

Одамгарӣ аз миёна рафтаст,
Файзу баракат зи хона рафтаст.

Не лафзи ҳалолу не вафояст,
Дил аз амали забон ҷудояст.

Гулпӯш диёри Тоҷикистон
Аз хешпарастияст вайрон,

Ҳоким шудааст пургуноҳӣ,
Дар ҷомаи нав бувад сиёҳӣ.

Шаб чодари худ кашад ба кишвар,
Гирад ҳама ҷо ба зери чодар.

Пинҳон зи миёна рӯшноист,
Кӯрист ба мову н-ошноист.

Қатл аст ба ҳар канору ғорат,
Дерест, ки ӯст  бетабобат.

Мункир шавад аз гунаҳ гунаҳкор,
Кам нест варо зи бас тарафдор.

Аз тарбия мардум аст ғофил,
Сӯзест ба ҷону ғусса дар дил.

Он кас, ки ҳалол мепарастад,
Гӯё ки завол мепарастад.

Муфлистар аз ӯ касе набошад,
Беқадр чу вай  хасе набошад.

Роҳат ба куҷо, ки роҳаташ нест,
Давлат ба куҷо, ки давлаташ нест.

Ҳар он ки хӯрад ҳаром, бой аст,
Савлатзабару пурошнояст.

Аз гуфтугузори талху бисёр
Бошад ба азоб Бахтбедор.

Гоҳе ба ҷавоб дарбимонад,
Дар такяи мушт сар бимонад.

Ташвиши варо чу нуқтамон нест,
Аз хотири ҷамъи вай нишон нест.

Охир зи ҳазор кӯҳи сангин
Андешаи зиндагист вазнин.

Оҳиста бихест ӯ зи ҷояш,
Оҳиста ба фарш монд пояш.

Тиреза кушод нарму ором,
Лағжонд ду парда то ба анҷом.

Хуршед фитод дар назора,
Аз нур бигашт пур идора.

Пажмурда гуле ба дашти девор
Дар ханда фитод рӯ ба анвор.

## ХОТИМА

Эй хома, биё, ки дам бигирем,
Дам бар дами беситам бигирем.

Дидӣ, ки аҷаб саёҳате шуд,
Бикшода дари саодате шуд.

Дар ҷӯш будаст зиндагонӣ,
Чун замзамаи нави ҷавонӣ.

Аз шиквагарон дигар асар нест,
Рафтанд куҷо, ягон хабар нест.

Покиза ҳавои рӯзгор аст,
Барбаста миён ҳама ба кор аст.

Пайдост, ки боз Тоҷикистон
Гул мекунаду шавад шукуфон.

Дар ҷои худ аст Бахтбедор,
Дорад ба нидои давр рафтор.

Дар серии одамон бикӯшад,
Монандаи оби чашма ҷӯшад.

Бар ӯ хушу равшан аст мақсуд,
Ободии Меҳан аст мақсуд.

Кӯчида аз ӯст ноумедӣ,
Пайдост ҷамоли дилсафедӣ.

Аз кори худу Ҳавашбӣ мафтун,
Лайлост Ҳавашбӣ, ӯст Маҷнун.

Наздик биё, ту хомаи ман,
Биншин лаби нарми ҷомаи ман.

Як машрабакӣ шароб нӯшем,
Дар хотимаи китоб нӯшем.

Июл-ноябри соли 1996

«МУНТАХАБОТ»

Душанбе,
«Адиб»
2003

## О Р З У

Ман он шеър хоҳам, ки бошад алав,
Ба ҳифзам бимонад худашро гарав.

Ба як дам бисӯзад ҳама макру фанд,
Ҷаҳонро намояд халос аз газанд.

Кучое сиёҳист, чокаш занад,
Сарозер як-як ба хокаш занад.

Чу ахтар дурахшад ба боми фалак,
Шавад шоҳи доно ба қавми малак.

Ба ҳукмаш дарорад раҳи офтоб,
Кашад деви зулмат ба дору таноб.

Ман он шеър хоҳам, ки бар мурдагон
Бубахшад забону бубахшад равон.

Кунад зинда Ҳофиз зи нав бемалол,
Ба Хуҷанди зебо биёрад Камол.

Зи дунё намояд рухи ҷанг гум,
Ҳама ҷангхоҳон кунад зери қум.

Кунад кохи сулҳи ҷаҳон сарфароз,
Ки монад замин сар ба болишти ноз…

## РОҲИ ЗИНДАГӢ

*Ба ёди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Саидқул Тӯрдиев*

Чун сафҳаи таърихи далерони Ватанро
Таърихи пур аз нусрати шерони Ватанро,
Гардонда варақ, ёди ҷасорат бинамоям,
Ёд аз ҳунару разму шуҷоат бинамоям.
Ёд он бинамоям, ки чу ҳомию нигаҳбон
Кӣ дошт азиз як кафи хоки Ватан аз ҷон.
Кӣ об бишуд, баҳр барин ҷӯш бизад, ҷӯш,
Бо мавҷ намуд оташи пешомада хомӯш.
Кӣ оташи сӯзон шудаву шӯъла барафрӯхт,
Хошок барин душмани нопоки Ватан сӯхт?
Кӣ ҷуръати шерона нишон дода ба майдон,
Ҳар сония бо марг бишуд дасту гиребон?
Кӣ дар бадали бахту шараф ҷон ба гарав монд?
Кӣ хонаи зулму ситами халқ алав монд?
Симои ту хуршед шуда дар назар ояд,
Дил пеши ту таъзим кунад, роз кушояд.
Гӯяд, ки: «Аз ин сафдари бебоку музаффар
Бояд сабақ омӯхт, ҳамебуд диловар!
Лозим шавад ар, бо раҳи ӯ пеш қадам неҳ,
Он рӯз ҷуз ин роҳ дигар нест раҳи беҳ.
Ҳар кас, ки дар ин роҳ бимурдаст, намирад,
Чун ишқ ба дилҳои накӯ ҷой бигирад».

майи 1965

## ЗОДГОҲИ НАЗМ

Тоҷикистонам, ба номат шеъри нав иншо кунам,
Гарчи такрор оядам, фармони дил иҷро кунам.
Гӯш бинмо, рафта будам аз ту бар як шаҳри дур,
Омадам, имрӯз назди ту ҳикоятҳо кунам.

Ёфтам ман андар он ҷо дӯстони нав ба худ,
Дӯстоне, ки бароям ҳар якаш маҳбуб буд.

Ёди онҳо дер дар хотир ҳамемонад маро,
Меҳрашон бас доимӣ дар қалби покам ҷо намуд.

«Зодгоҳи ту куҷо?»–гуфтанд манро дӯстон,
Чун гирифтам номи ту, ҷон Тоҷикистон, бар забон.
«Эй шумо аз зодгоҳи назм будастед, гӯӣ?!»–
Гуфтаю бардоштандам рӯи дастон он замон.

Зодгоҳи назм! Охир ин чӣ сон номи баланд,
Дар ҷаҳон ин ном ҳамчун қахрамон шӯҳрат фиканд.
Ҳар куҷое меравам,  бо номи ту, эй зодгоҳ,
Байни мардум хешро бинам азизу арҷманд.

январи 1965

## БО УМЕДИ ЗИНДАГӢ

Тир мерехт, аз дигар мерехт боз,
Ки замин меларзид андар зери он.
Хок ҳам дар оташаш месӯхтӣ,
Бахр меомад ба ҷӯшу дар фиғон.

Ҳастие мегашт дар як лаҳза нест,
Об хушку санг мегардид об.
Дер мепӯшонд дуд атрофро,
Ки намедидӣ самою офтоб.

Дар Замини Хурд по мекӯфт, по
Марг бо сад гуна рангу даҳшате.
Чангҳояш тез карда, дошт ӯ
Қасди ҷони зиндагӣ бо нафрате.

Тоби мо будаст аммо, ростӣ,
Бештар аз  тоби сад пӯлод ҳам.

Пеши он будаст охир ҳеҷ чиз
Ҷанги маргу ханҷари ҷаллод ҳам.

Бо умеди зистан шуд тоби мо
З-оташи афрӯхта ҳам зӯртар.
Марг аз бими шуҷоъмардии мо
Дур мешуд майда-майда, дуртар.

Хасм бо марговарии худ зи мо
Парчае нагрифт аз хоки диёр.
Пас чӣ сон гирад бигӯ, эй беғараз,
Ӯ зи дасти мо диёри беканор?!

## ФАҚАТ БО ОДАМОН…

Агар мӯре ҷудо аз мӯрҳо монад ба майдоне,
Саропо гӯӣ пар гашта ба ҳар сӯ ҷӯяд онбро.
Нахоҳад донаеро, гар бубинад хирмани доне,
Наёбад он ба роҳаш то тифоқафтода ёронро.

Агар моҳӣ ҷудо як лаҳза монад аз миёни об,
Ба садҳо печутоб он маргро бинмояд истиқбол.
Намондӣ гар ба мағзи кӯҳ арча решаи пуртоб,
Намешуд ин қадар машҳур бо сарсабзиаш то ҳол.

Нахоҳам з-одамон зинҳор ман дурӣ гузиданҳо,
Ҳамеша гӯши ман хоҳад аз онҳо ҳарф бишнидан.
Фақат бо одамон дил метапад манро ба ҳар маъво,
Фақат бо одамон фархундафолу зинда бошам ман.

с. 1967

## ОФТОБИ БАҲОРӢ

Зимистон лоф зад, ки аз ҳама зӯру сарафрозам,
Агар хоҳам, ба як шаб обро ман санг месозам.

Агар хоҳам, тавонам нест кардан аз миён гармӣ,
Агар хоҳам, намемонам даме бинад замин нармӣ.

Агар хоҳам, яхе бандам, ки то соли дигар пояд,
Агар хоҳам, ба пешам олам андар тавба меояд…

Вале чун офтоби навбаҳори шӯълаафшон шуд,
Зимистон тоб н-оварда, ҳаросон шуд, гурезон шуд.

## МО ШОМОЕМУ ШУМО МОЕД

Сарзамини мо ба моманди арӯс оростаст,
Аз шарофатҳои бемисли қадамҳои шумо.
Он чиро, ки дил барои дӯстон мехостаст,
Мешавад пайдо ба ҳар ҷое расад пои шумо.

Шаҳру деҳи мо кушода гарму нарм оғӯшҳо,
Дар навозишкории аҳли адаб афтодаанд.
Сози бӯсобӯс форам мерасад бар гӯшҳо,
Пиру барно ҷумла дар баҳри тараб афтодаанд.

Баски дигар «Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон»
«Бартар аз дидори рӯи дӯстон», эй дӯстон,
Об агар бар пахтазорон меравад шодикунон,
Дӯстро бинем мо, оем чун оби равон.

Сурмаи тар хоки пои дӯст бар чашмони мост,
Мерасад аз ифтихори ин сари мо то фалак,

Хоки Хатлон, ки ҳама дар иззати хоси шумост,
Рӯи каф бо меҳр орад ҳадя ду кӯҳи намак.

Ҷомию Фонӣ сухан аз дӯстӣ пардохтанд,
Чун бузургон қадри онро доштанд аз ҳар чӣ беш,
Дӯстихоҳон ба олам олами нав сохтанд,
Мо ба равнақ орем ин меросро бо саъйи хеш.

Боғи армонҳо самар меоварад ҳар рӯзу шаб,
Аз ривоҷи дӯстию шаъни даврони азиз.
Дар ҷаҳон дигар набошад ҷои баҳсу ҷои гап,
Мо шумоему шумо моед, ёрони азиз!

Сентябри соли 1982

## ДИГАР ГАПИ МАН НАГИРАД ИН ДИЛ

Сӯи ту даме назора кардам,
Рӯи ту гумон ситора кардам.
Дидам, ки ситора ҳеҷ бошад,
Наззора ба ту дубора кардам.

Бар қисмати хеш ман амирам,
Ӯро ба итоатам бигирам.
Имрӯз вале зи хотири ту
Ман қисмати хеш зора кардам.

То чашми ману рухи ту бошад,
То рӯт ба ман шарор пошад.
Равшан ҳама дидаи тамошо
Аз ҷилвагаҳи шарора кардам.

Наздик шудам, нигаҳ накардӣ.
Гарчи рухи худ панаҳ накардӣ.
Дидам, ки туӣ зи сангдилҳо,–
Уммед зи санги хора кардам.

Дил пур зи ҳарорати шабоб аст,
Бе меҳр бинои дил хароб аст.
Бо ҳукми хавас пайи ту дилро
Ман аз бари худ канора кардам.

Ту донию ин диле ки шайдост,
Бар кишвари меҳр роҳпаймост.
Дигар гапи ман нагирад ин дил,
Ман хуб варо идора кардам.

## РУБОИҲО

Садсола зане зи дард нолиш мекард,
Як коса зи оби сард хоҳиш мекард.
Худ модари модарону «Модар»! мегуфт,
Тар з-оби ду чашми хеш болиш мекард.

Дар панҷаи бод зулфи н-ошуфта кам аст,
Дар рӯзи баҳор гули нашкуфта кам аст.
Бар гардани мост кори нокарда зиёд,
Дар дафтари мо ҳарфи навингуфта кам аст.

Мо кардаву нокардаи худ медонем,
Аз рӯи замин, ки рафта то кайҳонем.
Дар рӯи замин ва ё ки дар боми фалак
Ҳар кор тавонему бадӣ натвонем.

Дунёст гаҳе чу олами афсона,
Ҳушёр кунад худаш яке девона.
Устод шавад мурид, мурид устоде,
Бегона худӣ шавад, худӣ бегона.

Як рӯзи туро надидаам сад рӯз аст,
Сад рӯзи пур аз дарду ғами ҷонсӯз аст.
Дунё гузарад, чу умри мо мегузарад,
Анҷоми ҷудоии ҳама афсӯс аст.

Гӯянд, ҷаҳон бувад ҷаҳони гузарон,
Кас нест вале ба рафтани он нигарон.
Гӯянду варо ба мо ҳамебигзоранд,
Мо низ гузорем варо бар дигарон.

Дунё аҷабею кори дунё аҷаб аст,
Одам гаҳе дар ғаму гаҳе дар тараб аст.
Гоҳе тарабаш ғами фузун меорад,
Ғам гоҳ ба шодии паёпай сабаб аст.

## ҚАДРИ ЗИНДАГӢ

Ба бахти мо, ки механдад баҳори зиндагӣ имрӯз,
Ба рӯи мо, ки меборад шарори зиндагӣ имрӯз,
Ба умри мо, ки шуд беғам, ҳаёти ҷовидон дарёфт,
Барад бар пеш моро, ин шиори зиндагӣ имрӯз.

Наёмад муфт он медон, наёмад он ба осонӣ,
Ба ҷону хун харид онро зи золим нанги инсонӣ,
Агарчи рехтан хун аз ҳама ин буд ҳузновар,
Вале кори шараф ки буд, н-овард он пушаймонӣ.

Чӣ сон мо ҳурмати хуни падарҳоро ба ҷо орем,
Чӣ сон дар роҳи онҳо сӯи мақсад пой нагзорем,
Чӣ сон арвоҳшонро ҳар нафас хушнуд нанмоем,
Чӣ сон аз хоки онҳо сурмаи чашмон набардорем.

Накардан ҳурмати хуни шаҳидон–ин гунаҳ мебуд,
Шаҳидон гар намебуданд, рӯзи мо сияҳ мебуд.
Баҳори зиндагии мо хазону бенишон мерафт,
Ба зери абри тира офтоби мо панаҳ мебуд.

Барои зиндагӣ аз зиндагӣ онҳо гузар карданд,
Гузар карданду бар тири аҷал ҷонро сипар карданд.
Сипар карданду номи хешро дар дафтари таърих
Ба некӣ то абад дебочае бо хатти зар карданд.

Ба қадри зиндагии хушбаҳо бояд расид имрӯз,
Ки бо худ зинда мо бинем то ҳар як шаҳид имрӯз,
Ба умри аз сари нав зинда гашта шукр бояд кард,
Ки нурафшон ба фарқи мост хуршеди саид имрӯз.

«Ба қадри  зиндагӣ бояд расид!»–ин ҳарфи холӣ нест,
Ба худ он маъние дорад, ки гӯям маъниаш некист.
Ба некӣ некӣ ояд, гуфтаанд аҷдодҳои мо,
Ҳар он, ки нек бошад, нек монад, нек хоҳад зист.

Шавад то шод аз мо рӯҳи ҳар як ҷонфидокарда,
Нагӯяд кас ҷудо моро зи шерони ғазокарда.
Чӣ бояд? Зиндагиро кард бояд пираҳан аз нур,
Ба сар тоқии гулрезаш зи боғи муддао карда.

Кунад худ зиндагӣ инро талаб аз мо ба мисли қарз,
Чу иҷрои қасам бошад адои қарз бар мо фарз.
Касе, ки аз адои қарз рӯ тобад ба маккорӣ,
Намояд зиндагӣ онро ба ҷамъият ҳамоно арз.

Ҳамин қарзу талаб моро кунад ҳар сония даъват,
Ки бошем аз пайи кору ҳама дилдодаи меҳнат.
Шавад як хона то сад хонаву як шаҳр ҳам сад шаҳр,
Табиат пӯшад аз боғу хиёбонҳои нав хилъат.

Баҳори зиндагӣ гулрез бошад, дар нумӯ бошад,
Ба рӯяш офтоби оламоро дар тулӯъ бошад.
Арӯси бахти ҳар як зодаи имрӯзу оянда
Чу наҷми субҳгоҳӣ ханда созад, тозарӯ бошад.

Шиори зиндагӣ ҷони ҳама мардум бувад имрӯз,
Ҳама бо як ният аз пушти вай бин, меравад имрӯз,
«Барои зиндагӣ!»–гарчи набошад ин гапи тоза,
Вале дар таҳти вай садҳо зафармандӣ шавад имрӯз.

Вале бинам ҷавонеро, ки бошад паҳлавонмонанд,
Ба сахтӣ дасту бузуяш бигӯӣ соф пӯлоданд.
Ба ин зӯру ба ин қудрат, ба ин ҷусса, ба ин андом,
Надорам шубҳа, хоҳад гар, тавонад шерро афканд.

Ба ҷаҳлободи кибру худпарастӣ лек банд аст он,
Надорад кор бо кору ду дасташ ҳаст бе эҳсон.
Фақат аз пушти он тозад, ки чун даллоли бозоре,
Биёбад нони ғафсу равғанин аз кораки осон.

Барои ин ба сони муфтхор аз ранҷ безор аст,
Барояш арсаи меҳнат биёбони пур аз хор аст.
Накарда то ба ҳоло кори судовар ба ғайр аз фанд,
Ба сурат ранги моҳ аст он, ба сират як шаби тор аст.

Надонад қадри зӯру қуввати болотар аз шераш,
Намедонад чаро парварда ӯро модари пираш.
Бихоҳад бо фиреб аз ранҷи мардум ганҷ бардорад,
Чу он певозчизан, ки бирезад об бар шираш.

Ҳар он кас, ки надонад қадри давру зиндагии мо,
Ба олам пас надонад қадри худро ҳеҷ гаҳ асло.
Намехоҳам, ки бар вай панд гӯям чун падар аз лутф,
Ҳамехоҳам, ки танқидаш кунам бо амри дил ҳоло:

Ба покӣ зиндагии мост гар чун куртаи найлон,
Бувад дар рӯ ба рӯи курта ӯ доғ аз сиёҳидон.
Агар ин зиндагии мост ҳамчун баҳр андар ҷӯш,
Бувад ӯ санги хомӯше, ки дар соҳил бувад ғелон.

Гулистоне агар ин зиндагии босафои мост,
Вай оруи гули хушбӯю аммо беасал ин ҷост.
В-агар ин зиндагӣ як ҷаннате аз баҳри покон аст,
Чу нопоке миёни ҷаннати халқи Ватан кайҳост.

Кунам нафрат ба ин сон сурхрухсори сияҳботин,
Барад ҳайфам, ки меҳнат–ин набошад баҳри вай оин.
Хӯрам афсӯс, ки ӯ қадри айёми ҷавониро
Намедонад, аз ин нодониаш бар худ шавад зомин.

Мазаммат мекунам ӯро, ки хулқаш ҳаст нодаркор,
Дили пурқудратам қудрат надорад бо ӯ гардад ёр.
Шумо ҳам, дӯстон, бар рағми ин бекораҳо бошед,
Ки то дар рӯзгори гулнисори мо набошад хор.

## ҚАБРИ ШУҶОЪМАРД

Турбати хокаш бузургу бовиқор,
Қабраш аз колои мармар сохта.
Акси худро бинӣ андар рӯи қабр,
Гӯӣ бо нуре бувад пардохта.

Хирмани гул рӯида дар гирди он,
Бӯи хуш ояд аз ин ҷо бар машом.
Оташе ҳам дар сари қабри шаҳид
Аз дили гарми замин сӯзад мудом.

Турбати хокаш бузургӣ ёфта
Аз набардаш дар миёни корзор.
Аз матонат, аз ҷасорат, аз зафар
Мармарин шуд қабри ӯ бар ёдгор.

Ҳар гули хандида бошад орзӯш,
Машъали ҷовид қабр–ин меҳри ӯст.—
Меҳри ӯ бар мушти хоки ин Ватан,
Меҳри ӯ бар модару бар ёру дӯст.

Ҳаст номаълум агарчи номи ӯ,
Нест арчи шахси онро дидагӣ.
Лек маълум ин, ки ӯ будӣ ҳаме
Қаҳрамони бовафои зиндагӣ.

Дар раҳи ҳифзи диёри бахтёр
Сар нагуфта тан нагуфту ҷон нагуфт.
Нангу номӯсаш бишуд тиру камон,
Дар ғазо бо душмани инсон нахуфт.

Дошт марги бошарофатро мурод,
Зинда монад он, ки мурдӣ бошараф.
Бо туфайли марги беармони ӯ
Зиндагӣ гулрез бошад ҳар тараф.

Ҳаст номаълум агарчи номи ӯ,
Нест арчи шахси онро дидагӣ.
Лек маълум ин , ки ӯ будӣ ҳаме
Қаҳрамони бовафои зиндагӣ. с. 1967

## СИЯҲЧАШМАК

(Суруд)

Саҳар дидам чу хандон лолаи тар,
Бар рӯи барги гул шабнам чу гавҳар,
Хушо, аз чеҳраи хуршед мерехт
Ба боғу марғзорон хирмани зар,
Ҷаҳоне аз фараҳ бунёд кардам.
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

Ба сайри боғу гулшан по ниҳодам,
Ҳаловат бурда баҳри дил кушодам.
Шудам чун андалеб аз бӯи гул маст,
Ту, ҷонам, омадӣ аз нав ба ёдам.
Куҷоӣ гуфтаму фарёд кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

Шафақ хандид бегаҳ мисли рӯят,
Ба шом омехт дигар банди мӯят,
Нишаста дар саманди орзуҳо,
Намудам то саҳаргаҳ ҷӯстуҷӯят.
Даводав ҳар сӯ мисли бод кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.

Баҳоратро ба ҷон табрик гӯям,
Туро маҳпораи тоҷик гӯям.
Қаламро бо забон якҷо намуда,
Сухан бар номи некат нек гӯям.
Суруди ишқи ту эҷод кардам,
Сияҳчашмак, туро ман ёд кардам.
с. 1967

## КУРТАҲАЛИЛ[15] ДУХТАРАК

Ҷунбиши гулбези ту
Саҳна гулистон кунад,
Нози шакаррези ту
Ғорати ҳар ҷон кунад.

Куртаҳалил духтарак,
Шодии дил духтарак.

Дар ҷои як нуқта ҳам
Печ хӯрӣ мисли мавҷ.
Гоҳ шавӣ паст ту,
Гоҳ бароӣ ба авҷ.

[15] Ҳалил–ҳарир

Куртаҳалил духтарак,
Шодии дил духтарак.

Рақси диловези ту
Ҷону дил афсун кунад,
Ғамзаву меҳмези ту
Оламе мафтун кунад.

Куртаҳалил духтарак,
Шодии дил духтарак.

Соли 1965

## ДАШТҲО

*Барои Раҳим Шарифов*

Даштҳо сабз шуда бахмали пойандозанд,
Гӯиё Исмати барн-омадаро пазмонанд.
Ҳар тараф барраю бузғолачаҳо дар тозанд,
Эй аҷаб, зиннати дашту даману майдонанд.

Кулбаи туст вале дар сари як теппаи дур,
Баҳри худ лона кунад дар камари қулла уқоб.
Он, ки наззорати саҳрост ба ӯ хуб зарур,
Ошёнаш ҳама дам буд ба паҳлӯи саҳоб.

Меҳр ҳам нур бубахшад зи баландӣ ба сахо,
Ояд он паст агар, гармии камтар бахшад.
Ҳар киро ҷои мувофиқ буваду дасти расо,
Балки ҷонаш пайи ободии кишвар бахшад.

Як ваҷаб ҷой зи пешӣ назарат нест ниҳон,
Даштҳо дар нигаҳи ту ҳама худ раззоқанд.

Кӯҳҳо қасри қаторанд чу дар шаҳри калон,
Теппаҳо чор тараф тозаву нав қишлоқанд.

Ҳуши ту банди гиёҳу алафу дашти кушод,
Чашми ту чӯтзани ризқи фаровон бошад.
Ҳар гаҳе пода барояд ба чаро, гардӣ шод,
Подабон дар нигаҳат машъали даврон бошад.

Давлати туст ҳамин подаву ин дашти алаф,
Қудрату дониши ту сарфи чунин давлат гашт,
Он, ки дар нафъи дигарҳост, варо ҳаст шараф,
Чун шарафманд туро хуб шиносад талу дашт.

СУХАНЕ ДАР ТӮЙ

Муборак бод мегӯем тӯйи хонадориро,
Шукӯҳу шавкати пояндаи хешутабориро.

Арӯсу шаҳ, ки имшаб ҳар ду соҳиббахт мегарданд,
Баробар нағз медонанд қадри бахтиёрӣро.

Ба дил то ҳол байте доштанд аз интизориҳо,
Аз ин пас мебаранд аз ёд байти интизориро.

Суруди васл акнун месароянд аз ҳавас доим,
Чу булбул, ки бубинад рӯи гулҳои баҳориро.

Муҳаббат омири дил бошаду раҳбар ба дилдода,
Ки ин домод овардаст як турки ҳисориро.

Ба фасли тирамаҳ дар хонаи навтӯй Наврӯз аст,
Таҷаллӣ медиҳад Наврӯз фасли баргбориро.

Бадавлат он, ки дорад баччаву сунҳор меорад,
Ба дунё бахт медонад ба худ сунҳордориро.

Чунин давлат ба соҳибтӯйи мо бошад насиб имрӯз,
Ки аз шодӣ савор аст ӯ саманди беқарориро.

Агарчи давлати беинтиҳо дорад ба фармонаш,
Вале болотар аз он меписандад хоксориро.

Ба армоне, ки дар ин хона ёбад хона хушбахтӣ,
Ҳамин шаб пеша бояд кард, ёрон, майгусориро.

## ТАРҶЕЪБАНД

Ин чӣ рӯзе буд омад бар сарам,
Дар миёни оташе чӯби тарам.
Мекашад бар коми худ гирдоби ғам,
Ҳар даме сад бор ларзад пайкарам.
Ин қадар дар хеш месӯзам ниҳон,
Кас набинад сӯзаму хокистарам.
Ин замин гӯё намебардорадам,
Дар шигифту тоқа байни маҳшарам.
Порикобам карда аспи изтироб,
Мекашад акнун ба ҳар кӯву дарам.
Ман намедонам куҷоям, кистам,
Худ мусулмон ё надонам кофарам.
Аз барам ҷонони манро мебаранд,
Мебаранд он ҷони манро аз барам.

Рӯзи сахт аз ин дигар бошад магар,
Ки ҷудо ёрон шаванд аз ҳамдигар!

Рафтию дармони манро  бурдаӣ,
Ҳуши ман, имони манро бурдаӣ!
Синаам лашкаргаҳи занбӯр шуд,
Чеҳраи хандони манро бурдаӣ!
Бо ту будам  ҳамнишини орзу,
Он ҳама армони манро бурдаӣ.
Доштам чун булбул аз шавқат наво,
Сози ман, илҳони манро бурдаӣ.
Чор фаслам буд айёми баҳор,
Навбаҳористони манро бурдаӣ.
Мушкиле аз ин набошад зӯртар,
Ки ту бахту шоми манро бурдаӣ!
Зиндаи дар гӯр гӯянд,–ин манам,
Ёри ҷон, ту ҷони манро бурдаӣ.

Аз ғамат дуди тамоку мекашам,
Дуд нею захрдору мекашам.

Дар варақҳои хаёли хеш ман
Нақши рӯят мекашам, эй гулбадан.
Гаҳ гули рухсораат бӯ мекунам,
Гаҳ шавад дар гарданам зулфат расан.
Гаҳ занӣ бар синаам шамшери ноз,
Пок месӯзад маро з-ин ҷону тан.
Гаҳ туро оғӯш мегирам зи шавқ,
Гаҳ бибӯсам аз лаби шаккаршикан.
Гоҳ бо ту аз муҳаббат гап занам,
Пеши лутфат гаҳ намеёбам сухан.
Аз забонат бишнавам яу нукта гар,
Нашнавам овози булбул аз чаман.
Як нафас берун зи ёди ман наӣ,

Дар сари кӯи ту дил дорад ватан.

Дар хаёлат ман ба сони боданӯш
Гоҳ мастам, гаҳ ба ҷӯшам, гаҳ хамӯш.

Бе ту олам шуд ба ман ғамхонае,
Ман надидам чун ту бас ҷононае.
Хонаи дил торикистон гаштааст
Бе рухат, шамъи мани парвонае.
Дар фироқат нола созам ман агар,
Оламеро мекунам вайронае
Дӯстро бинам, бигирям зор-зор,
Нола пинҳон дорам аз бегонае.
Ҳар ду чашмам косаи хуноб шуд,
Нест инро ҳоҷати паймонае.
Ман чӣ гӯям, ман чӣ созам  дар ҷаҳон,
Нестам ҳушёру не девонае.
Созу сӯзи ман надорад интиҳо,
Байни мардум мешавам афсонае.

Қиссаи аҳволи ман бошад дароз,
Аз ту дорам ёдбудеро ниёз.

Талх бошад шаҳд андар коми ман,
Заҳр бошад об андар ҷоми ман.
Тира метобад ба чашмам офтоб,
Ку сабоҳ ояд зи пушти шоми ман?
Ибтидоямро чу гул пардохтӣ,
Банди ғам бинмудаӣ анҷоми ман,
Хона зиндонест аз бахрам кунун,
Мебарояд дуди оҳ аз боми ман.

Тойири беболу бепар гаштаам,
Зор нолад тӯтии илҳоми ман.
Номи ту ҳарфи шаҳодат шуд маро,
Бар забонат ояд оё номи ман.
Ҷон ба сахтӣ медиҳам аз ишқи ту,
Нест ғайри ин дигар иқдоми ман.
Ҳар куҷо бошӣ, азизам, шод бош,
Ҳамчунон гулзор ҳуснобод бош!

с. 1967

## ГУЛДАРА

Сари кӯҳи баланд аст об ҷорӣ,
Замини солҳо хоб аст бедор.
Вазад дар доманаш боди баҳорӣ,
Ба бӯи анбаромези гули хор.

Ба чашми кас ҷилои себи хубон
Ба рӯи духтари шарманда монад,
Ба зери нахлҳо саркор, медон,
Зи умри хеш розӣ пой монад.

Чилони зотии ҷавшанпӯш аз хор
Ба гирди себзорон як ҳисор аст.
Бари ҷар арчаҳои сабзи бисёр
Ба тору таҳ қатор андар қатор аст.

Сари худро накарда шона бодом,
Биё гӯяд каси бодомҷӯро.
Ба мисли дилбари шӯхи лаби бом
Бихандад пистаи навпухта зебо…

Сабад аз себи хушбӯ пур намуда,
Кашонад тори сар гулрӯе аз боғ.
Ба як дидан яқин ҳушат рабуда,
Чу холи себ дилро мекунад доғ.

Шуда пиру ҷавон аз кор машҳур,
Ба сар аз шавқ фикри боғ доранд.
Миёни боғ мегарданд ё дур,
Ба ҳар гуфтор зикри боғ доранд.

Тани ҳар навниҳол аз заҳмати хеш
Бубахшоянд гӯё тоза ҷоне,
Дарахтон ҷои баргон меваи беш
Бубанданд аз ҳисоби бехазонӣ.

Равона корвони меваи тар
Бувад бар ҳар тараф соат ба соат.
Кӣ мегуфт аз сари кӯҳу бари ҷар
Чунин доман кушояд нозу неъмат?!

Зи пушти корвон созад тамошо
Хаёлаш дар сафар, саркор шодон.
Сараш боло, рухаш сурх аст ҳоло,
Ки дар ҳар хона оро медиҳад хон.

с. 1986

## ГУФТ МАРО

Қисса аз шишаи май гуфт маро,
«Қул-қулаш хониши най» гуфт маро.

Танга пурсид гадое сари раҳ,
«Шарафе нест ба вай» гуфт маро.

Мошинашро ба ҳавас дода баҳо,
«Рӯзу шаб кардагӣ ҳай» гуфт маро.

«Зиндагӣ гар ба чунин ранг равад,
Мекунам олама тай» гуфт маро.

Чу бараш такя задам  дар мошин,
«Ёфтӣ хуб қулай» гуфт маро.

Лаҳзае рафту ба ҷоям бирасонд,
«Ҳами тобанда қалай» гуфт маро.

Киссаамро ба тамомӣ, ки такид,
«Туӣ он Ҳотами Тай» гуфт маро.

## ИЛТИҶОИ ШИКВАГАР

Маро, эй зиндагӣ, он деҳу ин деҳ,
Ба чашми хирабинам дурбин деҳ.

Надидам ҳеҷ аз ёрон вафое,
Зи даргоҳат ба ман ёри қарин деҳ.

Мисоли кафши по фарсуда шуд ҷон,
Дигар ҷону дигар рахти навин деҳ.

Гиреҳи хатти раҳ накшод фаҳмам,
Ту фаҳме зери хатҳои ҷабин деҳ.

Бидидам доғ дорад мардум аз ҷанг,
Ба ман пайкону тири Рустамин деҳ.

Намоям тахт ноҳамвории давр,
Матарсу зӯри нусратофарин деҳ.

Бубинам то ки сайди  орзуҳо,
Назаргоҳе бароям дар камин деҳ.

Ба ашъорам, ки аз таъм аст холӣ,
Намо лутфеву таъми ангубин деҳ.

Замин то саҷдаи шукрам шиносад,
Нишонам хамшавии пахтачин деҳ.

Заминиҳо ба ман бегона гаштанд,
Яке ҳамсӯҳбат аз чархи барин деҳ!

Сиёҳӣ бахш бар мӯи сафедам,
Сафедие ба қалбам инчунин деҳ!

## САРДОРИ  БЕМУРУВВАТ

Бе салом ин дафъа дил дар пеши ту холӣ кунам,
Тири нафрат бар камон рағми бадаъмолӣ кунам.
Ростат дар рӯ ба рӯ чун дарзаи шолӣ кунам,
Лаҳзае мулзам шавӣ, як сол хушҳолӣ кунам,
Варна манро мекушад дарде, ки исёнгар шуда.

Бо забони ростгӯӣ гап занам аз хайру шар,
Вақти он бошад, ки гӯяд бачча ҳам қубҳи падар,
Гуфтаниҳоям намемонам ба дунёи дигар,
Ноҳақӣ бинмудааст охир маро хуни ҷигар,
Доди ман аз ин вабо боло ба баҳру бар шуда.

Монда бошад гар туро як зарра ҳурмат дар замир,
Бар қабулгаҳ як назар кун, айнаки сабзат бигир,
Бин, умеди лутф дорад модареву марди пир,
Дигаре гӯяд, ки ҳайфо, шаҳри мо ҳам шуд ҷазир,
Шикваи мардум чу боди тунд бар ҳар дар шуда.

Гоҳ мехезӣ зи ҷоят пеши корафтодаҳо,
Пештар гап мекушоӣ аз забоннакшодаҳо.
Аз паси айнак бубинӣ пушти дар истодаҳо,
Медиҳӣ аз ваъдаҳои нав ҷавоби содаҳо,
Ин қадар ту «пухтакору» одамипарвар шуда.

Нармакак додан саломи ту ба ҷон сӯзан занад,
Бесару бебар каломи ту ба ҷон сӯзан занад.
Байни кору гап «низоми» ту ба ҷон сӯзан занад,
Мансаби давлат ба номи ту ба ҷон сӯзан занад,
Ноумед аз он ҳама, ки чун туе раҳбар шуда.

Як дурӯғат мешавад дар фанди одам сад китоб,
Порае аз абри фандат рӯй пӯшад офтоб,
Нест андар луғати андешаат ҳарфи савоб,
Мешавад дар сӯҳбатат аз зиндагӣ одам қимоб,
Хор хор аст, арчи чун сархор болопар шуда.

Бо вуҷуди ин физояд боз «сӯзу сози» ту,
Тоб н-орад курсии корӣ ба инҷу нози ту,
Бар ғазаб оӣ, бигардад тундаре овози ту,
Мебурад ҳар дам забони дигарон миқрози ту,
Гӯши мо аз доду фарёди баландат кар шуда.

Раҳбариро пешаи пуркарруфар донистаӣ,
Карруфарро дар ривоҷи он ҳунар донистаӣ.
Арзи мо чӯбу ҷавоби худ табар донистаӣ,
Хешро подору моро даргузар донистаӣ,
Ин ғурур андар гулӯи ғафси ту ҷоғар шуда.

Аз ғазабҳо гӯиё ки ту адолат офарӣ,
Баҳри ин бар калтаки ҳар «нохалаф» тоб оварӣ,
Лек боре гар ба таҳти кирдукорат бингарӣ,
Фитна хоб аст ончунон, ки беш аз мӯи саре,
Хуб медон, ки аз ин беобрӯ минбар шуда.

Шояд ин медониву бо беҳаёӣ зиндаӣ,
Карда бо аҳли ба худ хос ошноӣ, зиндаӣ,
Ҷумлае то гап занӣ, дорӣ гадоӣ, зиндаӣ,
Бештар бо санъати лабнокушоӣ зиндаӣ,
Пистаи бемағз лаб во карда дар озар шуда.

Ваъда бар фардову фардои дигар дорӣ мудом,
Нест вақти ман,–ту мегӯӣ,–ба сархорӣ мудом.
Мардум ояд пеши ту аз дарди ночорӣ мудом,
Интизорӣ мекашад як ҳарфи даркорӣ мудом,
Мурғи иқболаш ба чашмаш чӯҷаи бепар шуда.

Мансаби зорӣ туро якбора дигар кардааст,
Гарчи озодат зи бори сахти замбар кардааст.
Ваъдабозӣ беш аз онат балки шалпар кардааст,
Н-одамиро дар ниҳоди ту фузунтар кардааст,
Ҷилвагар ин гуфтаҳо бар дидаи аксар шуда.

Мавҷи таъна бар забонат боз гӯӣ ҳар маҳал:
Кардаед аз ғам маро, эй мардуми нодон, касал,
Нест охир одаме, ки ҷои ман созад бадал,
Кардаам худ ҳам дар ин бобат басо ҷаҳду ҷадал,
Сабт се бор илтимосам бар рухи дафтар шуда.

Хешро ту бо чунин гуфтор ширин мекунӣ,
Гирди худ бар офият девори сангин мекунӣ:
Шӯҳрати ояндаат бо нур таъмин мекунӣ,
Аспи мансабро ба шавқи тозае зин мекунӣ,
Орзуят рӯи хирманҷойҳо кафтар шуда.

Дидаӣ он зан, ки бошад бар қабулат интизор,
Чеҳрааш бошад малӯлу чашмҳояш ашкбор,
Худ намеҷунбад зи ҷояш ҳамчунон санги мазор,
Гаштааст аз рафтуо азбаски аз ҳад бемадор,
Мисли чӯби рӯи гӯр аз дарду ғам лоғар шуда.

Пурс як бораш чӣ мегӯяд? Ҳамегӯяд, ки: «Ман
Як сари танҳояму бесарпаноҳу бевазан,
Нест ҷои рафтану не ҳаст ҷои зистан,
Шавҳарам ҷонаш фидо бинмуд дар ҳифзи Ватан,
Баъди ӯ ман бекасу бехонаву бедар шуда».

Шаҳари ӯ мурда рафту зинда мондӣ ту аз ин,
Шодии ту беҳисобу лек ӯ бошад ғамин,
Лаб кушояд ӯ ба зориву ту гардӣ оташин,
Кибри ту дар осмону хам сари ӯ дар замин,
Муттаҳам дар пеши ту монанди як чокар шуда.

Дарк кардам, ки набошад бар касе парвои ту,
Аввалин хешу пасон дарвеш бошад рои ту.
Ҷӯраҳоят ҳукм меронанд аз болои ту,
Талх коми дигарон кардаст ин савдои ту,
Дастболо аз мақомат хоса кӯру кар шуда.

Сохтӣ бар эркаҳот аз сӯми давлат қасри нав,
Корашонро нест арчи арзиши як дона ҷав,
Мансаби пурфайзи худро монда дар ин раҳ гарав,
Тохтӣ бар чор сӯ монандаи аспи сақав,
Дар забонат амри онҳо чун суруд аз бар шуда.

Мансабатро ҷӯраҳо гӯё назорат мекунанд,
Бо назоратҳо ҳимоят то вазорат мекунанд.
Беибо бадхоҳи ту бо зӯр ғорат мекунанд,
Несташ балки ба як ҳарфу ишорат мекунанд,
Ҳар кадомаш бо қасам дар ҳифзи ту аскар шуда.

Зинда бошад,–ҳар куҷо гӯянд.—Давронпури мо,
Ҷӯраи бонангу ору зираку машҳури мо,
Пуршукӯҳ аз ӯст ҳар як кӯшки маъмури мо,
Даргиронад шамъ фардо инчунин дар гӯри мо,
Дар ду олам баҳри мо ӯ ҷони дар пайкар шуда.

«Офарини» ҷӯраҳо дар фаҳм бахшидат «камол».
То фалакҳо мебарад ҳар дам туро ҷӯши хаёл,
Аз малолиҳои мардум нестӣ ҳаргиз малол,
Аз раҳаш бо амри ту хоҳӣ қафо гардад шамол,
Бандаи «мӯъҷизнамое» ҳамчу пайғамбар шуда.

Дур қадри пок буданҳо зи хотир кардаӣ,
Фитнаи деринаро гӯё ба ҷон парвардаӣ,
Аз рукуди рафта онро бо худат овардаӣ,
Ман намедонам ту худ бопарда ё бепардаӣ,
Ғайри ман ҳайрон ба ин
як мардуми маҳшар шуда.

Ҳиссу идрокат ҳама помоли савлат гаштааст,
Савлатат доғи сияҳ дар шаъни давлат гаштааст,
Зиндагӣ гарчи равон сӯи адолат гаштааст,
Садри коре чун ту лекин бемурувваат гаштааст,
Тарбузи нопухтаи мо з-ин ба ғоре ҷар шуда.

Гирди ту аз мӯи сар ҳам гап бувад бисёртар,
К-он шавад ҳар рӯз бинӣ рӯи ҳам хирвортар,
Зарра гуфтам аз туи аз мӯр ҳам «пуркортар»,
Чунки мурдоре агар кобӣ,
шавад мурдортар,
Панҷаи андеша пеши роҳи ман ханҷар шуда.

Фасли гармо бошаду бошад фазо пур аз ғубор,
Дам бупечад дар гулӯям аз ҳавои ногувор.
Беш гардад дарди по,
аз дард гардам беқарор,
Аз худо борон манам бо сад муноҷот интизор,
Ин талаб ҳар рӯзу шаб бар лафзи ман сарвар шуда.
Соли 1990

## ҲОФИЗ[16]

1

Замони ҷангу тобистони гарм аст,

---

[16] Ҳофиз–овозхон, гӯянда

Хаёлам банди бӯи нони гарм аст.
Ба рӯ аз чор сӯям гармсел аст,
Миёни раҳ манам ҳайрону побаст,
Ба гушна зӯри гармӣ беш бошад,
Саропо гӯӣ ӯро неш бошад.
Касеро нест бар лаб ханда аз ғам,
Ки гӯӣ ҳаст олам зери мотам.
Ҳавои тоза ҷон бахшад ба одам,
Дарахтон мешаванд аз об хуррам.
Табиат мебарад кори худаш пеш,
Ба одам нӯшҳо бахшад ва ё неш,
Итоат бар касе як дам насозад,
Сари болои худро хам насозад.
Бувад обу ҳаво дар ҳукми он банд,
Ту ғамгин бошӣ аз ин ё ки хурсанд.
Шамоли Терай ояд гоҳу ногаҳ,
Зи сангови дарозу қад-қади раҳ.
Нафас озод гирам аз ҳавояш,
Дилам бар рақс ояд пеши пояш.
Суруде мерасад аз он ба гӯшам,
Ки дар фарёд ӯю ман хамӯшам.
Суруди баччаи маркабсавор аст,
Савори маркаби худ раҳсипор аст.
Суруде, ки бар ӯст озод оҳанг,
Намояд кора шӯраш бар дили санг.
Пару бол аз ҳавои тоза дорад,
Раҳе бар ҳар дару дарвоза дорад.
Ба мардум оварад он бӯи уммед,
Умед аз ҷилваҳои субҳи испед.
Паём аз рӯзи нусрат оварад он,
Саломе аз саодат оварад он.

Биёрад гӯиё ки бӯи нонам,
Ҳаловат ёбад аз он ҷисму ҷонам.
Ҳавои гармро салқин намояд,
Парешон кокули пурчин намояд.
Суруди баччагӣ аст ин ту донӣ,
Ки андар ёд монад ҷовидонӣ.
Шуда дар сафҳаи ҳар санг сабт он,
Ки бошад дар қади сангов пинҳон.
Ба субҳидам агар шинӣ ту хомӯш
Лаби сангови пурасрору беҷӯш,
Ба гӯшат паст меояд суруде,
Суруди дар маонӣ беҳудуде.
Суруди аввали Ҳофиз бувад ин,
Ки хезад аз дили ҳар санг ширин.

11

Пас аз ҷанг азми ҳар одам дигар шуд,
Ба ҳар ҷо ҷунбиши кору ҳунар шуд.
Ба Ҳофиз пеш омад илмхонӣ,
Талаб мекард инро зиндагонӣ.
Ба санъат низ шавқаш беш гардид,
Гаҳе хондан, гаҳ инаш пеш гардид.
Рубобаш дар наво мешуд раҳораҳ,
Сурудаш дар фазо мешуд раҳораҳ.
Зи санъат ҳар қадар огоҳ мегашт,
Гули маҷлис ба донишгоҳ мегашт.
Ҳунарро пешаи шаҳдофарин хонд,
Тасаллобахши дарди одамин хонд.
Фурӯғи дилхушию тарбият ҳам,
Ки шодӣ оварад аз байни сад ғам.
Ба гирдаш навҷавонон гирд овард,
Ҳунарро бештар бар гап даровард.

Ба нохунҳои онҳо нағма омӯхт,
Ба нори саъйу ғайрат хешро сӯхт.
Мақомаш дам ба дам боло гирифта,
Ба чашму қалби мардум ҷо гирифта.
Дили мардум барояш саҳна гардид,
Сурудаш кӯчаҳоро шаҳна гардид.
Ҳунаргоҳе ба фармонаш супурданд,
Илова гӯиё ҷонаш супурданд.
«Фалак»-ро болу пар то бар фалак дод,
Ба мардум базмҳои муштарак дод.
Намондандаш, к-аз он ҷо паст ояд,
Ба ҷуз санъат дари дигар кушояд.
«Хамин ҷо ҷои ту» гуфтанд ӯро,
«Ҳама дунёи ту» гуфтанд ӯро.
Ба Ҳофиз гашт мушкил имтиҳон ин,
Чу бори рӯзгораш буд вазнин.

111

Як одам ҳар кӣ бошад, ҳаст танҳо,
Агарчи бошад ӯ ҳушёру доно.
Бувад ҳарчанд дастонаш ҳунаррез,
Забонаш аз навозишҳо шакарбез,
Вале танҳоӣ ранҷураш намояд,
Зи эҷоди навин дураш намояд.
Шавад аз хештан озурда рӯзе,
Мисоли барги гул пажмурда рӯзе.
Дарахте дидаӣ андар биёбон,
Ки танҳо буду умре бесаробон.
Агарчи сояафшон буд ба мардум,
Ба гармо роҳати ҷон буд ба мардум,
Вале якранг андар дида метофт,
Зи якрангӣ гаҳе хушкида метофт.

Ҳаёти хештанро дарк кард он,
Ба худ як рӯз гуфто дар биёбон:
«Ба паҳлӯям агар нахле насабзад,
Шавад аҳволи ман якборагӣ бад.
Кунад ин дашти паҳно таънасорам,
Ки ман як худпарасти нобакорам».
Ба ин андешаҳо ҳар сӯ таги хок
Давонд он решаҳо чун навдаи ток.
Зи ҳар як реша боло шуд ниҳоле,
Намонд атроф дигар ҷои холӣ.
Дарахт аз кардааш шукронагар шуд,
Ки гӯӣ бесамар буд, босамар шуд,
Ба Ҳофиз ҳам чунин андеша омад,
Саманди нангаш андар дав даромад.
Шавад бояд,–бигуфто,–дастаи зӯр,
Нахуст аз духтарони зодаи нур.
Паривашҳо ба рақсу базм оянд,
Зи зери абр мисли маҳ бароянд.
Тани беҷон аз онҳо ҷон бигирад,
Дили бемор сад дармон бигирад,
Латофат нест, ҷое зан набошад,
Набошад моҳ, шаб равшан набошад.
Шавад аз зан мақоми саҳна боло,
Ки шӯҳратдор гардад дар ду дунё.
Вале инҳо ҳама як орзуянд,
Ки аз дил бар забон дар гуфтугӯянд.
Канори орзу будан чӣ душвор,
Ки гул гӯӣ, ба дастат мехалад хор.
Натарсида пайи гулҳои хандон,
Зи неши хорҳои тез чандон,
Дари ҳар хона рафта илтиҷо кард,

Ба зорӣ гӯӣ ҷони худ фидо кард.
Бигуфто: «Банда гардам ман шуморо,
Шумо, эй мардуми меҳрошноро.
Чӣ мешуд илтиҷои ман пазиред,
Зи санъат роҳи духтарҳо нагиред.
Агар онҳо ба саҳна по гузоранд,
Баҳоре дар зимистон мебиёранд.
Ба мардум хизмат аз ҳар чӣ накӯяст,
Ба одам хизмат охир обрӯяст.
Намемонам, ки дар пошон халад хор,
Ба бахту тахташон бошам нигаҳдор».
Ҷавоби мусбати ин кам шунида,
Гапи ҳархела пайдарҳам шунида.
Яке гуфто: «Чу духтар дилрабояст,
Ба мардак боварӣ кардан хатояст.
Бувад душвор духтар доштан беш,
Ба ҷои нӯш бар одам расад неш.
Ба олам ҳикмате аз зиндагонист:
«Зи духтарбонӣ осон хӯкбонист»,
Ба духтарҳо чӣ ҳоҷат саҳнабозӣ?
Дигарҳоро намудан дилнавозӣ?
Зарур он гуна дилшодӣ набошад,
Ки аз мероси аҷдодӣ набошад».
Дигар гуфто: «Магар, эй бачча, мастӣ,
Ки духтарҳои моро мепарастӣ?
Гапат бо шаҳди худ дилро кушояд,
Вале чашмат ба чамам бад намояд.
Ба саҳна ман намонам духтарамро,
Ҷудо ҳам гар кунанд аз тан сарамро.
Кадомин роҳ овардат ба ин дар,
Ба он роҳат қафо баргард, додар».

Ба нодон дар бимонад сахт доно,
Зи доно гӯӣ бошад ӯ тавоно.
Паси дар кампире омад ба гуфтор,
Ки гуфтораш гаҳе гул буд, гаҳ хор:
«Надидам мисли ту ман хира марде,
Наӣ тез арчи бо ин гуна зардӣ.
Зи ҷабри ту баринҳо мо ба додем,
Дил худро ба чанги ғам ниҳодем.
Бигӯ, ки духтари Мухтор Маҳваш
Чӣ шуд дар панҷаи ин сон кашокаш?
Ки ҳофиз гаштаю раққоса гардид,
Чароғи базмҳои хоса гардид.
Ба сӣ рафтасту ҳоло шӯ надорад,
Намуди одамӣ дар рӯ надорад.
Зани бешӯю бебачча чӣ даркор,
Буранд он нахлро, ки н-оварад бор.
Замин ҳосил агар бахшад, базеб аст.
Ба монанди баҳорон дилфиреб аст.
Замин вомонда бошад, подаҷояст,
Ғубору чангбодаш дар ҳавояст.
Замини подаҷо не духтари ман,
Бирав, дигар наё ту бар дари ман».
Дили Ҳофиз аз ин сад пора мешуд,
Ба даргоҳи дигар овора мешуд.
Зи моҳе то маҳе кораш ҳамин гашт,
Ба дӯш аз зиндагӣ бораш ҳамин гашт.
Аз оне ки барораш як қадар буд,
Ба кораш бебарорӣ бештар буд.
Даводавҳо танаш ранҷур карда,
Хаёле хобаш аз сар дур карда.
Умедашро канор аз хеш нагзошт,

Чу бар ҷаррафта одам бутта медошт.

1У

Саҳар барвақт Ҳофиз гашт бедор,
Қадам зад дар ҳавои тоза ин бор.
Намедонад, ки пурсад аз кӣ ёрӣ,
Дилаш дар тап-тап аст аз ғуссадорӣ.
Баногоҳ омад аз пушти дар овоз,
Бишуд як нимаи дарвоза ҳам боз.
Даромад бар дарун бобои Асрор,
Ки дорад ҳофизонро дӯст бисёр.
Бигуфто тӯй дорам ман пагаҳ шаб,
Ба пешат менамоям арзи матлаб.
Шавад, ки тӯйи ман обод гирӣ,
Ба бахти ман раҳи имдод гирӣ.
Чӣ мехоҳӣ, ҳамонат медиҳам ман,
Агар ҷон гӯӣ, ҷонат медиҳам ман.
Табассум дар лаби Ҳофиз фурӯ рехт,
Зи ҳазломезии ин гуфтугӯ рехт.
Чу ҳофиз рафтӯ бар тӯйи Асрор,
Шакарҳо рехт бо базмаш ба хирвор.
Ба хизмат рӯзро оғӯш бигрифт,
Гапи Асрорро бар гӯш бигрифт.
Ба пешаш дарзаи пул монд Асрор,
Намехоҳам,–бигуфт Ҳофиз,–ман ин кор.
Чӣ мехоҳам, ҳамонро пеш овар,
Ба ту кардам зи бас он субҳ бовар.
Бимон, ки духтари хурдат Асалмо
Шавад узви наве дар маҳфили мо.
Талаб дигар надорам сӯзане ман,
Зи гул дӯзам ба ӯ пироҳане ман.
Ба ин роҳу ба садҳо роҳи дигар

Ба рӯзаш гашт бар мақсад муяссар.
Натарсид ӯ зи дашному ҳақорат,
Чӣ омад бар сараш, бинмуд тоқат.
Маоши хешро ҳам бурд бар кор,
Ту гӯӣ шуд гапи бад ҳам харидор.
Даҳан гаҳ шоду гаҳ нолон кушода,
Гиреҳи сахт бо дандон кушода.

У

Ба шаҳру деҳа гашт овоза пайдо,
Ки шуд як даста гулшанрӯй як ҷо.
Паризодон паризоди тамоманд,
Сари ҳар тори абрӯ сад мақоманд.
Мисоли гулкушода арғавонанд,
Гаҳе дар ранг чун тирукамонанд.
Ба ҳусну бо малоҳат подшоҳанд,
Зи покӣ чун фаришта бегуноҳанд.
Чаканпӯш омада ҳар як ба ҷавлон,
Ба мисли лолаҳо дар ғаллазорон,
Ки аз боди саҳаргаҳ ракс доранд,
Ба дашти ғалла ҳусни тоза оранд.
Суруду рақсашон дил пора созад,
Хаёлат кӯ ба кӯ овора созад.
Биҳиште аз ҳунар барпо намоянд,
Ҷавону пирро шайдо намоянд.
Шавад ақли ту ҳайрон аз тамошо,
Ана ин ҷост дунё, гӯӣ ин ҷо!
Ба Ҳофиз офаринҳо хонд мардум,
Ба умраш умри дунё хонд мардум
Яке гуфто, ки бошад ӯ худодод,
Ки бар ҷо оварад кори сад устод.
Зи xористон гули бехор чидаст,

Ба дасту панҷаи хуншор чидаст.
Зи гул одам, зи одам гул сириштаст,
Ба боғи орзуҳо дона киштаст.
Равуо бо рухи хушнуд дорад,
Ба мардум хизмате мақсуд дорад.
Дигар гуфто, ки дилёб аст бачча,
Ба нангу ор ноёб аст бачча.
Сари ҳар мӯй истеъдод дорад,
Ба гап рассомии Беҳзод дорад.
Ба фарҳанги куҳан ҷон офаридаст,
Ҷаҳоне аз ниёгон офаридаст.
Намемонад равад бигзашта аз даст,
Кунад дирӯз бо имрӯз пайваст.
Ба шаҳри майдаи мо, ки ҷавон аст,
Зи хурдиву ҷавонӣ ноаён аст,
Ҳунарро болу пар додаст бингар,
Ба санъат тоҷи зар додаст бингар.
Ки гӯӣ зодгоҳи санъат ин ҷост,
Ту санъат гӯӣ давлат, давлат ин ҷост.

У1

Ҳасудон ҳар тараф озар гирифтанд,
Бигӯӣ дар бағал ханҷар гирифтанд.
Ба хилват маҷлисороӣ намуданд,
Зи рашки дил паси ҳам гап кушуданд.
Ба ғайбат рӯзро бар шаб расонданд,
Шабонро низ беғайбат намонданд.
Бигуфтанд ӯ куҷо, санъат куҷояст,
Талошу коруборaш бебақояст.
Бибояд шуд ҳамин соат сафарбар
Зи пушти нуқси кори ӯ ба ҳар дар.
Зи пашша фил созем аз гуноҳаш,

Кунем аз ҳар ҷиҳат бояд сиёҳаш…
Пас аз рӯзе шикоят пеша карданд,
Канор аз хештан андеша карданд.
Чу як ҷилди китоб иншо намуданд,
Равонаш тез бар боло намуданд.
Мағал дар боргоҳи санъат афтод,
Ҳама дар кашкашу дар ғурбат афтод.
Валекин чун набошад лой каҳдор,
Намечаспад бари девор зинҳор.

У11

Ба боғи дар баландӣ қад кашида,
Ки шаҳди меваaш мардум чашида,
Ҳасудон бо ҳама асбоби санъат
Зи рӯи меҳр нею аз адоват
Ба базми охирин омода гаштанд,
Ту гӯӣ чун ҳаво бикшода гаштанд.
Ҳама зӯру ҳунарро сарф карданд,
Ки «доноӣ» сари ҳар ҳарф карданд.
Пайи ҳам қасди Ҳофиз лаб кушуданд,
Суруданду суруданду суруданд.
Гаҳе аз бар, гаҳе аз ҷар суруданд,
Гаҳ аз дӯзах, гаҳ аз кавсар суруданд.
Табиатро табобат ном бурданд,
Адолатро адоват ном бурданд.
Ғалат хонданду «хандонданд» моро,
Ба чурғе гӯӣ дармонданд моро,
Ту гӯӣ буд гардон гармселе,
Каме нею даме не, балки хеле,
Нафас андар гулӯ з-ин халқа мезад,
Даруни сина мешуд кори дил бад.
Бубинӣ сабзаи тар бӯр мегашт,

Табассум аз лаби гул дур мегашт.
Ба Ҳофиз навбати хондан чу омад,
Ба ларза тору мизробаш даромад.
Ду китфи пурҳунар дар бозӣ афтод,
Сурудаш аз лабонаш бол бикшод.
Сари ҳар байт маъно пош мехӯрд,
Хаёлатро ба кӯи дур мебурд,
Зи шодӣ дил намешуд ҷо ба сина,
Ҳамегардид аз дил нест кина.
Гул аз нав лаб кушода ноз мекард,
Табассум дар ҳавои соз мекард.
Рухаш гӯё ки шабнам шушта бошад,
Ба рангу бӯи худ оғушта бошад.
Миёни базми гарму дилфиребе
Зи шохи себ меафтид себе.
Ки гӯӣ духтаре бар сӯи хушхон
Ҳаво медод себи ишқ алъон.
Бипиндорӣ, ки бо илҳони ҳофиз
Бидид анҷоми худ девони Ҳофиз.
Фалакро сақф бишкофид ҳозир,
Ба тарҳи нав ҷаҳоне сохт охир.
Рухи Ҳофиз дар ин ҷо шӯълабор аст,
Дарахти дӯстияш пур зи бор аст.
Ситора ҳар қадар ки пур зи нур аст,
Ба пеши офтоб аз дида дур аст.
Ҳасудон чун ситора хира гаштанд,
Ки гӯӣ зумраи бесаргузаштанд.
Ба баҳси хеш, ки мағлуб гаштанд,
Нахӯрда муштҳо, саркӯб гаштанд.
Ба Ҳофиз худ ба худ тан дода ҳар як,
Миёни хеш дил бикшода ҳар як:

«Чӣ мегӯӣ, ки мардак устоз аст,
Зи мо боло ба базм асту ба соз аст,
Ба хонданҳош як ҳарфи хато нест,
Ба шеър аз ӯй беҳтар ошно нест.
Ба оҳангаш дили санг об созад,
Ба шаб болои сар маҳтоб созад.
Чу сози халқ дар худ зинда дорад,
Ба ҳар ҷо ҳурмати поянда дорад».

У111

Нахуст одам, ки шири хом хӯрдаст,
Худаш бар вартаи хомӣ супурдаст.
Намедонад, ки фардояш чӣ ояд,
Чиро бо ранҷи бепоён бипояд.
Касе ғункардаи худро нахӯрдаст,
Касе бар гӯр ҳам онро набурдаст.
Дигар кас мехӯрад ранҷи дигар кас,
Чунон ки кор бар комаш кашад хас.
Чу бахти одамӣ гардад кушода,
Шавад аз мӯи сар хасмаш зиёда.
Нишони шӯҳратафзоӣ ҳамин аст,
Самар аз боғи доноӣ ҳамин аст.
Бузургӣ аз ҳамин гардад муайян,
Ки дар дунё кӣ дорад беш душман.
Барашкафтодаҳо ноком рафтанд,
Зи боғи зиндагӣ бадном рафтанд.
Зи ранҷи хеш роҳатҳо надиданд,
Ба дунё ғайри ғурбатҳо надиданд.
Ба Ҳофиз толеи пурнур бошад,
Ба чашмаш кардааш манзур бошад.
Ба тори зиндагӣ ҷӯр аст, бингар,
Ба мардӣ хуб машҳур аст, бингар.

Ҳунарварҳо, ки беш овоза доранд,
Ба пешаш арзи сад ҳурмат биёранд,
Варо ҷо бар дилу бар сина карданд,
Ба пеши рӯи худ оина карданд.

с. 1990

## ДАРЕҒИ ОДАМӢ

*(пешакӣ дар сӯгворecho раиси Миралӣ)*

Чӣ рӯз омад, ки аз мо соҳиби саҳро ҷудо гардид,
Ҷудо аз мо яке заҳматкаши дардошно гардид.
Забондони замину мавҷи дарё бенаво гардид,
Зи қайди зиндагонӣ роҳии коми фано гардид.
Ниҳон аз дида дар домони кӯҳу пуштаҳо гардид.

Даруни сина дил чун тифл бошад аз алам гирён,
Сари ҳар миҷҷа резад ашк чун аз навдаҳо борон,
Ба мағзу устухон кардаст кора дарди бедармон,
Ту гӯӣ дар тани мо ҷон шудаст ин лаҳзаҳо товон,
Ки дунё бар вафодори мудомаш бевафо гардид.

Бубинӣ боғҳои сабзу хуррам ҳам алам доранд,
Сар аз бори алам ҳамчун зи бори мева хам доранд.
Ба тан пироҳани зард арчаҳо аз сӯзи ғам доранд,
Ғаме вазнинтар аз ин даштҳо бо сад рақам доранд,
Ки ҷонбахшои онҳо бенишону бесадо гардид.

Фиғони дашти Калшодӣ баланд аз кӯҳсорон аст,
Ба як шаб баҳри Қайқидашт хушкидасту бирён аст.
Сарои Гулдара маъвои чуғзон асту вайрон аст,
Фалак аз кардаи худ гӯиё ин дам пушаймон аст,
Зи баски маҳшаре андар видои ӯ бапо гардид.

Пайи ободие умре ба ҷони хеш бозӣ кард,
Зи чурғе то фарози кӯҳсорон роҳсозӣ кард.
Ба дарди бенавоён шуд шарику дилнавозӣ кард,
Ба қадри ҳол мардумро зи лутфи хеш розӣ кард,
Аз ин рӯ меҳри ӯ бар ҳар дили ғамдида ҷо гардид.

Гумон дорӣ, ки ҷонашро ба як дам муфт биспурда?
Яқин бинмо, ки ҳар соле камаш сад бор ӯ мурда.
Саҳар то шому шомаш то саҳаргаҳ боди ғам хӯрда,
Ба як асри равон ҷон канда, раҳ бар зиндагӣ бурда,
Ба халқаш меҳрубон аз ибтидо то интиҳо гардид.

Ҳамедонӣ, ки нон додан зи ҷон додан наяст осон,
Талаб аз сарвари худ мекунад одам ҳамеша нон.
Нагардад ҳеҷ пайдо лек нон бо ваъдаю фармон,
Фақат ҳосил шавад  он дар ҷаҳон бо заҳмати деҳқон,
Ба деҳқон зинда буд ӯ то даме мушкилкушо гардид.

Касе бо ранҷ ганҷе ёфтаст, ин хуб медонад,
Азоби шаттаи бозингаронро тӯб медонад.
Ҳар он кӣ муфт ёбад, ҳеҷ гаҳ фаҳмида натвонад,
«Кӣ ҳаст ӯ» гуфта, аспи кибри худро тез меронад,
Намедонад, ки олам бо чунинҳо босафо гардид.

Чӣ медонад, ки ӯ дар дил дигар армон намонду рафт,
Ягон кораш ба дунё бар касе товон намонду рафт,
Касеро аз ақиби хеш саргардон намонду рафт,
Ба ҷуз номи накӯ дар дафтари даврон намонду рафт,
Худаш андар ҳисоби кори худ равнақфизо гардид.

Барои пояи тобути ӯро доштан шуд ҷанг,
Ту медонӣ талоши хайрхоҳонро чӣ буд оҳанг.
Ҳама аз меҳри бепоён буду аз муқтазои нанг,
Сари гӯраш гурӯҳе хост гардад кошки як санг,
Ҳамин сон ӯ азизу қадрдону дилдаро гардид.

Ҳасудони куҳан бар мурдааш балки ҳасад бурданд,
Ба хона аз ҳасад худро ба як аҳволи бад бурданд.
Ғами вазнин аз ин бар дил қабат андар қабат бурданд,
Ки гӯӣ пештар з-ӯ хештанро бар лаҳад бурданд,
Пас аз марг инчунин ӯ бар ҳасудонаш бало гардид.

Варо дар зиндагӣ то нест бинмоянд, ҷон канданд,
Сари роҳаш зи макру бӯҳтон чоҳи калон канданд,
Ба нодонӣ сиёҳаш карда, з-ӯ гӯё забон канданд,
Ниҳоли орзуяшро зи беху бун ҷавон канданд,
Вале аз чанги «доноён» ба «нодонӣ» раҳо гардид.

Машав ҳайрон, ки бар худ ростиро ӯ сипар мекард,
Зи каҷ рафтан ба умраш ҳамчу аз доғе ҳазар мекард,
Шабу рӯз аз пайи кораш шуда гап мухтасар мекард,
Ба кас ҳарфе нагуфта ёди арвоҳи падар мекард,
Ҳалолӣ пеша карда дарди худро худ даво гардид.

Ба як маҷлис занозан рағми ӯ бисёр боло шуд,
Фиғони нағмаи мансабхарон то бар Сурайё шуд.
Ба ҷуз қарсак ба рӯи фарш з-онҳо зарбаи по шуд.
Ки медидӣ, ҳамегуфтӣ, дареғо, чаппа дунё шуд,
Шаби ялдо гувоҳи зиндаи ин моҷаро гардид.

Раис аммо фурӯ мебурд хашмашрову беғам буд,
Агарчи аз ғазаб рангаш дигар, дар дидаҳо нам буд,
Ба ҷои тарс дил дар синааш пурҷӯшу бардам буд,
Ба майдони хаёлаш ҷанг байни деву одам буд,
Ҷасорат дар ниҳодаш зарбае бар аждаҳо гардид.

Чу омад бар сухан, минбар зи лафзаш сахт ларзон шуд,
Гапи ҳақ аз забонаш ҳамчунон оташ парешон шуд,
Шаби ялдо ту гӯӣ аз чунин оташ фурӯзон шуд,
Ба ҳар як кунҷ тӯҳматпешае дар тарсаи ҷон шуд,
Ки қулфи фитнаро пайдо калиде гашту во гардид.

Рақамҳои ҳақиқат рӯи ҳар сафҳа ҷило доданд,
Ҷило чун лаъл аз маҳсули кор аз ибтидо доданд,
Куҷо рафта, чиҳо карда, ҳама барҳақ садо доданд,
Дурӯғи нокасонро аз миён берун ҳаво доданд,
Ту гӯӣ абр дуру меҳр равшан дар само гардид.

Калоне ҳамчу гурги гушна дандон тез кард аз ин,
Қариб азбаски бар ҳақ гашта буд аз ноҳақӣ зомин,
Ду чашмаш дӯхт бар рӯи хабаркашҳои худ хашмин,
Ба он маъно, ки будаст ин ҳама рафторашон аз кин,
Ҳақиқатҷӯй ҳар кас буд, бар ҳақ муттако гардид.

Натарсид ӯ дигар аз тӯҳмату ғавғои бадхоҳон,
Нагардад чун кулӯхе об санг аз барфу аз борон,
Ба исботи гунаҳ фармон наю лозим бувад бурҳон,
Самандар байни нор аз бегуноҳӣ мезанад ҷавлон,
Ба мардум равшан ин як бори дигар бехато гардид.

Набудӣ беназар, бар қавли одамҳои боҳикмат,
Зи баски пеш меомад паси ҳар мақсадаш нусрат,
К-аз ин мешуд ҳама шоду ҳама мегашт бодавлат,
Чӣ бошад беҳтар аз он, ки расад бар гӯши ӯ раҳмат,
Аҷаб не, тифли бахташ бар камолот аз дуо гардид.

Ба вақте одамӣ дар зиндагӣ дигар намепояд,
Чунон ки гул ба сармо мираду лабро набикшояд,
Зи баски ранҷи бетаг бинаду андак биосояд,
Дареғо, чун равад аз дори дунё, пас намеояд,
Бузурге ҷо ба хоки сард бе чуну чаро гардид.

Ҷаҳон чун шоҳи маккоре сиёсатпешаи хеш аст,
Якеро нӯшбахшою дигарро заҳри дар неш аст.
Агар бошӣ ба нафъи ӯ, туро ёр асту ҳамкеш аст,
Зи нафъаш дур агар монӣ, рақиб асту бадандеш аст,
Ба вақти мурданат ҳатто намепурсад куҷо гардид.

Аҷал кори худашро мекунад ҳар ҷо, ки по монад,
Ба пеши шоҳ монад по ва ё пеши гадо монад,
Надорад ҳеҷ касро ошноӣ, н-ошно монад,
Бар ҳар ҷо пой мегӯянд, бо амри худо монад,
Магар шуд навбати ин ҷо, ки ӯ дар рафтуо гардид?

Равад сад шоху, мегӯянд, монад кунда бар ҷояш,
Агар монад ба ҷо кунда, бисабзад навда болояш.
Ба соле пур кунад аз сояву аз мева маъвояш,
Ба тарзи тоза хуррам менамояд дашту саҳрояш,
Фиғон, ки кунда рафт аз байну ҷояш хокҷо гардид.

Нишонҳои сари сина мададгораш нагардиданд,
Намакхӯрҳои даргоҳаш даме ёраш нагардиданд,
«Харидорони» бисёраш харидораш нагардиданд,
Ҳама «ғамхорҳояш» ҳеҷ ғамхораш нагардиданд,
Бигӯ, ки ин ҳама фаҳмиду хомӯш аз ҳаё гардид.

Ба лаб гуфтанд: «мо ҳамдард»-у дар дил беғаме буданд,
Ба ботин н-одаму дар зоҳир онҳо одаме буданд.
Агарчи лаҳзае дар пеши мардум сархаме буданд,
Вале дар носипосӣ бемисолу маҳкаме буданд,
Зи дасти носипосон тира дар олам зиё гардид.

Надонист он касе қадри варо, ҳоло пушаймон аст,
Пушаймонӣ зи кори бад ба рӯзе бори инсон аст,
Ба одам ҳурмати одам яқин медон, ки аз нон аст,
Касе нон дода бошад, дар ду олам рӯйхандон аст,
Зи хурдӣ то дами марг ӯ пайи ин муддао гардид.

Паноҳаш аҳлу байти меҳнатӣ бо ҳам бародар буд,
Ба хурдон гурдҳояш чун падар будию модар буд,
Ба гурдон хурдҳояш ҳамчунон фарзанду хоҳар буд,
Ғаму шодӣ миёни ин ҳама қисмат баробар буд,
Ҳамин бошад, ки мотамдори ӯ ғун бенидо гардид.

Зи баъди марг ҳам моро ба ҳар дам ёд меояд,
Дили ғамнок дар ёдаш ба сад фарёд меояд,
Фиғонаш аз ҷафои даҳри бебунёд меояд,
Ки одам сайду охир даҳр чун сайёд меояд,
Ту дидӣ оқибат ӯ тӯъмаи ин сон ҷафо гардид.

Ба чашми ақл садҳо хонаи нав ҳайкали ӯянд,
Дабистонҳову қасру боғҳо аз ӯ сухангӯянд,
Агар мебӯид ӯ гул, бин, ки гулҳо ҳайкалаш бӯянд,
Дигар ӯро намеёбанд, агарчи беш мечӯянд,
Зи дунболаш пур аз оҳи надоматҳо фазо гардид.

Зиёратгоҳи мардум мешавад акнун мазори ӯ,
Ба гирди марқадаш ҳаргиз нахушкад арчазори ӯ,
Замин сарсабз монад гӯиё аз файзи кори ӯ,
Набошад гарчи ҷуз гӯраш дигар дар ихтиёри ӯ,
Замин гуфту замин, аммо ба як кунҷак пано гардид.

Ту гӯӣ аз баландӣ боз бар поён назар дорад,
Зи неку бад мисоли зинда чун аввал хабар дорад.
Ба вақти субҳдам аз боғу саҳроҳо гузар дорад,
Чу нури меҳр бар гулҳои нашкуфта асар дорад.
Кӣ мегӯяд, ки аз мо рафтаву ҷо дар фано гардид?!

Вай охир бо баҳору бо хазони хеш таърих аст,
Ба мисли рафтагони пур зи шони хеш таърих аст,
Ба беайбиву айбаш бо замони хеш таърих аст,
Ба ҳар як рӯзи умри достони хеш таърих аст,
Чунон таърих, ки моро ба даври нав баҳо гардид.

январи 1991

## БЕЗАБОН ГАП МЕЗАНАД

Ҳарфе зи мамот пеш гӯям,
Тарҷумаи ҳоли хеш гӯям:

Ман гови калони зотдорам,
Аз зоти худам дар ифтихорам.

Борон, ки маҳину нарм ояд,
Тақлид ба мӯи ман намояд.

Наврӯзи баҳор дида бошӣ,
«Шуд барф ало[17] шунида бошӣ.

Монандаи ӯй ман алоям,
Бо сурати хеш дилрабоям.

Дар байни ҳазор пода тобам,
Фарбеҳу батоб ё харобам.

Гирем ҷавон –в-агар ки пирам,
Якзайл ҳамеша серширам.

Бозор ба соҳибони хешам,
Лек аз чӣ зананд сахт нешам.

Яъне ки суроғи ман надоранд,
Фикри ғаму доғи ман надоранд.

Чандест ба дарди сахт бандам,
Бар раҳбари хеш нописандам.

Як ҳарф зи дарди ман нагӯяд,
Доруву давои ман наҷӯяд.

Аз даври рукуд ёд орам,
Аз буду набуд ёд орам.

[17] Ало–алочалпак

Гӯсолае ар шудӣ касалтоб,
Аз гӯшнагию набудани об,

Мардум ҳама буд дар давутоз,
Аз ноҳия то тамоми колхоз.

Сардор ҷудо шитоб мекард,
Байтор чудо шитоб мекард…

Балки бари он ба хоб буданд,
Чун бод дар изтироб буданд.

Санҷидани дард буд пеша
Як бору ду бор не, ҳамеша.

То дард намешуд аз танаш дур,
То даври бутун намешуд он ҷӯр.

Байтор зи подаҷо намерафт,
Сардор зи подаҷо намерафт.

Ҳоло чӣ? Ҳама фиребкор аст,
Олуда сухан ба заҳри мор аст.

Гӯсола чӣ, рафту пода мирад,
Касро сари мӯй ғам нагирад.

Наҳсиву фалокат аст гӯянд,
Баҳ, гӯшт ғанимат аст гӯянд!..

Охир чӣ кунам, забон надорам,
Қудрат ба гапу баён надорам.

Сардори идора марди худхоҳ,
Аз дур нигоҳ мекунад гоҳ,

Аммо сухане ба лаб наорад,
Гӯё ки чу ман  забон надорад.

Аз зоти накӯст ё бадандеш,
Фаҳмаш набувад зи «фаҳми» ман беш.

Машғули лимуҷафист доим,
Гаҳ сахт ҷафад, гаҳе мулоим.

Гаҳ гирди асал шавад магас ӯ,
Бар ишками хеш додрас ӯ.

Гаҳ пеш кунад ба ной ҳурмо,
Аз думчаи он қапида кайҳо.

Гаҳ оби анор мекашад дам,
Даҳ кӯза қатор мекашад дам.

Носер дулӯнҷа мехӯрад боз
Аз байзаи мурғу байзаи қоз.

Гаҳ мурғи калон ба об пухта,
Дуздонаю бошитоб пухта,

Чангол зада ба мисли каргас,
Ҳарчанд хӯрад, намекунад бас…

Дар ҳолати авҷи иштиҳояш
Ғоре бишавад ту гӯӣ нояш.

Пешомадаро кашад ба комаш,
Пурсон нашуда дигар зи номаш.

Қоз аст ва ё ки мурғи марҷон,
Заргӯшаки хобу мири мушон,

Ё ҷайраи ҷандапӯш бошад,
Ё хуки ба ҷангу ҷӯш бошад…

Ҳар гоҳ ки нимсер гардад,
Ҷунбида зи ҷо далер гардад.

Дар даст анори пора-пора,
Бо кунҷи лабаш кунад ишора:

«Ин ҷонвар агар ҳалол мирад,
Майдони идора гӯшт гирад.

Тақсим кунед лаҳми онро,
Дигар чӣ хӯред раҳми онро.

Нархаш, ки дар ихтиёри мо аст,
Чандаш ки  кунем, кори мо аст.

Он рафту яке ҳаром мирад,
Дар субҳ ва ё ба шом мирад.

Мо чораи тозае биҷӯем,
Рози дили худ ба кас нагӯем.

Як воқеаро ба ёд орам,
Чун таҷриба пешатон гузорам.

Буд раҳбаре бист сол аз ин пеш,
Дар ноҳия дошт обрӯ беш.

Кори аҷабе ба худ раво дид,
Бо ду калу кӯри ошно дид.

Говаш, ки ҳаром мурд як шаб,
Овоза накарда, асли матлаб.

Бар хонаи баччаҳо супорид,
Гӯё зи раҳи сахо супорид.

Ҳаққаш ду карат зиёд бигрифт,
Бояд, ки аз ӯй ёд бигрифт.

Чун таҷрибаи аҷиб дорем,
Худро чӣ ба чанги ғам супорем?

Бар корчалон диҳем гавро,
Он мурда-ҳароми наппа-навро.

Бигзор, ки сихкабоб гардад,
Сарфи амали «савоб» гардад…»

Кору гапи ҳақ набошад ин ҷо,
Зинҳор сабақ набошад ин ҷо.

Як-ду бачаи зи дарс безор,
Дар мактабу хона зиштрафтор.

Аз хотири меваҳои лошӣ
Бо доду фиғони дилхароше

Ин ҷой шаванд гоҳу ногоҳ,
Ки зуд раванд бар дигар ҷо.

Гӯё табиатшинос бошанд,
Соҳибшави ихтисос бошанд.

Пайдост, ки фанд бачча кардаст,
Дерест, ки чанд бачча кардаст.

Ин давлати фандбоз бошад,
Ҳар солу маҳи дароз бошад.

Даҳ-бист нафар маош гиранд,
Бе заҳмату бе талош гиранд.

Бе дафтару бе китоб гиранд,
Бе пурсишу бе ҷавоб гиранд.

Бо рӯйхати чатоқ гиранд,
Бо савлату иштиёқ гиранд.

Гӯё ҳама тоза кор карданд,
Покизагӣ ихтиёр карданд.

З-ин дард зи чашмам ашк резад,
Осудагӣ аз барам гурезад.

Шаб то саҳарӣ ба сӯзу созам,
Худ гӯй ба оташе гудозам.

Болои сару ба пеши поям
Истода ба ғам дугонаҳоям,–

Фирӯзаю Лола[18] ашкрезон,
Чун абр ба рӯи боғу майдон.

Гӯянд, ту гӯӣ, ҳар ду оллоҳ,
Бидҳанд маро ба ин тасалло.

То рӯз надида хобу роҳат,
Гӯянд, Азиза[19] шав саломат.

Варна дили мо кафад зи хорӣ,
Ин лаҳза ба сурати аноре.

Лекин чӣ илоҷ, таб баланд аст,
Бар гардани зиндагӣ каманд аст.

---

[18] Фирӯзаю Лола–номи модаговҳо
[19] Азиза–номи модагов

Аз чор тараф мамот ҳар сон
Ояд ба талоши бурдани ҷон.

Гаҳ гург шавад ба пеши дида,
Гаҳ хори ба дидаҳо халида.

Гаҳ корд ба даст марди қассоб,
Гаҳ дегу алови пуртабутоб…

Зад чанг ба ними шаб зи ноям,
Ларзид зи сӯз дасту поям.

Фарёд нашуд дигар кашида,
Аз об нашуд дигар чашида.

Танҳо ба азоби бешуморе,
Бо дастшапию пофишорӣ.

Бар бод бигуфтам ин васият,
Бо зорию илтиҷои беҳад:

«Бар сарвари мо бубар саломам,
Озод бигӯ ба ӯ паёмам.

К-аз ҷабру ҷафои сахт мурдам,
Ҷонро ба вафои ҳақ супурдам.

Баргӯй, ки ман ҳаром мурдам,
Бесоҳибу ташнаком мурдам.

Бар хуни ман ӯ шудаст зомин,
Ҳарчанд намекунад писанд ин.

Ҳоло, ки касе калон надорад,
Парвои ғами замон надорад.

Фардои қиёмат аст, гӯянд,
Он ҷой ҳақиқат аст, гӯянд.

Санҷидану рӯзи ростон аст,
Такрори гуноҳ дар забон аст.

Ман қуфли гуноҳи ӯ кушоям,
З-ӯ хуни худам  талаб намоям.

Инро ба дугонаҳом гӯед,
З-онҳо ғаму доғи ман бишӯед».

Дидед чӣ гови безабон гуфт:
«Мурдам зи ҷафои раҳбарон» гуфт.

Бинем, ки раҳбарон чӣ гӯянд,
Раҳ сӯи кадом дар биҷӯянд.

Ё теғ кашанд бар сари мо,
То пора кунанд дафтари мо.

Ё нос таҳи забон гузоранд,
Хап шишта хумори худ бароранд.

ш. Кӯлоб, соли  1991.

## СУРУДИ ТОҶИКИСТОН

Як лаъли кӯҳсорам, дар кӯҳ устуворам,
Хуршед нур гирад аз рӯи беғуборам.

Бо чашмаҳо ба ҷӯшам, бо рӯдҳо хурӯшам,
Як сӯй барфпӯшам, як сӯй навбаҳорам!

Сулҳу сафост азмам, бо дӯстист базмам,
Аз баҳри ин ба размам дар рафти рӯзгорам.

Поядаву рашидам, сар то само кашидам,
Оби баќо чашидам, озоду бобарорам.

Бигзаштаҳо ба хотир ҳар лаҳзаанд ҳозир,
Тоҷам ба сар шуд охир, ман соҳибихтиёрам.

Як лаъли кӯҳсорам, дар кӯҳ устуворам,
Хуршед нур гирад аз рӯи беғуборам.

с. 1992.

## ГУФТАМУ ГУФТ

Гуфтам ту азоби ҷони моӣ!
Гуфто ту бигӯ: ки аз куҷоӣ?

Гуфтам, ки диёри ман бари туст,
Гуфто, ки магар ту ошноӣ?

Гуфтам, ки зи ман наю зи дил пурс,
Гуфто, ки ту рози дилкушоӣ?

Гуфтам, ки чӣ гуфтанат надонам,
Гуфто зи кадом мактаб оӣ?

Гуфтам нафасе нишин, бигӯям,
Гуфто чӣ талаб зи ман намоӣ?

Гуфтам, ки талаб наю саволест,
Гуфто ту макун ҷавобпоӣ.

Гуфтам, ки фақат бигӯ ягон бор
Чизе ту нагуфтаӣ худоӣ?

Роҳӣ зи барам шуду ба ханда
Гуфто, ки сағира, заб балоӣ!

## ДУБАЙТИҲО

Чӣ бисёр? Аз ҳама хушрӯй бисёр,
Қамаррӯву камонабрӯй бисёр.
Ҷавононро чӣ пеш омад, чӣ гап шуд,
Ки бошад дилбари бешӯй бисёр.

Сари  сарчашма боди тоза дорад,
Чу гулгашту чаман овоза дорад.
Равам гуфтам ба пеши ёр имрӯз,
Вале маҳкам дару дарвоза дорад.

Чаман зебову рӯи гул дилоро,
Ки гӯӣ ҳусни дигар нест воло,
Мизони ҳуснсанҷӣ дида кардам,
Бидидам аз ҳама рӯи ту зебо.

Дари боғу бари боғу таҳи боғ,
Дилам дар интизории ту шуд доғ.

Ҳавасҳои рухат бо гул шикастам,
Ҳавасҳои ду зулфат бо пари зоғ.

Лаби обу лаби обу лаби об,
Даруни об бошад қурси маҳтоб.
Мазан бар об дигар кӯзаатро,
Ки гардад моҳи байни об ноёб.

Шаби тӯйи туро ман ёд дорам,
Гапи шӯйи туро ман ёд дорам.
Агарчи ҳусни ту гаштаст дигар,
Гули рӯйи туро ман ёд дорам.

1992

БАДАВЛАТ

Ду дасташ роҳрав андар паси пушташ,
Сараш болову дар банди хаёл аст ӯ.
Ба ҷуз аз рӯзнома нест дар мушташ,
Ба роҳи хеш роҳи бемалол аст ӯ.

Гумон созӣ, ки мағрур асту худбин аст,
Аз он, ки эҳтиёҷ аз рӯзгораш нест.
Ба бахти хештан аз ҳар чӣ таъмин аст,
Бадавлат ҳасту ғам аз гирудораш нест.

Бале, ӯро набошад эҳтиёҷи чиз,
Агарчи нони хӯрдан ҳам наёбад гаҳ,
Надорад хонаву ҷои намоён низ,
Пиёда меравад дар кӯча беғам раҳ.

Мудом озод бошад аз ғами рӯзӣ,
Қаноат мекунад бо музди кори хеш.

Ба ҷуз ин нест ӯро бахту фирузӣ,
Ки дорад нафси худ дар ихтиёри хеш.

Ба унвонаш фақат якто утоқ астӣ,
Ки фаршаш тахтаи фарсуда мебошад.
Китоб ӯро равоқ андар равоқ астӣ,
Чароғе рӯи мизаш равшанӣ пошад.

Утоқ асту китоб асту вайу миз аст,
Барояш бошад ин як давлати ранга.
Дигар дар пеши ӯ ҳар чиз ночиз аст,
Нагирад моли дунёро ба як танга.

## КОРДИ ДОМАНҚАП

*Ба 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшида мешавад.*

Ба муроде дарат, эй мақбара, ман ҳуй кунам,
Хоки ту бӯса ба чашму ба сару рӯй кунам.
Дам ба дам ҳамчу гули тоза варо бӯй кунам,
Хешро аз нияти пок сухангӯй кунам.
З-он чӣ маҳфуз ба хотир шуда бе шарҳу баён.

Бача будам, ба  дарат як сафар истода будам,
Чашми ҳайрат ба тамошои ту бикшода будам,
Чу гадо бар дари шохи адаб уфтода будам,
Дили пуршавқ ба дунёи хирад дода будам.
Пур бувад гуфтаниям, он ҳама гуфтан натавон.

Баъд аз он рӯзи қиёмат ба сарам пеш омад,
Неши каждум ба тану бар ҷигарам пеш омад.
Хор бар мардумаки чашми сарам пеш омад,

Як бало дур нагашта, дигарам пеш омад.
«Адабомӯз» зи ҳар гӯша бишуд теғкашон.

Гуфт ҳар як ба ғазаб, ки: «Ту канор аз чӣ равӣ?
Худ ки доништалабӣ, сӯи мазор аз чӣ равӣ?
Дар ҳамон ҷой туро ҳаст чӣ кор, аз чӣ равӣ?
Пеши дай, дур зи худ карда баҳор, аз чӣ равӣ?
Тарк кун мактаби оливу рав он ҷой бимон!»

Падарам низ маломат бишунид аз «гунаҳам»,
Тиратар гашт аз ин чеҳраи рӯзи сияҳам,
Байни донишкадаву хона бибастанд раҳам,
Ҳар кӣ дидам ба раҳе, кард басо каҷ нигаҳам,
Сахт «бадном» шудам, сахт ба чашми ҳамагон.

Каси беқадр чу як буттаи пӯшам[20] карданд,
Шустани «айбу гунаҳ» бор ба дӯшам карданд,
Сухане хост лабам, лек хамӯшам карданд,
Чашма будам, ки даҳанбаста зи ҷӯшам карданд,
Аз пайи шустани «айбам» шудам аз тарсаи ҷон.

Тарки кӯи ту намудам мани бадном охир,
Тарафат ҳеҷ нашуд, ки бизанам гом охир,
Баста гардид забон, ки барамат ном охир,
Ёфт дар ман талабу зикри ту «анҷом» охир,
Пир ногашта, шудам пир зи кӯрии замон.

Ғайри ман ҷабрбасарбурда чунин бисёр аст,
Айбдори «туӣ побастаи дин» бисёр аст,

[20] Пӯш–гиёҳи қадбаландест, ки онро даравида ҳезум мекунанд.

Кашмакашҳои ғалат рӯи замин бисёр аст,
Дар миёни ҳаку ноҳақбача кин бисёр аст,
Ончунон аст, ки он гуфта натонам ба забон.

Чӣ аҷаб, дид ҷазо сахт, касе сӯи ту рафт,
Аз хато ё ки зи меҳру ҳавасе сӯи ту рафт,
Ё ба худ кофта ӯ додрасе, сӯи ту рафт,
Хешро хонда кам аз барги хасе, сӯи ту рафт,
То муроде талабад, нек бизияд ба ҷаҳон.

Аҷаб он, ки фалаки шӯх дигаркора шуда,
Чаппакории пураш хандаи наззора шуда,
Ҳоҷии секарата дузди дусадбора шуда,
Ҳаку ҳақдор ба ҳар кӯву дар овора шуда,
Он ки мункир зи худо буд, шуда шайхи калон.

Он ки медод ҷазоҳо ба кас аз кибри амал,
Он ки бо неш задан бар дигарон дошт асал,
Он ки мезад ба худо таъна ба алфози дағал,
Шуда имрӯз худоҷӯй ба сад макру ҳиял,
Наравад дуру ба паҳлуи ту кардаст макон.

Сала бар сар зада, фаш аз тарафи рост кашол,
Назр агар кам расадаш, мешавад аз дода малол,
Хоҳад орад ба кас аз ҳиммати кам боз завол,
Лек бошад дигар ӯро ҳама як хобу хаёл,
Гарчи дорад ба дилаш фитнаву шак беш ниҳон.

Гар ба ӯ ваъда диҳанд аз карами давр заре,
Ё ки мансабчае аз погаҳи дар дуртаре,
Боз гӯяд:, ки «худо нест, бувад ҳақ дигаре»,

Наҳ занад бар шарафи мақбараи мӯътабаре,
Нагузорад, ки касе во кунад аз ғайб даҳон.

Салла гӯянд агар, калла ва ё ҷон орад,
То ки як содаи нав бар таги фармон орад,
Зӯрдастӣ кунад, ӯро дари зиндон орад,
Мақсад он, ки ба кафаш рӯзии осон орад,
Одати ӯст ба худ суду ба бегона зиён.

Тавба дар пеши ту ман дода будам як нафараш,
Ки надуздад дигару нест намояд зарараш,
Ҳақи мардум нахӯрад, гардад аз ин роҳи шараш,
Хӯрд савганд ба номи туву рӯҳи падараш,
Баъди як рӯз вале  буд чӣ сон, монд чунон.

Гугро ромнамоӣ амали бесуд аст,
Гарчи ин таҷриба бар фоидаи мақсуд аст,
Ҳар чӣ бесуд бувад, дар шумари нобуд аст,
Кори хайр арчи худованд худаш фармудаст,
Мешавад, ки нашавад бо ҷадали беш ҳам он.

Як шаб аз сӯҳбати як тоифа бархест ғурур,
Ҳар кадом аз дигарӣ хонд худаш зӯру ғаюр.
Гуфт яктош: «Манам аз ҳама нотарсу ҷасур,
Гар бимонед, дар ин вақти шаби тор чу гӯр
Рафта як корд халам бар сари гӯри Ҳамадон.

То саҳар дида, ба ин ҷуръатам аҳсан хонед,
Тарсро аз дили худ чун мани пурдил ронед,
Ба раҳи хеш шуда машъалу нур афшонед,

Панҷаи дев чу хас баста дигар битвонед,
Ибратомӯз шавам бар ҳамаи пиру ҷавон».

Сари қабр омаду хам гашта бизад корд башаст,
Бо ҳама зӯр, ки гӯӣ зи миён корд шикаст.
Аҷабо, домани ӯ корд ба худ сахт бубаст,
Хест аз ҷо, ки равад пеши ҳамон селаи маст,
Доман ӯро ба замин зад, ки бимурд аз ҳаяҷон.

Бад кунад, он ки барад шак ба ҳаку ҳақдонӣ,
Интизор аст варо дар раҳу рӯ вайронӣ,
Мешавад дуру канор аз шарафи инсонӣ,
Зишт бошад ба назар дар ҳама дам шайтонӣ,
Нест бар зоти дурӯ қадри зиёд аз ҳаявон.

Дигаре аз падари хеш, ки мункир бошад,
Аз саҳар то дами шаб пеши ту ҳозир бошад,
«Қиссаҳо» бар лабаш аз шаъни ту вофир бошад,
Гӯиё фозилу донандаи ҳар сир бошад,
Рост кам гӯяду беш аст дурӯғаш, ту бидон.

Гоҳ дар вирди забон ояти «Қуръон» дорад,
Шаб занад банг, саҳар тавба фаровон дорад.
Равуо гирди ту чун соҳиби майдон дорад,
Ба сараш фикру хаёли ғами ҳамён дорад,
Ғайри найранг дар ӯ нест дигар чиз аён.

Сухан аз санг кунад, чист шарар гап назанад,
Аз дуруштии худу лутфи падар гап назанад,
Ба шаҷарҳо чӣ шуд, аз захми табар гап назанад,

Ҳарзагуӣ кунад, аз рӯи ҳунар  гап назанад,
Фитнагар хонамаш, аз баски ҳамон аст, ҳамон.

В-он дигар бадтар аз ин аст ба кирдор мудом,
Диҳад аз макр ба ҳар пораи хишти ту салом,
Ба забонаш набувад ғайри «дуо» ҳеҷ калом,
Ҷӯш дорад тану тӯшаш ба чунин азму маром,
То варо пок бихонанд ҳама кас ба миён.

Ту ба ин тоифа бовар макунӣ, хуб шавад,
Мори пурзаҳри ба қасд  омада саркӯб шавад,
Фитна чун барги хазон дар дами ҷорӯб шавад,
Гирду атроф ҳама тозаю марғуб шавад,
Рӯҳ бахшад дару девори ту бар оламиён.

Беҳ, ки он корд қапад домани ин зоти дурӯ,
Ба замин сахт занад ҳар яки ӯро ба пурӯ,
Парчамафшон бишавад чор тараф хулқи накӯ,
Поку нопок ба сад  тавба биафтад ба вузӯ,
Баъди борон ба ҳаво хайма кашад тирукамон.

Майи соли 1994

ХАТТИ  БАРОТ

Ҳоҷиён гирд омаданд аз ҳар канор,
Рӯ ба сӯи Каъбаи мақсудҳо.
Гуфт як ҳоҷии бесабру қарор,
Бо суол аз буду аз нобудҳо:

Бори аввал мекунам он ҷо сафар,
Ман намедонам чӣ сон омодаам.
Суд пеш ояд дар ин раҳ ё зарар,
Дар ҳамин фикру хаёл афтодаам.

Ҳочии санҷида ин роҳи дароз,
Бо ҳавои риш гуфто ҳамчу пир:
Нағз медонад худои корсоз
Мақсади ҳар бандаашро дар замир.

Нест пинҳон аз нигоҳаш ҳеҷ чиз,
Неку бадро дар тарозу мекашад.
Пок ӯро ҳар куҷо бошад азиз,
Айбу беайбӣ сари мӯ мекашад.

Рафта будам ман ба ҳаҷ як сол пеш,
Кӯлворам буд бар дӯшам гарон.
Буд вазнин он, ки аз тобут беш,
Хаста мегардид зераш ҷисму ҷон.

Буд борам сону читу дарзмол…
Моли арзони дар он ҷо хушхарид.
Бори се хар доштам ман бемалол,
Ҳушам аз ин гоҳ аз сар мепарид.

Садқаи тайёра, ки бе инҷу ноз
Мебарад борат ба ҳар кунҷи ҷаҳон.
Варна бо ин бору бо ин сон ниёз
Нест осон, ки шавӣ як ҷо равон.

Шаш карат з-он сӯй шуд борам зиёд,
Файзи ҳоҷӣ гаштанамро бингаред.
Он чӣ дидам дар сафар, дорам ба ёд,
Ҳоҷие бар ҳоҷиёнам бишмаред.

Чашми касро мекушояд ҳаҷравӣ,
Бар тиҷорат майл пайдо мекунӣ.
Кас намегӯяд, ки дорӣ каҷравӣ,
«Ҳоҷиям ман» гуфта, савдо мекунӣ.

Ҳар чӣ хоҳӣ, ҳаст он ҷо беҳисоб,
Ҷони одам низ бошад дар қатор.
Нест он ҷо сурати ин ҷо хароб,
Нобарорӣ сад карат ёбад барор.

Мардуми он ҷо худобовар бувад,
Нест дар дилҳои эшон ҳеҷ шак.
Нафс бар мо бештар раҳбар бувад,
Мехӯрад бар ҷонамон сад печ шак.

Ҳар чӣ пеш ояд, ба умри хештан
Як сафар инсофро раҳбар кунед,
Дар хариду дар фурӯшу дар сухан
Бар накӯандешҳо бовар кунед.

Чашми худро сер гиред аз матоъ,
Аз ҳама лӯълӯи аз зар карда соз.
Тарс пеш оред бар худ аз худо,
То фиреб он ҷо напардозед боз.

Гуфта метонам аз ин роҳи дароз
Ҳар киро хатти барот аст орзу.
Аз азоби дӯзахи оташфароз
Дар дами пурсиш наҷот аст орзу.

Ин бувад вобаста бар имону дил,
Покии ботин муайян мекунад.
Шамъро монем агар дар байни гил,
Хонаи торик равшан мекунад…

Ҳоҷиён дар Макка то хӯрданд ҳӯй,
Кӯчаҳои шаҳрро одам гирифт.
Чанди он овард бар бозор рӯй,
Монд шаҳр якбора дар банди шигифт.

Қап заданд инрову онро беибо,
Гушначашмона шуданд андар талош.
Дошт бас дар ҳар кадомаш ҳирс ҷо,
Наҳсии нодидаро доданд пош.

Рафт аз хотир бадар хатти барот,
Ҷои он миръоти дунёбин шуда.
Ёди дӯзах н-омаду ёди наҷот,
Дар хаёл овезаи заррин шуда.

Оби Замзам ҳам бурун аз ёд рафт,
Кӯзаҳо монданд хушку ташналаб.
Мақсади аввал ҳама барбод рафт,
Мақсади нав пеш омад рӯзу шаб.

Магнитофони японӣ ҷилва кард
Ҳар қадам бар дидаҳои тезбин.
Чаллаи тилло паси ҳам сурху зард
Бо матои сабзу гулрез инчунин…

Ҷайбҳо холӣ шуданд андар харид,
Ҷомадонҳо лек оварданд дам.
Эътиқоди дин ҳам аз эшон парид,
Нест эшонро аз ин парвои ғам.

Хоса савдогар шуданд ин ҳоҷиён,
Ҳаҷ куҷо? Аз ҷӯши бозор омаданд.
Нест аз хатти барот асло нишон,
Мурда-мурда дар таҳи бор омаданд.

с. 1994

## ҲОҶӢ

*Барои Ҳоҷӣ Шариф Саидзода*

Пас аз ҳоҷӣ шудан рангат дигар гашт,
Ҳилоли якшаба бадре магар гашт?
Бубинӣ то ки рӯи дӯстон хуб,
Ду чашми хирабинат пуршарар гашт.

Зи рӯят дар нигоҳам нур резад,
Сиёҳӣ аз ҷамолат мегурезад.
Агар хуршед берун сар барорад,
Натонад бум аз хобаш бихезад.

Сайҳат рафта, олам дидаӣ ту,
Баландӣ дидаву хандидаӣ ту.
Тавофи Каъбаи пурнур карда,
Қадамҷоҳои Одам дидаӣ ту.

Ба серӣ нӯш кардӣ оби Зам-зам,
Ҷавонӣ ёфтӣ дар хеш кам-кам.
Зиёрат карда ту қабри Муҳаммад,
Бурун андохтӣ аз дил ҳама ғам.

Ба қавле, ормон дар дил намондат,
Дигар ишқи ҷаҳон дар дил намондат.
Шуда аз фикри мулку мол фориғ,
Ҳавас бар ину он дар дил намондат.

Ба дунёи дигар афтода мондӣ,
Шароре аз шарар афтода мондӣ.
Миёни покҳо бо ранги тоза
Чу наҷми шӯълавар афтода мондӣ.

Ба ғайр аз покҳо ёре надорӣ,
Муҳаббатдору ғамхоре надорӣ.
Зи покӣ раҳм бар дил ҷо намуда,
Ба инсу ҷинс озоре надорӣ.

Ҳикоятҳои ту бисёр бошад,
Яке гӯӣ, дигар тайёр бошад.
Ба шарҳи ҳар ҳикоят, ҳар муаммо
Хаёлат хуб банди кор бошад.

Баихлоси калонӣ, офаринат!
Ба роҳи нав равонӣ, офаринат!
Фурӯзон карда бар дил нияти нек,
Накӯхоҳи замонӣ, офаринат!

Ҳалолӣ аз ҳама хуб аст, гӯӣ,
Ба мисли меҳр марғуб аст гӯӣ.
Ҳалол одам набошад гар ба дунё,
Ба дӯзахҷой мансуб аст гӯӣ.

Ба покӣ ҳар тараф овоза гаштӣ,
Ба саҳрое бурун аз коза гаштӣ.
Зиёратгар шабу рӯз аст пешат,
Ба мардум пандгӯи тоза гаштӣ.

Аз ин пас одами нав байни моӣ,
Саропо олами нав байни моӣ.
Лаб аз шодиву ғам гар во намоем,
Ту шодиву ғами нав байни моӣ.

Агар ту орзуят дида бошӣ,
Гул аз боғи муродат чида бошӣ.
Валекин орзуи ман зиёд аст,
Маро шояд худат санҷида бошӣ.

Ману ту хонда дар як ҷой чанде,
Гирифтем аз дурӯғу рост панде.
Дурӯғу рост бо ҳам баҳс карданд,
Гаҳе хӯрдем ҷои қанд фанде.

Дигарҳоро зи хонда дарс додем,
Даре бар рӯяшон гӯё кушодем.
Чӣ омад бар забон, гуфтем онро,
Қадам бо ҳукми даври худ ниҳодем.

Гунаҳнокарда дар дунё набошад,
Касе озод аз ин савдо набошад.
Гунаҳбахшанда ҳам бошад ба олам,
Аз ин рӯ ноумедиҳо набошад.

Мани нодида ҳаҷро покҷӯям,
Зи покон хорро гул гуфта бӯям.
Ба даври шом меҷӯям саҳарҳо,
Куҷо нур аст, бо ӯ рӯ ба рӯям…

Маро ту нағз дониву туро ман,
Ба якдигар чу миръотем равшан.
Ба ботин чун ба зоҳир ошноем,
Чунонки нест ҳоҷат шарҳ додан.

Ту покиву ба покон саҷдапеша,
Ба нахли рӯзгори нав чу реша.
Умеди ман дарахти гулфишон аст,
Ки бошӣ бо чунин сурат ҳамеша.

Туӣ имрӯз фарди ифтихорӣ,
Ба ҷуз некӣ дигар мақсад надорӣ.
Яке аз некии ту хонам инро,
Ки мурдам, ту ба гӯрам месупорӣ.

майи 1994

## ХОБИ БЕТАЪБИР

Дил намонду раҳ гирифтам сӯи ту,
Чашми камнурам биёбад кӯи ту.
Пирӣ аз ман хешро гирад канор,
Ҳар гаҳе ояд хаёли рӯи ту.

Нестам шояд ба ёдат ман дигар,
Ханда бар лабҳои шодат ман дигар.
Дар куҷо бо ҳам чӣ сон дил бохтем,
Ғайри ин будам муродат ман дигар.

Фитнаҳои рӯзгорон шуд зиёд,
Вақти гармо барфу борон шуд зиёд.
Созубози хомадорон кам шуда,
Ҳоюҳӯи тирдорон шуд зиёд.

Обҳо бо хоку хун омехтанд,
Бодҳо бо оҳи ғам ангехтанд.
Аз ҳавои пурғубору дардбор
Кафтарони номавар бигрехтанд.

Ноилоҷ афтода худ раҳпо шудам,
Бо сипоҳи ранҷҳо якҷо шудам.
Аз баландиҳо ба поён омадам,
Гаштаву баргашта бар боло шудам…

Аз ту бар ман кас надод аммо хабар,
Дошт гӯё бод ҳам аз ин хабар.
То туро донам куҷоӣ, шарт буд
Дасту пову дидаву гӯши дигар.

Манзилатро оқибат дарёфтам,
Лангар он ҷо соате партофтам.
Дидамаш дар сурати вайронае,
Гирди он то чун нигаҳ биштофтам.

Аз шукӯҳаш ҳеҷ осоре набуд,
Чор сӯяш ҷуз хасу хоре набуд.
Лонаи чуғзон таҳи пориса дошт,
Ҷой-ҷояш балки деворе набуд.

Бар кӣ нолам? Нола бетаъсир буд,
Дар забонам ҳалқаи занҷир буд.
Шояд инро дидаам, гуфтам, ба хоб,
Лек хобам хоби бетаъбир буд.

январи 1996

## ДИГАР БАР ХОБ ДИЛ БОВАР НАДОРАД

Туро аз худ хаёлам дур н-афканд,
Агарчи дидамат як бор дар боғ,
Шудам побастаи як нозписханд,
Дилам дар оташи он гашт то доғ.

Надонистам куҷо рафтӣ зи пешам,
Накарда миҷҷа таҳ, кардам тамошо.
Задӣ ханҷар ба қалби реш-решам,
Азобам як ба сад гардид боло.

Гарангӣ бар сарам шуд бор чун кӯҳ,
Халосӣ аз бало уфтод душвор.
Ба олам баски бисёр аст андӯҳ,
Касе бар ёрии кас нест зинҳор.

Гузашт аз умри ман чанде ба хорӣ,
Ғами деринаро бар кас нагуфтам.
Зи ғамдорӣ намондам ёдгорӣ,
Ба ҷуз оне шабонгоҳон нахуфтам.

Худо гуфтам, ки бар хобам дароӣ,
Шабе, ки дар самояш моҳтоб аст.
Ба уммеде, ки андар роҳпоӣ
Дуои мустамандон мустаҷоб аст.

Шабе охир туро дар хоб дидам,
Миёни боғ будӣ кокулафшон.
Зи гулзори рухат як гул бичидам,
Ки аз ман рӯй кардӣ сахт пинҳон.

Ғазаб кардиву гуфтиям таҳи лаб:
Пагаҳ гул мешукуфад аз нав ин ҷо,
Агар гул чидани ту ҳаст матлаб,
Миёни боғ бояд гашт пайдо.

Яке тарсида худ бедор гаштам,
Бидидам не ҳамон боғ асту не ту.
Задам паҳлуву боз афгор гаштам,
Зи афгорӣ задам то рӯз паҳлу.

Раҳи он боғ бигрифтам саҳаргоҳ,
Дар он ҷо рӯ ба рӯ бо шом гаштам,
Дигар нашкуфта он гулбарги зебо,
Тамоми рӯзҳо ноком гаштам.

Кунунам умр поён мезанад гом,
Ниҳоли орзуям бар надорад.
Дар ин дунё, ки ғамро нест анҷом,
Дигар бар хоб дил бовар надорад.

январи 1996

ххх

Эй ёри нигаҳдор, нигаҳ дор маро,
Бемораму аз ҷой бубардор маро.

Дар такяи худ гир,  дигар такя мабод,
Аз такяи нарми хеш нагзор маро.

Сад бор гунаҳ кардаму мункир нашавам,
Уммед, ки бахшӣ ту ба як бор маро.

Бе ёди ту гар нафас бигирам, хуш нест,
Бар ёди худат карда гирифтор маро.

Беморшавӣ барад ба ҳар кӯй хаёл,
Бошад, ки ту кардаӣ хабардор маро.

Ҳар дард, ки ояд ба танам, шукр кунам,
Шукронаи ту ҳаст ба гуфтор маро.

феврали 1996

## ҚАЛАМКАШӢ

Аз оби шеъри тар кунам қошат қаламкашӣ,
Бо сеҳри ҳарфи шоирӣ рӯят гул офарам.
То дил даме раҳо шавад аз бори ғамкашӣ,
Ояд ба ҳусни ҷаннати нодида боварам.

Андак зи себи рӯи ту зулфат барам канор,
Сар то ба пой бастаи маҳви назар шавам.
Бӯят кашам ба шавқ чу гулбарги навбаҳор,
Огаҳ зи қалби гарми ту то хубтар шавам.

Пас дар ҳавои лаззати ин ҳусни дилпазир
Бо ҷӯши ҳирсу бозии садранги иштиҳо
«Дам мекашам сафедии рӯи туро чу шир,
Ҳамчун ҳавои тоза фурӯ мебарам туро».

## АРМУҒОНИ ҚАЛАМ АЗ САЙРИ АҶАМ

### 1. ШАБИ ТЕҲРОН

Тамошо мекунам дидори шабро,
Шаби бо нури печон дар ғанабро.
Нигоҳам сайр дорад чор ҷониб,
Ҳаловат пеш  меорад асабро.

Чароғонаш сари шохи дарахтон
Чу себи пухта мебошад авезон.
Ба нури хеш бозӣ карда, ҳар дам
Биороянд гул: «Ин ҷой Теҳрон».

Садои тир боре пай набурдам,
Шаби дилгир боре пай набурдам.
Ҳамегӯянд аз тақдир ғамҳост,
Ғам аз тақдир боре пай набурдам.

Бад-ин минвол шаҳр осуда хоб аст,
Зи роҳатҳои олам комёб аст.
Ҳама рӯзаш бувад хуршедполо,
Ҳама шаб ғарқи нури моҳтоб аст.

Ба гӯш ояд фақат сози диловез,
Садои ҳур-ҳури боди гуломез.
Фиғону гиряи тифлони навзод,
Суруду нағмаи мурғони шабхез.

Дар ин ҷо ошёни ман  баланд аст,
Баландӣ аз барои ман писанд аст.
Маро з-оромии шабҳо нагиред,
Ки он бар ақли ман девони панд аст.

2. ТУЧОЛ

Роҳи мо гӯё ки чун ҷоду гузашт,
Аз миёни абри гирёнрӯ гузашт.
Бар фарози қулла раҳпаймо шудем,
Балки аз Албурз ҳам боло шудем,
Пеш дидем он чӣ, аз ҳар сӯ гузашт.

Рӯи Тучол аз ҳавас мондем по,
Тозарӯву тозаобеву ҳаво,
Барф ин ҷо ҳокимият мекунад,
Яхбуруташ кибру савлат мекунад,
Ғам надорад мо киему аз куҷо.

Аз фарозаш дурбин шуд чашми мо,
Сӯи ону сӯи ин шуд чашми мо.
Тоза Теҳрон аст сар то сар аён,
Гӯшае аз гӯшае маънобаён,
Маҳви ҳусни нозанин шуд чашми мо.

Зери ин Тучоли зебоманзара
Боғи хуррам бошаду кӯҳу дара,
Ҳар чӣ хоҳад кас, худ иншо мекунад,
Ҳастӣ аз ноҳаст пайдо мекунад,
Бефара ёбад зи эъҷозаш фара.

Ин фарозӣ дилрабо ҷо будааст,
Маънияш боми тамошо будааст.
Гӯиё як қуллаи Помир ӯст,
Дурмонда аз  хати тасвир ӯст,
Ташнае бар сӯҳбати мо будааст.

Рӯ ба рӯ мезад ба мо ҳар санг ҳарф,
Санг ҳам мезад хуш аз фарҳанг ҳарф,
Гап кушодем аз Ҳакими Тӯс мо,
Аз ҳаёти Рустаму Ковус мо,
Ҷилва мепардохт рангоранг ҳарф.

Шаҳд дар ин ҷом нӯшидем мо,
Шарбати илҳом нӯшидем мо.
Ёд Ҳофиз омаду Шероз ёд,
Аз Нишопур он яке то гап кушод,
Бодаи Хайём нӯшидем мо.

Бол мезад дар фазо мурғи сухан,
Кӯҳсорон дошт з-овоз анҷуман.
Гулчаман буд пеши рӯву хас набуд,
Майли аз ҷо хестан бар кас набуд,
Хушбаёнӣ гашт то ғулғулфикан.

Гар надорӣ меҳр, корат ботил аст,
Меҳрҷӯро дар ҳама ҷо манзил аст.
Дар баландӣ хоса дил ёбад мадор,
Лек медонам ба нози рӯзгор
Аз баландӣ пастоӣ мушкил аст.

3. ЗУЛБИЁ
Номи туро бишнидаам бисёр дар гуфторҳо,
Дар ханда мешуд ҳусни ту ҳамчун гул аз такрорҳо.
Аммо надидам ҳеҷ гаҳ дар асл ман дидори ту,
Мондам канору бехабар аз нақшу аз осори ту,
Гарчи хаёлан мешудӣ дар пеши рӯям борҳо.

Инак, чӣ хушбахтист мо бошем ҳар ду рӯ ба рӯ,
Ту бе забон, ман бе забон дорем ҳар ду гуфтугӯ.
Дидор дидан давлат  аст, ин панд гӯянд аз қадим,
Давлат ба ман бикшуд рӯ, чун хост раҳмони раҳим,
Аз кишвари дур омадам бар сарзамини орзу.

Печондаӣ ту хешро монанди зулфи маҳвашон,
Ҳар тори зулфат бингарам болои лаълӣ зарфишон.
Хоҳам кушоям банди ту бо панҷаи ларзони хеш,
Аз атри пинҳонат кунам  то маст як дам ҷони хеш,
Ҳар ҳалқаат пеш оварад бар панҷаҳоям каш-кашон.

Болои чашми равшанам бардорам ин ҷо нози ту,
Лабҳо ба ҳам часпон шаванд аз шираи лаббози ту.
Дар рӯзи ид афтодаӣ дар сӯҳбатам, шукри худо,
Дар ҳусну зебоӣ зи ту лӯълӯст кам, шукри худо,
Аҳсант бар дасте фитод аз меҳр дар пардози ту.

Дар тоби ту сарҷамъии зулфи парешон дидаам,
Гесӯи Эрондухтарон дар парда пинҳон дидаам.
Ширинии гуфторашон дар маззаат дарёфтам,
Болои қанди порсӣ ҷон дода, худ партофтам,
Нози баҳори гармро вақти зимистон дидаам.

4. БАЗМИ  ФУЗУЛӢ

Базмест, ки аз нашъаи он ваҳму фаросот
Тасбеҳи сари дасту забон аст ба ёрон.

Аз ҳарфи бузургона шуда носараҳо мот,
Дар хона ҳаво софу ба дар шар-шари борон.

Дар саҳнаи афкор ҳувайдост Фузулӣ,
Дасте зи тавозӯъ ба сари сина ниҳода.

Як қад зи қади мову ту болост Фузулӣ,
Аз тор забон бо ғазали ишқ кушода.

Якбора ҳама ҷониби ӯ дидаву гӯшанд,
Бо раҳхати ӯ олами одоб бароянд.
Алҳол ба пеши сухани пир хамӯшанд,
Бар хеш чу оянд, аз ӯ лаб бикушоянд.

Ёрони адабҷӯй зи ҳар кӯй, ки пайдост,
Ҳар як вараќе нақш ба гуфтор намуда.
К-ин шоири мо ҳасту шумо  ҳасту дигарҳост,
Оруст, ки бозор ба гулзор намуда.

Эй, он ки кунӣ пайравии меҳру садоқат,
Мекӯш, ки ёрони дигар ёри ту бошанд.
Шоир бишавӣ, бош чунин, то зи муҳаббат
Турку арабу форс…харидори ту бошанд.

5.ШАМЪ

Ба доктор Халиҷӣ

Шамъ аз пастӣ каме то дар баландӣ ҷо гирифт,
То забон боло намуду хубтар маъво гирифт.
Аз фурӯғаш равшанӣ толорро дар бар кашид,
Ҷой балки нури ӯ дар синаву дилҳо гирифт.

Дастаи қандилҳо шармин шуданд аз кори хеш,
Хирапартав он ҳама гаштанд дар толори хеш.

Меҳр ояд чун бадар дар осмон вақти саҳар,
Кавкабон пинҳон кунанд аз оҷизӣ анвори хеш.

Инчунин шамъе, ки дил равшан кунад, кам мешавад,
Кушкро бо ҳусни худ гулшан кунад, кам мешавад.
Ғуссаи парвонаро чун равғани худ сӯхта,
Аз фараҳ дар хеш зам равған кунад, кам мешавад.

Аз шуъояш, ки талошу ҷаҳд меборид боз,
Риштануре аз вафову аҳд меборид боз.
Бар адабхоҳон, ки ин маҷлис ба шавқ оростанд,
Байт меборид хубу шаҳд меборид боз.

Мешуд аз нураш шуури тира лабрези шарар,
Пеши дида рӯй во мекард дунёи дигар.
Шамъ бошад, ҳамчунин бошад, ки байни анҷуман
Нури ақлу фазлро пошад ба монанди гуҳар.

6. ОИНАИ РӮ
Ришҳо ҳар ҷой дидам чун атои кирдигор,
Ришҳои сап-сафеду ришҳои сип-сиёҳ,
Ман намедонам кадомаш дур андозад гуноҳ,
Аз кадоми он савоб ояд чу файзи навбаҳор,
Ё ҷавонӣ рафт мегӯянд ҳар ду чун гувоҳ.

Ришро бигзаштаҳо оинаи рӯ гуфтаанд,
Рӯйро дар риш мебинанд мардони адаб,
Нест ин шояд ба умри кӯтаҳу кам бесабаб,
Нуктае гуфтанд, бо уммеди некӯ гуфтаанд,
Некии ҳар фарди оламро худо дорад талаб.

Ҳасрато, аз ришҳои дидаам дар умр беш
Ғайри макру фитнабозӣ дар амал н-омад савоб.
Монд пеши ришдорон ҳоли ман зору хароб,
Чун намебинанд эшон хешро дар риши хеш,
Ришро карданд гӯӣ рӯи макри худ ниқоб.

Лек дар ин ҷой дидам ришро ранги дигар,
Риш худ оинаи ақлу фаросат будааст.
Риш будасту зи покияш баҳурмат будааст,
Нест онро ғайри покӣ мақсаду арзи дигар,
Дафтари дороии бошаъну шавкат будааст.

Дидаи ҳайрони худро дӯхтам бар риши ту,
Чун ба минбар омадӣ, додам ба алфози ту гӯш.
Ҷунбиши ҳар тори ришат бурд аз ман ақлу ҳуш,
Бар худаш толорро пайваст ин ташвиши ту,
Одами нав гашт оне, гӯш бинмудат хамӯш.

Бахт буд охир туро бишнидану бишнохтан,
Шираи ҳарфи хушат аз бар намудан шуд қасам.
Дар кафам аз сози гуфторат ба рақс омад қалам,
Тори дил оғоз кард оҳанги нав пардохтан,
То сари ҳар тори ришат байт бофам бераҳам.

Монд байтам як тараф, бар сар хаёлам шуд дигар,
Гуфтам ин ҷо дер монам ман ба серӣ пеши ту.
То бигӯям хеши ман ҳастиву ман ҳам хеши ту,
Ҳар кӣ бошӣ, гар саломат бозгардам аз сафар,
Баъд аз ин ман риш мемонам ба ёди риши ту!

## 7. ХОНАИ УМЕД

*Барои огои Алиасгари Шеърдӯст*

Тахту тоҷи шеъри моро хеш бо ҳам сохтаст,
Бадгумониҳои бемавридро кам сохтаст.
Зебу зиннатҳои нотасвири боғи зиндагӣ
Ҳамчунон Наврӯз пеши рӯ фароҳам сохтаст.

Шеър бошад, дил ба дил пайванд кардан зӯр нест,
Хонаи вайрони дил бе шеъри тар маъмур нест.
Торҳои меҳру шафқат дар рубоби дӯстӣ
Бе садои  дилрабои шеър ҳаргиз ҷӯр нест.

Шеърҷӯ аз шеър як дам худ намегирад канор,
Булбули дар чаҳ-чаҳа ояд ба сайри навбаҳор.
Сӯҳбати гарме, ки бар хотир гузорад нақшҳо,
Мешавад такрор, дилҳо гар намоянд ихтиёр.

Ихтиёри сӯҳбати ёрон кунад ин дил мудом,
Дил мунаввар мешавад аз сӯҳбати фозил мудом.
Ёрии ёрон ба ёрон роҳи нав во мекунад,
Боғи пайвандӣ шавад зебову пурҳосил мудом.

Халқ мегӯяд, ба ҳар ҷо дӯст ёбу ошно,
Ҳар куҷое по ниҳӣ, як дар шавад бар рӯй во.
Хонаи Саъдиву Фирдавсиву Ҳофиз доштам,
Дар диёре, ки маро кардаст дар оғӯш ҷо.

Беш бошад як адӯ бар оламу сад дӯст кам,
Устоди рӯзгорон донад ин дар ҳар қадам.
Бо муроде, ки шумори дӯстон афзун шавад,
Шеър дар лаб, мехр дар дил, чеҳрахандон омадам.

Шоирон бо шеъри дилчӯ аҳду паймон мекунанд,
Аҳди ноҷобастаро бо шеър вайрон мекунанд.
Метавонанд аз парешонӣ ҳама оранд ҷамъ,
Ҷамъро, хоҳанд агар, пошу парешон мекунанд.

Шеър фатво доду ман бар худ писар хондам туро,
Аз писарҳои азизу мӯътабар хондам туро.
Хонаи уммеди нав бар хеш бо ту ёфтам,
Дар диёри дур як ҷону ҷигар хондам туро.

Балки ин аз дӯстӣ ҳам фавқтар бошад ҳаме,
Лутфи он аз баҳри мо ширу шакар бошад ҳаме.
Шубҳа набвад, ки писар бар ёд меорад падар,
Лек дурии писар ранҷи падар бошад ҳаме.

Он ки дар дил ёфт маъво, дур гуфтанҳо хатост,
Дурри маънӣ аз вафодорӣ насуфтанҳо хатост.
Рафтуо бар кӯи ҳам ду  чашм равшан мекунад,
Бе хаёли лаззати дидор хуфтанҳо хатост.

Тахту тоҷи шеър моро хеш бо ҳам сохтаст,
Бадгумониҳои бемавридро кам сохтаст.
Зебу зиннатҳои нотасвири боғи зиндагӣ
Ҳамчунон Нарӯз пеши рӯ фароҳам сохтаст.

## 8. ХИРСИ ҒАРИБ

Дидам даме хирси ғариб,
Тарзе ба сӯям дӯхт чашм,
К-аз он нигаҳҳои аҷиб
Чун раъд меборид хашм.

Бо ашки резонаш ба рӯ,
Гӯӣ ки нафрат доштам.
Бо шап-шапи лабҳо-ш ӯ
Шояд ҳақорат доштам.

Ҳар қатра ашкаш дар назар
Чун сурби сӯзон мечакид.
Бо ҳавр нам аз хоки тар
Аз сӯхтанҳо мемакид.

Аз ғур-ғураш бо дарду сӯз
Бар гӯш меомад садо:
«Сад дод мегӯям ҳанӯз
Аз дасту аз ҷабри шумо.

Вақто ки хасми ҷисму ҷон
Тоҷик бар тоҷик шуд,
Бар дидаи мо, ваҳшиён,
Дунё ҳама торик шуд.

Кардед, ҳар чӣ хостед,
Бар ҷони ҳам ханҷар задед.
Дарёи хун оростед,
Рӯ сӯи хун минбар задед.

Ваҳшигариҳои шумо
Моро ба ҳайронӣ фиканд.
Саҳрову ҷангалзорҳо
Бар нори вайронӣ фиканд.

Бигрифта ҷони хештан,
Берун шудем аз зодгоҳ.
Рафтем аз хоки Ватан,
Ҷустем ҳар ҷо додхоҳ.

Ман омадам Мозандарон,
Дурии роҳамро напурс.
Гаҳ мурдаву гаҳ нимҷон,
Рӯзи сиёҳамро напурс.

Шукри худо, дар ин диёр
Эмин шудам аз хавфи марг.
Кас нест бар ман кордор,
Дилро навозад шоху барг.

Як зеҳн монӣ хубтар,
Бинӣ вуҳуши гунагун.
Лекин набинӣ шӯру шар,
Ҳаргиз набинӣ ҷангу хун.

Ҳар як ба кори хеш банд,
Бадхоҳи якдигар наянд.
Гарданд гоҳо чанд-чанд,
Гарчи зи як модар наянд.

Ин ҷо дами осударо
Дарёфтам бебозгашт.
Нав, дина бинмудам адо
Гуфтан ба ёрон саргузашт.

Аз саргузашти талхи ман
Шуд беша аз ғам ашкбор.
Ҳатто шунид инро чаман,
Бигрист бар ман зор-зор.

Дидан ҷаҳаннам беҳтар аст,
Аз он, ки бинам рӯи ту.
Зоти ту рӯидаст паст,
Нохуш ҳама аз хӯи ту.

Ҳарчанд гӯям, дил дигар
Холӣ нагардад аз алам.
Некӯст, лаб бандам агар
Аз гуфтани ҷабру ситам.

Ҳасрат, ки аз ёдам Ватан
Берун нагардад як нафас.
Ғамдор набвад ғайри ман,
Дардам надонад ҳеҷ кас.

Баски ту ҳамчун бӯи себ
Бӯи диёр овардаӣ,
Бар ҷони ларзони ғариб
Кам-кам қарор овардаӣ.

Ман даст гирам аз қасос,
Варна ба як чанголи зӯр
Мекардамат аз ҷон халос,
Мебурдамат бар қаъри гӯр!»

Гуфтам машав ту оташин,
Бар дил мадеҳ ҷо кинаро.
Дунё намемонад чунин,
Покиза дор оинаро.

Вақт аст ҳоло ҳам, биё
Бар зодгоҳат бозгард.
Бигзашт он рӯзи сиёҳ,
Озод бош аз доғу дард.

Аз нав чакид аз дидаҳош
Ашки фаровон бебаён.
Ҳаври даҳонаш хӯрд пош
Дар ҷангали Мозандарон.

Шап-шап бизад лабҳош боз,
Дар гап забон бинмуда ҷуфт.
Кардам нигаҳ дуру дароз,
Лекин надонистам чӣ гуфт.

Теҳрон-Душанбе-Кӯлоб, декабри 1995

ххх

Гули пажмурдаи Наврӯзам имсол,
Ҳама хандону ман дар сӯзам имсол.
Саҳар то шом фурсат мешуморам,
Зи шаб фурсатшумар то рӯзам имсол.

Зи чашмам қудрати наззора рафтаст,
Куҷо рафтаст он, якбора рафтаст.
Зи ман бечоратар имрӯз кас нест,
Тамоми чора аз бечора рафтаст.

Намедонад машомам накҳати гул,
Набошад хуш ба гӯш овози булбул.
Набошад ҷӯши дил бар шавқ дигар,
Надорад шавқ бар ҷӯше тамоюл.

Кӯлоб, беморхона, Наврӯзи 1996

БАРОИ МАҲТОБ

Пайваста мекунад дил такрор номи Маҳтоб,
Хоҳад шунид доим ҳарфу каломи Маҳтоб.

Ман дар итоати дил афтодаам чу ошиқ,
Бо амри дил биёям ҳар дам саломи Маҳтоб.

Дар роҳи бод бошам бо интизории беш,
То шояд он биёрад бар ман паёми Маҳтоб.

Айбам макун, ки номаш ҳар даҳза бар забон аст,
Ин аст пеша моро аз эҳтироми Маҳтоб.

Даст аз дуо нагирам аз баҳри шодии ӯ,
Бигзор шаҳд борад аз лутфу коми Маҳтоб.

Ман давлати ду олам бар худ намеписандам,
Бошам агар ба дунё як дам ғуломи Маҳтоб.

ххх

Ба хушрӯӣ ту яктоӣ,
Ту яктои ду дунёӣ.
Парӣ пеши ту бошад ҳеҷ,
Ту шамси нурполоӣ.
Шаби тор аз ту бигрезад,
Ба нурат оламороӣ.

Ту бо худ рӯз меорӣ,
Аз ин рӯ қадрболоӣ.
Надорад нуқс ҳусни ту,
Аҷаб, ки ҳуснафзоӣ.
Шавад гулзор пажмурда,
Ту доим лек зебоӣ.
Ҳама зеби ту дорад, ҷон,
Зибаски зеби фардоӣ.
Ба ҳар ҷое, ки мегардӣ,
Ба пеши дида пайдоӣ.
Ҳамеша шукр мегӯям,
Ки аз моиву аз моӣ.

октябри 1996

КАТИБАҲО

Уқобе будаму афтодам аз кӯҳ,
Ба тири ноҳақи сайёди номард.
Ғурури тезчангиям шуд андӯҳ,
Ки гӯрам низ нолон аст аз дард.

ххх

Эй он, ки сари гӯри ман оӣ,
Дастат ба дуо агар барорӣ,
Будам ту бидон, ки як фидоӣ,
Дар ҷабҳаи сахти ҳақгузорӣ.

ххх

Дар қулзуми шаб фитода берӯз шудем,
Бар дидаву нодида ғамомӯз шудем.
Чун кундаи бодоми тар андар оташ
Як ҷилва накардаву сияҳсӯз шудем.

ххх

Гули хушрангубӯи ношукуфта,
Ҳанӯз аз орзу ҳарфе нагуфта,

Ба қалби волидайнат доғ монда,
Ба ҳасрат гаштаӣ дар хок хуфта.

xxx

Ту хомӯшу ба ёдат мо ба гуфтор,
Ту бесӯзу дили мо дар дами нор.
Ту зери хоку мо болои хокем,
Ту хобу мо ба сад фарёд бедор.

xxx

Ту поке будию покиза мурдӣ,
Ба ҷуз покӣ дигар моле набурдӣ.

xxx

Сари гӯрам агар оед ин ҷо,
Дуое аз Шумо дорам таманно.

xxx

Хамӯшу хоб бошам дар таҳи хок,
Ба ҷуз хокам набошад ҷомаи пок.

xxx

Ба гӯр осуда мехобам ҳамон дам,
Ки фарзандони ман бошанд беғам.

## ШАКАРҚИССА

Барои Саидмӯъмин Раҳимов

Шаҳри Минс аз фараҳ гул-гул шукуфт,
Шодияш боло гирифту шаб нахуфт.
То саҳар як бор не, бисёрҳо
Пеши роҳи бод шаккарқисса гуфт:

«Паҳлавони навраси Рустамнажод
Доди зӯриву ҳунар имрӯз дод.
Чун ба майдон шуд, замин дар зери пош
Хӯрд хам гӯӣ ки аз бори зиёд.

Бо забардасти муғул шуд рӯ ба рӯ,
Бар ҳамон, ки буд соҳибобрӯ.
Дар миёни шерчангони дигар
Шӯҳрати зӯри ҷавонӣ дошт ӯ.

Ҳар ду як сахтии хоро доштанд,
Дасту чанголи тавоно доштанд.
Кӣ ба кӣ орад зафар дар ин набард,
Хубрӯён ҳам тамошо доштанд.

Ҷӯр шуд мусиқие беихтиёр,
Дошт он дар худ садои кӯҳсор.
Довар ин бишниду баргуфто: «Тамом,
Паҳлавони тоҷик ояд дар барор.

Кӯҳ акнун бас мададгораш шавад,
Рӯд чобукбозии кораш шавад.
Тоҷикистон пеши рӯ гирад қарор,
Даст бар пушташ зада, ёраш шавад».

Ҳукми довар рост омад бехато,
Паҳлавон дарёфт бар худ раҳнамо.
Дошт маҳкам аз гиребони ҳариф
Бо ҷасорат з-ибтидо то интиҳо.

Гӯиё андар хурӯҷи гирудор
Тоб медод ӯ дарахти решадор.
Тоб дода, тоб дода, оқибат
Кард онро решагардон з-иқтидор.

Шоху баргашро ба зери по гирифт,
Хешро аз кундааш боло гирифт.
Паҳлавони даҳр эълон гашт ӯ,
Шӯҳрате дарёфт, ки дунё гирифт.

Дид, номи кӯҳзодаш медиҳанд,
Хубрӯён хуб бодаш медиҳанд.
Бо навозишҳои гарму дилбарӣ
Аз муҳаббат ҳарф ёдаш медиҳанд.

Бод бурд ин қиссаро бар ҳар канор,
Ҳамчу бӯи гул ба айёми баҳор.
Ёд меорем онро ҳар гаҳе,
Сар ба гардун мекашем аз ифтихор.

21 декабри 1996

## БИСТУ СЕЮМИ ДЕКАБРИ СОЛИ ҲАЗОРУ НӮҲСАДУ НАВАДУ ШАШ

Тақдир дар ин рӯз дигар кард мароме,
Гардид дигар то алами фаҳму каломе.

Чун чоҳ, ки дар хеш кунад ҷойи гунаҳгор,
Шамшери ҷаҳолат ба ниҳон бурд наёме.

Асбоби тафоҳум шуда дар саҳнаи нанге,
Бинвохт ба як замзама аз сулҳ мақоме.

Аз лаълу зари оштӣ оро шуда ҳайкал,
Олам ҳама хушбахт аз ин некпаёме.

Чандест, ки аз шаҳди сухан баҳра набурдем,
Бебаҳра аз ин шаҳд дигар нестӣ коме.

Ҳар рӯз ба умри гузарон ҷони азиз аст,
Рӯзе чу ҳамин рӯз ба мо нест кироме.

Озод шуда аз ғами пурсӯз ғарибон,
Маъвои худ оянд ба як завқи тамоме.

Оғӯш кушоему бигирем дар оғӯш
Ёрони ҷудогаштаи худро ба низоме.

Боғи ҳавасу орзу андар самар омад,
Дар шохае акнун набувад меваи хоме.

Хуршеди саодат зи паси абри ғаму дард
Берун шуда якбораву омад ба қиёме.

Онон, ки ба ин уқда бидоданд кушоиш,
Аз мо бипазиранд саломеву саломе.

23 декабри 1996

## БАРОИ ТУ

Замин аз мақдамат сармаст,
Сабо побастаи гесӯ.
Сари боло намояд паст
Бувад нозе, ки дар абрӯ.

Қадат як химчаи ларзон,
Ду чашмат кафшаки замбӯр.
Асал андар лабат арзон,
Рухат гулхирмани пурнур.

Нигоҳат рози сеҳрангез,
Кунад дилро ба худ чокар.
Ду зулфат шоми мушкомез,
Ба субҳи рӯ кашад чодар.

Дар ин дунёи пурармон
Таманнои ту моро бас,
Ҷамолатро шавам қурбон,
Тамошои ту моро бас!

## ФАРДҲО

xxx

Набошад мисли сарвам авҷи сар боло кашиданҳо,
Бигардад хушк боғ аз зарби шӯробе чашиданҳо.

xxx

Насим аз доғи мо аз шавқи гулҳоро шамидан монд,
Ба одам то зи одам ҷои лутф ин ҷо рамидан монд.

xxx

Сурудан созҳои дӯстӣ аз сабки мо рафтаст,
Шиносоӣ ба кабке бо наво аз кабки мо рафаст.

xxx

Касе иғвои мансабхоббинонро шунид, омад,
Ҷавониро ба дасти хештан кардан шаҳид омад.

xxx

Савобе дар ҷаҳон ҳамчун савоби сартарошӣ нест,
Валекин пастие аз пешаи мансабталошӣ нест.

xxx

Худо ақл офариду ақлдоронро ҳунар додаст,
Тааҷҷуб, ки ба беақлони дун ширу шакар додаст.

xxx

Тавоноӣ зи хории хирад ноҷӯру ҳайрон аст,

Таносой ба дасти зишткору теғдастон аст.

xxx

Муроди одамӣ то он даме бар каф намеояд,
Даруни сина дил чун мурғи парканда наосояд.

xxx

Зи тарси хеш ғоратпешаҳоро мо бале гуфтем,
Сано бар фаҳму бар доноии кӯру кале гуфтем.

xxx

Ҳавас ҳам мешавад, ки пеш аз одам равад бар хок,
Дами қайчӣ бигирад навдаҳои сарбаланди ток.

xxx

Аёдат пешат оям гуфтаму бинам, ки кафшам нест,
Ба косиб арз кардам, оҳ, гуфто, ки дарафшам нест.

xxx

Сари сарчашма рафтан ормоне аз ҷавонӣ буд,
Зи обаш нӯш кардан ҷуръае аз зиндагонӣ буд.

xxx

Ба мисли умри одам тезгоме боди сар-сар нест,
Саманди белаҷоми мо давон асту муқаррар нест.

xxx

Барои орд кардан гандуми волӣ даводав шуд,
Чу омад навбати мо, осиёи нав гулӯрав шуд.

xxx

Намедонам чӣ уммеду маром аз гардиши чарх аст,
Ки бинӣ дафтари холӣ зи як девон гароннарх аст.

xxx

Шунидан ҳеҷ гаҳ, гӯянд, бар монанди дидан нест,
Ба ин гоме, ки мо дорем, бар дидан расидан нест.

xxx

Замин аз мо шикоят мекунад бо нолаву фарёд:
«Куҷо кардед Ширину чиҳо кардед бо Фарҳод?»

xxx

Дил озурдан бувад осон, ба даст оварданаш мушкил,
Гузар аз кори осону машав аз мушкилаш ғофил.

xxx

Камон бигрифт бар дасту ҳама аз ёду хотир бурд,
Ба худ то боз омад, дид як дунё бародар мурд.

xxx

Ба мақсад мерасад оне, ки аз покӣ сипар дорад,
Ба монанди хаёл азбаски покӣ болу пар дорад.

xxx

Фалакҳо мебарад моро хаёлаш дам ба дам аз ҷо,
Намедонанд асрори дили моро дар ин дунё.

xxx

Бо чӣ ранг ояд аз ин кирдорҳо анҷоми ту,
Чун ба хун олуда бошад дар забонҳо номи ту.

xxx

Ҳар чӣ ояд бар сарат, аз дафтари тақдир нест,
Ғайри марг охир дигар рӯдод бетабир нест.

xxx

Илтиҷо, эй хубрӯ, пешат кунад дил беҳисоб,
Гардани вартоҷ бошад каҷ ба сӯи офтоб.

xxx

Ба маҷлис омаданҳои туро дил дӯст медорад,
Ҷамолат дар замини тори дил бас нур мекорад.

xxx

Камонабрӯй, дар банди камонат дил асир афтод,
Асире, ки намехоҳад варо дигар кунанд озод.

xxx

Аблаҳӣ аз ин дигар асло набошад дар ҷаҳон,
Ҳар гаҳе гӯӣ бародаркуштаҳоро қаҳрамон.

xxx

Чун муаззин дод азон, бовар макун аз субҳи нав,
Субҳ нав ояд ҳамон вақте ки доғ аз мо равад.

xxx

Побараҳна рафтани тифлон ба мактаб шуд зиёд,
Ёрии ёрони моро то раҳораҳ бурд бод.

xxx

Муддате бошад, ки нам дорад ду чашми чори мо,
Дар фироқи ёр дар ҷӯш  аст ғамбозори мо.

xxx

Ром карданҳо туро чун дер шуд, душвор гашт,
Кабки сурак мегурезад аз бағал бар сӯи дашт.

xxx

Мешавӣ пайдо ба вақти хӯрдан, эй бенангу ор,
Шӯрак аз рӯзии пахта қад кашад дар пахтазор.

xxx

Ман бошаму шабҳои дайу хонаи ман,
То рӯи варақ биёяд афсонаи ман.

xxx

Набошад модарам дигар бари ман,
Дигар бе дасти шафқат шуд сари ман.

xxx

Бародар доштан хуб аст, аммо
Набошад меҳр агар, мемонӣ танҳо.

xxx

Даме пурдард гардад пайкари ту,
Фақат модар бимонад дар бари ту.

ҚАРМИС ДӮСАНОВ

# «ХАНДАИ ОФТОБ»

Душанбе,
«Ирфон»
1985

# НИДОИ АРАЛ

*(Репортаж аз ГЭС-и Норак)*

Ба дӯстам Раҳмон Набиев

## БА ҶОИ АВВАЛСУХАН

Мӯсафед ояд савор аз тори кӯҳ,
Бо раҳи борику каҷмокаҷ нишеб.
Бошад ӯ дар деҳа соҳибобрӯ,
Деҳа бо вай, ӯст бо деҳаш базеб.

Деҳа болояст, боло аз саҳоб,
Гӯӣ чашмони ваянд исторaҳо.
Метавон исторaҳо бо даст дошт,
Абрҳо бошанд он ҷо зери по.

Қуллаҳои тез ҳамчун найзаро
Пушти сар карда фарояд ӯ зи кӯҳ.
Ояд он ҷо, ки ба ҷӯши мавҷҳо
Бар ду соҳил Вахш дорад ҳоюҳу.

Андаке он сӯйтар тобад базӯр,
Қабри танҳое миёни сангзор,
Ки ба рӯяш кавкаби сурху банур
Хотиротест аз гузашти рӯзгор.

Пир Боборо шиносад хосу ом,
Шонаҳо чун тахти деворанд бас.
Кӯҳсор ӯро намояд эҳтиром,
Муштҳо чун гурзи тайёранд бас.

Ӯ ба мисли кӯҳҳо дорад тавон,
Ҳар куҷо бошанд ӯро интизор.
Ҳурматаш орад ба ҷо хурду калон,
Нест ӯ зинҳор дар як ҷо қарор.

Кӯдаконаш балки пазмони ваянд,
Шаҳру деҳаш низ бошад роҳпӯй.
Чор сӯ маҳбуб ёрони ваянд,
Ҳаст дарёву суруд ин ҷо аз ӯй.

Мунтазир ӯрост деҳқони матин,
Тарбузи овозадораш пешкаш.
Боғбон дар лаълиҳои зарҳалин
Мекунад боғи анораш пешкаш.

Ӯст бар роҳаш равон ҳоло савор,
То ба ҷое, ки чу заргӯшак зи ҷош
Мепарад амвоҷи Вахши беқарор,
Шуста-шуста соҳилаш бо шалқаҳош.

Бозмедорад нафас аз эҳтиром
Дар раҳи ӯ Вахши пурҷӯшу хурӯш.
То диҳад худро нишон бо ин мақом
Ҳамчу як дарёи орому хамӯш.

## ДАР ЧОРРАҲА

Гирд гарданд абрҳо болои кӯҳ,
Марз бошад махмалинпӯшу ҷавон.
Мошин аз пушти машин аз чор сӯ
Дар давутозанд сӯи сохтмон.

Мераванд автокранҳо ҳам ба шаст,
Тундарест аз ғурриши садҳо матор.
Байни онҳо як «Жигули» низ ҳаст,
К-аз бари вай роҳ пӯяд як савор.

–Ассалом, эй ота, мо Норак равем,
Худ дуруст аст ин раҳи мо ё ғалат?
Аз Арал мо омадем, ин ҷо навем,
ГЭС-ро, гуфтанд, созад мамлакат.

–Раҳ, йигитҳо, худ ҳамин, роҳи сафед!
Эҳ, шумо дилхоҳ меҳмонони мо.
Ман ҳам он ҷо меравам, ҳамраҳ шавед,
К-андар он ҷо ҷӯш дорад корҳо.

–Раҳмат, ота, хуш бувад, гар одамон
Дар сафар якҷову бо як мақсаданд.
Се каси мо ошиқони сохтмон,
Се каси мо дар ҳунар ҳастем банд!

Аз бетон сарбанд месозад Ӯзоқ,
Лозим ояд, ҳам қаиқ созад аз он.
Ман Ҷиён-донои ноқилҳои ток,[21]
Ҳаст Аҳмад оқили кори калон,

Яъне бар вай сангҳо бидҳанд гӯш,
Гарм мешуд қалби пир аз ин сафар,
Гашт гуфтори ҷавонмарди Арал
Дар хаёлаш гоҳ нуқра, гоҳ зар.

[21] Ток–қувваи барқ

## БАЛЛАДАИ ЯКУМ

Пош хӯрда сангҳо сӯи само,
Кӯҳҳо бар рег мегаштӣ бадал.
Кор мечӯшад ба ҳар ҷо, гӯиё,
Шӯрад осиёб сементу шағал.

Ғурриши экскователор дар фазост,
Рахна созад кӯҳро чанголи ӯ.
Рӯҳбаландӣ боз айни муддаост,
Дастҳо дар баҳс бо коранд, гӯ.

Комитети коргарҳоро нигар,
Ҳонае дорад, ки он аз рафтуо
Ҳаст чун замбӯрхона дар назар,
Гап равад он ҷо мудом аз корҳо.

Тахтаи фахрист дар ин ҷо дигар,
Портрети пешсафҳост андар он.
Тахтаи дигар бувад он сӯйтар,
Кори ҳар як рӯз бидҳад он нишон.

Инженердухтар равад дигар тараф,
Дида-дида симҳои қадди чоҳ.
Мӯйлабдоре прораб рӯи каф
Нарядаш имзо кунад мобайни роҳ.

Фикру зикри ину ону инженер,
Ҷунбиши дастони ҳар як коргар,
Мешавад як ҷо чу маҷрои кабир,
Сохтмон з-он қад кашад болойтар.

Кору бор ин ҷой дур аз нақша нест,
Ҳар хату ҳар хатча бошад дар ҳисоб.
Ҷӯши ғайратро набошад ҳеҷ ист,
Субҳи Норак медамад оличаноб

То ба марказ меравад аз ин хабар,
Мухбири ТоҷикТА ҳам дорад шитоб.
ТАСС ҳамехоҳад нависад тезтар,
Почтаро бо «тезтар» дорад хитоб.

Вахш бар ҳар ҳол сар н-орад фуруд,
Тела дода сангу бетон ҳар канор.
Лек дасти мардуми бо ҳам вадуд
Ҳаст зӯр аз Вахши гарданнофарор.

Авҷ мегирад зи нав амвоҷ боз,
Кафки он дар кӯҳ часпад чун ширеш.
Вахш афтодаст дар сӯзу гудоз,
Ёрӣ аз кӯҳ он намебинад ба хеш.

Аз самосвалҳо шағал резад башаст,
Корҳо гарчанд мегарданд нек.
Пеши зӯру ваҳшигии рӯди маст
Ғайрати мардум каме ларзад валек.

Сангҳо монанди тӯби футбол
Рӯй-рӯи мавҷ бозӣ доштанд.
Чанг зад бо қаҳр Вахшу бемалол
Як самосвалро  ба чангаш кард банд.

Гашт боло з-ин хатар бонги хатар,
Ҳоюҳу даҳчанд меафзуд боз.
Вахш аммо мешудӣ пуршӯртар
Мисли вулқони ғазаболуд боз.

Мошини дар ҷанги дарё бандро
Хост ҳар чи зудтар созад халос,
Дод байни ҷӯши дарё худ ҳаво
Ҳамдиёри мо Узоқи оббоз.

Охир андар баҳри пурҷӯши Арал,
Низ дар дарёи ваҳшии Аму
Кардааст аз хурдиаш бо сад ҷадал
Мисли моҳӣ оббозӣ беш ӯ.

Разми ӯ шуд разми ҷанголи гулӯ,
Вахш ҳамчун буққаи ваҳшии зӯр,
Ё ба мисли уштури девонахӯ
Ҳар чиро аз роҳ мепартофт дур.

Мехурӯшиду ғазаб мекард беш,
Мавҷҳо то қуллаҳо мехестанд.
Лек бо ин шасти беамсоли хеш
Бар ҷавон ҳаргиз намеандохт банд.

Бо дами пурдаҳшати дарёи Вахш,
Бар ҷавон разму набард осон набуд.
Қаҳри сарду қудрати маҷрои Вахш
Азми вай ҳар лаҳза мушкил менамуд.

Сангҳо пои варо мекӯфтанд
Ҳар нафас аз тезии мачрои Вахш.
Гоҳ мекард аз гулӯяш Вахш банд,
Гоҳ мешуд ғолиб аз болои Вахш.

Мошини пурбору вазнин ноаён
Боз мелағжид поёнтар ба об.
Сангҳои зери ҳар як чархи он
Паст рафта пеш меовард азоб.

Он  ҷавон бо ҳар ду китфаш дам ба дам
Мошини вазнин нигаҳ медоштӣ.
Дар арақ тар буд байни об ҳам,
Лек борашро намебигзоштӣ.

Зер мекардаш чу харсангон шағал,
Мавҷҳо афгандanӣ ӯро зи по.
Лаҳзае бар ком бо шӯру мағал
Бурдаш охир Вахши бе рӯву риё.

Нест ӯ, ҳоло наметобад дигар,
Чакраҳои хун битобад рӯи об.
Кас намедонад чӣ рӯ дод ин сафар
Бар ҷавони дар ҳунар оличаноб.

Коргарҳо зуд дар соҳил шуданд,
Ҷомаҳои рӯ зи тан партофтанд.
То бигиранд он ҷавонро бегазанд,
Бо нигаҳ аз мавҷҳояш кофтанд.

Лек ҷое ҳам набуд аз вай нишон,
Сайр хун мекард рӯи мавҷҳо.
Ҳалқаю чилбуркашӣ шуд бо фиғон,
Нестӣ аммо Узоқи ҷонфидо.

Нарм меғӯтид бар дарё машин,
Чархҳои пеш ҳам мешуд паноҳ.
Шуд яке пайдо ҷавонмарди матин
Рӯи дарё, мошин андар китфҳо.

Мисли вай ҳар сохтмончӣ босубот
Ҷӯшад андар оташи саъйи фузун.
Дод ӯ аз марг мошинро наҷот,
Шонаҳо пурхун, миён ҳам пур зи хун.

Ӯ намонд ин , ки расонад бар субут
Кори худ ин Вахши ваҳшӣ соате.
Эй ҷавонӣ, дасти азми беҳудуд,
Дар ту бошад олам-олам қудрате.

### БАЛЛАДАИ ДУЮМ

Бар бинокорон ба вақти гарми рӯз
Эҳ чӣ сон чойи кабуд ояд зарур.
Байни маҷнунбедҳои дилфурӯз
Чойхона менамояд пур зи нур.

Ҷои салқину ҳаловатбахш ҷост,
Одамон бар чойнушӣ мераванд.
Рӯи кат бологузар бобои мост,
Чойу ҷо бар ӯ ҳамебошад писанд.

Ғун шаванд ин ҷо ҷавонон баъди чой,
Мекунанд аз пир як хел илтимос.
Нақл бинмояд, ки дар нақл аст бой,
Бо гузашта то шаванд онҳо шинос.

Пирамарди некдил бе унҷу ноз
Рӯи кат бар нақли худ сар мекунад.
Нақл бинмояд аҷаб фаҳмову соз,
Ки касе бишнид, бовар мекунад:

–Пеш ҳам тобеъ намудан одамон
Мисли мо мехостанд ин шӯх-рӯд.
Техника аммо набудӣ он замон,
Инженер ҳам ёфтан осон набуд.

Бачча будам, баччаи бисёр шӯх,
Нӯҳсола мешудам он солҳо.
Будам андар кору дар гуфтор шӯх,
Лек ақлам буд гӯё ки расо.

Буд пеши хонаҳои мо аён
Роҳ бар сӯи Душанбеву Ҳисор.
Кӯҳ каҷ медидамон бегонасон.
Бод чиррак мекашид амсоли мор.

Корвон меомад аз дуру қариб–-
Аз диёри Ҳинду Афғон бештар.
Бор аз чиниву шоҳии аҷиб,
Аз паси ҳам буд з-ин раҳ дар гузар.

Корвон мерафт беғам ҳар канор, х
Паҳн мегардид фарёди ҷарас.
Кӯҳ аммо чун танӯри пур зи нор,
Бо ғазабҳо мекашид аз дил нафас.

Ту намон дар роҳ дар ин кӯҳсор,
К-офтобат мекунад нони танӯр.
Ҷо намеёбӣ, ки худ гирӣ канор,
Санг оташ гашта аз ту ҳаст зӯр.

Дасту рӯ сӯзад чуноне гӯӣ ту
Сӯзанасту мехалад нешаш ба пӯст.
Бар гурез орад мусофир зуд рӯ,
Боди сӯзон лек дар таъқиби ӯст.

Ними раҳ буданд одамҳо ба хоб,
Охирин уммеди худро бохта.
Кӯҳҳоро такя карданд интихоб,
Гирди худро як назар андохта.

Даст афшонда  чу як рамзи видоъ
Мезаданд аз по мусофирҳо ба роҳ.
Нафрати бисёр хонда ағбаро,
Дӯзахаш гуфтанд охир ҳар куҷо.

Буд Норак худ ҷаҳаннам дар ҳисоб,
Ки таноби умр он ҷо мегусаст.
Рӯи мурда нимҷоне буд хоб,
Нолае бар нола мешуд пойбаст. хх

Мешуниданд одамон Норак даме,
Мефитодӣ ларзаҳо бар ҷонашон.
Бор мешуд бар дили ҳар кас ғаме,
Мешикастӣ косаи имконашон.

Хонда лаънатҳо ба дӯзахофарин,
Даст боло карда мегуфтанд ин:
«Эй худо, ҷонам амонат сохтӣ,
Дӯзахат кам буд,
ки Норак сохтӣ?»

Корвоне аз қафои корвон
Рӯи дӯконе намедид аз қазо.
Мурда мерафтанд дар раҳ одамон,
Дар бари моли ҳама қиматбаҳо.

Чӣ қадар ин ҷо шутур аз по фитод,
Чӣ қадар ин ҷой хоб аст устухон.
Чӣ қадар армони одам шуд ба бод,
Чӣ қадар ин ҷо суруди талхи ҷон

Носурда то ба охир мондааст,
Чӣ қадар ин ҷо замонҳо нақши хеш
Додаанд аз касрату наҳсе зи даст,
Ашк рехт ин ҷо чӣ қадр аз қалби реш?

Буд одам бо ҷаҳаннам дар ғазо,
Дошт ғул-ғул дар ғами вай осмон.
Мегиристӣ дидаи обу ҳаво,
Буд ғам то бар лаҷоми уштурон.

Гашт табдил ин ҳама бар як садо,
Гашт ҳамчун чашмбандӣ дар назар.
Чӣ қадар андар гузашта рӯзҳо
Дидаам ман корвоне дар сафар.

Дидаам гаҳ дуру гаҳ наздик ман,
Ки ба роҳаш буд роҳӣ корвон.
Дидамаш чун соя гаҳ торик ман,
Гоҳ равшан, зангҳояш дар фиғон.

Нек бинмоям назар, гардад пареш
Он ба мисли чашмбандиву ғубор.
Чун муаммо лек мондастам ба пеш
Сити зангаш дар саволи рӯзгор.

Дар гумонам корвон мисли замон
Сӯи худ хонад, диҳад фанде маро.
Аз пасаш дар кӯдакӣ мехондам он,
Гашта бошам пир ҳам, гӯяд биё.

Гӯй бар ман кистӣ, эй корвон?
Гӯй бар ман чистӣ, баргӯ ҷавоб.
Аз чӣ монад вақт аз ту бегумон
Ин қадар дур, арчи бинмояд шитоб?

Монда  мегарданд уқобон дар фазо,
Ту валекин меравию меравӣ.
Пир мегарданд ин ҷо кӯҳҳо,
Ту валекин меравию меравӣ,
Бар куҷо дорӣ сафар? Ку истгоҳ?

Боз мегӯянд, худ ин корвон
Дошт вақте рафтуо аз ин диёр,
Буд бобои калонам дар миён
Кӯдаки хурдею шӯху беқарор.

Лек доданд андаке пешам хабар,
Баччаҳои баччаҳоям шодмон.
К-аз қарибии хонаи мо ин саҳар
Рафт бар роҳи худаш як корвон.

Хешро пурсам: магар ин корвон
Вақт бошад, ки равад аз асп тез?
Ё уқобе бошад андар осмон,
Ки шавад аз чашм дур он тез низ?

Гирад охир як замон дар раҳ қарор
Ҳам савора, ҳам уқоби тезбол.
Корвон, ки ҳаст соҳибихтиёр,
Дам нагирад ҳеҷ гаҳ дар ҳеҷ ҳол.

Пири доно дод анҷом ин сафар
Нақли дилхоҳаш ҳамин сон бо ҳавас.
Аз қафои корвон мешуд дигар
Кору рафтори замон дар ҳар нафас.

Рӯзҳо торафт зебо мешуданд,
Дӯзах аз Норак ба ҷое шуд ниҳон.
Шаҳрҳо нобуду пайдо мешуданд,–
Гашт Норак як биҳишти ҷовидон.

## ВОХӮРИИ НАВ БО КОРВОН

Шуд даме дар хонааш пири накӯ,
Кард пеши хеш дастархон тунук.
Ҳазлу бозие ба тифлон дошт ӯ,
Ҳаври чояш буд хушбӯю сабук.

Ӯст ошиқ бар замини тоҷикон,
Ишқ дорад аз ҳама умри дароз.
Бар замин аст эҳтиромаш бекарон,
Мекунад ӯро замин з-ин сарфароз.

Дӯст дорад зодаи фарзандҳо,
Охир онҳо дастёраш мешаванд.
Дил ҷавон як лаҳза мегардад варо,
Чун шавад дар олами тифлона банд.

Аз сари субҳи сафо рӯзи дигар
Гашт ӯ бар сӯи Вахшаш раҳсипор.
Буд дар арзи саломаш кӯҳу ҷар
Чун шиносони куҳансоли диёр.

Хоб дар водист ҳар шохи чинор,
Рӯдҳо доранд рӯзу шаб наво.
Мехӯранд алвонҷ хору хас қатор,
Булбулон хонанд бо ҳам ҳар куҷо.

Абрҳо буданд рӯи қуллаҳо
Чатросо ҷониби машриқ равон.
Медиҳад бар вай салом аз пушти роҳ,
Ҳар гули кӯҳӣ ба ҳусни арғувон.

Байни кӯрак[22] роҳпаймо гашт ӯ,
Роҳ мепаймуд дар харсангҳо.
Равшанӣ чун пеши раҳ бикшод рӯ,
Корвоне дид бар худ ошно.

З-ихтиёраш шуд нигаҳ кардан бадар,
Дидааш бар корвон шуд кордор.
Ғул-ғули зангӯла дар кӯҳу камар
Паҳн мегардид мисли мусиқор.

Тофт андар чашмаш ин, ки корвон
Ин сафар бори дигар дорад, дигар.
Сӯи Норак роҳ мепаймояд он,
Аз раҳи дуре сафар дорад, сафар.

Монтёрҳои ҳунарвар оварад,
Инженерҳо бо ҳама асбоби кор.
То расад аз он ҳунармандон мадад
Бар бинокорони ГЭС-и номдор.

Корвон торафт метофт ошно,
Мӯсафед афтод дар ҳайрат аз ин,
Бисту чор уштур.
Шумурдаш бехато,
Пештар ҳам буд миқдораш чунин.

Корвонро ногаҳон андар бағал
Кард пинҳон кӯрак аз пеши назар.
Ғул-ғули зангӯла мемонд ин маҳал
Дур, хеле дур дар кӯҳу камар.

[22] Кӯрак–туман

Дод роҳаш Деҳқон Бобо давом,
Соате нагзашта дид ӯ корвон.
Корвон бигзашта аз дарё тамом,
Мебаромад кӯҳ, зангаш дар фиғон.

То расад бар корвон, шуд тезпо
Кафк карда медавид аспи сара,
Медавид он мисли боди теғаҳо,
Балки чун маҷрои тези шаршара.

Корвон алҳол дар як самт буд,
Не даме з-он дур мешуд, не қариб.
Нопадид аз ағба гашта, боз зуд
Мешудӣ дар қуллае пайдо, аҷиб!

Нарм мерафту намекард он шитоб,
Ҳар қадам сулҳу салоҳовард буд.
Хост ин пири пайи кори савоб
Корвон дарёб созад ҳар чӣ зуд.

Тез метозонд аспаш, тезтар,
Корвон аз чашм аммо шуд ниҳон.
Чашмбандӣ буд оё, ки дигар
Не аз он пай монду не ному нишон.

Боз омад корвон аз тори кӯҳ,
Боз шуд мобайни кӯрак нопадид.
Бо садои зангу бо нав-нав шукӯҳ
Боз пайдо гашт пеши мӯсафед.

Деҳқон Бобо кунун фаҳмида монд,
К-аз пайи он асптозӣ нест кор.
Гар ба як раҳ меравӣ бо корвон,
Нест мумкин пеш рафтан аз қатор.

Корвони дар сафар вақт аст, вақт:
Вақти пурмӯъҷизаву пуршаъну шон.
Он, ки дар ҳар муғчаи шохи дарахт,
Дар ҳама пардози мурғони чаман
Дар хати маҷрои тези шаршара,
Дар равишу чик-чики соат дигар
Роҳ паймояд, раҳи худро сара,
Нест мислаш ҳеҷ бетоқат дигар.

НАЗДИ ШАРШАРА

Мӯсафед ин дафъа ҳам чун пештар,
Дод назди шаршара аспаш қарор.
Об хӯрд аспаш, худаш бори дигар
Рафт сӯи марқади историадор.

Қабри танҳо бо сияҳ сангони худ
Аз барои вай азиз аст он қадар,
Ки кунад онро зиёрат зуд-зуд,
Хоб ин ҷо бас бувад ӯро падар.

Ёд кард ӯ хомушона назди гӯр
Соли ташкилёбии колхозҳо.
Соли сиюм, ки падар бо саъйи зӯр
Кард барпо аввалин колхозро.

Буд дар колхози худ ӯ пешво,

Гӯш мекарданд бар ҳарфаш мудом.
Чун коммунист аз сари сидқу вафо
Корро медод бо нусрат давом.

Деҳқонон бо арақҳои ҷабин,
Бо азобу ҳарбу зарби бешумор
Нав ба нав ҳар як ваҷаб ҷои замин
Мегирифтанд аз ҳисоби кӯҳсор.

Хоҷагӣ бигрифт торафт иқтидор,
Лек майдони зироат буд кам.
Будаш аз деҳ дуртар дар ихтиёр
Як замини бегиёҳ беоб ҳам.

Чун раис аз рӯи виҷдонаш падар
Маслиҳат орост бо пиру ҷавон:
–Бояд обӣ кард чӯли бесамар,
Вахшро бинмуда сӯи худ равон.

Деҳқонон ҷумла як карданд гап,
То ба Вахш оранд чун як тан ҳуҷум.
Сохта бар об лангар рӯзу шаб
Роҳи аввал то намояд Вахш гум.

Бо каланду зоғнӯлу бел ҳам
Баҳс мекарданд мускулҳои зӯр.
Рӯ ба боло гарчи мекард об дур,
Дур буд аммо зи саҳро, буд дур.

Вахш аз таслим гаштан ор дошт,

Садди роҳи хешро ногаҳ шикаст.
Ташнагии марзро дар ҷо гузошт,
Рафт бар маҷрои дилхоҳаш башаст.

Ғарқ шуд дар фикр ҳар як марди кор,
Ки чӣ бояд кард созад Вахш гӯш.
Коммунист андеша кард аз гирудор,
Аз раҳу рафтори дарёи баҷӯш.

Бо худаш бигрифт пас як дарза банд,
Тез боло шуд ба кӯҳ аз ору нанг.
Нӯги арғамчин бари кӯҳи баланд
Хуб маҳкам баст бар як кӯҳсанг.

То ки гардонанд пас ҷарёни об,
Бандро маҳкам нигаҳ медоштанд.
Бо ҳамин банду ба сад зӯру азоб
Аз нав он монеаро бигзоштанд.

Корашон мегашт беҳтар дар назар,
Буд гӯё нақшаи онҳо чунин.
Кӯшиши охир, ду-се зӯри дигар
Кард роҳӣ обро сӯи замин.

Вахши саркаш бо ғазаб шуд дар фиғон,
Рахна кардан хост садди хешро.
Банд ногаҳ канда гардид аз миён,
Зад раис дар қаъри он кӯҳ аз қазо.

Деҳқонҳо гашта дар ғам мубтало,
Кори худро як тараф партофтанд.

Ёрмандӣ то диҳанд он дам варо,
Ҷонибаш як-як ҳама биштофтанд.

Чашмҳош оҳиста мепӯшид ӯ,
Нолиши охир ҳамеомад ба гӯш.
Пирамард овард аз нав пеши рӯ
Дар сари қабри падар инро хамӯш.

Пас бигуфт оҳиста: эй рӯҳи кабир,
Мо шуда як биргад аз як хонадон.
Ман бинокорам,
наберам инженер,
Омадем ин ҷой бо азми калон,
Кори ту бидҳем то ин ки давом,
Вахшро бар хеш гардонем ром.

## ДАР ТУННЕЛ

Санг рӯи санг мехобад, нигар,
Васл гашта як қабат бо сад қабат.
Кас натонад ҳал кунад осон дигар
Абҷади сангин, ки бошад беадад.

Мӯсафед ангушт чун ҷое занад,
Санг он ҷо меравад сӯи қафо.
Бар ҳадафҳо тири мақсад то занад,
Маслиҳат даркор бошад доимо.

Рафт сӯи тахтаҳо пири ҳунар,
Лесае бар даст, мақсад ошкор.
Лозим ояд сохтмонро бештар
Чӯби дида кори марди пухтакор.

Кор дар туннел ҷӯшад беҳисоб,
Бо шарар оташ занад нешаш ба санг.
Кӯҳ ларзад, ҳар сӯрох аст ин–азоб,
Санг бар санге намояд ҷой танг.

Майда мегарданд сангон пушти ҳам,
Кӯҳро ин ҳол бинмояд санаф[23].
Ҳар сӯ оташ мепарад дар ҳар қадам,
Болғаҳо, ки мезананд аз ду тараф.

Бар  туннел омад чу духтар-инженер,
Ҷои сим ӯ гуфту баргардид нарм.
–Оҳ,–гуфт Аҳмад сараш ҷунбонда дер,
Дида вайро дар назар исторагарм.—

Гар ҳамегуфтанд манро, к-ин туннел
То Арал бар, мисли дарёи Аму,
Мешудам бар ин ризо аз ҷону дил
Бо ҳамон шарте, ки мегуфтанд ту
Аз миёни духтарони хушлиқо
Гир дилхоҳи худатро, бин мурод.
Ман фақат яктош мекардам ҷудо,
То арӯси худ намоям умрбод.

Дӯстон дар ханда монданду Ҷиён
Пок кард аз рӯ араққои қатор.
Гуфт: эй Аҳмад, ба хотир гиру дон
Пур нагардад норма бо гап ҳеҷ бор.

[23] Санаф–заиф, беқувват, суст.

Нест сархам кӯҳи сандуқ то ба ҳол,
Бе баромадгоҳ мебошад туннел.
Ҳар касе ин ҷо кунад кори ҳалол,
Хуб аз ӯ огоҳ мебошад тунел.

–Ваъда гар бидҳед,–мегӯяд Узоқ,–
Маҳваши тоҷикро ҳозир ба ман.
Гар варо зан карда орам бар утоқ,
Мекунам танҳо ба зӯри хештан.
Кӯҳи сандуқро мутеъ дар як замон.
Се рафиқ, се зодаи назди Арал,
Се ҷавони шӯхтабъу кордон
Қисмати ҳар кор мекарданд ҳал.

Пош мехӯрдӣ шарар аз сангҳо
Ҳар тараф аз зарби путки коргар.
Кор меҷӯшид дар ин ҷо басо,
Пора мешуд санг пушти ҳамдигар.

## МОҶАРОИ ХУРДАКАК БО АСП

Бастагӣ буданд аспи сурхтоб
Дар таги пурсояи зебо чинор,
К-аз бараш мерафт рӯди шӯх-об,
Хоб пешаш пур гиёҳи ширадор.

Асп ҳайрон мешуд аз он гирудор,
Ки ҳамеомад ба гирдаш бар вуқӯъ.
Мешавад тири кран аз ҷӯши кор
Пасту боло, бор дар кому гулӯ.

Бори пур бинмуда аз омехта,
Селаи мошин равад бо куфу пуф.
Бори худро дар фарозе рехта.
Бар қафо гарданд худ бо пуфу уф.

Буд ҳар кӣ дар ҳунар кафшергар,
Дар қариби абрҳо мекард кор.
Зинаҳои оҳанин бар боҳунар
Буд роҳи рафтуо то он мадор.

ГЭС-и Норак қад ба боло мекашид,
Сохта симои водиро дигар.
Буд аён, ки рӯзи нусрат–рӯзи ид
Мешавад наздик бар бахти башар.

Мухбирони хориҷӣ дафтар ба даст
Гаштаанд ин ҷой бетоқат басо.
Чӣ нависанд? Он чӣ дар ин ҷой ҳаст?
Ё дурӯғ аз рӯи иғвоҷӯиҳо?

Ҳар чӣ мехоҳанд, бигзор он кунанд,
Аз барои мо надорад фарқ ин.
Кори худ донем мо бе ҳеҷ фанд
Дар ҳама ҷо–дар самою дар замин!

Андар ин бобат ҳамегуфтӣ баланд
Марди беҳад кордону мӯсафед–
Котиби КМ[24], ки бошад ӯ писанд,
Ҳар гапаш бар дил бубахшояд умед.

[24] Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

Андар ин бобат ҳамегуфтӣ Раис,[25]
Карда таҳлил авҷи кори сохтмон.
Кас аз ин сон гуфтаҳо мекард ҳис,
Ки тамоми Тоҷикистони калон
Як шуда созанд кӯҳи оббанд.
Мӯсафедон ҳарфи хурсандӣ ба лаб,
Кӯдакон ҳайрон пайи ҳам чанд-чанд
Омаданд ин ҷо чу дарёи тараб.

Нома меомад ба ин шаҳри шариф,
Бетанаффус аз ҳама ҷои Ватан.
Санъати бунёдкорӣ ҳамрадиф
Шуд ба фаҳму фикри ҳар як марду зан.

Мешудӣ тайёр наздик оббанд,
Ғуллаи охир баровардан бимонд.
Верталёт андохт аз боло каманд,
Ҳалқаи оҳан ба сӯи он давонд.

Духтарак дониста фурсатро қулай,
Хост дасти ёрӣ бинмояд дароз.
Рӯ ба сӯи верталёт биштофт вай,
То дарорад ҳалқаро дар ғулла соз.

Шуд яке ин ҷо тамоман бегумон
Неши ҳалқа сахт бар домони ӯ.
Гашт сарсон з-ин лётчик ончунон,
Ки ба худ н-омад сару сомони ӯ.

[25] Раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

Дар ҳаво боло баромад вертолёт,
Духтаракро бурд бо худ сӯи баҳр.
Дошт мардум беадад фарёду дод,
Буд духтар дар самои рӯи баҳр.

Гашта аз доду фиғон ҳушёртар,
Дошт то ҷон, ҳалқаро маҳкам қапид.
Марг мешуд пеши чашмаш ҷилвагар,
Буд ларзон зиндагӣ чун барги бед.

Тохт Бобо низ он ҷо, к-одамон
Доштанд аз хавфи ин гуфтугузор.
Ҳоюҳуи рав, биёю гиру мон
Акс меандохт андар кӯҳсор.

Баҳри нав ҳоло надорад як қаиқ,
Балки якто нимтайёраш наяст.
То кунун дар нақшаанд онҳо аниқ,
Ғӯлачӯбанду канор аз ҳукми даст.

Шуд лётчик роҳгум тори ҳаво,
То ба ағба рафт аз болои баҳр.
Танг чун даҳлез дида тангно,
Аз хатар баргашт пас болои баҳр.

То диҳанд он духтарак–ин инженер
Аз дами мурдан раҳо биштофтанд–
Тохт Аҳмад аз Ҷиён нанмуда дер,
Ҳар ду андар баҳр худ партофтанд.

Ҳар ду гӯё ин, ки дар баҳри Арал
Дар шино орому озоданд бас.
Шохаи ғафси чинорак ин маҳал
Канда бо бандаш давон омад фарас.

Омаду худро ба об андохтӣ,
Медавиданд аз қафояш мавҷҳо.
Духтарак аспи падар бишнохтӣ,
Майл сӯяш дошт аз тори ҳаво.

Асп зери вертолёт омад, нишаст,
Кард баҳри духтарак омода пушт.
Духтарак партофт бар пушташ башаст
Хешро, ки буд ҷонаш байни мушт.

Сӯи соҳил раҳ гирифт он безабон,
Духтарак медошт маҳкам ёли асп.
Тоб дода мӯйлабро шодмон,
Гуфт Бобо дида ин аъмоли асп:

–То ҳамин дирӯз охир бар фарас
Ӯ алаф оварда медод аз адир.
Турбааш ҳар бегаҳ аз шавқу ҳавас
Аз ҷаву аз коҳ пур мекард ахир.

Турбааш бо дасти худ ӯ дӯхтаст,
Гоҳ медодаш мавизи сип-сиёҳ.
Асп агарчанде ки ҳайвон буду ҳаст,
Хизмати одам бидонад ҳар куҷо.
Буд як исботи ин андар ҳаёт,
К-аз аҷал дод асп духтарро наҷот!

## НОМА АЗ АРАЛ

Нома омад аз Арал, к-онро Ҷиён
Хонд андар ҳалқаи ҳамкорҳо:
Кам шавад ҳар рӯз,
кам баҳри дамон,
Киштӣ афтад қавсаи[26] қумзорҳо.

Ҳаст ин ҷо се биёбони калон,
Хоб байни баҳр монда лаб ба об.
Бод хезад андак, аз бӯрони он
Тира гардад осмону офтоб.

Дам ба дам ин даштҳои нимҷон
Хушкад аз гармову сӯзи беадад.
Барги сабзе бошад он, гардад хазон,
Бутта бошад, шохи бебарге шавад.

Рӯи Устюрт–он, ки набвад бе ҳисор,
Гӯрҳои ношинос ояд дучор.
Бургутони гушначашм аз ҳар канор
Ҳар киро бошанд дар қасди шикор.

Сусморон карда боло дум, ба тоз
Соячӯӣ мекунанд аз ҳавли ҷон.
Чӯли Қайроқум–раҳи дуру дароз
Бо сари хору тани реги равон.

Бо шамоли гарм–боди ҷонгудоз
Гирад истиқбол ҳар дам одамон.

[26] Қавса–иҳота, ҳалқа.

Пайраҳе ин ҷо набошад, нест роҳ
Ҷои поро зуд созад қум паноҳ.

Ҳаст байни теппаҳои қум пареш
Устухонҳои сафеди мурдагон.
Балки бо қум нимпӯш ин ҷост беш
Уштурони гашта кайҳо устухон.

Худ Қизилқум низ бо чашми вуҳуш
Мор бар гардан бупартояд туро.
Ҳар кӣ з-он ҷо бигзарад гирад ба гӯш,
Бояд ӯ чун саксаул бошад баҷо,
Тоб орад чун шутур дар рафтуо.

Баҳр бар пас рафта, қум орад ҳуҷум,
Дар паси ҳар як қаиқ тӯфон бувад.
Андаке раҳгум занӣ, гардӣ ту гум,
Дар сари як мӯй ҷон ларзон бувад.

Бе Арал дар ин биёбон ҷо ба ҷо
Хушк гардад, он чӣ бошад сабзу тар.
Пур шуда гарданд каждумҳо ба роҳ,
Мори заҳрандоз гардад бештар.

Мешавад қумзор ҳоло пурмадор,
Мешавад торафт бӯрон пурхатар.
Об, ҳар як қатра оби ин диёр
Ростӣ, боқадр бошад ҳамчу зар.

Интизори ёрии Об аст Арал,
Аз Енисей низ меҳоҳад ҳамон.

Кам шавад чун об, нотоб аст Арал,
Хуб мешуд, Лена ҳам резад дар он.

Дар қумистон бар Арал мушкил бувад
Будану тобовариҳои зиёд.
Офате дар дашту дар соҳил бувад–
Бо намак якҷост қум дар чанги бод.
Дашт урён мешавад аз ин бало–
Он чӣ бошад зинда, мегардад фано.

Интизори ёриҳои дӯстон
Ҳаст Арал акнун ба як дунё умед:
Об лозим аст бар мо ин замон
Аз Сибир, аз Помири фарқааш сафед.

Интизорем об аз сӯи ҷануб,
Интизорем оби рӯди Обро.
Боварӣ дорем мо бар хеш хуб,
Ки Арал бар қасди гуфти буржҳо
Зинда мемонад ба олам ҷовидон.
Дар замонҳои басо душвор зист,
Ҳамчу баҳри сотсиализми замон
Зинда мемонад Арал, то зиндагист.

Бо дили пурмеҳр бар мо, дӯстон,
Ёрмандӣ дод бояд дар амал.
Ҳоли ҳозир, ки миёни қумситон
Зинда мебошад, намурдастӣ Арал.

Хондани мактуб шуд вақте тамом,
Хомушӣ гардид султон муддате,

Хестӣ Бобои соҳибэҳтиром,
Аввалин ӯ шуд суханрон муддате.

–Руди халқӣ,–гуфт,–мебошад Аму,
Пас Арал ҳам ҳаст з-они халқҳо.
Дер монад пеши рӯ кори накӯ,
Нек бо некон бигардад ошно.

Ёд дорам, буд соли бисту як,
Аз Арал пурсид Ленини кабир,
К-аз ғами Волга намонда бедарак,
Гушнагонашро бигардад дастгир.

Гашт омода ба ҳар боби мадад,
Дод ҳар чӣ буд бар Волга зарур.
Монд ҳамчун некхоҳон то абад
Номаш андар олами наздику дур.

Хислати мо, тоҷикон, бошад чунин,
Ки ба ёд орем некӣ умрбод.
Аз Қароқалпоқ мардони матин
Ҳоли ҳозиранд бо мо ҳаммурод.

Қисмати мо бо Арал пайвастааст,
Риштаҳои дӯстӣ нагсастааст.
Мо агар бошем тан, ин рӯди Вахш
Чун раги хунгард дар мо буду ҳаст.
Ҳамраҳи дарёи Панҷи ганҷбахш.

Чун шавад як тан тамоми мамлакат,
Дилрабо гардад Арал з-ин бештар.

Рафта ҳар як шоха обаш мерасад
То ба мулки Помири пурсиму зар,
То ба амлоки Сибири беканор,
Мешавад умре Арал бар шӯхра ёр.

Сарзамини тоҷикон гардад ҷавон
Дар паноҳи дӯстии безавол.
Ӯ бувад аз меҳри халқаш дар ҷаҳон
Муқтадир, ҳам бойу хуб осудаҳол.

Мешавад ҳар қадр боло сарфароз,
Мо ба он миқдор мегардем шод.
Ки намояд дасти ёриаш дароз
Сӯи мо аз меҳру аз сидқи зиёд.

Шак надорам, балки дорам эътимод,
Ки Арал буду бимонад пойдор.
Оташашро Норак ин дам дар бидод,
Партаваш тобанда аст аз ҳар канор.

Душанбе–Нукус,
Июн-ноябри соли 1980

## САНГИ БӮР

(Ривоят)

*Агар ту санги бӯреро*
*бубинӣ соҳили кӯле,*
*Бадиққат зеҳн монаш,*
*зеҳн, оё ӯ намегиряд.*

Дар пойгаҳи тале авул аст,
Хурд аст авул, қариби кӯл аст.

Хурд аст агарчи, дар сари роҳ
Бонӣ ба талу ба кӯлу чӯл аст.

Рӯзе, ки шамоли сахт хезад,
Кӯл аз ғазабе ба худ ситезад.
Бар бому дари авули хурдак
Мавҷ аз паси мавҷҳо бирезад.

Мобайни ҳисори лойдевор
Масҷид ба назар бувад намудор.
Аз гунбази он ҳилоли чун дос
Кардаст гусел абри бисёр.

Масҷид, ки дар ӯст гӯӣ асрор,
Афканда ба роҳ сояи тор.
Ин соя шудаст балки ҷогир
Андар дили одамони нодор.

Дар дохили масҷид аст ҳоким
Як тирагӣ ҳамчу ғори пурбим.
То нур кунад ба он равона,
Хуршед кашад азоб доим.

Дар ҷои ба худ мувофиқи он
Муллост нишаста мисли шайтон.
Банд аст ба фикри макру ҳилла,
Печонда ба калла саллаи сон.

Мулло, ки хазинаи гуноҳ аст,
Бо риши сафед дилсиёҳ аст.
Маккор ба мисли гурги пир аст,
Як мори газанда рӯи роҳ аст.

Ду дидаи ӯст чашми элак,
Дорад дили санг зери ҷелак.

Фикри сияҳе ба зери салла,
Тасбеҳи ваяст фитна як-як.

Ҳар гуна дурӯғу фанди худро
Пӯшад зи назар ҳамеша мулло
Дар сояву нуктаҳои Қуръон,
Дар саҷдаву ояту дуоҳо.

Бигзашта бирафт солу маҳ чанд,
Шуд баччаи шайхи ботинаш фанд
Якбора калону некхоҳе,
Бар волиди худ набуд монанд.

Мекард варо касе, ки фарёд,
Мехост аз ӯ агар ки имдод,
Ҳар бор ба «лаббаю ба дида»
Аз рӯи адаб ҷавоб медод.

Оҳангари тозакор буд ӯ,
Пурқуввату бобарор буд ӯ.
Ғам аз дили кас ба хайрхоҳӣ
Монандаи занг мезидуд ӯ.

Аз зарбаи путки ӯ ба оҳан
Мехест шарора ҳамчу гулхан.
Пас гашта чу резаҳои тилло
Мерехт варо ба рӯву доман.

Ҳар қатра арақ ба рӯи пока
Монандаи нуқра буд беғаш.
Дар оинаи арақ ҳамешуд
Дар рақс чи оҳану чи оташ.

Ҳар гаҳ ки ба оҳан об медод,
Яъне ба вай обутоб медод.

Мешуд пури ҳавр коргоҳаш,
З-ин белу каланди боб медод.

Баргӯй, туро чӣ ҳаст даркор,
Качбел ва ё ки доси гулдор?
Ҳар чиз, ки хоҳӣ, марҳамат, гир,
Ҳоҷат набувад равӣ ба бозор.

Усто чӣ ҷавони хубу ҳақ буд,
Инсони намуна буд, сабақ буд.
Оне, ки ҳалолу тоза мегашт,
Усто ба ӯ ёру ҳамтабақ буд.

Ҳар рӯз ба ҷои кори косиб
Аз чор тараф чу амри воҷиб
Дар омадурафт будӣ одам,
Чун толиби олати муносиб.

Ҳар як ба лаб офарин биомад,
Дар пурсиши ону ин биомад.
Як рӯз ба пеши вай, чӣ бахте
Як духтари нозанин биомад.

Рӯяш ба мисоли бадри гардун,
Партав фиканад ба дашту ҳомун.
Лабханд чу хандаи баҳорон,
Наншаста бирафт зуд берун.

Усто сари кори худ хиҷил монд,
Ду чашм ба роҳу ғам ба дил монд.
Дастонш нарафт пеш ба кор,
Сарриштаи корҳо чигил монд.

Гардид ба диданаш хуморӣ,
Афтод ба дарди интизорӣ.
Шуд мунтазир ин,
ки кай ба гардун
Хуршед дамад ба рағми торӣ.

Ки Зӯҳра ба вақти субҳгоҳӣ,
Дар лаҳзаи хилвати пагоҳӣ
Ояд ба дару ба нурпошӣ,
Гардад ба само ба роҳ роҳӣ.

Шуд деру наёмад ӯ дигар бор,
Он покнигоҳи моҳрухсор.
Охир ки ба амри дил равон гашт
Усто пайи духтари ҷафокор.

Биштофт канори ҷӯи зебо,
Он ҷой, ки духтарони раъно
Оянд ба обу муддате хуб
Ханданд ба ҳазлу бо таманно.

Дид ин, ки яке чу боғи гулҳост,
Якташ аз ӯ дучанд зебост.
Якто чу тулӯи меҳри тобон
Бо талъати арғувонӣ пайдост.

Ин аз ваю вай аз ин накӯтар,
Ин ахтару ӯст низ ахтар.
Ғун гашта ба пеши об медид
Ахтар бари ахтари мунаввар.

Ин ҷой надида дилбари худ,
Пурнуру ягона ахтари худ.
Аз даст надода фурсаташро,
Дилро бинамуда раҳбари худ.

Гардид равон чу ошиқи зор,
Бар хонаи пасти лойдевор.
Он ҷо, ки фариштаи муҳаббат
Мезист канора дур аз ёр.

Ӯ роҳ нарафта, балки метохт,
Худро ба раҳаш чу бод месохт.
Ҳис дар таги по замин накарда,
Ногоҳ зи пеш диду бишнохт,

Ки  бахт ба ҷонибаш равон аст,
Он моҳҷамоли дилситон аст.
Дорад ду сатил, ба об ояд,
Чӯбе сари китфи ӯ аён аст.

Зулфаш ба ҳавои бод рақсон,
Рӯ дар шаби зулф наҷми хандон.
Ӯ мераваду дарахти ноке
Гӯяд ба хитоб ҳар дуи он:

Бар зери гилеми сабзам оед,
Шинеду дари ду дил кушоед…
Ҳар ду таҳи нок гашта ҳамгап,
Чун ошиқи поки дил баумед.

Ин ҷо, ки кушода рӯи бахт аст,
Гӯӣ, ки ба ишқ пойтахт аст.
Ҳар дард давои хеш дорад,
Дарде, ки аз ошиқист, сахт аст.

Ду мӯи дарози моҳпайкар,
Монанди ду даст шуд баробар
Бар ҷониби он ҷавон равона,
Хоҷат набувад, ки гап кунӣ сар.

Мезист муҳаббати ҷавон хуб,
Минбаъд ду ҳаммуроди маҳбуб
Ҳар дам  ба висол мерасиданд
Ҷое, ки ба ҳар ду буд мансуб.—

Гаҳ дар лаби кӯли пеши қишлоқ,
Гаҳ дар таҳи ноки хурраму ток.
Ҳар қадр ба васл мерасиданд,
Он қадр буданд боз муштоқ.

Буд деҳа зи ишқи ҳардуяш шод,
Бар ҳар ду ҳамерасонд имдод.
Ки ҳар ду муносибанд бисёр,
Ки ҳар ду ба ҳам кунанд иршод.

Аз раҳмати ишқи ин ду дилдор
Гардид авул ту гӯӣ гулзор.
Ҷуз пири фано–ҳасуд мулло
Кас айб наменамуд зинҳор.

Бо тинати шуму дидаи танг
Дур аз ҳама шаъну илму фарҳанг,
Мулло ба ҳасад ду чашм медӯхт
Бар сӯи ду пок қалбу бонанг.

Кайҳост ба қалби зишту пурфанд
Кардаст ба фитна фитна пайванд.
Бо номи худо, гапи шариат
Бар нафъи худу зиёни фарзанд.

Кардаст ризо дадои духтар
Дар ҳолати дард рӯи бистар.
Духтар набувад валек розӣ,
Устост варо ба ҷон баробар.

Монандаи дузд шайхи маккор
Як бегаҳӣ дар канори ҷӯбор.
Барҷаста қапид духтаракро,
Бо мақсади норавою мурдор.

–Ман бандаи ту,–бигуфт мулло,–
Гӯшат бикунам ба рӯи дунё.
Дороию давлатам аз онат,
Гар зан бишавӣ, ту моҳ, манро.

–Зинҳор!—ба ӯ бигуфт духтар,
Зад зӯр зи чанг бори дигар.
Мулло ба мисоли пиргурге
Печид ба кокули вай аз сар.

–Як умр ғуломи ту шавам,–гуфт,

Мехост кунад ба лаб

лабаш ҷуфт.

Бо мушт ҷудо намудаш аз худ,

Духтар даме аз ғазаб барошуфт.

Торик бигашт гирду атроф,

Гардид сиёҳ оби шаффоф.

–Эҳе, ана,–гуфт, –гир,–мулло,–

Барсӯхта бехи раҳму инсоф.—

Бо чанги ду даст мисли аждар

Дарҳол гирифт пои духтар.

–Асло нашавам зани ту, асло!—

Духтар зи вафо бигуфт бо қаҳр.

Ин нуқтаи вопасини ӯ буд,

Ин зарбаи охирини ӯ буд.

Ӯ ҳифз ба ҷон намуд номус,

Ин қудрати оҳанини ӯ буд.

Охир, ки зи дасти шайхи бадкор,

Бе ҳеҷ гуноҳу айб, пиндор,

Шуд ҷони ҷавон зи ҷабр кушта

Дар шоми фироқи ошиқи зор.

Шуд аҳли авул хабар саҳаргоҳ,

К-аз фосиқиҳои шайхи расво

Санге ба миён ба зери об аст

Дилдодаву дилрабои усто.

Мотам бигирифт деҳа аз ғам,
Ҳар пиру ҷавон гирифт мотам.
Шуд пораву пора қалби усто,
Ҳар дида пури ғубор аз нам.

Бигрехт зи деҳа шайхи хунхор,
Аз даҳшати халқи неккирдор.
Бигрехт ба олами қумистон,
Бар кишвари  саксаули бисёр.

Монандаи гурги гушна сарсон
Гаштаст ба домани биёбон.
Чун сояи ноаёни арвоҳ
Аз дидаи мардум аст пинҳон.

Гӯянд, ки то ҳанӯз он ҷост,
Овораи дашту кӯҳу танҳост.
Бар мисли шағол мезанад дод,
Ваҳшии дупои ғору саҳрост.

Оҳангари дилфигору хаста
Паймону вафош ношикаста,
Сокит ба канори кӯли бетаг
Гардид ба банди ғусса баста.

Ду дида фақат ба об дӯзад,
Бар мавҷи пуризтироб дӯзад.
Зоҳир ба мисоли ҳайкал астӣ,
Ботин ҳама чун кабоб сӯзад.

Рафтаст зи чашми ӯ чӣ миқдор
Айёми баҳори сабзу гулбор,
Баргашт чӣ қадр дай ба наздаш,
Зинҳор набошад ӯ хабардор.

Рафтаст зи ёдҳош борон,
Сармои баҳайбати зимистон.
Ҳаргиз нарасад ба хотири ӯ,
Санг аст худаш ва ё ки инсон.

Аз ишқи шубоб рафта-рафта,
Бо дарду азоб рафта-рафта
Гардид ба санги бӯр табдил,
Дар соҳили об рафта-рафта.

Бо қалби пур аз муҳаббат он санг
Бар об кунад нигоҳ якранг.
Хонад бари санг бод қисса
Аз бозии ишқ бо сад оҳанг.

Агар ту санги бӯреро бубинӣ соҳили кӯле,
Бадиққат зеҳн монаш, зеҳн, оё ӯ намегиряд?

СЕМЁН ДАНИЛОВ

# «ОФТОБИ ЗИМИСТОН»

Душанбе,
«Ирфон»
1987

СОҲИЛИ БАҲОРӢ

Ояд айёми хушоҳанги баҳор,
Зери ях сардии бечон мешавад.
Тозарӯ гашта табиат, шодмон
Тӯйҳо дода ғазалхон мешавад.

Кӯҳу тал рахшад зи нури офтоб,
Бо забони дил кунад лаб чумла во–
Ҳам насиму шохаҳою тойирон,
Ҳам саҳобе, ки сабук дорад шино.

Партави хушҳолӣ бахшоянд беш,
Шах шавад аз зӯри ҳайронӣ халич.
«Мехӯрам қаймоқро» гӯяд ба ҳазл,
Дам ба дам гунчишки дар худ хӯрда печ.

Ҳар қадар паррандагони субҳхез
Нағмаҳо доранду алфози ачиб.
Он қадар бошад муаммои зиёд
Дар суруду нағмаҳои дилфиреб.

Ким-чӣ бо ёқутӣ хониш мекунанд,
Ғофиланд арчи зи маънои сухан.
Фикрашон алқисса монанд аст беш
Бо ҳамин мулки баҳороғӯши ман,
Ончунон, ки баччаҳо бар моми хеш.

Мисли он хонанд шевою лазиз,
З-ӯ ҳама шоданд беҳадду канор.
Тозаву тар мисли онанд инчунин,
Равшананду хурраму пуриқтидор.

## ХОБ ОВАРДӢ МАРО, ЭЙ БОДБОН

Хоб овардӣ маро, эй бодбон,
Бодбони роҳию пуризтироб.
Мавҷҳо, ки мешаванд аз ҳам ҷудо,
Дар назар доранд ҷилва нилтоб,
Тира гардад он чи худро кард дур.

Ҳиссиёт аммо набошад ончунон,
Маст мебошад сарам тарзи дигар.
Боиси оромие з-оромие
Ман нахоҳам рафт дар сад шӯру шар.—
Бар ғубористон, ки дар он нест нур.

Аз замине, ки туро бар ман бидод,
Сар-сари мавҷе нахоҳам тохтан.
Ҳар қадар дуру қадимиӣ ту, лек
Метавонам ман туро бишнохтан,
Бо манию дар барат дорам ҳузур.

## ГУЛҲОИ СИЁҲГӮШ

Нестанд арчи чу тир,
Лек ях бишкофтанд.
Аз сари худ бори он
Чор сӯ партофтанд.

Зӯрии сармои сахт
Тарс наорад дигар.
Бар сари зебоию
Ҷилваи гулҳои тар.

Аз кафи дасти дурушт
Гирӣ агар гул ба даст.
Донӣ, ки бар ҳар гуле
Рамзи дигар низ ҳаст.

Аз рухи ҳар як гули
Нозуку зӯру ҷасур
Халқи маро ҳис кунӣ,
Дар дили гарму ғаюр.

## РӮД

*(Ба К. Урастиров)*

Гаштааст аз шонаи кӯҳе падид,
Ҳаст танҳоӣ барояш дарди зӯр.
Гоҳ чун дар остон дорад мағал,
Гоҳ дорад хандаҳо бо шавқу шӯр.

Монда метобад гаҳе бар дида ӯ,
Илтиҷо дорад даме гӯшаш кунанд.
Мезанад худро гаҳе дар пои гул…
Боварӣ дорад, ки оғӯшаш кунанд.

Хост, ки пурсад зи харгӯшак гапе,
Он вале аз пеши ӯ бигрехт зуд.
Бохабар тӯрид дар ҷояш гавазн,
Кард чун харгӯш худро вонамуд.

Лек зад сайёд ташна хешро
Бар лаби обу сухан бикшод об.
Гуфт чун бар дӯст розашро ба ӯ,
Бо имое ӯ надод аммо ҷавоб.

Ташнагияшро шикасту хест рафт,
Шуд ниҳон пушти хаме дар як замон.
Рӯдча парво накарда тохт пеш,
То ба Лена раҳ гирифта монд он.

Хурдҳоро гурдҳо надҳанд гӯш,
Хешро бинанд, танҳо хешро.
Мегиранд онҳо фақат аз худ нафас,
Дӯст худ доранд танҳо доимо.

Раҳми ман ояд ба ин оби равон,
Ки надонад шалпарӣ дар роҳи худ.
Хост бикшояд табиат як замон
Сирри одам, лек ин кораш нашуд.

Порагашта ях ҳамегирад нафас
Аз ҳавои ҷонфизои моҳи май,
Ваҳ, аҷаб доранд лафзи одамӣ,
Бехатову дилрабо ҳоло ба вай.
Мо надонем ин вале,
                    донӣ, ҳанӯз–
Дар табиат лафзи инсонӣ ҳанӯз.

## ИНТИЗОРӢ

Борид борон
Дар дашту майдон.
Монанди оне
Резад ба долон.

Чун шохҷорӯб
Бигзашт бо шӯр.

Пас гашт хомӯш
Якбора шуд дур.

Кам-кам чакида
Дар паси дарё.
Шуд об охир
Дар тирагиҳо.

Шуд аз сари нав
Хуршед пайдо
Бо ранги испед,
Бо ранги зебо.

Боди мулоим
Бо савти шево
Мекунад сила
Сила намояд
Мӯи сарамро.

Ту дар кучоӣ,
Баргӯй бар ман.
Дар ин баҳори
Гулҳо ба доман?!

Се барф бигзашт,
Се навбаҳорон.
Се ранги нав шуд
Дар марғзорон.

Ман интизорам
Як умр,

аскар,
Бо ҳасрати пур,
Бинмой бовар.

Паҳно набошад
Баҳри сурудам.
Чун барг резад.
То ки дамодим.

Монанди тойир
Парвоз дорам.
Болои дарё
Овоз дорам.

Ҳатто гапе, ки
Наӣ дар олам.
Раҳпоиямро
Намекунад кам.

Ман дар муҳаббат
Бовар намоям,
Ки мекунад ҳифз
Аз марг одам.

Балки намояд
Зинда ба дунё
Ӯ мурдаҳоро.
Ӯ мурдаҳоро.

Равшанӣ дорӣ
Бар қалби банда.

Бар мисли ховар
Назар фиканда.

Пурнурам аз ин
Доим ба зулмот.
Сӯям вазӣ боз
Монандаи бод.

Мекунӣ сила
Мӯяму рӯям.
Анфоси туст ин
Ҷоно, бигӯям.

### ТАНҲОӢ

Рӯи ҳавлӣ навбаҳор аст ин замон,
Рӯи кӯле яхчаҳо ҷон мекананд.

Лоласон тобад шафақ вақти ғуруб,
Аз пасаш истораҳо чашмак зананд.

Моҳ зери мижжаи ғафси саҳоб
Пардаҳо дур афканад аз рӯи худ.
Бингарӣ, ман тоқа бошам, ростӣ,
Дар миёни мардуму дар кӯи худ.

Шомгоҳу нури тиллоии моҳ,
Як тараф тор асту як сӯ нурбор.
Бар сарам фикре нагардад ҷойгир
Аз хусуси рӯзгору корубор.

Гоҳ пешу гоҳ пас монам қадам,
Гоҳ шинам ҷои худ беихтиёр.
Мешавам ғарқи хаёле,
ки чаро
Ин қадар дар зиндагиям бебарор.

Гӯиё болишти ман бошад зи санг,
Балки он аз санг ҳам бошад дурушт,
Ё ки аз беодатӣ бошад чунин,
Ки таги сар хор гардад дасти мушт.

Мешавам дилгиру гардиш мекунам,
Фарқ не, ҳар ҷо,
ки гардам ман ниҳон.
Аз миёни торикии гарм ҳам
Равзане аз баччагӣ гардад аён.

Нури он зинҳор бепарво наяст,
Зинда бошад,
зинда бо ин андакӣ,
Нағз медонам варо, ҳис мекунам,
Ки аз они туст аз садҳо яке.

Зулмати шаб як тараф монем гар,
Балки андар дур тобон аст нур.
Мекунанд ово куҷое турнаҳо
Шояд аз ин ҷой бар ҷоҳои дур.

## НОТАКРОР

Эй субҳи навбаҳор,
Рӯи замин фаро.
Илҳоми дар гурез,
Дилҷӯйи лолаҳо.

Бо партави ғанаб
Дар сина ҷо шавед.
Чун ишқи авалин
Хандида во шавед.

Бар зери пои ту
Гулҳо кунам нисор.
Бофам ба кокулат
Ман субҳи навбаҳор.

Айб аст хомушӣ,
Фарёди тойирон.
Туғёни хушсадо,
Ғавғои дилситон.

Торӣ шавад сабук
Бигзор дар само.
Дил з-он сабуктарак
Мон, ки шавад ба мо.

Бар китфи сабзи ту
Рахшанда абрҳо
Чун чодари мурод
Ман медиҳам ҳаво.

Паҳнои Ленаро
Оро ҳамедиҳам.
Бо партави саҳар
Бо нури муҳташам.

Ман илтиҷо кунам
Беҳадду беҳисоб
Дар пеши пои ту,
Эй вақти дар шитоб.

Исто даме дигар,
Ин боздиди мо
Мон, ки кунад давом,
Моро макун ҷудо.

К-аз ёди ман равад
Кулли аҷоибот,
Дилгир мешавад
Бар чашми ман ҳаёт.

Шояд, ки бингарам
Дар чашми ту, нигор,
Дунёи орзу,
Дунёи зарнисор.

Акси садои аср
Дар манъ бешазор
Ҷовид будани
Рӯди ситорабор.

Ин бахти хуррам аст
Дар ашкҳо ҳаме.
Такрор кай шавад
Дар қарнҳо даме?!

## ДӮСТ МЕДОРӢ

Қалби замин, яъне суруд,
Овои роҳи дурро,
Бӯрони пур аз шӯрро,
Ки рӯфт оламро тамом.
Дигар уфуқи дури мо,
К-аз пушти худ дорад давом,
Ту дӯст медорӣ, бигӯ?

Қишлоқамон, яъне Алас,
Он бешаи сарсабзро,
Ки назди дарёяст ҷо,
Ҳар он чи ки пошидаанд,
Ҳар он чи руста аз замин,
Сарсабз гаштасту баланд,
Ту дӯст медорӣ, бигӯ?

Ду соҳили рӯди равон,
Он ҷо ғарамҳо барбабар.
Шаххҳои маҳтобӣ дигар,
Ногоҳ андар нимарӯз
Тайга занад мавҷе агар,
Тафсон шавад он бештар,
Ту дӯст медорӣ, бигӯ?

Хуршеди дунёгардро,
Гуфтори пасти обро,
Амвоҷи машъалтобро,
Ки бошад андар рафтуой.
Боди хуше ки мезанад
Бар рӯт бӯи қулфиной,
Ту дӯст медорӣ, бигӯ?

Ҳамчун баландиҳо агар
Пинҳон кунандат мавҷҳо.
Бо сад латифии расо,
Он мавҷҳои беқарор,
К-озод бошанд аз азал,
Озод монанди ҳаво,
Ту дӯст медорӣ, бигӯ?

Ҳар барг дар чашмат накӯст,
Дорӣ  ту ҳар як барг дӯст.
Ин бештар з-они дигар,
Аз дӯстдорӣ хубтар
Чизе набошад дар ҷаҳон.

Эй кош бошам ман ҳамон–
Оне ту дорӣ дӯсташ.

## ЧАШМОНИ ПИСАР

Сӯи баччаҳои шӯх
Медавидӣ кош ту.
Не, надорӣ шавқ ҳеҷ,
Дур ту аз орзу.

Аз чӣ аз шавқу ҳавас,
Нестӣ дар ту асар?
Ҷиддӣ зи чӣ дароӣ
Ҳар шаб ба хоби падар?

Чашмони туст охир
Чун тирамоҳи дар ҷӯй.
Монанди моҳӣ рахшад
Ашки ту дар бари рӯй.

Табассуми ту набвад
Зинҳор кӯдакона.
Ин ғам чӣ ғам, ки кардаст
Дар чеҳраи ту хона?!

Вақте ки мешавам ман
Аз хоби хеш бедор,
Гӯӣ маро ғами даҳр
Якбора мешавад бор.

Бар дида зард тобад
Рухсору чашми маҳтоб.
Хазон шуда дарахтон,
Тар гашта боғ аз об.

Дардам кунад чу зӯрӣ,
Бинам ҳавои борон.
Чашмонат аз кабудӣ
Кӯр аст гӯӣ, эй ҷон.

Лабрез бошад аз ашк,
Бо ашкҳо мушавваш.
Аз зери ашк берун
Ой ба сад кашокаш.

Гӯӣ: «Касал машав ту,
Чӣ лозим ин, падарҷон.
Худро мадеҳ ба зинҳор
Бар чанги ин ғамистон».

…Ин дам дароз созад
Хуршеди зарҳалинрӯ
Сӯям зи боғи зебо
Як шохи олуболу.

Созам чу манъи духтур
Вайрону бода нӯшам,
Чашми ту бар дили ман
Нигаҳ кунад дамодам.

Наззораи ту бошад
Сар то ба по маломат.
Ин нест лекин аз шар,
Бошад бал аз садоқат.

Аз ҳар нигоҳат ояд
Як бӯи изтиробе.
Аз байни баҳру кӯҳон
Фарёдеву хитобе.

Ҳам мекунанд бовар,
Ҳам интизор бошанд.
Дар байни роҳпоӣ
Бас беқарор бошанд.

Аз шом то ба хуфтан
Ё то сабоҳи пурнур
Бар ман назора доранд
Ду дидаи ту аз дур.

Онҳо пур аз ғамастанд,
Аз ашк гашта лап-лап.
Бар хоби ман дароянд
Бо ин тариқа ҳар шаб.

### АВГУСТ

Ҳама он субҳи айёми дилафрӯз,
Ки кардӣ ваъда аз туғёни ҳиммат,
Ба монанди зани уммедворест,
Ба ботин медурхшад аз тароват.

Хамӯшу шармгин дорад назора,
Ҷавонмарди дилаш аз ишқ ҷӯшон.

Чӣ зебоясту ташвише надорад,
Агар хоҳӣ, баҳораш метавон хонд.

Бувад айёми дилхоҳу муносиб,
Ки ӯ бо бод ҳамоғӯш гардад.
Сафи мурғобӣ дар субҳи гулобӣ

Ба рӯи кӯлҳои софу ором
Чу абри порае хомӯш гардад.

Бари ҷар селаи говони зотӣ
Лаби худ норасонда бар алафҳо,
Шикори кӯзақарнӣ карда гарданд
Ба паҳлӯи санавбарҳои зебо.

Ғарамҳо сарфарозанду баоро,
Ки метобанд мисли тухм онон.
Надорад фарқ як зарра ба онҳо
Ҳавои бад ва ё ки сахт бӯрон.

Мисоли ташнагони гашта сероб
Қатори комбайнҳо сер гарданд.
Ба шавқе дида онҳо ғаллазорон,
Зи кори сермаҳсул дер гарданд.

Шуда хушкию гармиҳо фаромӯш,
Диёрам хуб рангинасту рахшон.
Бигирад то зи саҳро ғаллааш халқ,
Ба қадри қудрати худ дод имкон.

Ба поёнрафта моҳи ман ҳам омад,
(Шитоби вақтро раҳ доштан зӯр).
Бимондам по ба августи камолот
Ман акнун ҳамраҳи он моҳи пурнур.

Ҳавои бад ба умрам кам  надидам,
Дигар бор ӯ шавад шояд, ки такрор.

Вале маҷмӯи сабзи боду борон
Ғарамҳоро насозад рахна зинҳор.

Ҳама дорад шитобе сӯи анҷом,
Шавад рӯи ғарам дигар ғарам хоб.
Дурахшад зарраи ховар ба абре,
Чунон ки рахшад он дар рӯи санҷоб.

Баҳоре дораду вақти хазоне
Бидонам,
ки ҳама чиз андар олам,
Нагардидаст оғоз, оре оғоз,
Валекин аср гӯё то ба ин дам.

Бимон, ки роҳҳо гарданд равшан,
Бипайванданд то ҳадди ҳудуде.
Ҷавон овоз биброрад сарафроз,
Суруде аз паси форам суруде.

## БАРФАК

*Ба И. Гоголев*

Барф бувад, барф,
Тинҷист султон.
Беша кабуд аст,
Тирагӣ пинҳон.

Бояд ки ҳар кас
Андар ҳамин ҷо
Дошта бошад
Барфаки худро.

На пои худ ман
Кардам эҳтиёт,
На сарфа кардам
Қуввату субот.

Бешаро гаштам
Аз қаду аз бар,
Сар то ба охир
Аз паи дилбар.

Гаҳ хонам суруд,
Гоҳе кашам оҳ,
Бо рост роҳе
Ман меравам роҳ.

Ҳавои сардаш
Нӯшам паёпай.
Монанди спирт,
Ки зӯр аст аз май.

Ман маст гардам,–
Аз маст бадтар.
Афтам рӯи барф
Монанди шалпар.

Аз хирси дайду
Натарсам ин ҷо.
З-овози гургон
Наларзам ин ҷо.

Аз байни бӯрон,
Аз субҳ то шом
Бар қалби беша
Ман мезанам гом.

Сахтии сармо
Бубахшадам рӯҳ.
Ояд садои
Қарсак зи ҳар сӯ.

Шумо, ҳушёрон,
Оре, шумоҳо.
Аз куҷо фаҳмед
Олами моро!

Чӣ карда банда,
Чӣ карда мастам,
Бозии дар ҷӯш
Дорад зи дастам.

Ки мисли соҳир
Аз сеҳр сӯзам.
Дар домани барф
Гулхан фурӯзам.

Бар чашми шумо,
Эй бохирадҳо,
Хандаовар аст
Ин бозии мо.

Пеши назартон
(Сир надода бой).
Ман содалавҳам,
Бимондам аз пой.

Бо мӯъҷизаҳо
Шумо тамоман
Як ҷо назиед,
Балки то мурдан.

Намекунам гум
Умедам асло.
Кобаму ёбам
Барфаки худро.

Боварӣ дорам
Бар орзуям.
Шафақ гирад дар
Болои ях ҳам.

Он ҷо, ки танҳо
Сармост султон.
Рӯбад ҳама барф
Бо дами худ он.

Бояд, ки ҳар кас
Андар ҳамин ҷо,
Дошта бошад
Барфаки худро.

## СУБҲИ ТИРАМОҲ

Партав бификанда бар тиреза
Акси рухи офтоби заррин.
Бо боди кабудранги худ шаҳр
Ҳар бом кунад ба тарзи беҳин
Гӯё ки ба ноаёнӣ шона.

Бар ҳар чи ки рӯ ба рӯш ояд,
Нақшею нигор карда сармо.
Ҳам ҳалқаи навпадиди хуршед,
Ҳам чуми[27] миёни шохаҳо ҷо,
Доранд зи нақши ӯ нишона.

Гаштанд дубора сурхрӯтар
Ҳам духтаракони нозпайванд.
Тобанд ҳалим аҷаб ҷавонон,
Хурсанд буванд,
                    арчи хурсанд,
Чашм асту нигоҳи ошиқона.

Дар фавҷи буғ аспҳо батобанд,
Овози машинаҳост боло.
Ҳар тахтаи роҳрав чу тор аст,
Тозанд ба симҳо ба ҳар ҷо
Раъд аз паси раъд безабона.
Инак зи даре бигашт берун
Як духтари илмҷӯ чу анҷум.
Ногоҳ сараш ҷавоне наврас
Боло бигирифту бо табассум
Кард аз пайи ӯ нигаҳ равона.

---
[27] Чум–хонаи ёқутҳо, ки болояшро бо пӯсти гавазн мепӯшонанд.

## ГАВАЗНИ МОҲТОБӢ

Бо роҳи аввал
Рафтам ба ҷангал,
Ҷангал буд анбӯҳ.

Пушти гиребон
Даромад алъон
Як пати пурхор.

Қоқум андар он
Будаст меҳмон,
Афтид ногоҳ.

Валек зинда
Нашуд ба банда
Майли ниёгон.

Беша зи сармо
Бо шавқ гӯё
Нафас кашида.

Дидамаш хомӯш
Ӯ манро бар сӯш
Даъват намекард.

Ҳай доду сад дод,
Ки қалби сайёд
Гӯё ғунуда.

Сояи коҷе
(Чӣ беривоҷӣ)
Аз ман гурезон.

Ҳаминҳо барин
Самои нилин
Маро намедид.

Магар шудам пир,
Пири нафасгир,
Хунсардам акнун?

Ё аз диёрам–
Зинда баҳорам
Канда шудам ман?

Ё тайга бар ман
(Нашояд гуфтан)
Бегона гаштаст?

Ё ки ман ӯро
Алҳол ин ҷо
Худӣ набошам?

Бедор шав ту,
Ҳушёр шав ту,
Бо нақши по рав.

То бар саробе,
Саргаҳи обе,
Онҳо барандат.

Дар бешазоре,
Ки нуқракорӣ
Ях кардаст онро.

Нураму дунём,
Аҷобатором,
Ҷалғузаи ман.—

Гавазни зебо,
Он моҳсимо
Дар сайр бошад!

## ТИРАМОҲИ МАН

Назарногир гарчи тирамоҳ аст,
Ба қадри худ дурахшад лек он ҳам.
Бубахшад беғубориҳою паҳно
Ба мо уммедҳои тоза ҳар дам.

Чу орухона пур гаштаст беша
На аз андӯҳ, балки аз фароғат.
Чу одамҳост, ки пур карда сина
Нафас гиранд озоду бароҳат.

Назарбозу фараҳомез рӯз аст,
Ки монанди матои нақшдӯз аст.
Зи байни баргҳои сӯзанандом
Ҳавои бад намеёбад гузаргоҳ,
Чу аз байни матоъ андар назарҳо.
Хасису ҷиддитар гардида акнун,
Фурӯзонии тобистон шавад кам.

Вале пажмурдагӣ ҳам гоҳ-гоҳе
Шукуфон мешавад дар чашми одам.

Ба парвозанд қозон рӯ ба боло,
Бувад овози онҳо ташвишомез:
–Ба мисли тирамоҳи зарҳалинрӯ
Аҷаб не, рӯзи ту наздик шуд низ.

Санавбарзори дандонҳоят акнун
Шавад камнур, ки дилро кунад танг.
Аҷаб не, мекунад рӯи туро нақш
Ба дасташ зиндагӣ бо хатти ожанг.

Ҷавоби ман бувад бар қозҳо ин:
–Бидонам хуб фарқи тирамоҳам.
Ки он аз фасли тобистон чӣ сон аст:
Набошад баргрезӣ он қадар ҳам.

Ба ҳар сӯ тафс бар монанди бӯза
Надорад рафтуоею шитобе.
Дамад аз пештар барвақттар субҳ…
Тамомашро гирифта бар ҳисобе.
Кунад бо дӯстдорӣ дил қаноат,
Ки маҳфуз аст дар онҳо шуҷоат.

## ТАОМУЛҲОИ НЕК

Мебаремат, гар ту хоҳӣ,
Дилкушодона баҳурмат.
То ба ҳар як деҳи Вилюй,
То Колыма ҳам баремат.

Раҳ набошад лек наздик,
Аз хунукӣ ҳаст даҳшат.

Дар миёни ман ба ҳар қадр
Меҳмон бошад сазовор.
Тозагиро дӯст доранд,
Ҳақ баҳо бидҳанд бисёр.

Бар хирад аз рӯи инсоф
Гар ту хоҳӣ, пой бигзор.
Марҳамат, бар ҷои эввен,
Чашми ёқутӣ бувад чор.

Дарров оташ даргиронанд,
Гарм шав ин ҷо бароҳат.
Он чи ки бо вай Алас худ
Соҳиби ном асту шӯҳрат,
Мекунанд аз меҳр тайёр,
Ҷумла бигзоранд наздат.

Дузд андар мо набошад,
Ҷои duздон аст дар мо
Ваҳшию дарранда ҳайвон,
Ки раванд ин ҷою он ҷо.
Хавф аз онҳо нест чандон
Нест дар мо қулф асло.
Пушти дарҳо тамбачӯб аст,
Ки ҳамин ҳам гоҳ-ногоҳ.

Ту матарс аз ҳеҷ чизат,
Хоҳишат бошад, бимоншон.

Ҳаст қонунҳои тайга
Қатъию пурзӯр он сон,
Ки касе дар фанди кас нест,
Кас нахоҳад кори вайрон.

Гар бимонӣ байни бӯрон,
Гум кунӣ дар тундра роҳ,
Дар ҳамон ҷоҳо, ки чун марг
Ҳаст пеши рӯй сармо,
Ғам махӯр, парво макун ту,
Тарсро бар дил мадеҳ ҷо.

Рӯфтаю бинӣ агар барф,
Дур набвад дуди сайёд.
Гаштаӣ дон, ки раҳо ту
Аз даҳони марги ҷаллод.

Нест ин ҷо, нест асло
Зиндагии ёқут осон.
Ҳар чиро, ки ҳаст лозим,
Медиҳад ин тайга бар он.
Гар мизоҷи ӯ дурушт аст,
Қалби ӯ бикшода медон.

Аз барои ту ҳама чиз
Кардааст ӯ худ саранҷом.
Он чи меомад зи дасташ,
Он чизе дарёфт з-икром.

Чойҷӯше эҳтиётӣ
Балки мондаст ӯ ба итмом.
Чой ҷӯшон боиси худ,
Дар саҳар хоҳӣ ва ё шом.

АҶОИБОТ

Рӯз то рӯз аст сармо, ботлоқ,
Миллионҳо пашша гардад гирди сар.
Гашта вазнинбортар аз ин гавазн,
Пой бо фаххос монад тезтар.

Гаштааст аз хуни ман фарбеҳу сурх
Ҳар як аз ин пашшаҳои нобакор.
Заҳр бо нешаш занад дар ҳар қадам,
Сӯз бар ҷонам гузорад бешумор.

Ман саворам, аҳмақӣ кам кун, гавазн,
Ин қадар фаххос ҳам даркор нест.
Пахш манмо ушнаро дар зери по,
Ланг-лангон гир раҳ пешу наист.

Бар ба мулки тойирони беҳарос,
Юзи бисёру гавазну хирсҳо.
Рӯбаҳакҳои сабук аз лоғарӣ,
Қозҳои фарбеҳу саҳройҷо.

Бар ҳамон ҷое, ки аз болои кӯҳ
Шаршара худро ба дарё мезанад.
Компас з-овози он ларзон шуда,
Тири худ бар ким-куҷоҳо мезанад.

Ман чиро меҷӯям ин ҷо доимо?
Роҳҳо то рафт беодам шуда.
Кӣ маро ин сӯй мехонад ба пеш,
Ки бубинам бахтро, хуррам шуда?

Дӯст медорам ман ин сон корҳо,
Ҳифз бинмуда муҳаббатро ба ёр.
Барабас набвад,
ки манро модарам
Зодааст андар раҳи дури диёр.

Роҳ, рав, ҷонам, гавазни меҳрубон,
Гарчи бошад сахт гармии ҳаво.
Ҳар қадар ки рӯз ҳам набвад дароз,
Пашша ҳар қадре хӯрад хуни маро.

Дор маъзурам ба ин азму субот,
Ту чӣ мепурсӣ дигар, эй дил, аз он?
Пурратар бояд ба одамҳо расонд
Ҳар аҷоибу ғароиби ҷаҳон.

## ОМАДАНИ НАБЕРА

Ба шавқ овозҳоро гӯш карда,
Санавбарзор қатронпӯш гардид.
Навои мурғакон хомӯш гардид,
Ки кампире биёяд бо набера.

Ҷило пеши фуражка дода кавкаб,
Либосаш медиханд оро пагонҳо.
Камарбандаш шуда аз тугма зебо,
Бари кампир монад по набера.

Бари шимаш бувад хатҳои пурнур,
Қаду басташ аҷаб хушрӯю нозук.
Ба мисли ҳарбиён чуст асту чобук,
Кунад ҳар баччаро шайдо набера.

Дар ин ҷо ифтихор асту ҳасад ҳам,
Забонҳо гунг гардиданд гӯё,
Сухан гӯянд онҳо бо нигаҳҳо,
Касе наздик н-ояд то набера.

Қадам ӯ мезанад бебок лекин,
Намуда шарм аз ин фахр ҳар бор.
Бигӯяд бибияш чизе ба такрор,
Нигаҳ гарчи кунад ҳар ҷо набера.

Бувад даҳсола гарчи, аскар аст ӯ,
Аз ӯ бошад Алас хурсанду розӣ.
Табассум дар лабон ояд ба бозӣ,
Шавад гар дар миён пайдо набера.

## ТИЛЛОКОБ

Кофтам ман ҷойҳои дур ҳам,
Дошт корам хавфҳо дар ҳар қадам.

Ин гавазнро раҳо бинмуда ман,
Мефишонам зонуҳои хештан.

Аз камусҳо тоза созам барфро,
Тезпоям, боз гардам тезпо.

Аз тиреза чун бурун созам  назар,
Оташе дар барф бинам шӯълавар!

Алдани ман, эй маро ту ҷисму ҷон,
Одамеро гарм кун, шав меҳрубон.

Хайрхоҳи одамию одамон,
Аз барои комёбии калон.

Сад грам нӯшам, чӣ мегӯӣ маро,
Моҳии шӯре хӯрам бо иштиҳо.

Мешавам дарҳол обу гармтар,
Меҳрубон гардам ба як тарзи дигар.

Шӯхтар бинвоз, эй гармоннавоз,
Базм бинмоем то пурҷӯшу соз.

Тинг-тинг он сӯ гузору соз гир,
Шавқмандонро ба созат кун асир.

Он ки нозуктабъ бошад дар миён,
Мон кашад оҳу кашад доду фиғон.

Ки манам аз тайга–аз мулки кабир,
Аз раҳи монанди тайга беназир.

Сайр кардам табъи дил аз ихтиёр
Бо фарозу пастиҳои бешумор.

Ман табассум мекунам бар беваҳо,
Ҳам ба ҳар як духтари равшанлиқо.

Тезҳо ҳам тезтар монанд по,
Шӯхтар гарданд як-як ҳазлҳо!

Шарм манмо,
хоҳарак, дар ин қатор,
Ин такопӯят ҳама як сӯ гузор.

Рақси оташ рӯи паркет аст хуб,–
Рақси тайга кас  намояд маст хуб.

Бар гавазнон бандам аз нав банду бор,
Бо нишебӣ рӯ ба сӯи кӯҳсор.

Бигзарам аз бешаҳо бинмуда сайр,
Хуш бимон,
то боздид эй шаҳр, хайр!

Духтаракҳо, ки намебошанд кам,
Зиқ шуда, охир ҳама бихранд ғам.

Нест тилло баҳрашон даркор ҳам,
Ман заруру рақси оташсуратам.

ДОНИШҶӮЁН

Бар кӯча бароям бубинам
Доништалабон ба пеши рӯям.
Чун боди баҳор
рӯҳбахшанд,

Ҳар як зи дигар базебу хуррам.

Чун монда будам қадам
ба ҳаждаҳ,
Ман низ будам ба мисли онҳо.
Бигзашта ба хоксорӣ он давр,
Пирии кадом кас ба сӯям
Мекард зи пас назора ҳар гоҳ.

Бо шарму адаб будем ҳамроҳ,
Лекин дағалӣ надошт дурӣ.
Ин хел либоси тоза кай буд.
«Парво накунед»–
гуфта мардум
Мекард ато ба мо сабурӣ.
Будӣ чӣ аҷиб зиндагонӣ!

Тақдир ба мо хуш аст бо разм,
Бо меҳнати пешакию мушкил.
Доништалабон нигар,
ки ҳоло
Як-як бафароғатанду хушдил,
Нон асту либосу хона тайёр!

Хушбахт бимон,
ҷавонии нав,
Бинмой азиз халқи худ шод.
Оянадаи мо бимонад иқдом,
Бидҳед раҳи васею озод.

ТАҚДИРИ ЁҚУТҲО

Дар шаҳри оддӣ
Паҳлӯи дарё
Баччае аз мом
Омад ба дунё.

Иля мегуфтанд
Дадои ӯро.
Мария–номи
Момои ӯро.

Дар моҳи апрел
Ки моҳи зебост,
Ба ҳар як масҷид
Савдогаре чанд
Мешуд хаму рост.

Худ малламӯ буд
Тифлаки навзод.
Рус буд ӯ аслан
Аз рӯи аҷдод.

Шакли ду чашмаш
Буд танг он дам.
Тарзе ки бошад
Чашмони мо ҳам.

Набуд маълум
Лекин ба моён
Чӣ бошад он чиз,
Ки ҳаст пинҳон?

Ки даррандаҳо
Ҳастанд маккор?
Ё яхи мояст
Мустаҳкам бисёр?

Ки обе бошад
Ҳамегирад дар?
Ки оташи он
Аз ғам аст аксар?

Дарёи Лена–
Бузургу зебо.
Ҷорист доим
Миёни яхҳо.

Аз Лена будем
Мо дур бисёр,
К-оварданаш ёд
Буд балки душвор.

Мекард сурхӣ
Аланга беист.
Юрта сияҳ лек,
Гӯё ки худ нест.

Барфи сап-сафед
Кабуд мегашт.
Роҳат надида
Дар бешаву дашт.

Монанди пилта
Маҳтоби зебо
Торик дуде
Мекард гӯё.

Бар дида метофт
Ҳай даҳшатовар,
Ки бар худою
Бар зоти шайтон
Мекардӣ бовар.

Савдогаре ёфт
Дар назди мо роҳ.
Аз дурроҳе,
Аз байни сармо.

Дил шуд яке сард,
Якбора яхпӯш.
Бе одам оташ
Гардид хомӯш.

Намедонистем
Асли ҳикоя,
Ки ин писарча
Расад ба воя
Андар Россия
Бе хобу бо хоб.

Лекин раҳи худ
Гум намекардем.

Бар назди гулхан
Рӯ меовардем.

Озодиро мо
Бинмудем эҳсос.
Атрофи гулхан
Шабҳо ба ихлос.

Мо фарқ кардем
Симои онро.
Андеша кардем
Дунёи онро.

Эҳсоси пешин
Бероҳат аммо
Ҳар лаҳза аз нав
Мекард моро,
К-аз гуфти «Лена»
Зиндагӣ буд гум.

Мезием инак
На он қадар дур.
Аз пешатон мо,
Дар Лена дорем
Тавсифи Волга–
Дарёи машҳур.

Баҳори Лена
Бошад нозанин.
Дил хоҳад ин ҷо
Бошӣ ту сокин.

Ҳам шавқ ояд
Касро ба эҷод.

Доранд охир
Ҷумла ба хотир
Аз гоҳвора
Донанд ҳозир.

Машҳур дарё,
Он писаракро,
Ки моҳи апрел
Омад ба дунё.

## РОҲИ ТАЙГА

Аз ҳавои тор ояд ҳар нафас бӯи мағор,
Бӯй ояд инчунин аз буғдода ҳар дарахт.
Хомушӣ бар об гашта дидаи наззорабор,
Арчаҳои сархам ин ҷо дим тобанду карахт.

Зуф бошад дар сари раҳ руста бисёр аз дубар,
Печаки нармак хӯрад дар гирди поят нарм печ,
Ки нахоҳад аз қитиқҳои мулоимаш дигар
Хешро созад раҳо ҳангоми рафтан пой ҳеҷ.

Менамояд балки он сон, ки нагашта нотавон,
Шаб ба роҳи хеш мемондам қадам ман устувор,
Пашшаҳо, ки он қадар пур нестанд андар миён,
Пар зананд аз ман канора дар дигар кунҷу канор.

Маст бинмоянд одамро санавбарҳо аҷаб,
Бо нафасҳои нафиси хеш аслан бе магас.

Шохаҳо чун бодбезак хӯрда ҷунбиш рӯзу шаб,
Бо ҳавои дим меҷанганд ҷорӯбвор бас.

Аз миёни ин ҳавоҳо як ҳавои сард боз
Мерасад бар рӯву бар дил гашта ҳар соат вазон.
Метавон дӯзӣ ба чашма дидаи некӯй соз,
Он чӣ бошад  майда, метобад ба чашмонат калон.

## ОЙМАКОН

Мекунад дар ин макон хуршед ях,
Ашк андар дидаат дар як замон.
Мешавад якбора мушти сочма,
Чун каҳи хушке нафас хиш-хишкунон,
Мезанад бар рӯи пешонӣ қирав,
Карда туғёне зи ҳоли танги ҷон.

Дай набошад нимсола, дон, ки вай
Ҳашт моҳи пурра соҳибдавлат аст.
Мекашад душворӣ балки он касе,
Ки ҷасур асту саропо ҷуръат аст.
Лутф нанмояд ҳаво бар ҳеҷ кас,
Тоб орад он ки марди қудрат аст.

Кӯчманчиянд аз даври қадим
Қавмҳо, ки чорво мепарваранд.
Мекунанд ин ҷо фақат сайёдҳо
Назди гулхан хоб, вақте  шалпаранд.
Чойи ҷӯшу истироҳат кӯтаҳак,
Чашми тезу хомушӣ бонигаранд.

Гашта ҷӯё озмунҳо мезананд,
Роҳ меёбанд сӯи маъданон.
Мерасанд онҳо аниқ то қаърҳо.
Духтарон лекин-ниҳолони ҷавон
Дар қатори мардҳо монанд по
Рӯ ба рӯи боди тунду беамон.

Мисли тӯфон дар гавазнон бо шитоб
Аз азал созанд бар дурӣ сафар.—
Духтарон бо баччаҳо як ҷо шуда,
Дар бари пирони дунёбохабар.
Қудрати ту дар ҳамин бошад, ҳамин,
Оймакони ман, ба рӯи баҳру бар!

КОРМАНДИ ЧУМИ СУРХ

Шаб ҳама ташвиш моро, рӯз роҳ,
Мерасад таъсири ин то мағзи ҷон.
Дур чуми сурх андар барфҳо,
Шояд он нест интизори меҳмон.

Қалби худ монда бародарвор ман,
Мезанам фарёд бар худ, ки битоз!
Дар само бошанд ҳай партавфикан
Нурҳои Юкагир дуру дароз.

Ман худам артист, якто дар ҷаҳон,
Қалби манро бурдааст ин касбу кор.
Пахш созад савтро боди вазон,
Бишнаванд аммо маро дар ин диёр.

Ҳеҷ гап не, гарчи сармояст зӯр,
Ним соат равшанӣ ҳасту тамом.
Одамон бо дидаҳои пур зи нур
Гарм истиқбол гирандам мудом.

Субҳро даъват кунад аз дудкаш,
Осмон зебо шуда бо кавкабон.
Сӯҳбат ороям шабонгаҳ то ба субҳ,
Бо шаробе гарм карда ҷисму ҷон.

Тоқа ин ҷо чум ба бӯронҳо бувад,
Тундра испед сар то постӣ.
Ман ба мисли тири паррон бар ҳадаф
Роҳ пӯям бе камию костӣ.

Шаб фақат афтам ба гирдоби хаёл
Дар хапию сардии пуриқтидор.
Хоб бинам беш дар чумҳои дур,
Ки занам бошад маро чашминтизор.

Ки чӣ гуна ҳоюҳуи кӯдакон
Дар хамӯшӣ паҳн мегардад зиёд.
Эй, ду чашми сип-сиёҳи баччаам,
Кардаед оё маро бисёр ёд!

ЗАХАРИЯ СТАНКУ

# САТРҲОИ ОДДӢ

Душанбе

«Адиб»

1990

## ИЗҲОР

Месароям ишқро, ки дарду тӯфон дорад он,
Дарду тӯфон дар вуҷуди хеш пинҳон дорад он.

Ман буронро месароям, ки ба зери хештан
Бешаи пурроз дорад–карнаи ғулғулфикан.

Месароям субҳро, дар ман бувад низ офтоб,
Месароям чашмаро, ки кавкабе дорад дар об.

Месароям роҳҳоро, ки баранд онҳо маро
Рӯ ба сӯи қуллаҳо, оянди пурнуру зиё.

Месароям сангҳоро, ки ба вақти гирумон
Роҳ рафтам рӯяшон, бинмуда поҳо хунфишон.

Месароям ғуссаро, ки нест з-ӯ ҷои фирор,
Месароям дасти ту, ки гул бирезад чун баҳор.

Он даме ларзонию рахшанда чун кавкаб ба об,
Дасти ту ором дар дастам шавад аз печутоб.

## ОРУИ АСАЛ

Мешавад ғоиб чӣ сон бин, ноаён
Байни парвози малах дар марғзор.
Пои дардав, домани рангини он
Бо навозиш ҳар гиёҳ гирад канор.

Гирди он лабҳои маймонанди ту
Мезанад ғуввос ору ҳар нафас.

Гӯӣ ту ин лаҳза ҷӯяд роҳ ӯ
Бар асалдон–қуттии худ барабас.

Лек чун бо заҳмату ҳирси зиёд
Мемакад лабҳои гулҳои навин,
Пар зада аз марғзори дур шод
Оварад бар хона хушбӯ ангубин.

## НАҲРЧА

Суруди наҳрча ояд ба гӯшат?
Даме обаш ба тан ду ним созӣ.
Ҳамели шарраҳояш медурахшад
Чу нуқра, карда дар хуршед бозӣ.

Шарорафкан шавад ҳар гул ба дида,
Бипӯшида либоси сап-сафеде.
Туро ман интизориҳо  кашида
Қафои марзи ларзон бо умеде.

Нишаста рӯи санги ушнабаста,
Ба ёдат шеър иншо мекунам, дон.
Даме будам барат ин ҷо нишаста,
Чу марворид фикрам буд рахшон.

## ЧОҲ

Чӣ лозим, хам машав ту бар сари ман,
Чунонки  бингарӣ бар чоҳи бетаҳ.
Надонӣ то чӣ сон дар қаъри равшан
Ба худ мехонадат пурҷӯш саргаҳ.

Надорад бар худаш банду чалак чоҳ,
Ба салқинӣ кашад бар худ дилу ҷон.
Давӣ бар пешвози қаър он гоҳ,
Раҳо  аммо нагардӣ дигар аз он.

## ОФТОБ

Баччаҳои деҳа дар дарё ба шавқ
Ҳамчу моҳӣ гӯӣ ҷавлон мезананд.
Бас бурун урён шуда якҷо ба шавқ,
Ғел рӯи регзорон мезананд.

Дар паси найзори ғафсу нотамом
Барзаговон барбабар истодаанд.
Бӯи гандум бод орад бар машом,
Файз тобистон бубахшад чанд-чанд.

Карда ғуввос ору бо сад печутоб,
Боз қуттии асал дорад суроғ.
Майл созам бо ҷадал то моҳтоб,
Гӯӣ дар ман ҳам шукуфон аст боғ.

## ТАШВИШ

Хатат бар ман суолҳо медиҳад беш,
Ки аз чӣ нестам майли навиштан?
Магар ҳодисае омад ба ман пеш?
Бале, ҳодиса ҳам кам нест бар ман.

Миёни сад гапу ташвиши бисёр
Ғаме чандест рӯзам тор кардаст.
Раҳоӣ  нест аз онам ба зинҳор,
Маро бо  бори худ абгор кардаст.

Чӣ сон охир барорам ман зи хотир
Шаби маҳтобу панҷа бӯса кардан!
Набӯсидам чаро дасти ту охир,
Бибӯсидам нигоҳи шабнамафкан!

БАҲОР

Хуршед аз домони лутф
Ҳай-ҳай чӣ зарборӣ кунад.
Дар шохаҳои себҳо
Бинӣ, ки гулкорӣ кунад.

Дар деҳаи ободу сабз
Тирезаҳо бикшодаанд.
Андар миёни буттаҳо
Гамбӯсакон афтодаанд.

Майли давидан мекунанд
Аз пушти онҳо баччагон.
Оби баҳорӣ бошитоб
Дар ҷӯчаҳо бошад равон.

Дар даштҳо говони ҷуфт
Дар каш-каши юғу сипор.
Доду фиғон то бар фалак
Печад ба ҷӯши корубор.

Лак-лак ба чиқ-чиқ омадаст,
Шудгор паҳнотар шавад.
Аз пайраҳа як навҷавон
Бо духтаре якҷо давад.

Бигрифта дасти ҳамдигар
Торафт тозон мешаванд.
Андар паноҳи бешазор
Аз чашм пинҳон мешаванд.

## ТИРАМОҲ

Паррандагон бастанд кӯч,
Ғамдор бошад тирамоҳ.
Лекин ба чашми ту ҳанӯз
Хуршед бошад пурзиё.

Бошад ҳама ҷо мотаме,
Лой асту борон ҳар тараф.
Гулбарги рӯи ту вале
Рахшад кунун ҳам чун садаф.

## ШУКРИ ЗИМИСТОН

Ба боғи баргу бораш уфтода
Зи бӯрон парфишон баргони симин.
Намемонад ба дил орому таскин,
Биборад ҳар гаҳе барфи зиёда.

Ҳама ҷо дар либоси сап-сафед аст,
Ба дил ҳам барф гӯё мезанад чарх.
Ба сар ин фикр манро мезанад чарх:
Яке бар ях нагардам мосу пайваст.

## ПУШТАҲОИ АРҒУВОНӢ

Баранд ангурҳо чун нур дида,
Нигаҳ кун пуштаҳои дашту лола.

Сари таввора печак ханда дорад
Зи шабнам чашми худро карда мола.

Ҳаво пок асту серун асту форам
Ба вақти субҳидам, ки он мусаффост.
Чунон ки пештар ҳам буд, ин дам
Сабо болои дарё дар равуост.

Шитобон меравад дарё, шитобон,
Ба нови осиёи кӯҳна, бингар.
Суруди тозагӣ дорад ба лаб он,
Ба мисли пеш ҳозир ҳам муқаррар.

Кабӯтарҳо чунон боло парида,
Ки бо боли сафед абри сияҳро
Ҳама якҷоя гашта пора созанд,
Биафтонанд гӯё ки саморо.

Ба пеши пот дорам илтиҷо ман,
Ки ту бо як нигоҳи меҳрафшон
Чу нури меҳри пешазтирамоҳӣ
Бигирӣ меҳри манро бар дилу ҷон.

Таги истораборони бадаҳшат
Ба қалби ман шикаста шоху барг аст.
Намедонам ғаме, вақте  манам дай,
Маро пӯшон, ки бар ман хавфи марг аст.
Ту чун тухмии поизам бипӯшон,
Даруни хок–дар зери замин мон.

## ДАЪВАТ

Рӯи деҳ роҳист моҳи нилфом,
Ҳамчуноне мавҷи дарёи дамон.
Чор сӯ дар кишвари маҳ вақти шом
Бингарӣ, чун чашмаанд исторагон.

Дар канори нармаки хушбӯ ғарам
Бод ҷо бигрифта мегардад хамӯш.
Дам, ту гӯӣ, гирад ин ҷо, хуб дам,
Бехабар, ки боғҳои сабзпӯш
Мемиранд аз гармию аз ҳоли бад,
Ҳар гуле бо оҳ фарёдаш кунад.

Эй табиат, ҷафс бо ман мешавӣ,
Ман туро оғӯш гирам бебадал.
Бешаи аз ширaи хушбӯ пурат
Бӯса карда лаб кунам тар дар асал.

Медурахшад чашми намбори ту боз,
Шаб ба мисли пур зи шабнам корсон[28].
Миҷҷаҳо дорӣ ту сабзею дароз,
Пӯш рӯятро ба онҳо як замон,
Тобиши дурру гуҳарро пора соз!

## ҲАСРАТ

Шудам дар кӯчаҳо сарсон дар он шабҳои бӯронӣ,
Туро мехонд овозам ба худ хомӯшу ларзоне.
Ба сар меомадам афкори пардору ҳамешуд сард,
Ки бар он ҳам зи сарсонӣ ҳамезад гӯӣ пайконе.

---

[28] Корсон–табақи калон.

Нигоҳи ман бишуд хомӯш дар намнокии тасфон,
Ба ҳар ду чашми нодидам туро будам ба шаб пазмон.
Ки дастони ба гармӣ ҳамчуноне хӯшаи ёсат
Ба чашмам кай шавад пайдо, ба гардан кай шавад печон!

Туро хондам ба фарёде, ки маҳзун буду нотакрор,
Раҳат пӯид он чашме, ки буд аз гиря беанвор.
Ду дасти хешро бардоштам бо илтиҷо боло,
Вале танҳоӣ танҳо гашт бар болои дастам бор.
Диламро пахш карда бо ғаму андӯҳи бепоён,
Нагардид осмон ҳамфикр бо ту он шабаш зинҳор.

ХОТИРА

Аз пуштае –аз корзор
Бар гирду пеши кӯҳсор

Хуршед зар мекоштӣ,–
Партавфишонӣ доштӣ.

Дар шом сӯзон буд шафақ,
Аз сӯз гирён буд шафақ.

Девонаосо, беқарор
Мезад худашро ҳар канор.

Мерафт пода рӯи роҳ,
Оҳиста чун дуди сиёҳ.

З- аробаҳои нилфом
Гӯё ки кӯрак бо маром

Медод бар поён ҳаво
Чун тойи пахта абрҳо.

Паррандае тефакзанон
Оҳиста мерафт ошён.

Дар зери юғаш барзагав
Як пешпо хӯрду бадав

Бардошт дар ҷояш баос,
Лекин нашуд бо ин халос.

Аз юғу аз кори гарон,
Аз ҳоюҳуи ҷуфтрон

Торафт мешуд тира рӯз,
Монанди чӯби гандасӯз.

Хокистари гулхан дигар
Бо бод рафт аз ҷо бадар.

Як миш-мише омад ба гӯш
Аз ким-кие, шуд хамӯш.

Исторае шуд дар само,
Чуғзе биёмад дар наво.

Аз байни он истора ӯ
Бо дидаи чуғзонахӯ

Бинмуд бар олам нигоҳ,
Аз пушти  шиша гӯиё.

Ман худ надонам дар чӣ ҳол
Будам дар он қилу мақол –

Ҳушёр, ё девонае,
Бар хеш, ё бегонае.

Ҷону дилам туғён гирифт,
Якборагӣ дармон гирифт.

Сӯи ту болу пар зада,
Пар ҳамчунон кафтар зад.

Он сон, ки бар соҳил парад,
Бо майлу ҷӯши дил парад.

ШАБ

Кӯчаҳо чун олуболу тираанд,
Шаб вале бо ранги рӯи дигаре
Ҳамраҳи маҳ дар само монад қадам,
Нарм чун садбарги чодарбарсаре.

Хам шуда болои ҳар долу дарахт,
Чодараш ногаҳ шавад аз сар хато.
Хам ба рӯи чоҳи чӯбин мешавад,
Мӯҳраашро медиҳад бар он ҳаво,
То дар он ҷо хубтар бидҳад ҷило.

Даст бурда бар хапии теппаҳо,
Гӯш бинмояд суруди ҳар гиёҳ.
Бо ғизолон гашта ҳамраҳ дар сафар,
Баъд мегирад ба сӯи чашма роҳ.

Бо шупонон дар канори кӯҳсор
Гӯӣ бо афсона сӯҳбат мекунад.
То ба он вақте ки дидори шафақ
Аз саодатҳо ҳикоят мекунад.

## НОМА

Чанд рӯз аст ин, ки гардидаст дур
Аз навозишҳои чашмам рӯи ту.
Аз чӣ бошад, ки нагирам номае
Дер боз аз номи ту, аз кӯи ту.

Чор бошад чашми гирёнам мудом,
Даргирифта гулхани ғам дар дилам.
Рӯи олам пур бувад аз офтоб,
Тор бошад лек бар ман манзилам.

Дил ба дарди сина тоқат мекунад,
Ҳамчу заврақ дар дами бӯрон шудаст.
Гар наоӣ ҳам, ба як ҳарфи накӯ
Шод кун дилро, ки он пазмон шудаст.

Байни мардум по ниҳам дар кӯчаҳо,
Чун каси беҷовупову дарбадар.
Чун саги одамгурезе инчунин
Дар ҳаросам балки аз ҳар раҳгузар,

Мезанам чун сӯзанакҳо ҳар замон
Бо хаёле дар бари ту болу пар.

## ПОЙАНДОЗИ МОҲТОБӢ

Чун кушодӣ миҷҷаҳои ғафси худ,
Ки сабук чун болҳои досаканд,
Кард пойандози маҳтобӣ шитоб,
Рӯ ба сӯи остонат чанд-чанд.

Шаддаи гардан чу ҷунбондӣ ба ноз,
Гашт вайрон олами хомӯши шаб.
Дар само исторагон чашмак зананд,
Боз шуд хомӯшие мисли ғанаб.

Чун сафедиҳои дастат ҷилва кард,
Ҷони ман дар сӯз монду дар азоб.
Нӯки он пероҳани гулбези ту
Гашт бар рӯи ҷабини ман ниқоб.

Ваҳ, чӣ сон мондем мо ҳарду хамӯш,
Чарх гардида ба хоби мубҳаме.
Дастаи пур аз миёни шохаҳо
Бебадал чун баргҳои хурраме
Рехт ҳар дам бар сари китфони мо.

## АЛАМНОКӢ

Маро бо чӯб зан ё сангборон кун,
Бикуш, аммо бидон, ки шод гардам з-он
Танам дар решаҳо пинҳон намоям ман,
Палидам, захр дорам дар таги дандон.

Манам як санги селовардае аз кӯҳ,
Сари ҳар чорроҳа ҷойдорастам.

Заморӯғи сиёҳи маккагиям ман,
Гиёҳи ғайр буда, нобакорастам.

Ба ҳар ҷое, ки ман по бар сафар монам,
Ҳамоно мешавад аз мақдамам вайрон.
Набошам ҳеҷ ҷо ман  бар касе лозим.
Зи тавлид омадастам нотавон чандон,
Ки аз ҳар нотавонам нотавон доим.

Сароям, то даме, эй гушнаҳои дун,
Шумо чун решаҳо хун мехӯреду хун.
Сароям, то даме нур асту зулмот аст,
К-аз онҳо кӯҳ касро мекунад ҳайрон,
Дили нопойдорам мешикофад он.

Раҳам байни дигар пайроҳаҳо ҷунбад,
Аз он бигзашта ман гул мекунам, гулҳо.
Ба онҳо, ки ба зебоии беҳуда
Ҳамеканданд гаҳ дар ҷою гаҳ дар роҳ,
Аз ин гулҳо кунам гулчанбаре савғо.

Касе орад зарар ҳамчун гиёҳи ғайр,
Миёни гулситон ӯро набошад ҷо.
Манам он, ки наоям кор бар чизе,
Канед аз беху бунаш решаҳоямро.

## СУБҲ

Субҳ рӯ шӯяд ба нури офтоб
Нобиное дар дамиши субҳидам,
Мекунад дар кӯча бар ҳар раҳгузар
Бо фиғони най баён дарду алам.

Ман туро ҷӯям ба ҳар ҷои ҷаҳон,
Орзу дорам, ки гӯям ин сухан.
Ҳаст андар ҷои мо фасли баҳор,
Офтобу сабзаву гул дар чаман.

Кӯдакон аз кӯча бигзаштанд шод,
Дида онҳоро гирифтам ман рамуз:
Баччаи шарминаки деҳотиям,
Деҳаам дар пеши рӯ бошад ҳанӯз.

Ёд бинмудам ибодатгаҳчааш,
Буд андар он хамидақоматӣ.
Ёд овардам худоро инчунин,
Пас суруду рақсҳои одатӣ.

Духтареро ёд кардам, ки ӯ нест,
Орзуеро, ки бодаш бурда буд.
Ёд кардам ман гули садбаргро,
Ки басо хушбӯй буду хушнамуд.

Ёд кардам хоҳарамро бештар,
Ёд овардам гули хайрии дашт…
Ашк дар чашмони ман гардида хушк,
Маскани нав ҷуста қаъри дил гузашт.

(Оҳ, аз он қаър будам дур дер!)
Гоҳ борон буду гоҳе офтоб.
Ҳусни нав бигрифт з-ин дашту даман,
Хешро ҷустам хаёлан бо шитоб
Дар замину ҳавлиҳои деҳа ман.

Ғарқ гардидам миёни нур хуб,
Ҳамраҳи субҳи сафо сар то ба по.
Кай дигар гӯям, ки гӯшам мешунид
Нобиною нолаи нойи варо.

## СУРУД

Чун расад рӯзи нахустини баҳор,
Офтоб оғӯш гирад марғзор,
Об пеши осиё гардад пареш,
Дар деҳи мо рақсу бозӣ мешавад.

Чун замин пӯшад зи гул бар тан либос,
Дар фалак гардад чаковак нағмасоз,
Рӯ ба саҳро одамон оянд пеш,
Дар деҳи мо рақсу бозӣ мешавад.

Ҳаст пушти мазраъ гӯристони деҳ,
Хап шавад ин ҷо лаби хандони деҳ.
Хуфта бошад дар ҳамин ҷо духтаре,
Ки набудаш аз ғаму шодӣ хабар.

Олами тифлонае мо доштем,
Тухми ханда дар замин мекоштем.
Ҳар ду як афсона будем, аз ҳавас
Буд бозиву даводав бештар.

Ҳаст андар деҳи мо зангӯлае,
Кӯҳна аст, аз деҳи мо ҳам кӯҳнатар.
Дер он чун нағмаи мотам навохт,
Аз ҳамон дам шуд маро он ҳамсафар.

## ПАЙИ ПОЯТ

Бар хона баргаштан замон
Аз остон кардам назар,
Бовар намудам, ки дар он
По мондаӣ бори дигар.

Ҳар чиз гап мезад аз ин
Дар рӯбарӯям балки фош.
Болои мизам сафҳахо
Буданд ҳар сӯ титу пош.

Албатта гардондӣ варақ
Ҳар сафҳаамро бо ҳарос.
Ҷустӣ ту аз дафтарчаам
Сатри барои худ шинос.

Дилтанг гаштӣ, ки дар он
Сатре ба васфи ту набуд.
Шояд ки бар рухсорагон
Он дам фишурдӣ мушти худ.

Ларзида шояд мисли тифл
Дар дил гиристӣ бесадо.
Тори асабҳо гашта ҷӯр,
Карданд ҷонат бедаво…

Бошад нигоҳам беқарор
Чун меҳри мобайни саҳоб.
Бар фарш гардад дӯхта,
Ҷӯяд паятро бошитоб.

Чашмони маҳзун пурумед,
Дар кунҷи лабҳо хандае
Дар хонаам истодаанд
Бо куртаи зебандае.

Ҳар як  варақ ашъори ман
Чун баргҳо гардида пош,
Бар чанги бад афтодааст
Бо изтиробу бо талош.

Шинам сари мизам сипас
Як поси шаб  бедор ман,
Бо сатри бекасмондаам
Ҷеғат занам такрор ман.

Гӯӣ ки дар боғоти ман
Гулбозие дорад баҳор.
Лекин ба ҳар ҳолам, дигар
Бар ту набошам интизор.

### ИНТИҲО

Иҷозат деҳ, ки имшаб пешат оям,
Рухам пӯшам, ба хомӯшӣ шавам ғарқ.
Саропо чаккаҳоят нуқракӯбанд,
Набошад ин фақат аз раъду аз барқ.

Сияҳ чашмат чу оби тирамоҳист,
Рухат пажмурда, ранг аз лаб парида.
Кабуд аз ашк  гашта миҷҷаҳоят,
Зи ашки дер аз чашмон чакида.

Кӣ бар он чашмаи ҷӯшон гил андохт,
Бар он, ки дар лабонат дошт ово?
Бар он сарчашмаи афсонаю роз,
Бар он, ки кас намедонист ӯро?

Чӣ шуд бар дастҳои гарму нармат,
Ки андар гарданам гашта ҳамоил,
Ҳамедоранд аз сидқу вафо дарс,
Умеду боварӣ бахшида бар дил?

Ман охир пеш аз гирди лабонат
Табассумҳои ту ғун менамудам.
Ба он мақсад, ки андӯҳу ғаматро
Диҳам чун як хаёли хом барҳам.

Вале ҳоло зи ман ғамгинтаре нест,
Маро дар хонаат имшаб бидеҳ роҳ.
Ҳамехоҳам, ки ин ҷо сард гардам,
Бипӯшонам ба дастон рӯи худро.

## ҶУФТ

Туро як ҷуфт бошад даст охир,
Бувад зонут ҳам як ҷуфт танҳо.
Ба дастат панҷаҳоят низ як ҷуфт,
Фақат як ҷуфт сина бошадат, оҳ.

Набошад гӯшат аз як ҷуфт бисёр,
Ба ту як ҷуфт бошад пилки дида,
Ки он мисли сипардевор бошад,
Ба шакли нимгирдак офарида.

Дигар як ҷуфт поҳои ту бошад,
Ҳамин сон ҷуфт бошад китфаконат.
Вале дар зиндагонӣ беҳисоб аст
Азобу ғуссаву оҳу фиғонат.

## БАР МАН НИГАР

Мушт бифшурдам чу бар номи шараф, бар ман нигар,
Чун туро даъват кунам бар он тараф, бар ман нигар.
Кун назар бар ман, чу пеши ту ба зону мезанам,
Ҳарфи коҳишам шунав аз ҳар тараф, бар ман нигар.

Поймолат мекунам вақте, ту эҳсосам бикун,
Илтиҷо созам агар, бовар ба ихлосам бикун.
Кун назар бар ман, чу меорам ба ту исторае,
Аз бароят чун диҳам худро талаф, бар ман нигар.

## ОТАШ ВА ХУН

Дар куҷо бори нахуст омад суруд андар наво?
Дар куҷо, баргӯ, шафақ дарёфт бар худ ибтидо?

Кӣ ба кунҷи охири паҳнои олам рафта буд?
Бӯса аз лабҳои гарми меҳр кӣ бигрифта буд?

Аз куҷо сарчашма бигрифтаст бар худ хуни мо?
Дар куҷо ӯ бо алав вохӯрда гаштаст ошно?

Гӯ, чӣ тавр оташ ба хуни  гарми мо авҷаш бидод?
Гӯ, чӣ сон аз авҷи ӯ дар хун бишуд ҷӯши зиёд?

## САЁҲАТ

Чун шавад истораи моён хамӯш,
Кӯч мебандем бар наҷми дигар.
Тира бошад дил, вале ҳамсояро
Ҳаст андар сина қалби шӯълавар,
Гарм моро мекунад дар рӯзи сахт.

Меҳрро мо партави нав медиҳем,–
Дил  ба хуршеди дигар бандем мо.
Дар ба рӯи мо кунад афлок боз,
Мекунем одат ба ҳар ҷинси само,
Дар ҳамон ҷо низ меёбем бахт.

## НАМЕДОНЕМ

Аз куҷо мо омадем, инро намедонем ҳеҷ,
Бар куҷо хоҳем рафт, инро надонад ҳеҷ кас.
Барқи захмат ё ки моро бар бурун партофтаст?
Ё чу дашти хушк мегардем умре барабас?

Мо намедонем баҳри чӣ, чӣ сон пайдо шудем,
Рӯи дасти кӯраи арзе, ки бошад чархзан.
Пайкари мо аз барои чист танҳо обу кафк?
Аз чӣ хуни тираи мо бӯи хуш дорад ба тан?

## НОБИНОЁН

Ин хона чу дахма нобинояст,
Ҳар шохи дарахт ҳам чунон аст.
Он раҳгузар аст нобино, боз
Аъмо маҳу чашми осмон аст.

Дил кӯр бувад чу кӯрмушак,
Ҳар лаҳза тапад ба хуни ҷӯшон.
Дунё ҳама равшан аст, лекин
Кӯр аст ба арзи нобиноён.

## ШАБАҲ

Хушк шуд хунам ҳама, гаштам шабаҳ,
Он, ки сарсон дар биёбон асту бас.
Соям  низ аз пасам н-ояд дигар,
Изи поям ҳам намемонад ба пас.

Чиқ-чиқи дурроҷ меояд ба гӯш,
Ман сукунатро кунам эҳсос аз он.
Баркро ҳам аз миёни шохсор
Дида натвонам ба шаб дар осмон.

Ғам надорам, гар ба озар афкананд,
Ман намесӯзам зи бас дар озаре.
Ё ба дарёям бипартоянд, аз он
Ғарқ ногашта бароям дар баре.

## СИТОРАЕ, КИ ДАР ОН ЗИНДАГӢ ДОРЕМ

Ҳамон истора, ки дорем дар он зиндагӣ, сурх аст,
Чу хуни аскарони гашта андар ҷангҳо қурбон.
Чунон сурх аст, гӯё лолаи саҳрову ҷангалҳост,
Чу лабҳои батасфи хубрӯён сурх бошад он.

Ҳамон истора, ки дорем дар он зиндагӣ, сурх аст,
Ба мисли офтоби дар ғуруб омода дар бегоҳ.

Дигар сурх аст ҳамчун пилки ҳайвонҳои навкушта,
Басо сурх аст ранги парчами исёну шӯришҳо.

## СУРУДИ ИШҚ

Месароям дасту бозуи туро,
Нозҳои чашми ҷодуи туро.

Месароям ҳар сафедори баланд,
Ки мисоли шамъ рост истодаанд.

Месароям теппаю дашту шафақ,
Ишқи ноҳамвору ноаҳли арақ.

Худ ҳамон ишқе, ки мисли найзаҳо
Сахт бишкофид маҳрову маро.

Тарҳи рӯи туст пеши чашми ман,
Нури мӯи туст пеши чашми ман.

Не гузашта буду не бошад дигар,
Кӣ ба хунам заҳр андохт ин қадар?

Кӣ барои дарду ғамҳои ширин
Монд дар дил ошёни нозанин?

Кӣ гунаҳгор аст бар ин шӯру шар?
Он ҷавонии дилошӯбат магар?

Ё ки он дарёву соҳилҳои он?
Зери маҷнунбедаки кокулфишон?..

Метавонам, ки диҳам садҳо савол,
Дар ҷавобаш бар ту гар н-ояд малол.

Шояд ин ки дида бошам рӯзгор
Дар гузашта асрҳои бешумор.

Ҳеҷ чиз аммо надорам ман ба ёд,
Гум шудаст осори онҳо аз ҳаёт.

Гаштаам беруншавон аз об ҳаст,
Бар тани заррини ту печон ду даст.

## ПАЙВАНД

Яктост тани ману ту, яктост,
Онро натавон касе ҷудо кард.
Балки накунад ҷудош аҷал ҳам,
Бар соати марг дастболост
Ишқе, ки ба дил ниҳонӣ пайдост.

Касро набувад ба даҳр қудрат,
То бар ду кунад ҷудой моро,

То бод ба дашт мекунад сайр,
То моҳи бануру боназокат
Шабҳо зи дарича сар халонад.

Тарсе набувад кунун ба дилҳо,
Хун дар тани мо як асту ҷорист.
Он ваҳшии гушнае, ки дар мост,
Боло накунад дигар сар асло.
Моро чӣ ғам аз азоби дунё?

Он кист, ки мебарад ба ғорат
Бӯи хуши липаҳои[29] хандон?
Ғофил ҳама кафтарони беша,
Ки амр намудааст ваҳшат:
Теғ аст ба ҳар кадом навбат.

Қудрат набувад ба ҳеҷ кас боз,
То об ҷудо намояд аз хок.
Ман боиси ту фақат ки ҳастам,
Ҳамроҳи ту меравам сарафроз,
Бар марг намуда сахт эъроз.

## СУРУДИ ҲАЁТИ ПИСАРАМ

Корнома рӯзгорат, мон, шавад ба ҳар ҷасур,
Аз даҳони мисли олу пухтаат ояд мудом
Ҳарфи хондан бар адолат марду занҳои ғаюр,
Баҳри ҳарфи коргарҳои гурусна бар қиём.

[29] Липа–номи як навъи дарахт.

Бо ду дасте, ки ҳанӯз онҳо нафису кӯчаканд,
Сатр пушти сатр бинмонд бо имло қатор,
Хоҳӣ ту бардошт сайфи барҳақу пирӯзманд
Бар дифои мардуму осудагии рӯзгор.

## МОҲ

Маҳтоб дили ман аст, маҳтоб,
Дастам суи холигист боло.
Ҳар бех дарахти сарбаланде
Меояду меравад ба дунё,
Бар дил бираванд, бар дили моҳ.

То моҳ раҳи ман аст наздик,
Аз роҳи ба ман шинос кайҳо
Роҳест бадав ба мулки машҳур–-
Мулки галаҳои моҳтобӣ,
Мулке, ки варо дигар наёбӣ.

## СУБҲИ МУРОД

Бо дили саршору рақсон аз суруд
Интизорӣ мекашам рӯзи накӯ.
Гирди хонам баҳри айёми навин
Меҳмонат мекунам, эй Орзу.

Хона, ки чун хонаи сагҳостӣ,
Зистан дар он намехоҳем мо.
Ҳеҷ кас сар хам намехоҳад кунад
Пеши зарринпӯш пои оғоҳо.

## РӮЗИ ОЯНДА

Чӣ гуна ранг дорад рӯзи оянда,
Сиёҳе, сурхаке, ё ки сафед аст он.
Навозиш мекунад, ё мекунад ғам бор,
Чароғ аст, ӯй, ё чун лолаи хандон.

Ҳама имрӯзи мо гунг асту нодаркор,
Чӣ хеле лек бошад рӯзи оянда,
Биёяд хоҳ бо нон, хоҳ бо хун ӯ,
Бимонад ҷои рӯзи гушна поянда.

## ЗАМИНРО БАР ДАСТ ГИРИФТАМ

Гирифтам ман ҳама ин арз бар даст,
Ба ман гуфтӣ: алаф рӯяд, алафҳо.
Бигуфтиям: нигар, ки мешавад тар,
Гирифтам чун ба дастам абрҳоро.

Гирифтам  ман саропо осмонро,
Ба исрорам бигуфтӣ: дер шуд шаб.
Ба рӯи каф гирифтам офтобаш,
Тамоман дер шуд гуфтӣ таги лаб.

## ЭЙ ҲАРИСИ МАН

Ҳариси ман, ба ҷони даргирифта мекунам эҳсон
Барои зебиши як гардани ту ганҷи Қорунро,
Барои дастпона орамат аз нуқра як олам,
Барои софии чашмат кабудиҳои гардунро.

Кунам бар ту, ҳарисам, боз бар болои ин ҳадя
Пари абри само, то хоб бинмоӣ дар он ором.

Барои рӯйпӯшат тӯҳфаам, медон, шафақ бошад,
Кунӣ то чллаат пурнур, созам меҳрро инъом.

## БАХШИДА БА КИТОБИ АШЪОРИ ЕСЕНИН

Чӣ бинвисам бароят дар китобат,
Ки шахси дигаре онро навишта,
Шудаст аз ӯй баҳри тоза ифшо?
Ба маргу зиндагию орзуҳо,
Ба ҳар як лаҳзаи кӯтаҳ сиришта
Бичӯям мақсади олии худро.

Дилу ҷонам  занад чун абр кулча,
Насозад хуни манро ром инон.

Ба ҷовидии мо дар ханда бошад
Ҳамон кавкаб, ки пурнур асту паррон.

## КӢ ДУЗДИД

Кӣ дуздид он суханҳо, ки туро бар хеш мехондам?
Кӣ бурд он дастҳое, ки туро оғӯш мекардам?
Баҳорон боғи гулпероҳани ман бетароват дид,
Тиҳияш дид поизу нашуд бар ҷони он марҳам.

Барои аз паси ту тохтан кӣ дошт роҳамро?
Кӣ аз хоби  ширинам кард манро бемаҳал бедор?
Насозад ғаллазори қалби манро пухта тобистон,
Набахшад дай ба ман барфу набахшад моҳи пуранвор.

## МОДОМ КИ ИСТОРАҲО…

Чӣ ҳоҷат «то абад» гуфтан суханҳо,
Чу кавкаб ҳам абад набвад ба афлок.
Равем охир чу сити бод аз даҳр,
Чу буни хас ҳама хоҳем шуд хок.

Тапад андар дилам, доим тапида,
Ҷилои зулфату шоми ду дида.
Махоҳ аз ман каломи «то адаб»-ро,
Ки чизе нест ҷовид офарида.

## ПАЙ НАБУРДАМ

Пай набурдам, субҳ кай шуд хандабор,
Рафт ними рӯз ҳам дар як назар.
Шомро бинам, навозиш мекунад
Китфҳои хастаамро бехабар.

Нашнавидам ман суруди оби наҳр,
Нашнидам ғуввоси ҷангалзор ҳам.
Ҳамчунон як бешаи гардида сард
Дар канори хушки руд истодаам.

## СУРУДИ ҒАМБОР

Шом шуд, рӯи фазо торик гашт,
Сард гардид аз аёс андак ҳаво.
Дасти симинсои ноолудаат
Торосо ларзид аз зарби ҳаё.

Ту ба ҳоли хаста поён омадӣ
Ҳамчу садбарги сияҳ аз осмон.

Бофтам ман, бофтӣ ту,–бофтем
Торҳои сӯҳбати  шаккарфишон.

Мешудам ҳар лаҳза сарсон барабас,
Хонаи холиву тору бечароғ.
Осмон боло, замин сахт асту паст,
Хап ману хап ту, канора аз фароғ.

Нокро мисли қумочи осиё
Ду бӯлак аз байн бинмудем мо.
Нимторикӣ дамид аз чанги абр,
Хайрухуш кардем ҳар ду то пагоҳ.

Сабзаҳо дар оби шабнам шуста рӯ,
Бӯй беҳ аз рангу ранг аз бӯй беҳ.
Осмонро шох мезад моҳи нав,
Бошад аз он шаҳхати абрӯй беҳ.

Шаб биёяд, рӯз поён мешавад,
Ӯст дар ғам, ман аз ӯ ғамноктар.
Рӯз ояд, шаб гурезон мешавад.
Ӯст дар ғам, ман аз ӯ ғамноктар.

## МУНОҶОТ

Маро дар банд н-андоз, эй муҳаббат,
Макун ҷазбам ба созу бози фаттон.
Манам омодае, ки гӯш созам
Паси деҳ қадкашиҳои дарахтон,
Чӣ сон бар гул чакиданҳои борон.

Фақат камтар газидам, эй ҷавонӣ,
Бари рухсори себи зарди маҳтоб.
Шаби торику рӯзам ширакайфанд,
Хумори тирамаҳ гашта ба сад тоб.

Бувад бар завроқат бори гароне,
Сияҳрӯзист! Манмо ту шитобе.
Натонистам ҳама ҳосил фишонам,
Ҳанӯз оташ надодам обутобе.

Надорад вақт расми дермонӣ,
Ба раҳ гарчи шитоби ту зиёд аст.
Суруд охир бувад бори дили ман,
Ки он зарпораҳои эътиқод аст.

СУРУДИ МАРГ

Мо ҳамехезем бо девори марг
То дами охир аз оғози ҳаёт.
Бо таҳаммул мо, ки бар дахр омадем,
Ҳар нафас хезем аз нангу сабот.

Рӯзҳоро бекафан созад фазо,–-
Хилъати испедашонро мекашад.
Рӯзҳо, ки мераванд аз пеши мо,
Мо ҳамемонему шабҳои сиёҳ.

Меваҳои аввалин аз навдаҳо
Мо ҳамечинем дар боғи ҳаёт.
Тумч аз туршии он гардад даҳон,
Лек бинӣ нест монандаш набот.

Торҳои зарҳалин дуздем мо
Аз сахои бетаги меҳри само.
Аз замон дуздида ишқ андар баҳор,
Мекунем аз бӯса лабҳо захмдор,
То адои шарбати  лабҳои тар
Бошад аз мо ин атои пурхумор.

Вақт моро месуронад ҳар замон
Бо раҳу пайроҳаҳои пурталаф.
Бар ҳамон ҷое, ки майдачӯбҳо
Сӯхта дудаш равад бар ҳар тараф.

Чашм гоҳе бар пасу гоҳе ба пеш
Дар хазидан бо ҳамон девор мо.
Мешавад холӣ ҳаёт–ин зарфча
Кам-кам аз намнокии рӯи фазо.
Нӯш бинмояд яке аз косае
Дигар аз ҷоми булӯрин, воҳ-воҳ!

Нӯш карда косаи дунёи  талх,
Холияш то қатраи охир кунем.
Қатраҳои масткун нӯшем мо,
Дам ба дам онро ба худ ҳозир кунем,
То мадори охир акнун мехазем
То фано, ё то ба паҳнои абад.

## СУРУДИ ИШҚИ ҶОВИДОН

Берун натавон кунад касе ҳеҷ
Тасвири туам зи қалби беғаш.

Бинӣ, ки давад зи кунҷи афлок
Кунҷи дигараш тӯфони оташ.

Дурӣ ту зи ман, чӣ гуна дурӣ!
Шояд ки ба барфҳои моҳӣ…
Шайпури сабоҳ хонадат пеш,
Ман бо гапи навбаҳор роҳӣ.

Фарёд кашам, ки дуд гаштӣ,
Ҳам об туро ба қаър бурда.
Бо ҳирс барад фурӯ ҳаворо
Он гул, ки дамад зи хоби мурда.

Дар қалъае шояд интизорӣ,
Ё ки ту маро ба сояи боғ.
Хоҳад ба алаф кунад мубаддал
Ин хок мани пур аз ғаму доғ.
Хоҳад фалакам кунад банохост
Дуде, ки равад чу тиракон рост.

Анҷум ҳама рӯи шаҳр афтад
Монандаи бомбаҳои пурнор.
Ман бошаму он сукути беша,
Монам ба дамаш ба сабри бисёр
Бикшода фарохи синаи худ.
Ҳам гардани бепаноҳи худро
Монам ба таҳи табарзини моҳ.

## СУРУД БО НИМОВОЗ

Ёд дорам куштаам гунҷишкаке,
Бар ӯ санг аз кашкашак андохтам.
Худ ба ҳолаш гиря кардам то ба шаб,
Кӯдакиям гӯӣ ту нашнохтам.

Не хӯрокам дод модар, не задам,
Дод танҳо бурдаи нон, ки варо
Ман нахӯрдам. Гуфт: ашкат пок кун,
Ҷои гап не, онеро, ки мекушанд,
Зинда асло барнамехезад зи ҷо.

Қад кашида ҳамчунон беди сиёҳ,
Ман калон гаштам ба рафти рӯзгор.
Волаву шайдо шудам бар дилбаре,
Сояаш гаштам ба ҳар гашту гузор.

Лек умри ӯ чӣ кӯтаҳ будааст,
Баъди рӯзе хок бар ӯ гашт ҷо.
Ман нагирам аз ҳамон дам кашкашак,
Чашми дидан нест рӯзи дафнро.

Мешавад хуршед пинҳон пушти кӯҳ,
Ғарқ дар оташ саҳар хезад зи баҳр.
Мурғаке нагрифтаам дигар нишон,
Хоҳ будам шод, хоҳе банди қаҳр.

Оҳувонро ҳам нагаштам кордор,
Дур кардам ман зи худ тиру камон.

Шояд ин бошад, ки то имрӯз ҳам
Шеъри ман бошад писанди одамон.

Регсон бошад суруди ман хамӯш,
Нимовоз ӯ, ҳамин хел асту бас.
Аввалин баҳри дилу ҷони ту аст,
Сониян аз бахри он, ки дар ҷаҳон
Бишнавад онро ҳама пиру ҷавон.

## СИТОРАИ МАН

Истораи ман буд сурх,
Монад ба дунё ҳамчунин.
Маҳтоб моро мекашид
Бар осмони нозанин,
Акнун ба он ҷо одамон
Рафтанд аз рӯи замин.

Истораи ҷовид сурх
Дилкаш бувад дар рӯзгор.—
Ҳам дар дами қаҳру ғазаб,
Ҳам дар дами ҷӯши барор.
Он рӯзи хуррам дур нест,
К-андар само ҳам карда кор,

Хоҳем савсангул шинонд,
Гардад само ҳам гулнисор.

## БАР ДӮШИ ЗАМИН

Сӯзанакҳо парзанон, мо ҳай сабук,
Ки замин бар дӯши худ бардоштаст.

Орувон бар гирди садбарг омада,
Серанд арчи, боз мегарданд маст.
Бӯи гулҳоро шамида дам ба дам.

Бар шароби кӯҳнаи мардафкане
Мо шароби тоза мерезем боз
Лаб ба лаб дар кӯчаи маҳтобранг.
Аз сари ҳар шохи себи сарфароз
Мезанад зангӯла фарёди баланд.

Лонакобӣ кӯрмушро орзуст,
Асп дар дав бошад андар сад хаёл,
Ташнагии хештанро дар ҳаёт
Ҳеҷ кас нашкастааст, ин як мисол
Ду карат зинҳор бо як дӯлча.

Асри мо мастона мемонад қадам,
Осмонро зебу фар бахшем мо
Бо шуои парчаму исторахо,
Худ ба орухонаҳо резем пас
Ангубини лоиқи рӯзи пагоҳ.

Дар кафаш бардошта моро замин,
Мо кафаш бо кор оро медиҳем.
Мешавад борон яке субҳи баҳор,
Бориши пурнуру бахти нозанин,
Яъне бахти одамони хоксор.

## ДАР КӮЛВОРИ ДЕҲҚОНИЯМ

Шом себи ҳамчунон кавкаб сафеду тозае
Бошадам дар кӯлабори деҳқонӣ дар миён.

Мегазам дар ними шаб онро ба шавқу иштиҳо,
Талх бошад пӯсташ, ҳоло напухтаст, ин аён.

Бошадам дар кӯлабори деҳқонӣ дар миён
Себи сурху тозае мисли шафақ ҳангоми шом.
Мегазам дар нимарӯз онро ба шавқу иштиҳо,
Чун асал хушбӯю лаззатбор мебошад ба ком.

## МАНЗАРА

Гургосо мекашад уллос бод,
Ҳар нафас хонанд нафрини зиёд

Бедҳои зард бар тақдири хеш,
Шаб вале устост бар таъмири хеш.—

Дар ба рӯи торикӣ во мекунад,
Бод мисли гург ово мекунад.

Об дар дарёст акнун сип-сиёҳ,
Моҳиёни нуқрагун банди шино.

Чашм гоҳо хира мегардад тамом,
Гоҳ чашмак мезанад исторафом.

Шаб ба гирди рӯбаҳи айёр боз
Мешавад бо рӯбаҳие ҳалқадоз.

Пас равон мегардад аз дунболи мо,
Ҳар куҷо, ки мо ҳамемонем по.

Мекашад уллос боди нилгун
Ҳамчу гурги гушна дар дашти ҷунун.

Пои урён он ба фарёд омадаст,
Гӯиё моро ба имдод омадаст.

Абрҳоро аз паси худ мебарад,
Рафта-рафта пардаи шаб медарад.

## ХОТИРАҲОИ НАХУСТИН

Пир гардам ҳам, ба ёд ояд маро
Талхии он шири модар доимо.

Абрҳо хамбида рӯи тутҳо,
Пора-пора гашта бо ранги сиёҳ.

Оҳ, сагҳои хароби бемадор
Сӯи ман карданд аз ҷо ихтиёр.

Бод пур мекард чашмонам зи рег,
Ҳар касеро, ки ҳамедидам валек.

Пои урён буд андар рафтуо,
Ҳаст ин дар хотири ман доимо.

Буд оташ мавҷзан, паррон набуд,
Лахчае берун зи оташдон набуд.

Буд чагдон пур зи гулгун гову мол,
Дошт бозӣ ҳар якаш бар қадри ҳол.

Рӯзу шаб меомад андар хонадон,
Гарчи кас накшуд дар бар рӯяшон.

Тарси ман аз сардӣ аз ҳад беш буд,
Рӯ ба рӯ мегашт, бар ман неш буд.

Шаб агар бо бод сӯям мевазид,
Мӯ ба мӯ гӯё ки манро мегазид.

Эҳ, алам мекард дилро беҳисоб,
К-аз чӣ охир дар фалак нест офтоб.

## ОРД

Аспи чӯбин нахӯрад гандум ҳеҷ,
Шиҳаву хеззанӣ нест дар он.
Офтоб он даме ояд ба қиём,
Мекунад сояи манро пинҳон.

Бози минои чӣ зебост, вале
Ҷои он ки биравад базми шикор,
Ба ӯ осудагӣ аст авлотар,
Гӯӣ аз сайд шудаст ӯ безор.

Баҳри оне, ки суханро кӯбам,
Ҳамчунон орд кунам майда варо.
Осиёе бинамудам бунёд,
Кӯпруке сохтам бар дарё.

## БОЗӢ БО МАРГ

Бо марг бибоз, аё ту инсон,
Мағлуб кунӣ варо ягон рӯз.

Маҳтоб чанасавор гардад
Дар чарх ба роҳи оламафрӯз.
Хуршед аробадор гардад,
Равшангари даҳр гашта аз сӯз.

Бо зиндагӣ боз, аё ту инсон,
Мон ҳусни варо ба пойдорӣ.
Нахле, ки равад ба саркашиҳо,
Созад табараш  аловворӣ.
Аз рушқаву аз алаф кунад дос
Бар сӯи фалак ғарамгузорӣ.

Бо начм бибоз, аё ту инсон,
Бинмой замин валек шудгор.
Сар то сари он бикор гандум.
Борад  гаҳе сим-сим ба такрор.
Гоҳе ба шамоли сахт борон
Кӯбад ба даричаву ба девор.

Монанди зағири гулкушода
Рӯз аст кабуд пеши дида.
Хезад ба хумор субҳи содиқ,
Бо миччаи шабнамаш чакида.
Навхонӣ кунад суруди ман з-ин,
Доман зи гапи куҳан такида.

БОРОНИ  НАЗДИ ТИРЕЗА

Бас кун, эй борон, гиристам дар паси тирезаам,
Бар дилам зад он ки мебинам чӣ сон дар баргҳо
Хешро печонда бо поҳои урён медавӣ,
Дар биёбонҳои тар сарсон ба дарди бедаво.

Ин қадар тирезаи манро макӯб, эй моҳтоб,
Бас бувад онам, ки бе ту гаштаам умре ғамин.
Як замон аз кокулони нуқраборат дошта,
Ман туро хоҳам фаровард аз само рӯи замин.

Ин қадар бар скрипка дилбарам бошад шабеҳ,
Бехато бошад ду чашмам дар баҳо додан ба ёр,
Гарчи ғамборам, вале омодаам, ки баҳри ту
Ман таваллуд ёбам аз нав борҳо дар рӯзгор.

Нӯш бинмоям шароби ишқу мастӣ нестам,
Дур партоям зи дасти худ қадаҳро беибо.
Сахт мебандам дару дарвозаи шабро дигар,
То набинад боз чашми рӯз дидори маро.

Гиря дорад дар паси тирезаам борон кунун,
Моҳ ҳам дар ханда бошад зери борони саҳоб.
Гаштаӣ тавлид агар дар ҳалқаи мирандагон,
Нест чора, хештанро ҳам бимон андар азоб.

## ГУРГ

Мехостам гурге шавам, гурги калон,
То вақтро ҳам даркашам дар як замон.
То субҳ бархезам чу аз хоби гарон,
Бинам, ки фасли тирамаҳ дар савлат аст.

Мехостам гурге шавам, гурги калон,
То тирамаҳро ҳам хӯрам дар як замон.
То субҳ бархезам чу аз хоби гарон,
Бинам, ки дай соҳиб ба тахти давлат аст.

Мехостам гурге шавам, гурги калон,
То ки барам дайро фурӯ дар як замон.
То субҳ бархезам чу аз хоби гарон,
Бинам баҳор асту ҳама дар нузҳат аст.

Дунболи дай ӯ ҳам гузашт аз мо чу хоб,
Айёми тобистон кунад акнун шитоб.
Вақт аст лекин ҳамчунон гурги калон
Рӯзу шабонро мехӯрад–дар ғорат аст.

## АЙЁМИ МАН

Чӣ сон будаст ҳар рӯзам, намедонам,
Тамомаш сӯхта рафтанд, ҳайҳот!
Ба каф з-онҳо фақат хокистаре монд.
Шамол омад, ки бинмояд парешон
Варо бар рӯи гулвокарда боғот.

Чӣ сон буданд шабҳоям, намедонам,
Ҳама якто намонда гаштаанд об.
Ба мисли барфи дай гаштанд нобуд,
Даҳонашро замин чун ғор бикшуд,
Фурӯ бурд он ҳама бо як табутоб.

Чизайле буд ишқи ман, намедонам,
Аҷаб не, буд ширин, ё ки талх он,
Аҷаб не, буд бо ман ӯй умран,
Шабе ё буд танҳо дар бари ман,
Бибурд ӯро ба болаш вақти шайтон.

Чӣ сурат мешавад маргам, намедонам,
Намехоҳам вале кӯтоҳ бошад вай.

Басе мехостам ӯро, ки аз рӯяш
Басе безораму худ оварам сӯяш,
Намоям даъваташ, дураш кунам то ҳай.

## ЗИ НАВ ШОЯД ШАВАМ ТАВЛИД

Шавам шояд зи нав тавлид
Зи қишри моҳ андар моҳ?
Ба моҳи дур шояд ман
Бизиям хубтар танҳо.

Ҳаёт он ҷост шояд хуб,
Валекин дар ғубори тор
Замин вақте кунад ҷилва
Кабуду тоза бо такрор,
Кӣ ғамро мекунад берун
Зи қалби ман–дили ғамбор?

Зи нав шояд шавам тавлид
Дар оғӯши Зуҳал он ҷо?
Зуҳал бошад ғуборолуд,
Чӣ месозам ба худ онро?
Чӣ месозам мани танҳо?

Зи нав шояд шавам тавлид
Ба хоки Каҳкашони шод?
Худам танҳо чӣ мекобам?
Кунам он ҷо киро фарёд?

Шавам бо кавкабон ҳамдам,
Набошад ҳеҷ кас он ҷо.
Валекин ҷовиданд онон,

Замин беҳтар бувад аммо,
Натобад гарчи аз кайвон.

Мубаддал мешавам охир
Ба як бутта лаби дарё,
Ба созу нағмаи мурғон.
Мунаҷҷим ҳам ба ман гуфто,
Ки андар Каҳкашон фарде
Надонад бод ё борон.

## АСКАР

Ёфт поён ҳарбу зарби беамон,
Бо ниқоби зидди газ аммост хоб
Зинда монда аскаре аз коми марг.
Дар куҷое нолад аз ҳоли хароб
Марз аз дарди таваллуд ин замон.

Осмон болову хандон аст меҳр,
Рӯи саҳроҳо ҷасад бошад қатор.
Рӯҳашон аз рӯи рота сафкашон
Бо сабурӣ пеши дарҳои биҳишт
Интизоранд, интизоранд, интизор.

Аскаре бедор гардида зи хоб,
Як чинорак дид пеши рӯи худ.
Хандае карду варо аз бех канд,
Ҳамчу кӯҳна кола чун нозеб буд,
Лек бар ҳар ҳол буд он дилписанд.

Ҳаст хомӯшӣ ба чор атроф шоҳ,
То алафро бингарад аскар зи ҷо,

Аз замин андак сараш бардошт ӯ,
Дар ҳамин дам тири дайдуе расид,
Кард пора як бари рӯи варо.

Само бодиясон, хуршед рахшон,
Ниқоби зидди газ аммост пурхун.
Барои бӯса кардан лек дигар
Надорад аскари захмин лаб акнун,
Бубинад то, надорад чашм бар сар.

## НЕСТ ҲОЧАТ РӮЗҲОЮ СОЛҲОЯМРО ҲИСОБ

Нест ҳоҷат рӯзҳою солҳоямро ҳисоб,
Рӯзи фавтамро муайян сохтан осон наяст.
Кукуи коҳил даруни бешаи паҳлуи деҳ
Бо як овози гирифта ку-ку дорад паст-паст.

Ҳеҷ касро худ намебӯсам дигар, эй ишқи ман,
Аз тамоку духтарон якбора манъам кардаанд.
Мисли шоҳин мезадам ман пештарҳо болу пар,
Чун парастуям вале ҳоло заифу мустаманд.

Ҳеҷ кас аз ҳокимони даҳр нанмояд шитоб
Аз пайи яғмои сими он сари рухсораҳо.
То биафтонӣ булути аъзаму садсолае,
Корд не, балки табар бар кор меояд туро.

Бо қадамҳои зиёде шаб зи дур ояд ба пеш,
Сояҳояш ҳамчунин харгӯшакони махмалин.
Сайр дорад ину он кас рӯи дашти зери моҳ,
Лек ман пажмурдаву ҳайронаму зору ҳазин.

Хору хас дар торикиҳо низ бошад хору хас,
Гул ба шаб ҳам зинда асту зинда мегирад нафас.
Пора гаштанҳои шабнам бишнавад танҳо ба гӯш
Поймониҳои субҳи тозаро аз пешу пас.

Нест ҳоҷат рӯзҳову солҳоямро ҳисоб,
Рӯзи фавтамро муайян сохтан осон наяст.
Кукуи коҳил даруни беша айёми баҳор
Бо як овози гирифта ку-ку дорад паст-паст.

## АСПҲО

Ҳафт сар буданд он аспони маст,
Бодпо буданд ҳар як, бодпо.
Рехта кафк аз бадан дар рӯи дашт,
Тезтар метохтанд аз бодҳо.

Ман нидо кардам, ки як дам истанд,
Яктааш то зин занам, гардам савор.
То бидонам ман шукӯҳи тохтан,
Кайфи раҳпаймоиҳои бодвор.

Сип-сияҳ буданд аспони бидав,
Ҳушу ёдамро ба худ бурданд дур.
Бо давидан рафта аз дашти кушод,
Ҳеҷ парвоям накарданд аз ғурур.

Ҳафт аспи бодпои сип-сиёҳ
То ҷави пур аз сатили моҳро
Пурра нанмоянд қутти лоямут,
Барнамегарданд асло бар қафо.

## КӢ БОЯД БИТАРСАД?

–Вой! Лаклакро нигар, ки дар куҷо
Аз барои хеш мондаст ошён.
Хубтар бинмо нишона ҷои он.
–Морҳо бояд аз ин тарсон шаванд,
Тӯдаи қурбоқаҳо ларзон шаванд.

–Вой! Хуки ваҳширо бингар, ки он
Баччаҳояшро барад сӯи куҷо,
Ку бубин андар куҷо гиранд ҷо.
–Ҳосилат аз ин бимон тарсон шавад,
Дар хавотир посбони он шавад.

–Вой! Бингар рӯбаҳи маккорро,
Дар куҷо бар хеш бошад лонакоб.
То нишона созияш, онро биёб.
–Мон хурӯс аз ин биафтад дар ҳарос,
Ҷумлаи мурғони бар рӯбаҳ шинос.

–Вой! Бингар роҳзанро, дар куҷо
Аз барои хеш манзил сохтаст.
Бо камон худро дар он андохтаст.

–Мон, ки ҳайвонҳо ба тарс оянд аз ин,
Бояд одам ҳам битарсад инчунин.

Аз тамоми ину они пурхатар
Бояд аз одам битарсӣ бештар.

## ВАҲ, ЧӢ СОН МАН ДӮСТАТ МЕДОШТАМ

Ваҳ, чӣ сон ман дӯстат медоштам!
Рози дил бар ту нагуфтам ҳеҷ гоҳ.
Лаб накардам бар сухан як бор во.

Ваҳ, чӣ сон ман дӯстат медоштам!
Байни оташ ин қадар месӯхтам!
Бо аланга бештар месӯхтам.

Ваҳ, чӣ сон ман дӯстат медоштам!
Ташнаат будам, туро мехостам.
Эй, туро ман доимо мехостам.

Ваҳ, чӣ сон ман дӯстат медоштам!
Рафта буд аз хотири ман хобу хур,
Хобу хур аз ёди ман мегашт дур.

Ваҳ, чӣ сон ман дӯстат медоштам!
Дoштам пинҳон ба дил асрори ишқ,
Гап намегуфтам ба ту аз кори ишқ.

Барф меборад кунун бар сар маро,
Барфи вазнин, барфи тар, барфи калон.
Қатра-қатра боз шабнам ҳамчунон.

Ман кунун мемонам андар зери барф,
Барф ин ҷо, барф мепӯшонадам,
Барф танҳо, барф мепӯшонадам.

## ДАРАХТИ ПИР

Хоҳам, ки дарахти пир гардам,
Не бинаму не шунида монам
Наздик расидааст пирӣ,
Он лаҳза, ки дидану шунидан
Дигар чу ҷавон наметавонам.

Хоҳам, ки дарахти пир гардам,
То ки натапад ба синаам дил.
Наздик расидааст пирӣ,
Гардад ба ман ин мурод ҳосил.

Хоҳам, ки дарахти пир гардам,
Аз бех бурида майда созанд.
Дар оташи сурхбол манро
Бо сӯзи паёпае гудозанд,
То оташи сурхболу сӯзон
Санҷам ба тавону ҳадди имкон.

## РОМАНИ СОДАДИЛОНА

Навиштам беш ё кам, нест дар ёд,
Ҳама аз ёди ман рафтанд чун бод.
Навиштам ман ба рӯи реги соҳил,
Ба ангуштони худ аз хоҳиши дил.
Хурӯшон гашта сӯям омад амвоҷ,
Ҳама бинвиштаҳоям кард тороҷ.

Навиштам беш, ё кам, нест дар ёд, xxx
Ҳама аз ёди ман рафтанд ёд чун бод.
Ба рӯи барф бинвиштам ба ангушт,
Чиҳо бинвиштаам, кардам фаромушт.

Ҳамин ки гарм шуд хуршеди масъуд,
Ҳама бинвиштаҳо гардид нобуд.

Навиштам беш ё кам, нест дар ёд,
Ҳама аз ёди ман рафтанд чун бод.
Навиштам дар матои абрҳо ман,
Шамол омад, даронид абр доман.
Тамоми сатру байтам бар ҳаво рафт,
Ба боли абру чанги бодҳо рафт.

Азизам, ғам махӯр, мебош хурсанд,
Дар ин ҷода шавам ман бо ту пайванд!
Ҳар он чӣ, ки навиштам, рафт бар бод,
Намеояд аз онҳо байтаке ёд.
Суруди зиндагию марг охир,
Ки ман гуфтам, намебошад ба хотир.

Навиштаҷоти ишқиям бишуд гум,
Куҷо рафтанд, бар ман нест маълум.
Бимон, ки хуб хурсандӣ намоем,
Ба ин хурсандӣ баҳри дил кушоем.
Бирафтанд аз назарҳо сояҳомон,
Фаромӯш аст, он чӣ рафт, медон.

Ҳаёти рафтаи мо барнагардад,
Ба одам зиндагӣ аз сар нагардад.

Бимон, ки хуб хурсандӣ намоем,
Ба ин хурсандӣ баҳри дил кушоем.

## СУРУДИ АЛАФ

Гандум бувад ин гандуму инсон бувад инсон,
Насрин бувад ин насрину инсон нашавад он.
Гандум амалу хислати мо ҳеҷ надонад,
Насрин хабаре ёфтан аз мо натавонад.

Истора худ истораву инсон бувад инсон,
Худ Моҳ бувад Моҳ, ки инсон нашавад он.
Кавкаб амалу тинати мо ҳеҷ надонад,
Маҳ ёфтан аз мо хабаре низ натонад.

Мо кошта гандум, самараш пок бигирем,
Насрин ки пазад, ҷамъи бараш пок бигирем.
Гандум амалу хислати мо ҳеҷ надонад,
Насрин хабаре ёфтан аз мо натавонад.

Бе бол равем аз раҳи норафтаи анҷум,
То моҳ барад киштии бебол ки мардум,
Анҷум амалу нусрати мо ҳеҷ надонад,
Маҳ ёфтан аз мо хабаре низ натонад.

Мо зодаи инсонему танҳо шуда инсон,
Гул кардаву гардем фано боз ба як он.
Мо зодаи инсонему монанд ба одам,
Мурдем, ягон чиз нахоҳем шуд он дам.

## СУРУДИ ҚӮОСО

То раҳо ёбам ман аз чанголи ғам,
Роҳ бигрифтам ба мулки меҳрубон.

Бедҳо ҳангоми истиқболи ман
Гӯиё пурсон шудандам ногаҳон:
Ку ҷавоният, куҷо гум гашт он?

Гум шуд он кайҳо, бигуфтам дар ҷавоб,
Дар куҷо гум гаштанашро хубтар
Шаҳр медонад, ҳамон шаҳре, ки он
Буд рӯзу шаб мунаввар чун саҳар,
Ҳам ғаразҳо дошт бар ҳарфу баён.

Хостам, ки хонаеро бингарам,
Ки дар он ман зиндагонӣ доштам.
Чун алаф қисмат нагуфта ҳеҷ гоҳ,
Хона аммо сахт буду мехкӯб,
Сояи девори чӯбинаш нидо
Дод бо қаҳру ғазаб: «Эй ошно,
Гӯ чӣ даркор аст бар ту, гӯ ба мо?»

Додамаш посух: матарс, ин сон магӯ,
Ман гадоӣ н-омадам ин ҷо, бидон.
Ман надорам кор бар ангури ту,
Бар лаби нони туву бар ину он,
Омадам бо амри кавкаб ин макон.

Хоб дар ин ҷо равам дуру дароз,
Сер нанмоям зи ҷонат ман дигар.
Мешавам дар мазраи холӣ алаф,
Савсани испед, ки пеши назар
Ғарқаи амвоҷ бошад ҳар тараф.

Бо абрҳо чун зи роҳи кӯҳсор
Субҳидам то ховар оям бо маром:
Аз лаби бифшурдаи афлоки дур
Қуббаи ангишти хуршедӣ мудом.
Менамоям ман фурӯзон барҳузур.

Мезанам пас боз ман зин бар саҳоб,
Осмон бинам, накарда роҳ гум.
Мефароям дар хами историе,
К-андар он як умр бошад беҳисоб
Ҳарбу зарби зиндагию марги шум.

Менамоям тоза аз чангу ғубор
Ман замири бетаги афлокро.
(Пур бувад аз зар ва ё аз лаъли ноб?)
Чун зағири гулбасар дар даштҳо
Дар ҷавонӣ буд чашмонам кабуд,
(Эй ҷавонӣ, ёд меорам туро!)

Тираанд онҳо кунун монанди доғ,
Бо вуҷуди ин намеёбӣ дигар
Ту зи онҳо дидае пурнуртар.
Хуб мебинам ҷаҳони рафтаро,
Ҳам ҷаҳонеро, ки бошад дар сафар.

АЗ ХОТИРАҲОИ НАХУСТИН

Забони мо ба сагҳо буд фаҳмо,
Забони гап набуд арчи ба онҳо.
Ба хубӣ лек мекарданд эҳсос,
Ки бошад кӣ аду, кӣ дӯст бар мо.

Саги пиру ҷавонам буд бисёр,
Ба қадри хеш ҳар як зӯру ҳушёр.
Зимистон ҳел мекарданд бонӣ,
Ба тобистон гала бар дашт ҳар бор.

Аҷаб бӯгир буданд он сагонам,
К-аз ин мегашт тарси гургҳо зам.
Газида дур меронданд гургон,
Ба ториҳои зулмоту ҷаҳаннам.

Чу мегаштанд сӯи хона аз ҷанг,
Ҳамекарданд барф аз хуни худ ранг.
Ду дастам лишта мегуфтанд гӯё:
Бигашт аз зӯри мо ҳоли аду танг.

Падар ҳоли сагонро диду гуфто:
Ба онҳо гӯшт бояд дод фардо.
Агар ғамхор бошад соҳиби саг,
Зи ҷангидан наметарсад саг асло.

## ХУРШЕДИ ТУЯМ

Хуршеди туам,
Уммеди туам.
Бе ман натонӣ
Ту зиндагонӣ.

Бар ту ҳавоям,–
Дар ҳар куҷоям.
Бе ман натонӣ
Ту зиндагонӣ.

Нони ту бошам,–
Ҷони ту бошам.
Бе ман натонӣ
Ту зиндагонӣ.

Оби туам ман,
Хоби туам ман.
Бе ман натонӣ
Ту зиндагонӣ.

Ман…ҳеҷ бошам,
Ман ҳеҷ бошам.

### ОФТОБИ СИЯҲ

Сукути шаб хурӯсон карда вайрон,
Рамида хоби ман бошад гурезон,
Сиях бошад дилам, бошад сияҳ дил.

Бари тирезаам кӯбад саҳаргоҳ,
Рамида хоби ман рафтаст кайҳо,
Сияҳ бошад дилам, бошад сияҳ дил.

Ба ними рӯз хуршед аст бар тахт,
Рамида хоб бастаст аз барам рахт.
Сияҳ бошад дилам, бошад сияҳ дил.

Шафақ берун кунад рухсори гулгун,
Зи ман гаштаст ғафлат канда акнун;
Сияҳ бошад дилам, бошад сияҳ дил.

Ба ними шаб занам худ бар худам гап,
Намеояд ба чашмам хоб бар шаб.
Сияҳ бошад дилам, бошад сияҳ дил.

Зи равзан боз хандад субҳи равшан,
Нагардад гушнагӣ дур аз бари ман,
Зи гушна мегурезад хоб ҳатман,
Сияҳ бошад дилам, бошад сияҳ дил.

## БАХТ

Худаш як мурғ бошад бахт,
Вале мурғи қаторӣ не.
Зи хоки зар бувад он мурғ,
Бувад балки зи зар ҳам беҳ.

Биёяд ӯ зи ҷои дур,
Ба китфат бехабар шинад.
Ба китфи чап, ба рӯи дил
Тамоман бехатар шинад.

Нишинад мурғи бахту лек
Ту худ ӯро намебинӣ.
Ба дил танҳо кунӣ эҳсос,
Ки пеши бахт мешинӣ.

Қапидан хоҳӣ ӯро гар,
Нахоҳад гашт таслим ӯ.
Ба домаш  ту наафтодӣ,
Намеафтад ба доми ту.
Ба китфат метавонад ӯ
Бимонад табъи дил бисёр.

Шавад, ки лаҳзае монда,
Равад аз ту шуда нофор.

Парида об мегардад
Ба саҳрои фазоҳо ӯ.
Намедонад касеаш соз,
Ки омад аз куҷоҳо ӯ,
Равад сӯи куҷоҳо боз.

БАЪДИ МАРГАМ ҲАМ…
Баъди мурдан ҳам, азизам,
Чун маро бар хок монанд,
Рӯи турбат нори ҷовид
Бо сипосам даргиронанд.

Рӯз гардад оташ испед,
Сип-сияҳ гардад ба шабҳо.
Аз ҳамин рӯ, ҷони ширин,
Ту нахоҳӣ дид онро.

Оташи испед ишқ аст,
Оташи дар шаб сияҳ боз.
Ишқи ман бошанд онҳо,
Ишқи бар умрам сароғоз.

Шаб сияҳоташ бимонад,
Рӯзаш он испед монад.
Ҳеҷ хомӯшӣ набинанд,
Ҳар дуяш ҷовид монад.

## МУРҒИ ХУШХОН

Бар ман бигӯ, чаковак,
Эй мурғаки хушовоз,
Кӣ офтобӣ кардаст
Боли туву туро боз?

Баргӯ ту, ширмоҳӣ,–
Сокин ба чашмасорон,
Кӣ офтобӣ кардаст
Пушти туву туро, ҳон?

Баргӯ, ғизоли кӯҳӣ,
Эй оҳуи сияҳмӯ,
Имкони зиндагонӣ
Чӣ гуна ҳаст дар кӯҳ?

Хуршеду зар. Зару меҳр,
Дилам зи ғам фанояст.
Суруди ғам сарояд,
Ӯ мурғи ғамсарояст.

## МЕРАВАМ

Наздик омад фурсати рафтан маро,
Меравам, аммо намедонам куҷо.
Мекушоям болу боло мепарам,
Пеши чашмони ҳама сӯи фазо.

Наздик омад рафтани ман аз шумо,
Қонун аст ин, сар наметобам аз он.
Мегирам бо хеш танҳо як маҳал
Бар тани миранда рӯҳи ҷовидон.

Пайкари тафсандаю пур аз гуноҳ
Мебарам, гӯё ҷилое мебарам.
То ба раҳ бар по нишинад неши хор,
Ашки онро то нарезонам зи ғам.

Метапидӣ дар барам нотарс дил,
Меҳр гуфтат бош ин сон доимо.
Вақти хомӯшият акнун даррасид,
Пеш аз рафтан бибӯсам ман туро.

Наҳр, ботамкин ба роҳат шав равон,
Бош, ҷангал, то абад қоматфароз.
Дар миёни олами исторагон
Бо замин ҳамроҳ парвозӣ шаванд
Пайкару ин ҷони ман ҳам ҷовидон.

## БАЙНИ ШАБУ РӮЗ

Дар миёни рӯзу шаб ман рӯзро хоҳам ба хеш,
Хоҳам аз субҳи сафо то шоми гулгун аз шафақ
Бингарам рӯи ҷаҳонро бо ҳама зебоиҳош,
Бо ҳама халқаш, ки бошад сарбаланду хушсабақ.

Дар миёни рӯзу шаб ман шаб ҳамехоҳам ба худ,
Хоҳам аз шоми шафақоғӯш то субҳи мунир
Осмонро бингарам бо нақшаҳои кавкабон,
Бо нуҷумгоҳи саҳаргоҳу ба покӣ беназир.

Дар миёни рӯзу шаб бар хеш мехоҳам шафақ,
Лаҳзаеро, ки тамоми гул намояд дида во,
Дар миёни рӯзу шаб ман шомро дорам талаб,

Лаҳзаеро, ки кунад хуршед кораш ҷо ба ҷо.
Гашта пинҳону супорад даҳр бар оғӯши шаб.

Дар миёни рӯзу шаб созам туро ман интихоб,
Эй шабистони дарозу махмалиндомони ман.
Эй, ҳамоне, ки сияҳ монандаи қатрон туӣ,
Эй, ҳамоне, ки фурӯ барбастаӣ лаб аз сухан.

## БАР ШУМО ИНРО НАГӮЯМ

Бар кӣ будам ошиқи зор,
Бар шумо инро нагӯям.
Будам, оре ошиқи зор.

Бар киям ҳоло харидор,
Бар шумо инро нагӯям,
Бори аввал нест ин кор.

Ногаҳон ояд ба бозӣ,
Дар лаби дарё агар бод,
Хам шаванд аз вай қамишон.
Хӯрда ҷунбиш, карда фарёд
Бо хишохишҳои даҳчанд,
Ки бигӯӣ зинда бошанд.

Бар раҳи кӣ интизорам,
Бар шумо инро нагӯям.
Интизорам, оре, ин дам.

Ҷони манро нест боле,
Мекунад бе бол парвоз.
Дар ҷаҳон чанде суруд аст,

Дон, ки онҳо бо як овоз
Ҷой мегиранд, бешак,
Дар найе ё тори ғиҷҷак.

Осмонро нест сарҳад,
Кавкабон доранд онро.
Меҳр ҳам соҳибканор аст,
Марказашро ҳаст доро.

Боди бегаҳ нола дорад,
Ки ҳамин дам мемирад он.
Пеши роҳаш чун бигиранд
Навдаҳои тутзорон.

Бод созад шиква бар тут:
Чораи ман чист, баргӯ?
Чор атроф аст манро
Бо ду чашми чор раҳпӯ.

Гаштаанд акнун нафасгир
Кӯҳҳои ҷангалинпӯш.
Хавфи мурдан бошад он ҷо.
Баҳр дигар, баҳри пурҷӯш
Мурд хоҳад, мурд ҳатто.

Бар кӣ будам ошиқи зор,
Бар шумо инро нагӯям.
Будам, оре, ошиқи зор.

Бар киям, ҳоло харидор,

Бар шумо инро нагӯям,
Бори аввал нест ин кор.

Чаккалакзор аст гулшан,
Қад кашиданд аз алафзор
Навниҳолони ҷавоне,
Навниҳолони самарёр.

БАДАЛШАВӢ

Зинда будам, зинда мондам то кунун,
Дар замин аммо на дар хокистаре,
Ки шудаст он бехи гул аз бод ғун.

Зинда будам, боз чанди дигаре
Зинда мемонам, намедонам аниқ.
Нест бар ман ин маломатоваре.

Устухонҳо зери поям хоб, бин,
Меравад дарёча бар маҷрои хеш,
Мекашад чизе сар аз умқи замин.

Чизе ояд аз баландиҳо ба паст,
Нахл будам як замон, гаштам калон,
Дар миёни галлаи гургони маст.

Ҳеҷ аз қишри замини меҳрубон
Ман намехоҳам бутун гардам ҷудо.
Зинда будам, зиндаам то ин замон.

Мешавам як рӯз ман хокистаре,
Хок хоҳам шуд сипас ман, хоки нарм,
Реша мегардам ба гулҳои таре.

**ҲАСРАТ**

Гӯянд, ки ту ҳанӯз ҳам хушрӯӣ,
Ду дидаи ман вале гирифтаст ғубор.
Битвонӣ маро ба козае овардан,
Гӯӣ ки биёвардаӣ бар қасру манор.

Битвонӣ барӣ маро ту бар кӯҳу дара,
Бо фанд бигӯиям равонем зи дашт.
Дар боби дарахтон битавонӣ гуфтан:
Ин беша бувад, бод дар он андар дашт.

Ку шарқу куҷо ғарб, надонам инро,
Такрор ба ман бигуфтаанд одамҳо:
Дар пеши гули чашми хамӯш истода
Асрори нуҳуфтаи ҷаҳон гардад во.

Аммо набинам балки ман ангуштонам,
Ҳар гаҳ ки барам сӯи даҳан дастамро.
З-ин пеш назар ба кавкаби Қутбам буд,
Бар синаи он тир задан хостамо.

Гӯянд, ки ту ҳанӯз ҳам хушрӯӣ,
Номи ту валек лахти зулмот шудаст.
Дар коза даме ки дар иқомат будем,
Дидем ба хобу шуда аз кайфаш маст,
Ки соҳиби қасри бошаҳомат моем.

**ТИРАМАҲ ПАЖМУРДА МЕГАРДАНД ГУЛҲО**

Тирамаҳ гулҳо ҳама пажмурдаанд,
Анҷибар танҳо кунад нашъунамо.

Ҳам ба вақти мурдани ях тоза ӯст,
Ҳам ба вақти боду бӯрони ҳаво.

Дар баҳорон бишкуфад дунёи гул,
То ба пеши ман ҳамеояд баҳор.
Ангубин хушбӯю ширин асту бас,
Шавкарон талх асту тунду нобакор.

Бум будан ман нахоҳам дар ҳаёт,
Хуш парасту будан аст охир маро.
Бум дорад гарчи чашмони калон,
Лек саҳроро набинад ҳеҷ гоҳ.

Навдаро хуршед мебахшад ғизо,
Рақс дорад майсаи ҷав зери бод.
Гарчи бошад дилрабо маҳ, лек ман
Дӯстдори ҳусни марзам умрбод.

**ЗИНДАГӢ**

Нӯлаи даррандагон ояд ба гӯш,
Бар дилам кӯбанд наъли аспҳо.
Чор сӯ рӯи замин бикшодааст,
Ҳамчунон захми дарида, зери по
Дар таҳи қамчин ғуломи дар гурез
Пеш-пеши аспҳо афтодааст.

Мекунам эҳсос дар худ ман мудом
Иртиботи ҳарбу зарб аз ҳар канор.
Гирудори сахт бошад гирди ман,
Дарди манро не ҳад асту не шумор.
Захмҳо пурра ҳама з-они мананд,
Дар даҳонам, к-ӯст хушку бемадор,
Ҷӯш дорад хун, раҳашро нест банд.

Теғи пӯлодӣ надорам ман ба даст,
Мурдани касро намехоҳам ба ҷанг.
Аз пайи шӯҳрат намемонам қадам,
Аз ғанимат рӯй метобам зи нанг.
Ман заифу нотавону бекасам,
Марг бошад пеши рӯ, инъом не,
Мебарад лекин маро чун пири ман,
Бар набарди зиндагӣ тақдири ман.

**МАПУРС АЗ МАН, МАПУРС АЗ МАН**

Напурсад аз ман
Хуршеди пурнур
Аҳвол чун аст, --
Ноҷӯр ё ҷӯр,
Ҳар рӯз бар сар
Афшонда анвор.

Напурсанд асло
Истораҳо ҳам,
Ки шод бошам,
Ё бастаи ғам,
Ҳар шаб бароям
Гашта шарарбор.

Пурсон нагардад
Шамоли гардон,
Ки ман ҳазинам,
Ё ки ғазалхон.
Вазад ба вақташ
Бар дашту майдон.
Ба вақти хобаш
Равад ба хоб он.

Борон напурсад
Маро ягон бор,
Ки хубу зӯрам,
Ё зору афгор.
Ҳар гаҳ ки хоҳад
Борад ӯ такрор.
Кунад чу эҳсос
Ҳоли мани зор,
Худ боздорад
Якбора ночор.

Напурсадам барф
Хубам ва ё бад.
Ӯ абрҳоро
Бо хеш орад.
Ва мешавад об
Ба вақти гармӣ.
Қаъри замин ӯ
Равад ба нармӣ.

Ту ҳам напурсам,
Мапурс зинҳор,
Ки тандурустам,
Ё хаставу зор.
Хоҳам ва ё не
Ман зиндагонӣ,
Мапурс аз ман
То метавонӣ.
Хуб аст вақте
Аз ону аз ин
Напурсӣ манро,
Эй талху ширин,--
Эй тик-тики дил,
Эй ишқи дерин!

## ҒАМ МАХӮР

Ғам махӯр, к-аздастрафта барнамегардад зи нав,
Ҳамчунон абри баҳорӣ бошад он ҳам дар гузар.
Мевазад боду барад бо хеш ҳар сӯ абрҳо,
Мефишонад чанги як гулро ба гулҳои дигар.

Ғам махӯр, ки рафт оне, барнамегардад зи нав,
Оби дарё меравад бар баҳр худ бебозгашт.
Ҳар қадар ки мекунад кишваркушо ҷаҳду ҷадал,
Бо ғаюриву матонат дар канори кӯҳу дашт.

Бе сиёҳӣ дар ҷакиш афтода саг ҳам нестӣ,
Дигаронаш мегазанд, арчи набошӣ кордор.
Барраҳо дар марғзори сабз бозӣ мекунанд,
Ончунон ки гӯӣ онҳоро нагирад марг кор.

Мон ситора афтад, онро нест балки оташе,
Як фиреби маҳз бошад ин ҳама бегуфтугӯ.
Нур шояд оварад бар ҳастиям аз нестӣ,
Мекунад ҷалбам ба худ чун шӯъла ояд бар вуқӯъ.
Аз туман бошем шояд бар туман мо роҳпӯ.

Ғам махӯр, к-аздастрафта барнамегардад зи нав,
Ҳамчунон абри баҳорӣ бошад он ҳам дар гузар.
Мевазад боду алафҳоро ба алвонҷ оварад,
Барфишонад чанги як гулро ба гулҳои дигар.

**ВАТАН**

Ватан марзест, к-андар он
Пайи мақсад равам ман роҳ.
Ватан бошад ҳавое ҳам,
К-аз он гирам нафас ҳар гоҳ.
Ватан ғуввоси оруҳост,
К-асал оранд аз гулҳо.

Ватан саҳрост, саҳрое
Мусаттаҳ чун кафи даст аст.
Ҳамон саҳро, ки гандумзор
Саросар хӯшаҳо бастаст.
Зи пурборӣ қади гандум
Камон гаштасту бишкастаст.

Ватан дарёи пурмоҳист,--
Ҳама симину тиллоӣ,
Ватан кӯҳест пур аз ток.
Ватан – ин кӯҳи зебоӣ,

Ки дорад қуллаи сангин,
Ки пур бошад зи шарфоӣ.

Канораш хуку оҳувон
Муқимӣ рафтуо доранд.
Тазарвон беҳаросу бим
Паёпай нағмаҳо доранд.
Тазарвони кабудакбол,
Ки пӯпакҳо ба по доранд.

Ватан – ин осмони соф,
Самои офтобист он.
Самои абрпӯш астӣ,
Самои моҳтобист он.
Самои пур зи кавкабҳо,
Самои бахттобист он.

Ватан – ин кулли одамҳост,
Ватан марзи ниёгон аст.
Бародар, хоҳаронам ӯст,
Ватан халқи ҷаҳонбон аст,
Ки байнаш гаштаам тавлид,
Ватан охир маро ҷон аст.

Будам аввал чу най борик,
Камарборик ҳам, медон,
Ба монанди сафедоре,
Ки месабзад ба тобистон.
Ба пирӣ гаштаам бингар
Булути хурраму хандон.

## ЗИМИСТОНИ МО

Баргҳо дар рез-резанд,
Мекашад уллосҳо бод.
Чун гули пажмурдагашта
Мешавӣ, бинам, ту ношод,
Мон, гузашта рафта бошанд
Ҳам тулӯъ, ҳам фасли гармо.
Тирамоҳон ҳам равад, мон,
Аз қафои рафтагиҳо.

Дай, нигар омад, дайи мо,
Пушти дар монанди меҳмон.
Бо сари ангушти сардаш
Мезанад тирезаро он.

Шишаҳоро мекунад пуф
Бо лабони яхчадораш.
Бо лаби яхбаста ларзем
Мо ҳам ин дам дар канораш.

Тарсуёна интизорем,
Бо лаби яхбаста акнун,
Ки шавад кай об ин барф,
Тӯдагашта барфи афзун.
Мисли ях мо ҳам шавем об,
Аз яхӣ гардида берун.

## ОИНА, ХАНҶАР ВА СЕБ

Ким-кӣ оина овард армуғон,
Гуфт: пинҳонаш намою пеш-пеш

Вақт ёбу бин ба вай ҳар рӯз ту,
То бидонӣ пир гаштанҳои хеш.

Ким-кӣ ханҷар биёвард армуғон,
Баркашидам аз ғилоф онрою боз
Дар ғилоф андохта гуфтам ба худ:
Бар дилат ханҷар халон, эй худшинос,
Ҳис намоӣ чун туро набвад тавон.
Ким-кӣ овард бар ман армуғон
Як сабад аз себи пухта лаб ба лаб.
Гуфт: онҳоро бидеҳ бар гушнагон,
Пеш аз он ки мекунанд аз ту талаб.

**ШАБНАМ ВА ОФТОБ**

Салом, эй мурғаки хушхон,
Ба китфам зудтар биншин.
Биё, шину суруде хон.
Суруди шабнаму хуршед
Бихон бахри дили ғамгин.

Занад пайғуи вахшӣ давр,
Туро боли васеъ бояд,
Занӣ то дар фазоҳо чарх
Ба оромӣ аз он шояд.
Тавонад ӯ кашад фарёд,
Сурудан лек натвонад.

Набошад ҳоҷати ташвиш,
Дарахтон – ҳусни ҷангалзор.
Кунад эзорсурхак мон
Ба нӯлаш тақ-тақи бисёр.

Ду чашми рӯбаҳи дайду
Ба ранги буттазор астӣ.
Ва гирда мисли хуршеду
Чу барге беқарор астӣ.

Ду чашми ман кабуду гирд,
Чунин бошад ду чашми мор.
Занад зулфони маҷнунбед
Шамолак шона бо такрор.

Бишин бар навдае, дам гир,
Шабат хуш, мурғаки хушхон.
Лапад ҳамчун ливо маҳтоб
Ба боми осмон хандон.
Кунад ҳар як ситора низ
Чароғи хеш нурафшон.

Шабат хуш бод, эй булбул,
Ба ғафлат рафта роҳат кун.
Ту ҳам бар хоб рав, эй ёс,
Шабат хуш, истироҳат кун.

Расад бар гӯшатон оё
Садои шаддаҳои нур,
Ки занге мезананд онҳо
Зи боми осмони дур:
Шавад рӯзи навин манзур.

## СИТОРАЧИНӢ

Нисфи шаби торик рафт,
Оҳиста ояд бомдод.
Ман ғалла мекардам дарав
Айёми гармо, ки гузашт.

Соли гузашта тирамоҳ
Ангур меғундоштам.
Будам ба кори боғ банд
Ҳар рӯзи зебо, ки гузашт.
Омад баҳори зудрав,
Сард асту сардовар кунун.
Бошад баҳор аммо баҳор
Бар ҷои сармо, ки гузашт.

Бекор шиштан хуб нест,
Ҳангоми кор асту ҷадал.
Часпем бояд мо ба кор,
Бекории мо, ки гузашт.

Бо мо биё бе ҳеҷ бок,
Хоҳем чид истора мо
Аз осмони нилгун
Бе тарсу парво, ки гузашт.

Орем онҳоро ба марз,
Гардад замин хушрӯйтар,
Доротару нурофарин,
Чун меҳр ҳоло, ки гузашт.

## МУЛОҚОТ

Ҳар кӣ бояд буд андар рӯзгор
Бар мулоқоте ба умраш интизор.

Рӯзу шаб наздик бар он мешавем,
Назди он дар рӯзи равшан меравем.

Шаб ба сӯяш роҳ мепӯем мо,
Барбабар бо дилбари нозукадо.

Сайр карда боғҳою гулситон,
Меравем аз пештар наздики он.

Хоб ҳам бошем, наздикаш шавем,
Ҳар чӣ бодо бод, сӯяш меравем.

Майл бошад дар дили мо ё ки не,
Хуб медонем онро ё ки не,

Барнамегардем лек аз роҳ мо,
Ҷониби он боз мепӯем роҳ.

Хаста з-ин корем ё не, фарқ нест,
Дил ба он дорем ё не, фарқ нест.

Меравем аммо ба сӯяш устувор,
Ихтиёрию гаҳе беихтиёр.

**ДОСТОНИ БЕҲТАРИН**

Як замон ман пеш шояд зистам,
Будаам шояд ки мурғи хушнаво.
Будаам шояд найи борикаке,
Заррае ё ки зи хуршеди само.

Як замон ман пеш шояд зистам,
Рафтааст аз он замон қарни фузун.
Дар Сахара зистам як бор ман,
Боз андар бешазори сабзгун.

Як замон ман пеш шояд зистам,
Лек танҳо дода будам дил ба ту.
Дар паси истораи Қутбӣ шуда,
Буд болинам маҳи тиллойрӯ.

Дар само лағжида маҳ мисли чана,
Мешавад пинҳон ба зери абрҳо.
Мекунам иншо ба ангуштони хеш
Шеърҳои беҳтарини даҳрро
Ман ба рӯи барфи дашти дилрабо.

ТАНҲО ДИРӮЗАКАК

Дирӯзакак будӣ ҷавон
Монандаи барги таре.
Будӣ чу ар-ар дар назар,
Зардолуи гулбарсаре.

Шаффоф чун сарчашмае,
Будӣ ба мисли кӯзае.

Будӣ чу созе инчунин
Хушхомакею тозае.

Ангури кайҳо пухтае,
Моил ба уфтодан шуда.
Чун тойча чаққону чуст
Дар пеши чашми ман шуда.

Дирӯзакак дар ларза буд
Беист лабҳоят ҳанӯз.
Аз тарс меларзид боз
Аз даст то پояд ҳанӯз.

## СУРУДИ ҒУБОР

Ба пеши раҳ дарахтон мебароянд,
Хамӯш истода моро роҳпоянд.
Ба мисли дуд танҳои сияҳшон
Ҳамеларзанду дар нашъунамоянд.

Миёни даҳшате афтода монем,
Ки аз ях сардтар онро бидонем.
Ба боли бод ё истора бошем,
Ки дар гардиш ба аксои ҷаҳонем.

Ба ҳам мо ҷафс мегардем бисёр,
Кунем оҳиста рози хеш изҳор.
Ғубор аммо ғубори ғафс бошад,
Ки чор атрофро кардаст ӯ тор.

Ба ӯ гуфтем шояд мо дурӯғе,
Наояд аз дурӯғ охир фурӯғе.
Дурӯғаш ё ки ишқи мо бигуфтаст,
Ки моро мезанад норафта дӯғе.

Замоне субҳидам будем роҳӣ
Ба зери партави меҳри пагоҳӣ.
Канори беша акнун роҳпӯем
Зи мобайни туман-байни сиёҳӣ.
Ва ё худ аз канори зиндагонӣ.

## СУРУДИ ШАБОНГАҲ

Зи дастам чун зи дасти тифл ногаҳ
Гирифта бурдиям бо чашми хуммор.
Ту гӯӣ тозиёна кард таъқиб,
Ва ё шарму ҳаё гардид бисёр,
Ки аз кӯча ба ҳоле мегузаштем,
Нафас андар гулӯ печида ҳар бор.

Даромад шаб, гуворо об гӯё
Бизад шуввос ё кӯрак фуромад.
Чӣ сон сӯи манори қалъа рафтем,
Чу оне, ки барад ӯро фалокат.
Маноре, ки ба ҳоле зинда мондаст
Зи захми бешумори ҷабру даҳшат.

Ба ҳар кунҷу канори хилвати шаҳр
Фишурда панҷаҳои якдигарро,
Ба тарсу ларз мерафтем ҳар ду.
Шаби торик буду кӯчаву мо,

Ки гӯӣ дард меёфтем бисёр
Бари деворҳои ғафсу боло.

Даме то ошёни ишқ рафтем,
Бидидам хонаат рӯпӯш бошад–
Лаби бом ӯйро пӯшонда мондаст,
Зи мо дар ҳайрату хомӯш бошад,
Ки бар моён чӣ хоҳад кард он шаб,
Чӣ моро маътали оғӯш бошад!

Дарахте зери бори хуш монда,
Ба зери меваҳои чун лабат тар.
Ба мисли бутта хам гаштаст аз бор,
Набошад ҳосилашро бас сару бар.
Ва ё монандаи шахсе, ки умре
Шуда ғам борашу кардаст шалпар.
Ба мо ҳар барги он шиввос зад лек,
Бишуд равшан зи оҳи бод маъно:
Чизе оҳистаяк бо баргҳо гуфт,
Аҷаб не, ки суханҳои гуворо.
Давида сӯи саҳро рафт сонӣ,
Бихуспад то ки аз мо дур он ҷо.

Раҳо хӯрд охир аз мо бахти воло,
Хамӯшии гарон раҳ ёфт бар дил.
Шаб омад пой монда якта-якта,
Муроди хеш созад то ки ҳосил,
Кунад аз чашми ту яъне ки пинҳон
Саморо, ки зи кабкаб дошт қандил.

Ба қалби мо гули хомӯш рӯид,
Шамими тозае ҷо гашт дар он.
Шамими даштҳои сабзпӯше,
Ки дар онҳост ризқи чорпоён.
Суруровар суруд андохт ғул-ғул,
Хамӯширо забон додем, медон.

## ШАФАҚ

Дар ҳавои форами сози ҷарас
Барзаговон майли пас гаштан кунанд.
Чарх мегарданд дар тори фазо
Пайғувону досакон пасту баланд.

Барраеро дошта дар чанг уқоб,
Мебарад дуздида боло бар ҳаво.
Дар канори бешаи ғафсу сияҳ
Ҷилва дорад доси маҳ рӯи само.

Мекашад доман ба поёнҳо шафақ
Ҳамчунон як селаи хомӯшу хап.
Пур кунанд атрофро аз бӯи хуш
Сабзаву гулҳои тоза лаб ба лаб.

Дар сари роҳе сафедори баланд
Ранги рӯяш арғавонӣ кардааст.
Ёбад андар рӯи сабза ҷои хоб,
Ҳусни шабро он ки бонӣ кардааст.

Марди деҳқон сӯи овои ҷарас
Меравад аз пайраҳи дашти умед.

Ранги рӯяшро бихӯрдаст офтоб,
Куртааш танҳо ба тан тобад сафед.

Чорзону зан ту ҳам паҳлуи ман,
Ҳамраҳам бардор дастат бар дуо.
То ки андар дидаву афкори дил
Бошад оромию роҳат доимо.

То замину хоб дар якҷоягӣ
Ҳардумон гиранд дар оғӯш ҷуфт,
Он даме ки ҳар ду дар зери ғарам
Бо муроду орзу хоҳем хуфт.

## ТИРАМОҲОН

Шуд пайи мо бенишон дар пайраҳа,
Гаштаем акнун равон аз даштҳо.
Мекунад борони заррин нопадид
Ғозу чанги шохаҳоро ҳар куҷо.

Гӯӣ дар қумғону андар кӯзаҳо
Рехт аз бурҷи фалакҳо нури пок.
Бӯи худ гулҳои хушбӯ рехтанд,
Чаппагардон карда гулдонҳо ба хок.

Мо тавaққуф кардем андар роҳи хеш,
Хӯшаҳо рехт аз барои ваҳшиён.
Шарбати худ рехт марзи файзбахш,
Орувонро шуд асал оби равон.

Ғамгусор асту сахӣ ҳар як дарахт,
Мева бар зоғон ба шохе мондаанд.

Чӯҷаҳои хеш парвозӣ кунанд
Лаклакон аз шохсорони баланд.

Рӯи теппа токи ангурҳои сурх
Паҳн созад хӯшаҳои зарҳалин.
Хам кунад бар раҳ қамишҳо наҳрча,
Тӯр бофад гӯӣ з-онҳо дар замин.

Бар сабадҳо мевaафшонӣ кунанд
Чормағзу олуҳо аз бори хеш.
Ташнагонро оби сардею лазиз
Чоҳҳою кӯзаҳо оранд пеш.

Лаклаке худ аз ҳаво ояд фуруд
Рӯ ба сӯи лона дар минқор мор.
Гушна монда чӯҷааш дар роҳи ӯ,
Муддате бошад, ки бошад интизор.

Кафтаре бар баччаи фарбеҳи хеш
Мехӯронад гандуму арзан агар,
Бо ҳашара гамбӯсак дар марғзор,
К-охирин дафъа дар он ҷо барбабар
Вақти гармо зиндагонӣ доштанд,
Бар суруду хонише карданд сар–
Бар суруди ҳаҷри нав аз ҳамдигар.

Ҳар куҷо, ки бингарӣ, хоҳӣ ту дид
Худ ҳамон як меҳрубонӣ пеши рӯ.
Мову ту, дашту фалак, дарёву боғ
Аз ҳамон дорем бунёду нумӯ.

Меваю бӯ мекунанд эҳсон ба ҳам
Дастҳои мо ба мисли кӯдакон.
Ончуноне ки само бахшад ба об
Нурҳои тозаи исторагон.
Ҳам ба мисли он ки дурроҷе саҳар
Бешаро пур созад аз базми калон.

## КИШВАРАМ

То садое бархӯрад як бор бар деворакаш,
Хонаи фарсуда пурнур асту бошад интизор.
Пайраҳа хоҳад, ки андар пеши поҳоят фитад,
Интизорат назди дар бошад насими беқарор.

Омадӣ аз шаҳр, то боре ту бинмоӣ назар,
Ки чӣ сон истораҳо дар шаб ба чаҳ резон шаванд.
Лек танҳо ту даруни боғҳо монӣ қадам,
Мевабахшат худ дарахтони пур аз эҳсон шаванд.

Мо агар аз байни гандумзору шабнам бигзарем,
Чанг андозанд бар доманат ин ҷо хӯшаҳо.
Дар таги поят ба монанди саги соҳибпараст
Хоб саҳроясту мехоҳад навозиш гӯиё.

Токҳо бинанд моро байни худ дар сайругашт,
Шаккарин ангурҳо сарфи зиёфат мекунанд.
Чашма гӯё сарфа кардаст оби худро баҳри ту,
Нӯш оби сарди он бо каф гирифта чанд-чанд.

Пеши мо гавҳои зери юғ сар хам мекунанд,
Аспҳои дар давиш ҳам сар ба таъзим оваранд.

Чир-чирак дар марғзорон банди чир-чири худ аст,
Мекунад қурбоқа байни ҳавз базмашро баланд.

Ҳар чӣ мебошад дар ин ҷо-хонаву дар, обу дашт,
Он ҳама чун пештар аз мост андар рӯзгор.
То набошем аз умеди худ канору лӯчаке,
Мекунад хуршед ҳатто нури худ бар мо нисор.

### МУБОЛИҒА

Зард мегардад алаф дар даштҳо,
Лек хоҳам боз он дар кӯфтан.
Шаб бари тирезаам хокистаре
Пош дода, меравад хилват зи ман.

Маст аз борон замин бошад бутун,
То само раҳ гирад ин май барҳузур.
Ранги зангорӣ ба ҷангал рехта.
Хишшироси зардфом он ҷост ҷӯр.

Ман савор аробаи поизро,
Бо  пайи он сӯи мағрибам равон.
Худ намебинам туро, эй баргрез,
Нашнавам ман гиряи дашти хазон.
Ки чӣ сон дар нои найанбон шуда
Банд бо тарзе ки мондаст аз фиғон.

Бар замири хештан ҳамчун ба чаҳ
Медиҳам сар манҷаникро беибо,
Ки ба як дам мекунам берун аз он
Ман суруди навтарини умқро.

Байни абри тира гаҳ чашмак занад
Гирдаи ҳамчу сабад холии моҳ.
Ҷомаи садранг дорад лек марз,
Ҳай бувад хоби заминӣ ҷонфизо!

Қалби гирдоби ягон дарёстӣ
Шояд ин маҳтоби саргардонамон?
Гаҳ шавад пур, гоҳ гардад коста,
Ӯ фишурда мешавад дар осмон.

Аз халиҷи баста ях хоҳам давид
Ман ба конки, ин бароям нест дур.
Лек ҳоло дар лаби дарё ҷавоб
Бар саломи бедҳо додан зарур.

Боз шояд ки биёяд навбаҳор,
Об гардад барфу сабза дар нумӯ.
Пой монда ман ба рӯи сабзазор,

Гашта тойу меканам аз чор сӯ
Сабзаи тар аз таги боғи диёр,

Мо ба монанди ду нори сарфароз
Дорем андар дил як оташдон мудом.
Гирди ту гардам ману ту гирди ман,
Ту сафед астию ман худ нилфом.

Гар чу айёми ҷавонӣ будаме
Зиндагию гирудори бардавом,
Бар забонам н-омадӣ афсӯсу оҳ.

Бар вуҳушон мешудам он гаҳ таом,
Лек мегаштам зи коми ғам раҳо.

Дур не, шинем мо бар тахти маҳ,
Маснади хуршед ҳам гирем мо.
Мешавем аз ҳар тараф мо мунъакис
Бар рухи исторагони пурзиё.

Сояи мо сояе бошад, ки он
Сояҳои кӯҳро чодар шавад.
Мешавад киштӣ ба амри мо равон.
То расад бар сарзамини дилситон.

Ҳоли ҳозир ҳамраҳи ҳар меваe
Боди поиз арғувониям кунад.
Настаран ҳам ҷилва дорад рӯи боғ,
Ки шафақро мепарастад то абад.

Ҷӯши вулқонро кӣ бошад дидагӣ?
Кист, ки тоқат кунад  бар тасфи он?
Ҳалқаи "Ман"-ро гусастам аз ҳаё
То абад ман аз замиру аз забон.

Монду чашмам кӯр созад тирамоҳ,
Лек чашмамро напӯшонад ғубор.
Оруи заррин зи пушти оруе
Мон, занад пар дар ҷаҳони нурбор.

## СУРУДИ МАРДИ УФТОДА

Эй ишқи ман бӯсида мон
Онро ки худ уфтодааст.
Натвонад ӯ бархостан.
Бӯсида мон, эй ишқи ман,
Шарме макун, пешонияш,
Ҳам аз лаби нуронияш.

Эй ишқи ман, нотарс бош,
Ту даст гир уфтодаро.
Шарме макун, чашмаш бибӯс,
Чашми бануру содаро.
Ҳам бӯса бар қалбаш бизан,
Нотарс бош, эй ишқи ман.

Мангар ба бенурии рӯм,
Гӯё ки зери чодар аст.
Ман бо ту монам дар замин.
Лекин равонам дигар аст.
Ӯ меравад сӯи само,
Вақте шавад аз ман ҷудо.

Ту дӯст дор, эй ишқи ман.
Онро, ки бошад то ба ҳол
Истода бо зонуи хеш
Бӯрон ба як нирӯи хеш
Аз бӯн дарахтон барканад.
Аз решакан гашта шаҷар
Таҳкунда бигзорад табар.

СУРУД

Мезанад дар сатрҳои шеъри ман
Чарх бороне, ки гардад бо фиғон.
Тоякон бо ҳирс дандон мезананд
Бар гуле, ки гаштааст акнун хазон.
Аспҳошон бар чаро сар додаанд
Андар ин маъвой шояд рафтагон.

Нахлҳо қад сӯи боло мекашанд
Чун сатрҳоям қатор андар қатор,
Ки уқобон дар дами парвози худ
Мерасанд аз торашон бар шохсор.
Одилу сангиндил обо гаштаанд
Мисли гайдукҳо ҳама ин бешазор.

Шуд замин шудгор дар шеъру суруд,
Ҷой шуд истораи нурофарин,
Он замон, ки теппаю хамгаштро
Чаппа мекардӣ сипори оҳанин,
Мола мекард аз паси он молае
Хокро бо санъати дилҷӯтарин.

Милаи мӯи бирешимранги зан
Мелапад дар мавҷи зебои сухан,-
Аз пайи ҳар сатр пар-пар мезанад.
Мепарастиданд аҷдодон чу ман
Бештар занро, занеро, ки мудом
Синааш бошад таранг, испед тан.

Аз ҳамон мардон, ки кардам васфашон
Мебиёяд беш бӯи коргар,
Ки ба сармо пӯстин дорад ба тан,
Пӯстини баррагин бекарру фар,
Мекунад ӯро навозиш инчунин
Куртаи каттоние шому саҳар.

Барзаговонро ба банди шеъри худ
Бастаю дар ҳукму фармон оварам.
Ҳам фишонам меваи шохи баланд.
Бар чаро оранд говонро ба хам,
То кунанд одат ба юғу бар сипор,
Ҷуфтронро кам шавад дар кор ғам.

Рӯзгори хурраму марғубро
Мекунам дар шеърҳои худ ниҳон.
Дар сабадҳои суханҳои шариф,
Дар суханҳое, ки худ аз хуфтагон
Ёдгоре то ба моён мондаанд.
Хок гардиданд шояд гуфтагон.

Оҳ, кай бошад ба тасвир оварам
Рӯи худ дар шеър чун тасвиргар.
Тахтапуштони ниёгони қадим,
Ки маро ҳам мебаранд охир ба бар
Аз бучулакҳои поям дошта,
То ба умқи бетагу торику тар.

## БИЁ ҲАМРОҲИ МАН

Биё ҳамроҳи ман бар кунҷи олам,
Ки оламро бувад шояд каноре.

Бирӯяд гандуми тиллоӣ он ҷо,
Ки дорад хӯша ҳар бехаш ҳазоре,
Ба ҳар як хӯша дони бешуморе.

Биё ҳамроҳи ман бар кунҷи олам,
Ки оламро бувад шояд каноре.
Дар он ҷо ёбем ангури нилобӣ,
Ки дорад хӯша ҳар токаш ҳазоре,
Ба ҳар як хӯша дони бешуморе.
Аз онҳо метавон пур кард аз май
Ҳазорон зарф дар як дам паёпай.

Биё ҳамроҳи ман бар кунҷи олам,
Ки оламро бувад шояд каноре.
Дар он ҷо бешае хоҳем мо дид,
Ки анбӯҳасту доим сояборе.
Сафедораш кашида сар ба афлок,
Булуташ дар ниҳоди решадорӣ
Дили сайёраро кардаст сад чок.

Дар он ҷо ишқи ғамборам биҷӯем,
Биёбем ишқи дар парҳези манро.
Ба рӯи сабзаи тар хоб бошад
Ба зери офтоби оламоро.
Ва ё рӯи сафедорон ба хоб аст,
Аҷаб не, рӯи абри нуқраосо.

Биё ҳамроҳи ман бар кунҷи олам,
Ки оламро бувад шояд каноре.

## ДАР ДЕГИ ШАРИР

Инак андар деги дунёи вуҷуд,
Ки ба зери он бувад нори кабуд,
Боз як рӯзи дигар бигдохтам,
Як шаби сӯзони худро инчунин.--

Буд рӯз аз нуқра ҳам испедтар,
Шаб ба чашмам буд зеботар зи зар.
Шояд он зар нею танҳо буд мис,
Буд ин сон ё ки он сон нозанин.

Инак андар деги шарри ишқи ман,
К-оташаш зард аст вақти сӯхтан,
Боз як рӯзи дигар бигдохтам,
Як шаби сӯзони худро инчунин.--

Рӯз буд аз ашки тобону калон,
Буд шаб дар сӯз аз ашки равон.
Буд шояд ё фақат аз хандаҳо,
Ханда будӣ ё ки фарёди ҳазин.

Инак андар деги дунёи фано,
Ки бисӯзад зифтранг оташ варо,
Ман тамоми рӯзи худ бигдохтам,
Кулли шабҳои чу рӯзам ҳамнишин.
Дар ҳамин деги сиёҳи нестӣ,
Ки барад ҳар чӣ ба роҳи нестӣ,
Боз чандин рӯзи худ хоҳам гудохт,
Чанд шабҳои пур аз нозу ғамин?

Гар ту донистан бихоҳӣ, пурс хуб
Аз алафҳою зи ҳар як сангу чӯб.
Пурс ту аз шилхаву аз газнаҳо,
Пурс аз ҳар чӣ, ки рӯяд аз замин.

## ГАНДУМ РАСИД

Намехоҳам дигар ҳамроҳ рафтан,
Нахоҳам ҳамраҳат бар моҳ рафтан.

Дигар бо ҳеҷ кас рафтан нахоҳам,
Зи танҳоӣ наметарсам ба роҳам.

Зи холигии байни марзу маҳтоб
Натарсам ман, натарсам, оварам тоб.

Натарсонад маро аз ҳеҷ бобе
Шаху харсангҳои моҳтобӣ.

Ғуборе, ки гирифта рӯи онҳо,
Наметарсам, наметарсам ман асло.

Замоне мерасад, ки қалби ғамгин
Парад аз байни кавкабҳои нурин.

Замоне мерасад, ки бигзарад дил
Аз он чи кард вақти сайр ҳосил.

Барорад дидаву нодида аз ёд,
На имдоде кунад, не пурсад имдод.

Намояд тарк сайри мулки афлок!
Ки то пайванд бошад бо кафи хок.

Ба домони замин гандум расида,
Бувад ҳар хӯша аз бар сархамида.

Ба пеши бод таъзим оварад он,
Валекин дар шафақ ин лаҳза медон

Дарав сар мешавад рӯи алафзор,
Алаф рӯи замин хобад бахирвор.

Намехоҳам дигар ҳамроҳ рафтан,
Нахоҳам ҳамраҳат бар моҳ рафтан.

Биёю ҷафс шав андар бари ман,
Марав дигар зи болои сари ман.

Нишин хомӯшу аз дил гиря сар кун,
Маро аз оби чашми хеш тар кун.

Ба тобистон нигар андар қиём аст,
Ки гӯӣ меҳр дар болои бом аст.

Кунад хуршед бо гармии худ доғ
Ҳавою бешаҳою гулшану боғ.

Ҳазорон сол паҳлуям ки будӣ,
Дили пурорзуятро кушудӣ,

Ба назди оташи нилию сӯзон
Ту бо як оташи сабзу фурӯзон.

Бибӯсидам туро такрор-такрор,
Зи бас медоштам ман дӯст бисёр.

Ба паҳлуям ту будӣ лек хомӯш,
Ба зебоӣ чу гулҳои сияҳгӯш.

Ду чашмат гоҳ ашкомез мегашт,
Лабат аз ханда гаҳ гулрез мегашт.

Ту ларзон мешудӣ паҳлуи ман боз,
Намедодӣ надонам аз чӣ овоз.

Ҳамерафтӣ сипас дар хоби ширин,
Дили ман канда мешуд рӯи болин.

Бибӯсидам рухи хоби ту хуррам,
Ҷамоли хоббиниҳоят ин дам

Қатори ашкҳоят бӯса кардам,
Ду чашми ашкзоят бӯса кардам.

Шудӣ бедору бо як тарсу ларзе
Ба ман кардӣ забон бикшода арзе:

"Аҷаб як хоби даҳшатнок дидам,
Яке марди баду нопок дидам,

Ки мезад мушти сангин бар даҳонат.
Зи ҳалқат канда бигрифт ӯ забонат.

Ду чашмат кофта бар хок афканд,
Зи аҳволи бадат гардида хурсанд…"

Намехоҳам дигар ҳамроҳ рафтан,
Нахоҳам ҳамраҳат бар моҳ рафтан.

Ба тобистон нигар андар қиём аст,
Ки гӯӣ меҳр дар болои бом аст.

Ба домони замин гандум расида,
Бувад ҳар хӯша аз бар сархамида.

Дарав бинмуда гандумрову кӯбанд,
Зи чоши ғалла хору хас бирӯбанд.

Зи гармо гандуми мо ҳам расида,
Набояд, ки бимонад надравида.

Тамоми умр будам дӯстдорат,
Биё, чафсам бигир андар канорат.

Барам бар ларза ою бош хомӯш.
Ба зебоӣ базеб аз сад сияҳгӯш.

Марезон дигар аз чашмони худ об,
Ки танҳо хобҳо монданд чун хоб.

Намехоҳам дигар ҳамроҳ рафтан,
Нахоҳам ҳамраҳат бар моҳ рафтан.

Дигар бо ҳеҷ кас рафтан нахоҳам,
Дар охир ёфтам ҳамроҳу роҳам.

Ба тобистон, нигар, андар қиём аст,
Ки гӯӣ меҳр дар болои бом аст.

Зи гармо гандуми мо ҳам расида,
Набояд, ки бимонад надравида.

# АЗ ТАРҶУМАҲОИ НАШР НАШУДА

## РОССИЯ

Семён Данилов

Аз ҳама афсонаҳоят, Руссия,
Аз ҳама ашъори дилогоҳи ту,
Ҳаст дар хотир маро зебою худ,
Гапзаниҳои арӯсу шоҳи[30] ту.

Аз ҳамон рӯ ин нагардад ҳеҷ пир,
Ин қадар олам ҷавон асту ҷавон.
Ин қадар бошад тароватрез вай,
Ин қадар нуронию партавфишон.

Сайр карда гирду пеши Москва,
Бар баландиҳо бароям ҳар замон,
Тусҳо дар ботаи ҳаргӯшҳо,
Мекунанд афсонаҳои хуш баён.

Бигзарам аз пули хам, дарё даме,
Сози дарё оядам тарзе ба гӯш.
Гӯиё частушка хонад он мудом
Дар сари ҳар частухези мавҷи ҷӯш.

Духтаронат хоҳ механданд шӯх,
Кӯдаконат хоҳ фарёде зананд,
Хоҳ пирон сӯҳбат ороянд паст,
Балки қурғонҳои бисёру баланд,–
Ин ҳама бахшад ба ман сатре писанд.

Обинӯшокифурӯшакзан, ки худ
Мекунад ҳар сӯ табассум шармгин,

---

[30] Шоҳ–домод

Даъвати меҳраш бубухшад бар дилам
Равшанию гармии ҷонофарин.
Рӯ ба рӯ ояндаи нав оядам,
Зиндагӣ дар он намояд бо ҳамин.

Бишнавам вақти ғарам ҳам инчунин
Ман суруди коштанро дилрабо.
Бишнавам оҳангҳоро дар завод,
Ҳам дами парвозашон ба ҳар куҷо.
Он чӣ ки русист дар ман, мисли мавҷ,
Ҳаст бо ёқутшӣ ин ҷо ҳамсадо.

Пир вақте ки намегардад суруд,
Пас маро пирӣ нагардад кордор.
Гар сурудҳои туанд умран ҷавон,
Истам ман ҳам ҷавоне пойдор.

## СУБҲИ ЁҚУТ

Бархезед!
Бархезеду сароед!
П. Ойунский

Нӯги алафҳо
Дар дами боде
Алвонҷ мехӯрд
Бинмуда шодӣ.

Гӯё ки мебурд
Амвоҷи рӯяш
Мурғобиякҳо
Бар чор сӯяш.

Дар хоби субҳ аст
Ҳар нахл то ҳол
Дар сояҳошон
Аммост хушҳол.

Мурғи кабудак
Хонад суруде,
Шавқи варо нест
Ҳадду ҳудуде.

Дар пеши ҷангал,
Дар назди соҳил,
Он ҷо, ки мурғон
Гардида моил.

Бар обу бар дон
Гарданд фарбеҳ.
Ҳар рӯз гардад
Як аз дигар беҳ,–

Сокини ҷарҳо,
Ҳар гуна тойир
Бо шӯру ғавғо
Бошанд ҳозир.

Якаш сиёҳ аст,
Якаш сафедак.
Якаш бувад сурх,
Дигар бӯр андак.

Бо даву бо тоз
Ҳам бо паропар
Ин ҷой карда
Зебою дилбар.

Гӯё ки фарёд
Доранд такрор:
Бошед мардум:
Дар субҳ бедор.

Он ки тавоност,
Ё нотавон аст,
Он ки шуда пир,
Ё ки ҷавон аст.

Тозед ин ҷо–
Бар кишвари хуб,
Гиред оғӯш
Ин манзари хуб.

Даме ҳама гашт
Аз хоб бедор,
Дигар кунӣ хоб,
Шарм аст бисёр.

Бикшод оғӯш,
Бингар, дарашро,
Аз пушти вай шуд
Дари дигар во.

Хурма ба дасташ
Духтари гавдӯш,
Монад қадамҳо
Нозуку хомӯш.

Аз синаи гав
Шир аст роҳӣ,
З-ин рӯ занад дод
Вай аз пагоҳӣ.

Пай  мебарад он
Дӯшанда омад.
Ана ба пешаш
Вай ҳам даромад.

Шодона Лайка
Аккос дорад,–
Хизмати худро
Ба ҷо биёрад.

Мобайни кӯрак
Давида бигзашт.
Ҳезумкаш инак
Аз бешаву дашт.

Оташ гиронда
Дар печҳо шуд.
Аз тутаҳо дуд
Сӯи ҳаво шуд.

Мотор тараққос
Садо баровард.
Садо ба тори
Ҳаво баровард.

Бо нидои ғафс
Тойак бизад ҳанг.
Дар қуд-қудус шуд
Хурӯсаки ланг.

Аз паси ҷангал
Аксаш намоён
Киштӣ намуда
Дар дами ҷавлон.

Ҳавре дар шиност
Рӯи сабзаҳо…
Субҳи Ёқут аст,
Биё тамошо!

## СОҲИЛИ СИНА

Мегирад ҳар дам маро хуш пешвоз
Водии дарёи Сина чун писар.
Мешавам аз ҳурмати он сарфароз,
Чашм дӯзам ҳар куҷояш хубтар.

Фасли тобистон дар ин ҷо мепазад
Бас қароқоти сиёҳу сурхтоб.
Хӯшаҳо гарданд авезон беадад
Поку равшан дар шиои офтоб.

Дар миёни ҷангалонаш нест кам
Пухтаҳои мевадори дигаре.
Салтанат гулҳо кунанд ин ҷой ҳам,
Бо малика дар ҳавои дилбарӣ.

Қаъри дарё то ба сангон аст гарм,
Тарзи худ бошад кабуди нурбор,
Мекунад гармо навозишҳои нарм.
То ба Лена менамояд ихтиёр.

Орзую фикри ман гардад куҷо,
Ҳамду Сина соф бошад осмон.
Боди хуш алвонҷ бидҳад баргҳо,
Қувва мебахшад маро бар ҷисму ҷон.

Аз қарақотони сурхи лоласон
Фасли тобистон ҳама гулгун шавад.--
Бештар ин ҷой гашта меҳмон,
Дар канораш дил басо мамнун шавад.

Субҳидам барвақт бояд хестан,
Ҷилваи соҳил агар дорӣ мурод.
Мева бинӣ пухта чун гул дар чаман,
Ҳуснҳо бошанд ин ҷо иттиҳод.

## ГУНҶИШКАК

Гунҷишкак, эй гунҷишкак,
Бисарою бисаро.
Гармоясту ҳарорат,
Ҳарорат асту гармо.

Зиндагист андар гузар,
Болафшон шав рӯи он.
Зиндагии ман-суруд,
Гар намедонӣ, бидон.

Он қадар ки шодӣ буд,
Буд он қадар дарду ғам.
Саҳаргаҳ буду хуршед,
Маҳбуби ман дар барам.

То ба дурӣ бе ҳарос
Роҳ бувад чу як тир.
Хокистару сағона
Бар зиндагӣ шуда пир,
Яъне ки аз ҳамонҳо
Зиндагӣ гашт пайдо.

Кам наю буд бисёр
Сӯзу гудозу дарде.
Табларзаю ҳарорат,
Ҷасорату набарде.

Бо ҳама ҳастии худ,
Бо дӯстдори ҷонам,
Бо дӯстдори ҷонам,
Пеши туам, аз туам,
Гунҷишки меҳрубонам,
Озода бол афшон
Суруди тозаам хон.

## БАҲОДУРИ АФСОНАҲОИ ЁҚУТӢ

Гӯиё аз қаър-қаъри барфбод
Сар бароварду яке пайдо шуд ӯ.
Назди Колима. ки зери барф буд.
Бехабар, дар андаке пайдо шуд ӯ.

Тоб хӯрда дар ҷилав хунгос зад,
Чун саги дар пеши чана будаам.
Дастгирам кард вақте барфбод,
Боз пайдо гашт ӯ дар як қадам.

Он даме сагҳо ба фарёд омада
Танг шуд овози ман андар гулӯ.
Ҷони ман дар ларзаю хам шуд миён.
Пеши раҳ гардид пайдо рӯ ба рӯ,

Тир гардидам даме ки офтоб,
Гашт ҳозир ӯ ба як ранги дигар.--
Барфбодаш карда буд охир кабуд,
Гашт пайдо, ки маро аз ин хатар.

Ҳамчунон зӯровари афсонавӣ
Оварад бо дасти худ сӯи наҷот.
Гарм созад дар бари худ дар Алас,
Қувва бахшад бар ману бахшад ҳаёт.

Равшанам шуд хубтар аз он замон
Ақлу фаҳму некии одитарин.
Аз ҳамон дам об гашта рафт беш
Барфи Колыма ба ҳар ҷои замин.

Зиндагӣ ҳам худ шино карду гузашт
Мисли қувон дар баҳорон бар шимол.--
Болҳои офтобӣ карда во,
Рӯи абри бӯру аз пеши шамол.

Лек аз хотир намеорам бадар,
К-андар ин мулки азиму пойдор
Дар Колыма мебарад умраш ба сар
Он гавазнпарвари бас хоксор.

Рӯзи пайдо гаштанаш дорам ба ёд,
Медурахшид ӯ ба ҳар дам ногаҳон,
Зери чанголаш карахтиҳои барф
Карда мӯи сип-сиёҳашро ниҳон.

Дар таги зебо кулоҳаш менамуд
Гоҳ-гаҳ пешонии паҳну баланд.
Мисли барқи теғгашта дар назар
Ҳар нигоҳаш буд гарму дилписанд.

Дигар аз он тирафомиҳо яқин,
Ҳар гаҳе ки мебароям бар сафар,
Балки дар умрам намегардад хунук
Офтоби гарм дар болои сар.

## ҒУЛҒУЛЕ БЕДОР ГАШТА ДАР ЗАМИН

Ғулғуле бедор гашта дар замин,
Дона-дона барф борад аз ҳаво.

Зери ӯ ҷӯшу хурӯши солҳост,
Кирмаке ояд бадар аз зери по,
Сар кашида бингарияш, сих барин.

Дар садо зангӯлаҳо дар осмон,
Хандаи хуршед меёбад пареш.
Нест хобею наяст оромие,
Вазъият ин сон набудӣ ҳеҷ пеш,
Дон, ки меояд баҳорон ин замон.

Маънии инро ту медонӣ магар,
Бин, ки яхро гашт дигар рангу рӯ,
Рахна гардида ба монанди саҳоб.
Сабзаҳои хурраме аз чор сӯ.
Мебарад чашмат, агар созӣ назар.

Аввалин гашта дурахшон мекунад
Баргаке рӯи худашро беибо,
Ҷангалак ҳам сар кунад шавшуви хеш,
Коргар бошад баҳори дилрабо,
Ҳазлҳояш ҳам намоён мекунад.

Меҳнатӣ бошад баҳор, ин-бехато,
Дасти он эҷодкори бемисол,
Хобро аз дидаҳо дур афканад,
Файзҳо бахшад ба ҳар як рӯзи сол,
Зиндагиро менамояд пурҷило.

Пеш аз он ки ҷамъ оянд одамон,
Тоза рӯбад ҳар кучоро бошитоб.
Дар шарорафшониҳои рӯзгор

Сер пӯшонад заминро, сер об.
Гармияш бар муғчаҳо созад равон.

Сол то соли фаровонӣ шавад,
Дур карда нобарориҳою ғам.
Пой нагзорад гадоӣ бар замин,
Дар атои ризқ бошад мӯҳташам,
Доимӣ серию арзонӣ шавад.

Соли заҳмат гардаду авҷи барор,
Муфт хӯрдан нест гардад аз миён.
Соли фариғболӣ ҳам даркор нест,
Аз дуруғгӯӣ намонад то нишон,
Меҳрубон як коргар бошад баҳор!

## ИШҚИ АВВАЛ

Ба В. Гольдеров

– Ба соҳил меравӣ?-пурсид ӯ нарм,
Ба рӯяш шарм карда хонаи гарм.

– Ба соҳил,-посухаш додам ҳамоно,
– Раҳи мо як, ду кас бошем ҳамро.

Бигаштам сусттар дар роҳ рафтан,
Худамро додам аз даст андаке ман.

Набишнидам худамро ҳеҷ дигар,
Ту гӯӣ буд ҳар ду гӯши ман кар.

Ба худ мегуфтам ин, ки бош ором,
Напар, оҳиста мон, оҳистатар гом.

Набудӣ сӯҳбати моро низоме,
Нагуфтем аз худу аз кас каломе.

Вале китфаш ба китфам хӯрд чун бар,
Рухи ман сурх шуд чун лолаи тар.

Парешон гашт чун мӯяш хаёлам,
Паридӣ ранги рӯям ё  ки шуд кам,–

Ҳамон як лаҳзаи эҷод кардан
Натонам бе табассум ёд кардан.

Куҷо шуд он шарора, шуд куҷо он?
Бишуд як дуди сурху гашт пинҳон.

Натонистам ба он одат намоям,
Натониста, ки рози дил кушоям.

Бароям сода буду дастнорас,
Басо ваҳшӣ буду тарсандае бас.

Набуд ин гарчи дар айёми атфол,
Набудам он замон ҳам худ калонсол.

Даме ки бори аввал доштам дӯст,
Зи мағзи устухон ҷон сӯхт то пӯст.

Либоси шинаме кардам таманно,
Шудам гулчин ба рӯи дашту саҳро.

Дигар кардам ҳама рафтори худро,
Ту гӯӣ ҳастии худ, кори худро.

Ба сӯзе пешаам шуд шеър гуфтан,
Намонам шеър ногуфта дигар ман.

## РОБИНЗОН

Зулфриши ӯст монанди ҷилав,
Нест гап аммо ба андому либос.
Одамон донанд ин мудаш наяст,
Ҳаст Робинзон ба ҳар одам шинос.

Номи ӯро гар бигирӣ бар забон.
Мешиносандаш гавазнону сагон.

Як замоне зумраи маъданшинос
Санги қимат ёфтанд аз кӯҳсор,
Пешашон гаштаст Робинзон падид,
Ҳар якаш гӯянд дар гуфтугузор.

Бо ҳамонҳо дуд дода беамон
Ӯ тамоқуи худаш чун мизбон.

Аз ҳамон дам ӯ бародар гаштааст
Бо ҳама пиру ҷавон рӯи замин.

Тӯдахокеро, ки берун кардааст
Ӯ ба кафлезаш ба ҳар сӯи замин.

Вақти бӯронҳо фақат бо зӯри даст,
Кам на аз кӯҳҳои Чочун-Моран аст.

Хонаҳо бас сохтаст ӯ ҳар куҷо,
Ҳамчунон дар Мирныю ҷои дигар.
Ҷо намеёбанд, мегӯянд, ҳеҷ,
Барбабар бигзорӣ онҳоро агар.

Чун маҳалла мешаванд онҳо аён
Гӯӣ дар як ҷониби шаҳри калон.

Бош ту осуда аз он хонаҳо,
Табъи дил ҳар як бувад ороста.
Нест аз сармой дар онҳо нишон,
Гашта бо гармӣ ҳама пероста.

То нагардӣ аз хунукӣ дардманд.
То ки бошӣ доимо нерӯйманд.

Сангҳое лек ӯ тарконда буд,
Пеши маҷрошон бупартоӣ агар,
Роҳи дарё мешавад якбора банд,
Мекунад ночор маҷрояш дигар.

Роҳи Лена балки гардад баста з-он,
Қувваташ чун Ангара созад равон.

Медавид он дам ба ин ҷоҳо дигар.
Шояд аз ҳар қуллае поездҳо.

Он ҳама алмосҳо, к-ӯ ёфтаст,
Байни ин зебоиҳои пурзиё

Мамлакат медошт боло рӯи каф,
Меҳрро мекард роҳӣ он тараф.

Аз баландие будида ин тулӯъ,
Ҷумлаи кайҳоннавардон аз само,
Дида натвонанд кард аз марз дур,
К-ин намебошад замине аз ҷило,

Балки нони тозаи алмос ӯст,
К-ин қадар пур аз шиою тозарӯст.

*Қармыс Дӯсанов*

ДУХТАРОН

Сайр карда ман саропои ҷаҳон,
Ҳусни хуби зиндагӣ гаштам аён.
Бо шарофатҳои номи некатон,
Духтарон, эй духтарони нозанин!

Бо шумоён зистан ҳаст ифтихор,
Бахт ояд бо шумо андар канор.
Бо шумо оро биёбад хонадон,
Духтарон, эй зумраи ҳуснофарин!

Бе шумо ҳаргиз намегаштам калон,
Зоғ будам ҷои булбул дар ҷаҳон.
Бо шумо дарёи серобе шудам,
Духтарон, эй духтарони покбин.

Дар само монанди моҳи равшанед,
Мисли гандум дар миёни арзанед.
Шод гардад аз шумо дилҳо ҳама,
Эй, шумо сайёди дилҳо дар замин.

Бо шумо танҳо бувад одам бузург,
Ҳар нафас аз умр дар олам бузург.
Бо шумо чун ид рангин зиндагист,
Духтарон, эй духтарони маҳҷабин.

Зиндагиоро арӯсу модаред,
Ҳофизони сулҳу бахти кишваред,
Ҳамчунон тиллои бе зангу сара
Ҷилвагар бар чашм бошед инчунин.

Баҳри мо бисёр мебошед азиз,
Бас шумо дунёи ақледу тамиз,
Дар канори Ому гул бошед, гул,
Қисмати мо як-таҳи чархи барин.

Бе шумо ғам чок месозад дилам,
Бе шумо чун гӯр бошад манзилам.
Моҳу кавкаб, нури хуршедед бас,
Пурзиёяст аз шумо рӯи замин,
Духтарон, эй духтарони нозанин!

САВСАНГУЛ

Ба Кавказ дай бувад султон,
Гиёҳе нестӣ бедор.
Зи сармо дуртар-поён

Лаби Баҳри Сияҳ дидор
Намоён мекунад савсан.

Миёни чиллаи хурдак
Аҷаб сурхосафед аст он.
Ба ҳар як навдааш як-як
Ки гӯӣ ахтари тобон
Авезон асту нурафкан.

Бубинияш, ҳамехонӣ
Варо ту як парии об.
Намояд зулфҷунбонӣ
Миёни сангҳои хоб,
Либосаш аз гуҳар бар тан.

Зи паҳлуи гули зебо
Кунад сармо қафошинӣ.
Бубинад ин, ки аз боло
Биёяд ҷӯи симине
Зи барфи қулла то барзан.

Ба худ овардаӣ гармо
Ту шояд аз ҷануб, эй гул,
Ки даъват карда меҳр ин ҷо,
Кунӣ наздик хуб, эй гул,
Баҳори сабзу гулдоман!

Гузор ин, ки шавад гулпӯш
Ҳама Кавказ ба зебоӣ.
Кунад ҳар санг гул оғӯш

Ба мардум беш бахшоӣ
Фараҳмандӣ, гули савсан!

*Расул Ғамзатов*

## БОБОИ МАН
(Достон)

Бобои ман бар дидаам
Чун дай намояд мӯсафед.
Дар торҳои риши вай
Рахшон бувад нури умед.

Вақти шиносоиамон
(Махфӣ набошад ин сухан)
Бобои ман садсола буд,
Дуҳафтаина умри ман.

Достакчаҳо ҳар субҳидам
Хонанд сози дилрабо.
Бедор онҳо мекунанд
Аз хоб бобои маро.

Ҳангоми варзиш офтоб
Як ҷо бубинад ҳардумон.
Бо амри "Як!" боло кунем
Дастони худ дар як замон.

Болои сар рақсанд лек
Баргони дар нам шуста рӯ,
Дастони худ поён кунем
Мо ҳарду бо фармони: "Ду!"

Ҳам рафта дар дарёча мо,
Дар оби сарду беғубор
Якҷоя шустушӯ кунем,
Бурда ҳаловат бешумор.

Бигрифта дасти якдигар,
Дур аз авули хештан,
Бар сайр гоҳо меравем
Шодон ману бобои ман.

Духтур агар ояд зи пеш–
Он, ки  табиби ман бувад,
Ё марди оҳангар, ки буд
Кораш ба оташ мешавад:

Ё хаткашон, ки дорад он
Як сумкаи ғафсе мудом,
Ё ин ки дар аспи даванд
Ояд савора агроном:–

Ҳар кас, ки бошад, вохӯрад
Аз рӯи одоб, эҳтиром,
Таъзим карда, гӯяд ӯ
Бар пеши бобоям «Салом!»

Раҳ рафта бо боби худ
Бар дил кунам ин сон гумон:
Мумкин, ки ман ҳам ошно
Бошам ба ҳар яктои он.

З-ин рӯ калонсолон барин
Во мехӯрам бо одамон.
Ҳамроҳи бобо гаштанам
Бахшад ҳаловатҳо ба ҷон.

Дар ҳавлию дар хона шод
Аз кор кардан мешавам.
Бобои ман гӯяд: «Бидеҳ
Бар чӯҷаҳоят дон, бачам!»

Мобайни ҳавлӣ «Ту-ту-ту»–
Гуфта барорам ман садо.
Гӯям ба ҳар як чӯҷаам:
«Вақти наҳорӣ шуд, биё!»

Калхотҳо гарданд давр
Дуздона се соат қариб.
Аммо ба онҳо чӯҷае
Бурдан нахоҳад шуд насиб

Зеро камони тирпур
Дорем мо дар хонамон,
Бобои ман чун мерган
Холӣ кунад тир аз камон.

Аз баҳри бузча ман алаф
Рафта дарав кардам дигар.
Бузғолаи моро шумо
Эй кош, медидед агар!...

Ҳоло ба ҷои шох ӯ
Ду шохча дорад ба сар.
Шаклу шамоилаш бувад
Аз барф ҳам испедтар.

Гарчи набошад умри вай
То ҳол аз як маҳ фузун,
Аммо шудаст он шохзан,
Шухӣ намедонад кунун.

Ҳарчанд бар бузғолаҳо
Дандон намояд гург тез.
Аз ҳайбати сагҳо вале
Шабҳо шавад андар гурез.

Ҷуз ин куланги милтиқаш
Бобом сар бидҳад чунон,
К-аз тири вай дар беша гург
Охир намеёбад амон.

Аз ҳодисоти бас аҷиб
Ҳозир кунам як нақл боз:
Маркабчае дорем мо–
Бӯр асту ду гӯшаш дароз.

Бошад қади ӯ, ростӣ,
Бобои манро то миён.
Як рӯз ӯро шуд савор
Бобом дар дашти калон.

Маркабча сӯи хона гашт,
(Ин роҳ дурие надошт).
Поҳои пири харсавор
Рӯи замин пай мегузошт.

Ногаҳ харак мобайни раҳ
Зум карда мондӣ бо ароз.
–Бурдан нахоҳам,–гӯй гуфт,–
Ин мӯсафеди подароз.

Бобои ман рӯи замин
Вақте ниҳодӣ пои худ,
–Ин ҷо дигар раҳ дур нест,
Гуфтою хурсандӣ намуд.

Бар ман савори хар будан
Айб аст дар пеши назар.
Пои пиёда мерасам
То хонаи худ зудтар.

Пас тезтар монда қадам,
Бар пайраҳа вай шуд равон.
Маркабчаи ранҷур низ
Дар тоз шуд аз пушти он.

Аммо ба ман маъқул бувад
Гаштан савора ҳар канор.
Аз ин пиёда раҳравӣ
Беҳтар, ки бошӣ харсавор.

Бобои ман доно бувад,
Сад қисса бинмояд баён:
Доир ба Моҳу Офтоб,
Оид ба ғайру ваҳшиён.

Бо кунҷкобӣ ман ба вай
Бидҳам саволи гунагун:
Гӯям: «Куҷо?»
«Чандто?»
«Чаро?»
«Наздик-мӣ?»
«Кам ё фузун!»

Бар ҳар саволам бо ҳавас
Вай пухта гардонад ҷавоб.
Беш аз сад арчи соли ӯст,
Гӯё бувад ҳоло шубоб.

Гоҳ аспча созад худаш,
Шояд барои он ки ман
Дар пушти он гашта савор,
Бошам ба сайри ҳар чаман.

Ҳар гоҳ, ки бобои ман
Бар асп мегардад савор,

Аз баҳри ман ҳам рӯи зин
Ҷо ҳаст бегуфтугузор.

Болои арғунчак шинем
Бетарс мо ҳар ду далер,
Он гуна боло мепарем,
Ки абр мемонад ба зер.

Дар кӯчаҳои мо ахир
Доранд гардиш абрҳо.
Ҳам чӯҷаҳо шоранд боз
Аз пиряхҳо сӯи мо.

Бобои ман мисли ҷавон
Бо саъй бошад банди кор.
Бар себҳо мемонад об
Аз оби сарди чашмасор.

Ҳатто зи ҳезумхона ман
Берун наорам  нардбон,
То себҳои пухтагӣ
Канда гирам аз боғамон.

Зеро ки бобоям агар
Хоҳад, ба як мижа задан
Боло бибардорад маро–
Болои дасти хештан.

Мо рақси лезгинӣ кунем,
Аз тахти дил, аз мағзи ҷон,

Лозим агар ояд чунин:
Иҷро кунам ман аввал он.

Он гаҳ ду чашми меҳрбор
Нимпӯш бобоям кунад.
Бо «Асса»-гӯӣ мезанад
Қарсак ба шавқу беадад.

Ӯ рақсро сар мекунад
Чун химча борику накӯ.
Бо «асса»-гӯӣ ман занам
Қарсак ба сози рақси ӯ.

Дар рӯди пеши осиё,
К-ояд фуруд аз кӯҳ он.
Дод оббозиро ба ман
Ҳар субҳ бобоям нишон.

Дар фасли тобистон шавем
Дар мавҷи дарёҳо савор.
Дар обварзӣ мекунем
Мо баҳс бар худ ихтиёр.

Ҳам аз бароям аз қамиш
Бобои ман най сохтаст.
Бар созу овози наям
Баҳру баре дил бохтаст.

Додаст дил бар сеҳри вай
Булбул, ки дорад сӯзу шӯр,

Ҳар бегаҳӣ дар кӯҳсор
Бо най шавад з-ин рӯй ҷӯр.

Вақте ману бобои ман
Бар дай бигардем интизор,

Он гоҳ то домони кӯҳ
Тозем дар чана савор.

Барф аст ин ҷо дар назар
Мисли шарора пурҷило.
Дар лаҳзае якҷо шавад
Мавҷи садо бо хандаҳо.

Аз зӯри сармо ман агар
Якбора оям дар ғазаб,
Бо дастпӯшакҳои худ
Молам бинию рӯю лаб.

Бо лутф бобо гӯядам:
«Гунҷишкаки ман, шав ниҳон!»
З-он гоҳ печонад маро
Дар чакмани пашминаш он.

Тарзе, ки андар кӯҳсор
Фарзанди хурдашро уқоб
Аз рӯи шафқат ҷо диҳад
Зери қаноташ вақти хоб.

Хандон шавад бегаҳ нуҷум,
Пинак  равад дар барф боғ.

Наздики оташдон шинем
Бобову ман бо табъи чоқ.

Хонад китоб аз баҳри ман
Вай хубу возеҳ, дилкушо.
Бас ман надонам то кунун
Ҳатто ки ҳарфею ҳиҷо.

Бобом ана бошад чӣ сон,
Дар иди Май боре варо
Хонданд чун пири хирад
Бар мактаби худ баччаҳо.

Дар вақти худ ҳозир шудӣ,
Бар ваъда кардӣ ӯ вафо.
Дар зери байрақ пеши вай
Бархест ҷамъомад зи ҷо.

Маҳкам миёни баччаҳо
Буд дӯстию интизом.
Тарзи пионерӣ ҳама
Доданд бар бобо салом.

Бо шодию бо тантана
Гулхан даме доданд дар,
Чун пири кӯҳистониён
Бобо ҳикоят кард сар.

Ки ӯ чӣ сон бо дигарон
Дар моҳи феврал як замон

Меҳмони Ленин гашта буд,
Андар Кремли ҷовидон.

Ҳам чакмани худро чӣ сон
Бар пешво бахшид ӯ…
Монанди бобоям шудан
Дорам ба дил ман орзу.

Оед меҳмон ҷои мо,
Бигзашта аз кӯҳу даман,
То ки шиносо хубтар
Гардед бо  бобои ман.

## АШКПОРА

*(Ба хотираи Бетал Куашов)*

Ба ман, эй ашк,–гуфтам,–медиҳӣ андар ғамам ёрӣ?
Магар ки ғуссаи манро ту аз ман медиҳӣ барҳам?
Мани кӯҳзодро аз чӣ кунӣ шармандаи зоре.
Ки пеши дидаи мардум намоён мешавӣ ҳар дам?

Ҳамон чашме, ки шуд имрӯз пӯшида аз ин дунё,
Ба умри хеш ғамҳо дид, сармо дид, гармо ҳам.
Вале зинҳор аз беқувватию нотавониҳо
Надид он пораи ашке ба рӯи хеш дар олам.

Бигуфт оҳиста бар ман ашкпора дар ҷавоб ин сон:
«Агар ту шарм медорӣ, мадеҳ бар хеш озоре,
Ба мардум гӯ, ки буд ин қатрае аз обаки борон,
Ҳамон як қатра, ки афтод аз абре ба ночорӣ».

## СУРУДИ МОДАР БА ПИСАРИ БЕМОРАШ

Пур кун аз дуди тамоку хонаро,
Нӯш бӯза, нӯш гар хоҳӣ, шароб.
Бош фориғ аз ғами ман–моми пир,
Зудтар аммо шифо, ҷонам, биёб!
Сайр бинмо рафта кишварҳои дур,
Номае нанмо ту аз худ зоеам.
Ҳар киро хоҳӣ, ба он шав хонадор,
Кайф кун бо беваҳои шаҳр ҳам.

Буд вақте алла мегуфтам туро,
Гарм андар синаам будӣ ба хоб.
Нӯш бода, каш тамокуи сабил,
Зудтар аммо шифо, ҷонам, биёб!

*Эдуард Асадов*

## БА ВАҚТИ ВАЪДАГӢ ПЕШАТ БИЁЯМ

Чу санг ар жола борад бар сари ман,
Бисӯзад раъду барқе пайкари ман.
Ба вақти ваъдагӣ аммо биёям,
Зи сахтиҳо натарсам, дилбари ман.

Агар яхпӯш гардад рӯи олам,
Кашад уллос чун саг бод ҳар дам,
Ба вақти ваъдагӣ аммо биёям,
Расад сармо агар то устухонам.

Зи хашм ояд ба ман гар мом дар шӯр,
Падар аз худ намонад рафтанам дур,

Ба вақти ваъдагӣ аммо биёям,
Ту бошам интизор, эй бахти пурнур.

Гар ояд пеш бадгӯӣ зи мардум,
Дилам якто, нагардам ҳеҷ раҳгум,
Ба вақти ваъдагӣ пешат биёям,
Ҳама ҳарфи маломат карда маҳкум.
Агар бадбахтие ояд дучорам,
Равам ё ки қариб аз ҳуш, ёрам,
Ба вақти ваъдагӣ аммо биёям
Хазида, то ба дил уммед дорам.

Валекин гум шавад гар нақши поям
Ва ояд субҳ бо ман, ман наоям,
Ба пешат илтиҷо дорам: наёшӯб,
Фақат дон: нестам, дигар напоям.

*Евгений Елисеев*

## РОСТ МЕГӮЯМ

Бар забон н-орам дурӯғу рост гӯям ҳоли хеш,
Доштам ман ҳам мароқи чун дигарҳо зистан.
Аз қафои нафс рафтам,–нафс будам пеш-пеш,
Дар шифогоҳе шудам ман коргар–ҳезумшикан.

Қадри як тин нест ин ҷо қаҳрамонии туро,
Ин заруратҳои талхи ҷанги хунбор аст гӯй.
Туф кунӣ кафрою бардорӣ табарро борҳо,
Бар сари ҳар кундаи ғелида андар пеши рӯй.

То табар дар коми кунда дарнамонад, ҳар замон
Ҷамъ дар як ҷой бинмуда ту зӯри хешро,
Мегирӣ онро нишон якборагӣ аз ҷои ҷон,
Пора мегардад ба як зарби ту аз сар то ба по.

Ду нафар мо, дӯстон, дар бахс мебошем ғарқ
Мисли он шамшербозони саворею шуҷоъ.
Дар тани мо дуд ё  ҳавр аст, нанмоӣ ту фарқ,
Курта андар пушт мечаспад, намегардад ҷудо.

Сард будӣ ҳар қадар ки хоҳӣ, дар берун ҳаво,
Душманон буданд дар умеди Маскав омадан,
Буд кам ангишту ҳезум ҳам набудӣ муддао,
Лек маъюбон ба ҳар соат фузунтар мешуданд.

Хуни гарме медамидӣ дар рагу пайванди мо,
Мешудӣ андар шифогаҳ ҷорӣ оби гарм ҳам,
Ҳисса аз гармии мо мебурду бо худ гӯиё
Маҷрӯҳонро гарм мекарду саломат дам ба дам.

Гоҳ андар ошхона соҳибиззат мешудем,
Аз карамшӯрбо ба мо ҳам чумчае мешуд дароз,
Ошпаз ҳам худ набудӣ соате орому ҷим,
Ким-чӣ аз картошкаи сармозада мепухт боз.

Худ ба худ равшан, ки ҳурматдорӣ мекардандашон,
Бесабаб не, дӯстам доим низомӣ буду бас.
То тамошое кунад, телняшкаашро монда он,
Дошт сӯи хоҳари шафқат нигоҳе бо ҳавас.

Гулдуросе дошт акнун ҷанг дар наздикиҳо,
Лек бар ҳар ҳол инро ту ба ёди хеш ор:
Мо заминро ҳис намекардем андар зери по,
Буд аз торик карданҳо ба мо нафъи ҳазор.

Меравад бесуду судовар ба роҳи хеш вақт,
Дар равиши солҳо қомат шавад ҳамчун камон,
Оҳ, нони меҳнатӣ, бошӣ агар бар даст нақд,
Лаззати хоси туро ҳамто набошад дар ҷаҳон.

Хоҳ мошин дошта бошию хоҳ қасри калон,
Вақти пирӣ лек мехоҳӣ ту як чизи дигар.
Бахти оддӣ бошадат ҳезумкафонӣ, ҳамчунон
Дар канори гулхане як лаҳзаяк шинӣ агар.

Мо ба мақсадҳои олӣ хизмат аз ҷон мекунем,
Ким-чӣ хел аммост норавшан баҳои мо ба он.
Метавонистем-ку додан баҳо мо, баччагон,
Бар гули қоқуи баргаш рехта вақти саҳар.

Ҳам ба фарёди шабонгоҳи хурӯсон рӯи дар,–
Бар ҳама оне, ки бошад бебаҳо дар ин ҷаҳон…

## ҚИССАИ УМРИ АБАД

Рӯи раҳ бархост чангею ғубор,
Кист меояд давонда аспи хеш.
Шах шуда дар изтироби шаҳдбор,
Галлаи аспон биронад сӯи пеш.

Ин мани ҷингиламӯю рондаам,
Омадам дар ноумедӣ пешатон.

Дар лабони дар гунаҳ дармондаам
Кард акси попӯши тӯӣ макон!

Киштзори русро з-ин изтироб
Ёд н-орам донае нокарда кишт.
Бар канори Нина бинмоям шитоб–
Он тараф, ки нолаест аз сарнавишт.

Гӯядам ин сон равиши кавкабон:
Нина, мемирӣ, ҷавону номурод.
Бо кафат чашмони ман бинмо ниҳон,
То набинам ин дами даҳшатниҳод.

Ҳадяам кун ашкҳои аввалин,
Ақли ман берун наояд гар зи сар.
Гӯӣ дар боғи Сипандал бо ҳамин
Мешукуфад буттаи садбарги тар.

Ё ки андар байни ҷангу сӯхтор
Хештанро мекунӣ тақдими ман?
Бахшиам ту ҷовидону пойдор,
Қисматамро васл карда бо Ватан!

Балки дар ту, на ба батни модарам
Гаштаам бар ҷовидонӣ комёб.
Санги рӯи гӯрро бардоштам,
Хест з-он ҷо бар фазо ногаҳ уқоб…

*Назармат*

## ХОНАЕ ДАР КРЕМЛ!

Зи даргоҳи падар чӣ ҳаст беҳтар,
Бараш гаҳвораи гарми ҳаёт аст.
Равонам ҷонибаш монанди кафтар,
Дилам аз вай ба ҷӯшу пурнишот аст.

Шудам бо меҳри беандоза дар он,
Сари раҳ духтаре буд меҳрубоне.
Чу будам интизораш аз дилу ҷон,
Кушудам дил чу баҳри бекароне.

Кремл хонаҳо дорад чӣ зебо,
Қадам боэҳтиёту нарм монам.
Чу фарзанди накӯ аз меҳр ин ҷо,
Биҷӯям беҳтараш шахси ҷаҳонам.

«Биёяд ҳозир ӯ» гӯё ки духтар,
Бигуфту рафт сӯи мизи доҳӣ.
Хате буд рӯи он бар толеи даҳр,
Ки гӯӣ сабт гаштаст ин пагоҳӣ.

Зи таҳ то шифт дар ҷевони рахшон,
Ба мисли тахт дунёи китоб аст.
Биҷуста нур бо саъйи фаровон,
Зи ҳар як сафҳа доҳӣ комёб аст.

Ба кунҷи миз қандил шӯъла борад,
Кунад рӯи варақҳо шаб фурӯзон:

Ки бахти олами нав боз дорад
Гиреҳи нокушода чанд, медон.

Зи Нева то ба Камчатка расида
Бари домони мулки беназир аст.
Ба ҷое ҳар гиёҳи навдамида
Баҳору нури гарме мунтазир аст.

Чӣ шубҳа, хонаи қалби Кремл
Ҷаҳонро дар канораш ҷой додаст.
Ҳамон фикре, ки доҳӣ дошт бар дил,
Чу шамси зиндагонӣ рӯ кушодаст.

Ба мизаш дӯхтам ман дидаи хеш,
Гумонам, рафтааст аз пушти коре.
Нафас ӯ мегирифт ин ҷо даме пеш,
Гувоҳ астӣ китоби бешуморе.

Вай аз ин хона рафта барнагаштаст,
Биёяд кай, нагуфтаст ин ба духтар.
Раҳашро поида духтар нишастаст,
Бипурсӣ гар, аз ӯ нақле кунад сар.

*Мамарасул Бобоев*

ГУЛДАСТА

Рӯи мизам дастаи гул–хандабор,
Оразаш ҳаррангу худ–шоҳи ҷамол.
Ҳар саҳар бӯяш кунам ман аз хумор,
Эй, кучоҳо мебарад манро хаёл.

Дар дами дил маст аз васлаш шудан,
Мекунад  таҳдид хавфи ҳаҷри он.
Шодию ғам бас дар ин даҳри куҳан
Ҳар нафас ҳастанд бо ҳам хасми ҷон.

Шустушӯ, гулдаста, дар шабнам кунӣ,
Чун арӯс орӣ ба хона зеби хос.
Аз ҳамин рӯ ман туро бо гулрухон,
Гулрухонро бо ту бинмоям қиёс.

Вақти аз бӯи ту гаштан хушдимоғ,
Вақти дар васфи ту бикшодан забон,
Мисли санге, ки фитад дар рӯи кӯл,
Пора созад қалби манро як гумон:

Гуфтаанд, аз дур бо кин сӯямон
Махлуқи бераҳм тарконад атом,
Ки на ман монам, на ту дар ин ҷаҳон,
На баҳор аз ту, на аз ман гуфтаҳом.

Хандаи лабҳот мегардад хамӯш,
Сӯхта нахли муҳаббат ҳамчунон
Пораи ангишт, хокистар шавад,
Ларзам аз ин миш-мишу аз ин гумон.

Не?
Биё, серат бибӯсам ман зи ҷон,
Дар чаманзорам ту барги тозаӣ.
Барг нею ишқу меҳри пок–ту,
Балки аз он ҳам баландовозаӣ,
Умри хушро рамз дар офоқ–ту.

Чун тӯӣ ҳусни баҳори зиндагӣ,
Ман намемонам, ки хокистар шавӣ.
Баҳри ту, баҳри туро сабзондагӣ
Ҳозирам, ки ҷони худ созам фидо,
Ман намемонам, ки гардӣ хоки роҳ.

ШУКУЛЛО

## МОДАР

Ин қадар бошад бузургу бебаҳо
Ранҷҳои бешумори модарам.
Метавонам умри худ бахшам варо,
Лек умри ман барои ӯст кам.

Охир ӯ парвард манро бо азоб,
Пир шуд, аммо нагашт аз азми худ.
Аз бароям ҳар нафас дил гашт ӯ,
Қалби худ ҳар дам ба ман эҳсон намуд.

Бо чӣ бинмоям адо эҳсони ӯ?
Он чӣ додам, бо чӣ гардонам ман он?
Мешавад хушбахту соҳибобрӯ
Бар Ватан бахшам агар ман ҷисму ҷон!

## МАСЛИҲАТ

Шоире омад ба пешам маслиҳатҳо хоста,
Ман гумон кардам, на таърифу ҳақиқат хоҳад ӯ,
Пурсидам ӯро зи ҳарфи аввалин аз ростӣ:
–Аз чӣ карда маслиҳатчӣ интихобам, ку, бигӯ?
Ту нарафтӣ аз чӣ пеши коргарҳо, шоиро?

Аз чӣ бар колхозчиён охир надодӣ ин савол?
–Баҳри ҳар кас,–дод посух,–ман нагуфтам шеърҳо,
Бар шумо ки дахл дорад, аз шумо хоҳам ҷавоб,
Шеъри ман донистани онҳо бувад амри маҳол,
–Касбатон,–гуфтам,–пас иваз кардан ин кори савоб.

*Шӯҳрат*

ШЕЪРИ САФЕД

Доштӣ гар дар ҷавонӣ дӯстам,
Мӯйсафедам бингарӣ ҳам, дӯст дор.
Доштӣ гар дӯст дар дороиям,
Камбағал ҳам гар бигардам, дӯст дор.

Нағз дидӣ, зеб додам пираҳан,
Дӯст дорам, зебам ар надҳад дигар.
Гар умеде дорӣ ту аз бахти ман,
Дӯст дорам, ман шавам бадбахт агар.

Ишқу меҳрат мешудӣ мушак агар,
Шоядат медод парвози баланд.
Қудрати парвоз гар набвад варо,
Нест ин сон меҳр даркору писанд.

*Эркин Воҳидов*

БА ХОНАИ МО МЕҲМОН МЕОЯД

Пашшаи раҳ чун занад дар хона пар,
Чашм дӯзад модарам бар меҳмон.
Рост истад чӯб андар ҷой агар,
Хона рӯбад, густурад хон он замон.

Қумриҳо созанд бар дона талош,
Сӯфитурғай хонад ар беихтиёр,
Қум-қуми кафтар шавад ё ки баланд,
Модарам гардад ба меҳмон интизор.

Хоби нағзе дидаам, гуфтам ба ӯ–
Ҳаст бепоён маро роҳи сафар.
–Хоби ту,–гӯяд ба ман,–бошад накӯ,
Меҳмон ояд ба хона, ҷон писар.

Монедэ,–хандида гӯям дар ҷавоб,
Лек бошам интизори меҳмон.
То саҳар шабҳо надорам чашми хоб,
Ки бихандад наҷми бахтам, дӯстон.

Мезанам худ мижжа то субҳи сафо,
Хоби ман–бисёру таъбираш аён:
Чор бошад ҳар ду чашми ман ба роҳ,
Ки биёяд хонаи мо меҳмон.

Ҳофизон табрик карда бахти мо,
Бо ҷаҳони базм ташриф оваранд.
Духтарони шӯх бо нозу адо
Торро нохун зада, дилро баранд.

Баста то абрӯ рӯмоли шоҳиро,
Меҳмони нек ояд байнашон.
Ӯ сараш боло нагирад аз ҳаё,
Якта-якта пой монад дар миён.

Бахт дар пешонааш хандон бувад,
Ки ба ҳусну хулқу некӯе худост.
Пош чун дар остони дар шавад,
Хуш саломаш, модар, аввал бар шумост.

Шӯълаи рухсораву чашмони он
Хонаи моро намояд шӯълавар.
Чун ӯ «модарҷон»! бигирад бар забон,
Дар дилат армон намемонад дигар.

Чун ниҳад дар хонаи мо пой ӯ,
Менамоям ҷону дилро ман фидо-ш.
Ёбад андар мағзи қалбам ҷой ӯ,
Чунки кайҳо бошад ин дил мубтало-ш.

*Раим Фарҳодӣ*

## ОФТОБИ МЕҲРУБОН

Шуд меҳр хандон дар само,
Дар оина дод он ҷило:
–Бархез, Соня, шуд саҳар,
Айб аст хоби ту дигар.
Шӯ дасту рӯи хешро,
Ҳамроҳи ман бар раҳ даро.
Пӯшонд сарро Соня боз,
Кард офтоб аз вай ароз.
Яххо ҳама гаштанд об,
Шуд об ҷорӣ бошитоб.
Анҳор ҳам бедор гашт,

Дар нағма чун сетор гашт.
Този хушаш боло гирифт,
Рақси маҳӣ дарё гирифт.
Гуфто раҳораҳ офтоб:
–Бедор шав, гандум, махоб!
Гандум агарчи лунда буд,
Ҷунбонд дасту пои худ.
Бикшод чашмашро зи хоб
Бо майсаи оличаноб.
Хуршед хандонтар бишуд,
Ҳусни ҷаҳон дигар бишуд.
Аз байзаҳо мешуд бадар
Ҳар чӯҷа бо ранги дигар.
Мегашт села-села боз
Бедор мурғобию қоз.
«Маъос» мезад бузчаяк,
Ғарқи «мияв» мешуд пишак…
Медод бо ҷӯши тамом
Хуршедро олам салом!
Аммо намешуд Соняой
Бедор аз ин ҳуюҳой.
Хоб аст, хоб ин духтарак,
Ҳаст ӯ зи дунё бедарак!

## ВОХӮРӢ

Дар биёбон бод қумро бод кард,
Монд мошин дар раҳу фарёд кард.
Толеаш хандид оё ки зи дур
Шуд намоён дар назар палвон шутур.
Ӯ ба одам дӯст асту ошно,
Кардагист аз марг ҳам одам раҳо.

Чун шунид овозу фарёди машин,
Андаке хотирпарешон шуд аз ин:
–Мондаву шалпар набошед, эй рафиқ.
Коратон хело чатоқ аст, ин аниқ,
Ношинос овозатон дар ин макон,
Аз кадомин шаҳр бошад аслатон?
Як назар кач дӯхт пас пеши чароғ,
Гуфт мебинам туро ҳай бедимоғ.
Рафтан аз ин роҳҳои чӯли пир
Нест шӯхию мазоҳ, фаҳмида гир.
–Будааст ин чо азоби сад бало,
Роҳи асфалтӣ биёяд хуш маро.—
Гуфт «биб-биб» карда мошин бар шутур,
Ёрии ту, ошно, бошад зарур.

*Суюнбой Эралиев*

## КӮҲҲО

Ҳар тараф, ки чашм дӯзам, дар нигоҳ
Ҷилва бинмояд ҳаме кӯҳи қатор.
Кӯҳҳои сар кашида то само,
Кӯҳҳои пушти якдигар савор.

Мефарояд нарм ин чо нури моҳ,
Мисли сели нуқрамӯ гӯсфандҳо.
Байни ҳар як дара ин дам гӯиё
Мефитанд истораҳо ҳам аз ҳаво.

Бачча будам вақте, мекардам хаёл,
К-аз паси кӯҳон наяст олам дигар.

Осмонҳои кабуданду халос,
Охири дунёст он ҷо мухтасар.

Ғарқи фикрею тамошо будаме,
Ки чӣ асроре бувад дар пушти кӯҳ.
Лек чизеро нафаҳмидам даме,
Аз муаммои ҷаҳони бошукӯҳ.

Бинам акнун беҳудуд аст ин ҷаҳон,
Рух ба сад маънӣ кушояд рӯзгор.
Боз байни кӯҳҳоям бо хаёл,
Ки дар он ҷо дара ҳасту обшор.

НАВОЗИШИ ЗАМИН

Даме ки мешавам бар ғам гирифтор,
Шитобон меравам бар кӯҳ ночор.
Чунон ки сар ниҳам зонуи модар,
Худамро мезанам рӯи алафзор.

Сарамро сила бинмоянд алафҳо,
Ту гӯӣ бо навозиш, бо табассум.
Бигардам фориғ аз ғамҳои дунё,
Шавад аз ҳар гиёҳ шодӣ таҷассум.

Бувад ҳар кас худои қисмати хеш,
Ба ҳар кас қисмат орад мушкилӣ низ.
Вале бар ман чу ояд мушкилӣ пеш,
Шитобам кӯҳ, чун назди падар, тез.

Бароям бар сари кӯҳи Алатов,
Барорад ӯ маро бар кӯҳи дигар.

Бимонам то фарози қуллаҳо по,
Ҷаҳон з-он ҷо намояд рӯҳпарвар.

*Носирдин Бойтемиров*

## ТОЙЧА

Мешитобад қад-қади ин роҳ, бозӣ карда той,
Гӯиё ӯ сохтаст ин роҳро андар диёр.
Аз ҳамон изе, ки ӯ бо рақсу нағма монд пой,
Мешавад пайдо ту гӯӣ як сабоҳи нурбор.

Шиҳаи борику ларзон мекашад аз мағзи ҷон,
Мекунад овози ӯ ин ҷойро зебо басо.
Мешавад аз шиҳаи ларзонаки вай ҳар замон,
Гӯӣ як мусиқии ширину дилҷӯе бапо.

Мезанад ҳай хезҳо, бебок монда пойро,
Ӯ ба мисли кӯдаке, ки пой монад нав  ба роҳ.
Бод андар дуриҳо вақте диҳад пош оби кӯл,
Мавҷҳо бар ёд меоранд ёли тойро.

Ростӣ, дар тойча ман сози қомуз дидаам,
Ки ба он гарду ғубори  дил бишӯям бемалӯл.
Дар хаёлам, соҳиби эҷод бошад той ҳам,
Ки дамад з-он субҳи пуранвори тобистони кӯл.

Рағбату шавқи маро бар тойча бинмо қиёс,
Ҳамрадифам бар ҳаёти навтаваллудгашта ман.
Ҳар нишони номи ман як бозии той аст, гӯй,
Бозие, ки рӯзи фардо дорад андар хештан.

Гар ту фаҳмидан бихоҳӣ, тойи мастам ман худам,
Дар суруди ман ба мисли тойча бошад диле.
Хоҳам ар чун тойча тозад сурудам аз қалам,
Ки бар фарқи қуллаҳои аср дорам манзиле.

## ИШҚ

Ҳеҷ гап не, гар ба дастат обила бошад қатор,
Мон, ки беобила бошад майлу афкори ту , ёр.
Ишқи аслӣ ҷош нанмояд дигар чун қалъагӣ,
Ӯ ба дастат медиҳад шамшери тезу обдор.

Бошад ар дастат сиях, фарқе надорад ин, гузор,
Мон дилат набвад сиях, ки шустанаш мумкин мабод,
Ишқи аслӣ дар назар монад гаҳе бар хорзор,
Ки аз он ҷо побараҳна меравӣ сӯи мурод.

Гар ту бошӣ ланг, маҳбуби дилу ҷон, нест бок,
Ҳеҷ гаҳ бигзор, набвад ишқи ту кӯтоҳу ланг,
Саъй кун, дар зиндагӣ дарёб роҳи неку пок,
Пеши поят нокасон, бигзор, нагзоранд санг.

Ҷанда бошад ҳам туро балки тамоман пираҳан,
Лек аз ишқат намон торе канад, эй ёри ҷон.
Ишқи аслӣ мисли як сарчашма бошад ҷӯшзан,
Мон, ки ишқи ту чу вай ҷӯшад ҳамеша дар ҷаҳон.

Балки дастат кӯтаҳӣ созад ба коре, дӯстам,
Мон, ки ишқи поки ту кӯтаҳ набошад ҳеҷ гоҳ.
Ишқи аслӣ гушна дар офоқ тавлид ёфтаст,
Мон, ки қалби ту нагардад сер аз вай солҳо.

Гар ту бошӣ нобино ҳам, нест ҷои гап дигар,
То абад, бигзор, ишқи ту набошад нобино.
Нобино чӣ, бошӣ гар дар ҳолати з-ин ҳам батар,
Шаҳсаворе ҳастӣ, ки дарёбӣ ёри хешро.

*Самвел Григорян*

## БАРГ

Барг сабз аз ҳусни худ карда димоғ,
Хӯрд алвонҷею гуфт аз кибри том:
–Чист бе ман булбулу гулгашту боғ,
Аз ҳама ман зӯраму воломақом.

Ман чаро дар шохи ноҷинси дарахт
Ин қадар беҳуда андармон шавам?
Хоҳаме озод бошам, некбахт,
Бар чаман бо бод болафшон шавам.

Хӯрд якбора хато барг аз дарахт,
Бод ҳам фаҳмида бигрифташ ба каф.
Тӯб-осо мезадаш бо зарби сахт
Бар сари ҳар сангу чӯбе ҳар тараф.

Барг, ки андар нумӯву сабз буд,
Шуд асири кибру баст аз умр рахт.
Хешро ҷони дарахт эълон намуд,
Ҳол он ки зинда буд ӯ бо дарахт.

## КӮҲҲО

Сарфарозиҳо кунед, эй кӯҳҳои арҷманд,
Кам нагардеду дигар, бинед умри бегазанд.

Ҳаст андар гетӣ нодорию бедоде ҳанӯз,
Дар миёни козае дар гиря ношоде ҳанӯз,
Дар даруни синае қалби яхободе ҳанӯз.

Сарфарозиҳо кунед, эй кӯҳҳои арҷманд,
Кам нагардеду дигар, бинед умри бегазанд.
Бошад уқёнуси бадҳайбат ба туғён то ба ҳол,
Оварад вайрониҳо хунрез тӯфон то ба ҳол,
Тазвир андар торикие ҳаст пинҳон  то ба ҳол.

Сарфарозиҳо кунед, эй кӯҳҳои арҷманд,
Кам нагардеду дигар, бинед умри бегазанд.
Мебароям ман ба кӯҳу оядам дар ин сафар
Мушкилию сахтии бисёрро бурдан ба сар,
Лек то бар қуллаҳо бояд, ки бинмоям гузар.

Сарфарозиҳо кунед, эй кӯҳҳои арҷманд,
Кам нагардеду дигар, бинем умри бегазанд.
Синаи кӯҳон шикофам, чашмае орам бурун,
Тухми некӣ кораму аз ин сароям ман фузун,
То суруди худ расонам бар самои  нилгун.

Сарфарозиҳо кунед, эй кӯҳҳои арҷманд,
Кам нагардеду дигар, бинед умри бегазанд.
Вақти ғафлат нест,–ҳоло кор бошад бешумор,
Нотамом аст орзуҳоям басо дар рӯзгор,
То кунун дилҷӯ суруде ман надодам интишор.

Сарфарозиҳо кунед, эй кӯҳҳои арҷманд,
Кам нагардеду дигар, бинед умри бегазанд!

## ДАР ФАРОЗҲО

Гӯянд уқоб аҷоиб одат дорад,
Яъне ба фарози кӯҳсорон мирад.
То мурдаи худ ба  баҳтурон нагзорад,
З-ӯ лошахӯре қасос натвон гирад.

Вақте ба фарозҳо ту одат дорӣ,
Дон: пастӣ ба ҷои тира маъво дорад.
Дон низ, ки барқи аз худ оташборе
Доим ба баландиҳо занад, нур орад.

Парвоз намо ту дар раҳи бедоме,
Дар доманаи фазо баро боз баланд.
Мирӣ, чу уқоб мемурӣ,–хуш номе,
К-аз марги ту душмане нагардад хурсанд.

## МАН ПИР НАЯМ…

Гӯянд ба ман, ки пир гаштӣ,
Панҷоҳ ба қафо зада гузаштӣ.
Бовар накунам, ки ин қадар сол
Ман зистаам. Зи баски алҳол
Вазнинии зиндагӣ надидам,
Рӯ пурчину гарчи мӯсафедам.
Он кас, ки вуҷуди ман бидонад,
Зинҳор маро «пир» нахонад.
Қалбам чу хамӯш нест як дам,
Ман қарзи худам адо намоям.
Бо меҳнати хеш умр бинам,
Дар сояи дигарон нашинам.
Ку пирӣ? Чӣ сон бувад!—надонам,
Бошад, ки ба хоб сар намонам.

Бо чеҳраи шоду қалби пурҷӯш
Худ субҳи сафо намоям оғӯш.
Ман пир наям, пир ҳамонест,
К-аз ҳар кӣ гузашту баҳри худ зист.
Кӯшам ба тамоми ҳастиям шод,
То бори дигар намоям исбот,
Ки ман дили пуршарор дорам,
Не, пир наям, баҳор дорам.
Монандаи ҳар ҷавон тавонам,
Дар арсаи ишқ асп ронам.
Бар сол нигаҳ накарда бисёр,
Бинед, чӣ гуна мекунам кор.

## ИЛТИМОС, ЭЙ МАРДУМ

Илтимос, эй мардум, охир сӯи ман оед пеш,
Бо ғалолуғулу мағал гиред гирд атрофи ман.
Бе шумо душвор бар ман дар хамӯшӣ зистан,
Байни дилҳо риштаҳо монед то ёбад таниш.

Бо суханҳои накӯи хеш бахшедам даво,
Болҳо гиранд қувват аз навозишҳои гарм:
Об гардад ҳар якею сангҳо гарданд нарм,
Дар раҳи беохир ояд низ осонӣ басо.

Медиҳад ёрӣ ба ман лутфу навозишҳоятон,
Фикру зикри худ ба ман гӯед карда эътимод.
Бо шумо гар бошаму танҳо намонам дар ҳаёт,
Ман наметарсам зи дардею зи марги беамон.

## НИДОИ БАҲОРОН

Шудам масти шароби навбаҳорон,
Ба васфаш хостам ашъор гӯям,
Вале карданд васфаш беш ёрон,
Чаро такрорҳо такрор гӯям?

Ба маҳзунӣ бирафтам дур аз миз,
Ба худ пеши тиреза ҷо намудам.
Ҳаёт аз пушти он чун шаршара тез
Нидоҳо дода, даъват менамудам.

Зи байни ағбаҳои тираи кӯҳ
Баромад нуре гӯё, - даҳр шуд нур.
Насими шӯх, ки бахшад ба кас рӯҳ,
Сабукболона ҳар сӯ дошт ҳур-ҳур.

Ҳаловат ёфт ҷисму ҷонаму дил
Зи сози булбулон дар шӯр мешуд.
Садои ҷӯи ҳамсоя ба сад соз,
Ба гуфтугӯи мардум ҷӯр мешуд.

Ҳамин осон бетакаллуф навбаҳорон
Даруни хонаи ман пой бинҳод.
Рабуда ҳушу рӯҳам хост, ки он
Кунад бар ҷои ман худ шеър эҷод.

## ШЕВЧЕНКО

Казарма тангу дилгиру бувад аз лой сақфи он,
Ба кунҷаш мизи муфлисонае бошад ба по ларзон.
Ҳамехоҳад, ки пинҳонӣ нависад шеърҳо шоир,
Вале коғаз намеёбад, агарчи ҳаст ӯ ҷӯён.

Бадар аз қалъа меояд ба сӯи дашти урёне,
Ки он ҷо кас намебинад гиёҳи сабзу хандоне.
Набошад буттае, барги алаф, тори хасе ҳам ҳеҷ,
Кунад бо ранги бӯраш хира вай чашмони рахшоне.

Ниҳодан пой бар болои қумзораш на осон аст,
Зи бас он сурати миси дар оташ буда тафсон аст.
Ту гӯӣ ин, ки моҳи пурра ҳам монандаи хуршед
Заминро гарм месозад, дар ин ҷо шӯълаафшон аст.

Вале пеши Тарасро ин нагирад, ӯст пуртоқат,
Фаромӯш ӯ насозад, кишварам, моро ягон соат.
Дили пуршафқати Кобзар бувад муштоқи озодӣ, –
Шавад рӯзе, ки ояд он замони шӯҳрату нусрат.

Ба назди худ бубинад ӯ Днепри рӯҳбахшаш боз,
Гаҳе шаффоф, гаҳ хира, хурӯшонею шӯрандоз.
Кашад ҳофизи худро Украина интизориҳо,
Барояш балки тайёр ӯ кунад ҳозир ба ҷанг оғоз.

Вале бин зиндагии халқ дар ин ҷо чӣ сон бошад:
Ҳар он чӣ ӯ ба даст орад, ба боён нӯши ҷон бошад.
Намирад кӯдаки бечора то аз дарди бенонӣ,
Гирифта халта бар дасту гадо андар ҷаҳон бошад.

Қазоқи камбағал дорад ба қисмат сарзаниш ҳар дам,
Ки бисёранд аз пушташ басо серу пуру бардам.
Вале худ аз барои селаи кӯдак зи ночорӣ
Намеёбад лаби ноне, хазонаш кардааст ин ғам.

Ба шоир хуш биёмад даштҳои бесару бебар,
Ду чашми хеш натвонад канад аз Каспии дилбар.
Ба монанди Днепр дӯст дорад, дӯст Уралро,
Ки он ҷорист аз кӯҳҳои пур аз ганҷу хушманзар.

Басо ҳам дӯст медорад, ки мисли йигити қобил
Савори бодпо аспе шуда, бинад ҳама манзил.
Хушо ҳамчу суруди фораму ҷонпарварӣ Кобзар
Суруди шӯхи моён оварад бар ҷӯш мулки дил.

Тарасро орзу буд: халқ бархезад, намехобад,
Шикаста занҷири чандасра роҳи бахт меёбад.
Қазоқу украин бигрифта аз ин рӯҳи нав ибрат,
Бародар рус бар ёрии онҳо низ биштобад.

Мана, андар амал шуд орзуи шоири доно!
Замини Украина, Шарқ озоданд бар дунё.
Чӣ хуш «Боғи Тарас» сарсабзу гулпӯшу самарбахш аст,
Чӣ мегуфт ӯ, агар медид ин дам кишвари манро!

Бин: акнун бандари Шевченко пур аз парчами киштист,
Ба рӯзи шӯълабору дар ҷилояш ҳеҷ поён нест,
Суруди ман бувад чун вохӯрие бо ту, эй шоир,
Ки барпо гардад он дар рӯзи ҷашнат, - з-ин накӯтар чист!

## МАКТУБ

*(Аз дафтари лирика)*

Боз ояд нолаи булбул ба гӯш,
Дар фироқи рӯи гул аз ҳар канор.
Ёд дорӣ он сурудамро, ки дӯш
Хондам аз баҳри ту булбулвор, ёр.

Дур бошад хонаи чӯбини ту,
Ҳаст он дар марғзори кап-кабуд,
Мебарояд, бинам, аз мӯрии ӯ
Ҳар пагоҳӣ осмониранг дуд.

Байни анбӯҳи гул аст ороста,
Шоҳи вағнич бахшидаш ҳусни зиёд.
Андалебон рӯи гулро хоста,
Боғи ту шабҳост майдони кушод.

То саҳар дар буттазорони хамӯш
Булбулон аз сӯз меноланд зор.
Ҳар кадоми ин суруди пурхурӯш
Оварад бар ёди ту манро, гузор.

## ДАР ЁД ҲАСТ…

Эй булут, эй ошнои кӯҳнаам,
Ёди ту кайҳо ба дил мепарварам.
Аз бароям нестӣ аз дӯст кам,
Хӯрдаам во андар ин ҷо дилбарам.

Ёд дорам бори аввал: ман чӣ сон
Будамаш дар сояи ту интизор.
Гӯиё ҳар барги ту хиш-хишкунон
Нарм мегуфтам: «Натарс!» аз шохсор.

Лол будам лек ман андар ҷазоб,
Чашм бар боло накардам  як нафас.
Миш-миши ту буд беҳадду ҳисоб,
Роз мегуфтӣ ба ҷои мо ду кас.

Сарзаниш карда худамро ҳар замон,
Менишастам боз ҳам хомӯштар.
Лек буд асрори дил бар вай аён,
Додаӣ аз ишқи ман ӯро хабар.

Он ду ҳарф, эй дӯсти содиқи мо,
Ҳаст  андар пӯстлохат безавол.
То ба ин дам кардӣ онҳоро нигоҳ,
Ту магар бо ёди он рӯзи висол?

Як ба онҳо даст зан, эй раҳгузар:
Зиндаанд он ҳарфҳои пуршарор.
Оташи қалби фурӯзонам нигар,
Ҳаст дар онҳо кунун ҳам шӯълабор.

БА БАДРАШК

Бегона шуд он, ҳама барояш-фаҳмо,
Лекин ту нафаҳмидӣ, азизам, инро,
К-аз рашк даруни хонаи худ ғавғо
Беҳуда дигар бор намудӣ барпо.

Ӯ бар ту ҳамеша буд ёри содиқ,
Дилсоф буду муҳаббаташ буд беҳад.
Кандан зи ту меҳр гар бимонад лоиқ
Ин айбу гуноҳи худи ту мебошад.

Ҳоло ту варо бирондаӣ аз хона,
Партофтӣ он сару либосаш берун.
Ӯ, ки падар аст, нест худ бегона,
Бинад рухи кӯдакош бо ғам акнун.

Охир, ба шумо зиндагӣ осон бошад,
Андӯҳу ғами шумо барояд аз сар.
Аммо зи хаёли кӯдакони маъсум
Дигар биравад лаҳзаи ғамнок магар?

## ДАРАХТИ АФТИДА

Рехт борон, ҳам шамоли сахт буд,
Дубчаяк аз беху бунаш канда шуд.
Аз барои бел мерафтам ба дав,
Бар замин онро шинонам то зи нав.

Зуд баргаштам, вале ҳар барги ӯ
Хуррамона дошт пич-пич гуфтугӯ.
Гашт маълумам, зи ман ҳам пештар
Белакие кардааст ин ҷо гузар.

*Анатолий Софронов*

## СИТОРАҲО

Бар ҳама ранги аҷиби хориҷӣ
Ман ба чашмони ту месозам назар. –
Бар ливои нилгуни пурнуҷум,
Бар самои беситора пас дигар.

Ман надидам ҳеҷ наҷми софро,
Ҳафтае шуд дар Нью-Йоркам кунун,
Осмонро пахш карда дуди талх,
Ки аз он дар чашм ашк ояд бурун.

Гӯиё дар пастиҳо, андар чаҳе
Нест гашта аз назар исторахо,
Ончунон тобад, ки аз ҳар мӯрича
Оташе дорад аланга гӯиё.

Дӯст дорам, дӯст ранги осмон,
Дӯст дорам дилбариҳои варо.
Бингарам исторахои рӯи Дон.
Ҳам нуҷуми рӯи Маскав пурзиё.

Нурборонанд бар ҳар марғзор,
Гаҳ ба рӯи сабзаҳо гардида хам.
Бо худи ин шӯълаҳои дур ман
Зиндагӣ дорам, ба ҳар ҷое равам.

ғалатгирӣ карда шуд.